# КИТОБИ
# ХОН-УЛ-ИХВОН

Таснифи малик-ул-калом, садр-ул-мутааллиҳин Хоҷа Ҳамид-уд-дин Абу Муъин Носир ибни Хусрав ибн ал-Ҳорис ал-Қубодиёни ал-Балхи ал-Марвази

Бо муқаддима, ҳавоши ва тароҷими
аълом ба хомаи А. Қавим
Тирамоҳи 1338 ҳ.ш. (1960 мелоди)

Аз интишороти китобхонаи Борони,
Теҳрон-Шоҳобод

Чопи рангин

# САРСУХАН БА ЧОПИ ФОРСИИ КИТОБ

Хоҷа Ҳамид-уд-дин Абу Муъин Носир ибни Хусрав ибни ал-Ҳорис ал-Қубодиёни яке аз пешвоёни ҳукамо ва мутакаллимин ва асотиди шуаро ва нависандагони бостони Хуросон ва мафохири Эрон аст. Нисбати Разави ва изофати Алави ба номи ӯ пояи устуворе надорад.

Носири Хусрав дар моҳи зилқаъдаи соли 394 ҳиҷрии қамари ба рӯзгори подшоҳии султон Яминуддавла ва Аминулмилла Абулқосим Маҳмуди Ғазнави дар Ғубодиён[1] зода ва дар кӯдаки ятим гаштааст.

Бигзашт зи ҳиҷрат паси се сад наваду чор,
Бигзошт маро модар бар тӯдайе ағбар.[2]

Ғубодиён аз навоҳии Балх аст. Носир аз ин шаҳр ба унвони дору диёри хеш сухан ронда ва дар он ҷо боғу зиёъу ақор дошта ва он балдаи бостониро ба сифат монанди биҳишт медонад ва дар чакомае ба хуросони будани худ тасреҳ мекунад:

Гарчи маро асл Хуросони аст.

Носири Хусрав аз хонадони мӯҳташаме аст, ки дар корҳои давлати даст доштаанд ва дар ашъораш ишороте ба буданаш аз насли озодагон дорад:

Ман аз пок фарзанди озодагонам,
Нагуфтам, ки Шопур ибни Ардашерам.

Бародараш Абулфатҳ Абдулҷалил ба хитоб хоҷаи мухотаб ва аз ҳавосси асҳоби Абдуллайс Абунаср Муҳаммад ибни Мансури Кандари[i] нахустин вазири Салҷуқиён будааст. Худи ӯ низ ба дарбори мулук ва маҷолиси умаро ва судур роҳу ҷоҳ дошта, боргоҳи султон Маҳмуд ва писараш султон Шаҳобуддавла Абусаъид Масъудро дида, дар садри давлати Салҷуқиён ба хидмати эшон пайваста, ба шаҳри Марви Шоҳҷаҳон мақарри ҳукумати Абусулаймон Чағрибег Довуд рафта, унвони дабири фозил ва тасарруф дар амвол ва аъмоли султони доштааст:

Якчанд ба пешкор ҳамедиди,
Дар маҷлиси судуру салотинам.
Оҳу хиҷил зи маркаби раҳворам,
Товус зишт пеши намадзинам.[3]

Носир аз хурдсоли табъаш ба хондани таърих роғиб ва ахбору сияри тавоиф ва ақвомро толиб буд. Чун ба синни рушд расид, чеҳраи асолати зотиро бо иктисоби камолоти сувари ва иқтинои (фароҳам овардани) фавоиди маънави биорост, дар улуми нақли ва ақли табаҳҳур ёфт, аз абвоби фалсафа бештар ба мантиқ ва аз риёзиёт ба таҳлили ҳандаси[ii] дил медод, аз бештари улум ва фунун баҳра дошт.

---

[1] Дар ду чопи Девони ашъор, Душанбе 1991 ва 2003 он Қубодиён омадааст.

[2] Дар чопи Девони ашъор, Душанбе, 2009 ин мисраъ ба тариқи зайл омадааст:
Бинҳод маро модар бар маркази ағбар - *шарҳи муҳаррирони масъул*

[3] Дар Девони ашъори шоир ин порча ба тариқи зайл омадааст:
*Дар маҷлиси мулуку салотинам,*
*Озурда ину он ба ҳазар аз ман…*
*Оҳу хиҷил зи маркаби раҳворам,*
*Товус зишт пеши намадзинам - шарҳи муҳаррирони масъул*

Зи ҳар навъе писандидам[4] зи дониш,
Нишастам ба дари ӯ ман муҷовар.

Намонд аз ҳеч гун дониш, ки ман з-он,
Накардам истифодат бешу камтар.

Қуръони карим ва чакомаҳои шевои шуарои номии араброiii ҳифз дошта, дар маорифи исломи саромади ақрон буда, аз китоби «Зод-ул-мусофир» ва қасоиду маснавиҳояш бармеояд, ки осори ҳукамои Юнонро хонда, ба фалсафаи Афлотун ва расоили Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқи Кинди ва Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммади Фороби ва тақрироти шарафулмулк Абу Али ал-Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино ошно буда ва дар риштаҳои ҳикматҳои амали ва назари ворид ва дар мабоҳиси илоҳиёт назариёти дақиқе доштааст.

Садаи панҷуми ҳиҷри (XI мелоди), ки Носири Хусрав дар он мезист, асри заррини тамаддуни дурахшони Шарӣ буда, дар ақтори исломи, ба вижа, Хуросон бозори илму адаб равнақе басазо доштааст. Салтанати одилонаи Ғазнавиён ва Салҷуқиён дар Туркистони Ғарби ва Хуросон ва Зовулистон ва бахши шимолии Ҳиндустон амният ва оромишро, ки муқаддимаи басти маориф аст, эҷод карда буд: шаҳрҳо ва қасаботи обод, мардуми мураффаҳ ва дар ҳар масҷиду мадрасае бисоти таҳқиқ густурда, мударрисину туллоби улум саргарми ифодаву истифода, махсусан, қуббату-л-ислом - Балх, ки хонаи ҳикмат буд, дар он рӯзгор ҳавзаҳои илми ба дастгоҳи диёнат бастаги дошт. Чизе, ки бештар ба тавсеаи маориф кӯмак мекард, махозини кутуби хаттии мадорис ва китобхонаҳои хусусии сарони бо донишу фарҳанг буд.

Носир ба ҳавзаҳои илмияи билоди дигари Хуросон ҳам мерафт ва аз сӯҳбати афозиле, ки дар улуми асрия баҳре зохир ва дар табаррузи одоб шамсе толеъ буданд, истифода мебурд. Барои фаҳси ҳақиқат – дар ҷавони ба Туркистон, Зовулистон, Синд, Ҳинд, Байнуннаҳрайн (Ироқ) ва Дайламистон сафар карда буд.

Ҳаким Носири Хусрав тиббу мусиқи медонист, аз мабоҳиси ихтисосии фалсафа огоҳ, дар илми фалаку ҳисобу ҳандаса аъло дараҷаи маълумоти асри худро фаро гирифта, дорои афкори баланд буд.

Ба илми ҳандаса сар баркашиди,
Ба Синду Ҳинду атрофи Хуросон.

Ҳар рисолае дар улуми ғариба ба дасташ меомад, то поён мехонд, дар кутуби милал ва ниҳал медид, на танҳо фирақи исломи, балки адён ва мазоҳиби дигарро ҳам барраси мекард.

Давлатшоҳи Самарӣандиiv дар Тазкират-уш-шуарои худ менависад: «Соле Носир ба Харақон расид, Шайх Абулҳасани Харақониv, қуддиса сирруҳ, аз роҳи каромат ба асҳоб фармуд: «Марде ҳуҷҷати бад-ин ҳайат ба дари хонақоҳ хоҳад омад, эъзоз ва икромаш кунед ва агар имтиҳоне аз илми зоҳир дар миён овард, бигӯед, шайхи мо умми ва деҳқон аст». Чун ҳаким ба дари хонақоҳ омад, муридон ба фармудаи пир вайро истиқбол карда, пеш бурданд. Орифи равшандил ба гарми ва меҳр пазируфташ. Носир, ки ба маорифи суфия ошно буд, гуфт:

«Бар сари онам, ки чанде дар ин остона, ки паноҳгоҳи аҳли дил аст, муътакиф бошам ва шамъи ҷонро ба нури маърифати шайх равшан дорам». Шайх Абулҳасан табассуме кард, ки: «Эй соддалавҳ! Ту бо ман чи гуна ҳамсӯҳбати тавони

[4] Дар нусхаҳои дигари Девон ин мисраъ чунин омадааст: «Зи ҳар навъе, ки бишнидам зи дониш» (шарҳи муҳаррирони масъул)

кардан, ки солҳост асири ақли ноқис мондаи?» Носир пурсид: «Чи гуна Шайхро маълум шуд, ки ақл ноқис аст, магар на «аввалу мо халақаллоҳу-л-ақл» гуфтаанд? Шайх гуфт: «Он уқули анбиёи изом аст, аммо на ақли ноқиси ту ва Пури Сино, ки ҳар ду бад-он мағрур гаштаед; бурҳонаш чакома аст, ки дӯш гуфта ва пиндоштаи, ки «гавҳари кони кун факона – ақл аст», - ғалат кардаи, ки он гавҳари дурахшон ишқ аст. Оре, ақли инсон маҳдуд ва аз идроки ҳақоиқ оҷиз аст».

Саранҷом Носири Хусрав бар асари хобе, ки дар Кӯзконон* дид, барои расидан ба ҳақиқат бо бародари кеҳтари худ Абусаид ва як бардаи ҳинди ба ҳаҷ рафт. Дар ин сафар, ки ҳафт сол кашид, бахши бузурге аз Эрон ва мамолики Арманистон, Осиёи Сағир, Сурия, Фаластин, Ҳиҷоз, Миср, Тунис, Навба ва Судонро дид. Ба сайр дар офоқ ва анфус ва омезиш бо мардуме, ки аҳвол ва ахлоқи мухталиф доштанд ва андӯхтани таҷоруби гуногун гузаронид, аз фузалои кишварҳои исломи баҳраманд гардид, наздики се сол дар Миср монд ва дар Қоҳира ба далолати яке аз нуқабои фотимиён, ки ӯро дарбони шаҳри илм меномандvi ба тариқаи шиаи исмоилия гароид ва аз тарафи халифаи фотими ва имоми замон ал-Мустансир Биллоҳ Абутамим Маъд ибни Али барои нашри даъватvii дар Хуросон маъмур шуд. Лақаби ҳуҷҷати Мустансири, ҳуҷҷати ҷазираи Хуросон дар ашъораш мукаррар омадааст. Ӯ дар мазҳаби ташайюъ росих ва ҳуҷҷат буд, дар адаби нафс ва адаби қалам ва дар асри худ бузургтарин марде, ки дараҷоти маориф ва камолоти инсониро то болотарин пояи имкон баромадааст.

Носир чун дар замони саломат ба соли 444 ҳиҷрии қамари (1052 м.) ба Балх расид, ба шавӣ ва ҳиммати тамом ба таблиғ пардохт ва доъиён ва маъзунон ба атроф мефиристод, ҳар рӯз даре аз маърифат бар рӯи аҳли дил мегушуд, бо уламо ва мутакаллимони сунни мубоҳисот мекард ва кона ҷадалан қави-ул-ҳуҷҷат,viii - саранҷом фуқаҳои мутаассиби ҳанафи ва шофеъ бо ӯ аз дари ситезаги даромаданд, умарои салҷуқи дар садади озораш баромаданд, ҷуҳҳол қасди ҷонаш карда, хонаашро вайрон сохтанд, дар ғавғои омма амволаш ба бод рафт. Устоди муаззам Ҳасани Тақизода фирори Носири Хусравро аз Балх пеш аз соли 452 ҳиҷрии қамари (1060 м.), ки таърихи таснифи китоби «Зод-ул-мусофир» буда, медонад ва менависад: «Шакке нест, агар дар мазҳаби ғолиби Хуросон (ҳанафи ва шофеъ) монда ва ё лоақал шиаи исмоилиix набуд, ба дарбори салҷуқиён тақарруб ба ҳам мерасонид ва ба олитарин мақомоти давлати мерасид».

Бо ҳамаи озоре, ки ба Носир раво доштанд, ба воситаи эҳтироми хавос ва авом ба мақоми илму адабу ҳикмати вай, аз қатл раст. Дар он рӯзгор кори шиъа дар Хуросон сахт будx. Шиъаи исмоилия ё сабъия аз савлати султон ва шавкати вазир маръуб (тарсон) ва андешаманд буданд.

Ҳаким пас аз он ки мардуми Балх ба хусуматаш бархостанд, ба Мозандарон шуд, яҳтамил (эҳтимолан) ба муносибати он ки сипаҳбудони Табаристон шиъи-мазҳаб буданд:

> Озор кард каждуми ғурбат дигар[5] маро,
> Сафро ҳамебарояд зи андӯҳ ба сар маро.
> Гӯям: чаро нишонаи тири замона кард,

---

* Кӯзконон ноҳияи васеае аст, миёни Балх ва Марвруд.

[5] Дар Девони шоир ин мисраъҳо чунин омадаанд:

> Озурда кард каждуми ғурбат ҷигар маро,
> Гӯӣ забун наёфт зи гетӣ магар маро.
> Дар ҳоли хештан чу ҳаме жарф бингарам,
> Сафро ҳаме барояд з-андӯҳ ба сар маро.
> Гӯям: чаро нишонаи тири замона кард,
> Чархи баланди ҷоҳили бедодгар маро? – *шарҳи муҳаррирони масъул*

Чархи баланди ҷоҳили бедодгар маро?

Чунонки Амир Давлатшоҳи Самарқанди набишта, қироате дар даст ҳаст, ки Носири Хусрав пас аз марги Чағрибег Довуд* амири Хуросон ба Нишопур омада ва чанде дар ҳаволии он шаҳр ба инзиво гузаронида ва дар садри давлати Абушуҷоъ Алп-Арсалон Муҳаммад ибни Довуд Хуросонро тарк гуфта, ба сӯи Юмгон, ки шаҳрчаи ҳасине будааст, дар ақсои Бадахшон рафта, то аз ҷазираи маъмурияти худ дур набошад:

Гарчи маро асл хуросони аст,
В-аз паси пириву меҳиву сари.
Дӯстии итрату Оли Расул,
Кард маро юмгиву мозандари.[6]

Ҳоҷи Халифа Мустафо ибни Абдуллоҳ Котиби Чалаби дар «Тақвиму-т-таворих», фирори Ҳакимро ба Юмгон дар соли 456 ҳ.қ. (1064 м.) донистааст. Бадахшон, ки омма Балахшон меноманд ва дар он маъдани балахш ва ложвард ва конҳои дигар ҳаст, шаҳристонест, дар аълои Тахористон, миёни қасабаи Юмгон ва шаҳри Балх[7] фурудгоҳ аст.

Доктор Ҳерман Эттеи олмони бад-ин байт:

Чун фикандандам дар ин зиндону банд,
Зери бори тан бимондам шаст сол.

истидлол мекунад, ки Носир дар санаи 456 ҳ.қ. (1064 м.) ба Бадахшон рафта ва шаст сол дошта.

Оқои Тақизода ақида дорад, бо ин ки рондани Носир аз Балх қатъан пеш аз соли 452 ҳиҷрии қамари (1060 м.) будааст ва далели қави бар радди гуфтаи Ҳоҷи Халифа дар даст нест.

Оворагии Ҳаким аз дору диёраш ва кашидани ранҷи бисёр ӯро сахт мутаассир кард ва ағлаб аз маҳбуси дар тангнои дараи Юмгон ва ҷафои рӯзгор менолид:

Ки пурсад з-ин ғариби хору маҳзун,
Хуросонро, ки: бе ман ҳоли ту чун?
Маро бе ту дигаргун аст, аҳвол,
Агар ту нести бе ман дигаргун.

Закариё ибни Муҳаммади Қазвини дар «Осор-ул-билод» дара ва қасабаи Юмгонро васф мекунад ва абнияе дар он ҷо ба Носир нисбат медиҳад ва шарҳе аз гармобаҳои шигифтангезе, ки Ҳаким дар Юмгон пай афканда ва то рӯзгори Қазвини ба ҷой будааст, менависад.

Носири Хусрав дар Юмгон пайравоне дошта, ки ситораи равшани эшон буда ва ҳар рӯз даре аз маърифат бар рӯи эшон мегушудааст:

---

* Абу Сулаймон Чағрибег Довуд ибни Микоил ибни Салҷуқ бародари Туғралбег ва падари султон Алп-Арсалон аст.

6 Шакли дигараш чуни н аст:

Гарчи маро асл хуросонияст,
Аз паси пирию меҳию сарӣ.
Дӯстии итрату хонай Расул,
Кард маро юмгию мозандарӣ - *шарҳи муҳаррирони масъул*

7 Муаллифи сарсухан ба иштибоҳ роҳ додаст: масофаи байни Балх ва Юмгон хеле тӯлонӣ аст – *шарҳи муҳаррирони масъул*

Аҳли ғори пайамбаранд[8] ҳама,
Ҳар ки бо Носир андар ин ғор аст.

***

Бас аст фахр туро ин ки бар рамаи Эзид,
Ба сони Мӯсии солор саршубон шудаи.

Носир дар ашъораш ба кашидагии қомату тануманди дар ҷавони ва лоғарию шикастаги дар пири ва гесувони сапеди дарозу дастори калони худ ишора мекунад:

Мӯям чунин сапед зи гарди сипоҳ шуд,
К-омад сипоҳи даҳр сӯи корзори ман.

Дар таърихи гузашта шудани Носири Хусрав хилоф кардаанд. Оқои Тақизода соли 481-ро (1088 м.), ки Ҳоҷи Халифа дар «Тақвим-ут-таворих» набишта, ақраб ба савоб дониста ва гуфтаи Ҳамдуллоҳ ибни Абубакри Мустафвии Қазвиниро, ки Носир наздики сад сол умр кардааст, рад намекунад.

Колбади Носир дар дараи Юмгон ба хок супурда шуд ва гӯраш зиёратгоҳи шиъаи исмоилияи Бадахшон ва Ҳиндустон аст.

Ин қитъа мансуб аст, ба хоҷаи фозил Саъид ибни Хусрав, ки дар рисои (сӯзи) бародараш Носир сурудааст:

Тавайта билод-ул-Лоҳи алимта ҳикматан,
Ва саярта байн-ан-носи қурман мумаҷҷидо.
Зафарта маъол-ил-амри қасран ва қудратан,
Ва сахарта арвоҳу самои муқайядо.
Таҳаллайта би-т-тақво ва мо яътари биҳо,
Ва раққайта меъроҷу салотини таътадо.
Малоту-д-дано би-л-мадҳи ва-з-зами шоҳидан,
Ва содафта маъмун-ул-барияти сармадо.
Фасканта ғавр-ул-ғори ғайра муғоирин,
Сиво раҳматуллоҳ-ил-карими муқайядо.[9]

Дар Юмгон, ки онро зиндон мехонд, аз таассури ғурбат ва дур афтодан аз дору диёри хеш ва танҳоиву бе муниси ва бе ёри менолад:

Озурда кард курбати ғурбат ҷигар маро,
Гӯйи забун наёфт зи гети, магар маро.[10]

**Осори Носири Хусрав, ки дар даст аст**

Хоҷа Ҳамидуддин Абумуъин Носири Хусрав яке аз навобиғе аст, ки хоки Эрон парваронида, дар они воҳид мутакаллиме балиғ ва ҳакиме мутааллиҳ (он ки ба

---

[8] Дар Девони ашъор чунин омадааст:
Аҳли ғори Паямбаранд ҳама,
Ҳар кӣ бо Ҳуҷҷат андар ин ғоранд - *шарҳи муҳаррирони масъул*

[9] طوبت بلاد الله علمت حكمة و صيرت بين الناس قرما ممجدا
ظفرت معالى الامر قسرا و قدرة و سخرت ارواح السماء مقيدا
تحليت بالتقوى و ما يعترى بها و رقيت معراج السلاطين تعتدى
ملاة الدنا بالمدح و الذم شاهدا و صادفت مأمون البرية سرمدا
فأسكنت غور الغار غير مغائر سوى رحمة الله الكريم مقيدا - *иловаи муҳаррирони масъул*

[10] Шакли дигари ин мисраъ ниг. ба тавзеҳи болотари поварақ - *шарҳи муҳаррирони масъул*

илми илоҳиёт иштиғол дорад) ва шоире устод ва нависандае бузург аст. Назме роиқ ва насре фасеҳ дорад. Ҷамаъа байн-ал-лисони ва-л-қалам ва байн-ан-насри ва-н-назм ва байн-ар-раъйи ва-л-адаб. Ва дар улуми шаръия табаҳҳуре басазо дошта.

Носирро назман ва насран таснифот ва таълифот аст ва дар бораи касрати осори худ гуфта:

Мангар ба ин заиф танам з-он ки дар сухан,
З-ин чархи пур ситора фузун аст асар маро.

Носири Хусрав малику-л-калом ва шоире зу-л-лисонайн аст. Дар тамоми фунуни шеър аз фахр ва насиб ва мадҳу рисоъ даст дошта, ашъори порси ва тозии бисёр гуфта, девони арабии ӯ дар рӯзгори худаш маъруф будааст.[xi] Бо он ки шеъри Носир ҳама байту-л-ғазали маърифат аст, камтари фазли вай шеър аст.

**Девони Носири Хусрав** дарёест, маввоҷ, ки аз ҳар мавҷаш гавҳаре ба даст меояд ва муштамил бар 11047 байт аз қасида, қитъа ва рубои ба сабки хуросони ва наздик ба шеваи ашъори давраи сомони. Сабки хуросони муқайяд ба замон аст, на макон, чи бештари шуарои садаи чаҳорум, панҷум ва шашуми Эрон бад-ин сабк шеър мегуфтаанд.

Носир нахустин шоири порсизабон аст, ки суханони баланд ва маъонии дилписанди ҳукамои номиро либоси назм пӯшонида ва дар шеър таҳаввуле бузург падид овардааст. Қасоидаш тағаззул надорад ва агар аҳёнан васфе аз манозири табиӣ карда, барои он аст, ки ин ҷаҳони гузаронро беҳтар бинамояд:

Чанд гӯи, ки чу ҳангоми баҳор ояд,
Гул биёрояду бодом ба бор ояд.
Рӯи бӯстон чун чеҳраи дилбандон,
Аз шукӯфа руху аз сабза узор ояд.

То он ҷо, ки гӯяд:

Инчунин беҳудаҳо низ магӯ бо ман,
Ки маро аз сухани беҳуда ор ояд.
Шаст бор омада Наврӯз маро меҳмон,
Ҷуз ҳамон нест, агар шашсад бор ояд.

Ашъори Носир моя аз ваҳйи осмони дорад ва аз ҳайси баҳру қофият ва услубу рашоқати алфоз ва балоғати таркибу латофати маони ва иштимол бар лубоби ҳикмату мавъизаи ҳасана ва кашфи ҳиҷоб, аз шавоҳиди оёт ва офоқу анфус мумтоз аст.

Аз хасоиси чакомаҳои вай овардани қавофии мушкил ва интихоби буҳури номатбӯъ аст, на бад-он маъно, ки нописанди тибоъ (табъҳо, завӣҳо) бошад, балки мурод авзони қалил-ул-истеъмол аст.

Носири Хусрав қасидаро аз мадҳ барканор карда ва дар масоили фалсафи ва дақоиқи дини ва таолими латифаи ахлоқи ва ширинтарин нукоти илми суруда аст:

Ман онам, ки дар пойи хукон нарезам,
Мар ин қиммати дурри лафзи дариро.

**Равшаноинома** рисолаи манзумест, дар ваъзу панду ҳикмат муштамил бар 750 байт. Зоҳиран Ҳаким ин маснавиро дар натиҷаи ҳоли мукошифае, ки шабе дар

Юмгон барояш рӯй дода ва асари интибоҳе (огоҳие) дар вай ҳосил кардааст, гуфта:

Зи ҳуҷҷат ин суханро ёд медор,
Ки дар Юмгон нишаста подшаҳвор.

**Саодатнома** низ дар панду ҳикмат ва мавъизаи ҳасана аст, муштамил бар 30 боб, ҳамчунон ки Ғанизода ҳам дарёфта, зоҳиран абёте чанд аз авохири он афтодааст, зеро ки ду байти охири боби 29 ки дар қаноат аст, бе муносибате ба муноҷот табдил мешавад.

**Ҷомеъ-ул-ҳикматайн** посухи 91 пурсиши Абулҳайсам Аҳмад ибни Ҳасани Ҷурҷони аст, ки Носир ба хоҳиши амири Бадахшон Айнуддавла Шамсуддин Али ибни Аҳмад[xii] мавло амирулмӯъминин ба соли 462 ҳ.қ. (1070 м.) дар Юмгон навишта ва ахиран дар Теҳрон чоп шудааст – Ҳакими Хуросон ин пурсишҳоро ба мазоқи шеваи фалсафаи юнони ташреҳ ва тибқи мазҳаби исмоилия таъвил кардааст.

**Бӯстон-ул-уқул**[11] дар мабоҳиси ҳикмат ва радди ақволи мухолифин аз фалосифа тибқи ақоиди исмоилия. Ин китоб ба соли 422 ҳ.қ. (1030 м.) тасниф шудааст.

**Хон-ул-ихвон,** ки собиқан ба мусоъии доктор Яҳё ал-Хашшоб устоди Донишгоҳи Фуоди аввал дар Қоҳира чоп шуда ва акнун дар Теҳрон таҳти табъ аст.[xiii]

**Ваҷҳи дин** дар шарҳи усули мазҳаби исмоилия ва таъвилоту ботини ибодот ва аҳкоми шаръия, ки дар Берлин чоп шуда ва дар он китоб ба боло гирифтани торикии шаби фитна дар Хуросон ишора кардааст.

**Гушоиш ва раҳоиш** дар посухи 20 масъалаи мухталифун фиҳи, ки ба шарҳу баён ва ҳуҷҷат аз оёти каримаи Қуръон ва далоил аз офоқу анфус ва табоеъву аркон овардааст.

**Сафарнома** ки мустағни аз васф ва зеботарин насри порси аст. Сафарнома дар Париж ва Берлин чоп шуда ва ахиран бо муқаддима ва тасҳеҳу таҳшияи нигоранда дар Теҳрон ба табъ расидааст.

**Зод-ул-мусофир** таснифи аслии ӯст дар ҳикмат ва радди ақволи мухолифин аз фалосифа ва исботи ақоиди исмоилия аст, ки ба соли 452 ҳ.қ. (1060 м.) дар Юмгон тасниф шуда.

Зи таснифоти ман Зод-ул-мусофир,
Ки маъқулотро асл асту қонун.
Агар бар хоки Афлотун бихони,[12]
Сано хонад маро хоки Фалотун.

Зоду-л-мусофир дар Берлин ба номи «Зоду-л-мусофирин» чоп шуда ва акнун дар Теҳрон таҳти табъ аст.

Ва саллаллоҳу ало сайидино Муҳаммад

***А. Қавим.***

---

[11] Ин китоб то замони мо нарасидааст – *шарҳи муҳаррирони масъул*

[12] Дар Девони ашъор ин мисраъ чунин омадааст:
Агар бар хоки Афлотун бихонанд…- *шарҳи муҳаррирони масъул*

## БИСМИЛЛОҲИ ТАЯММУНАН БИЗИКРИҲИ

## ХУТБАИ КИТОБ

Сипос мар падидорандаи чизро на аз чизи пеш аз макону замон ва офаринанда аз он чиз сармояи ҷаҳонро, ки Ӯст, Худованди замону макон. Ва санъати Ӯст мар Ӯро олами рӯҳони, ки падид омадани он ба ҳам аст, бо замону макон. Ва дувум аз коркарди Ӯст олами афзунипазир аз унсур ва аркон, ки андар ҳисори макон аст ва зери замон. Сипоси хештаншиносон. Бандаги андар савуми[13] ҳисор аз ҳисорҳои офариниш. Ва сипоси раҳоишҷӯён аз ин зиндони торик ва гузаштан аз ин роҳи баланду борик ба мутобиати доноёни роҳдон. Ва шукр мар Офаридгори мояи ваҳмҳоро, ки ҷузъҳои Ӯ гирд гирифтааст мар кулли ҷисмҳоро, то аз як рӯй, авҳом андар ҷисмҳост. Поко Худоё, ки мубдеъи Ӯ подшоҳи бандагон аст ва махлуқи Ӯ хозини макону замон аст. Шукр мар Ӯро, шукри афзуниҷӯяндагон аз неъмат ва гаравандагон ба бандаги, пайвастагон ба нури ваҳдат аз дарёи ваҳшат ва биёбони шакку шубҳат.

Ва дуруд бар субҳи равшани олами дин ва рӯзи раҳмати Раббу-л-оламин! Ва бозуи ҷасади ҳикмат ва бори дарахти неъмат ва дари кушодаи ҷаннат ва пӯшидаи сурати ҳикмат зери чодари шариати Муҳаммади Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дарёи раҳмати Раҳмон ва роҳбон бар аҳли тоат ва исён, худованди ҳавзу шафоат ва пушту паноҳи аҳли тоат. Дуруде, ки дар ҳамсоягии Ӯ моро ҷой диҳад, ҷое, ки ҷойгири он бад-он аз банди ҷасад ва зиндони табиат бираҳад. Ва пас аз ӯ дуруди пок аз ғашу хиёнат андар либоси диёнат ва ҳилияти сиёнат бар мағриби нури Яздон ва бахшишкуни даракоти нирон ва дараҷоти ҷинон, Худованди баёну бурҳон ва дастгири роҳҷӯй ва китоби сухангӯй, мар ҳукаморо ҳаким ва мутеъонро наим ва осиёнро ҷаҳим. Ва ӯ худ мискин истода андар дин ба ҷои ятим (аъни Алии Муртазо) ва бар фарзандони ӯ бори худоёни халқ ҳар як андар рӯзгори хеш ва оламро аз эшон холи на аз пасу пеш. Ва дуруди умедвор бар ҳар як аз эшон паси якдигар то рӯзи маҳшар бар маъоди Эзиди додгар.

## ОҒОЗИ КИТОБ

Эй худовандони гӯшҳои шунаво! Доди шунавои, ки шуморо додаанд, бидиҳед ба шунудани сухани ҳақ. Ва эй нигарандагони чашми равшан! Бинигаред сӯи офариниши хеш ва сӯи таркиби олам ва эй ҳушёрон! Андарёбед маънии подшоҳии хеш бар дигар ҷонварон ва бидонед, ки ҳар ки доди гӯш ба шунудан ва доди чашм ба нигаристан ва доди дил ба донистан надиҳад, ситамкор бошад. Қавлуҳу:

...وَاللَّهُ لا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ

*Ва Худо гурӯҳи ситамгаронро роҳ наменамояд (9-109).*

Ва чун мар хештанро аз шунавои андар подшоҳи ҳамеёбед, ки шуморо андар ба даст овардани он тавонои набувад, бидонед, ки шуморо ин подшоҳи аз баҳри он доданд, ки шуморо бад-он ҳоҷат бувад. Ва чун мар ҷонвареро, ки шунаво нест, андар ин зиндагони надоданд. Пас, зоеъ макунед мар ин ҳадяи азимро ва фоидаи

[13] Дар нусхаи ал-Қавим дар шакли «сеюм» ва дар ду куллиёти тоҷикӣ (1991, 2003) бо тартиб «сим» ва «симъӣ» омадааст.

хеш аз он баргиред ба шунудани он чи шумо он надонед. Ва чун аз бинои шуморо баҳраманд карданд бе хости шумо, то бад-ин бинои ба миёнҷии нури офтоби ҷисмони аз чоҳҳои ҳалоки дунёви ҳазар кардед, аз он чи андар зери диданиҳо пӯшидааст, ба миёнҷии офтоби рӯҳони аз азоби ҷовиди ҳазар кунед. Ва гӯшу чашм ба сухану ишороти он кас доред, ки Офаридгори шумо мар ӯро гуфт:

أَسْمِعْ بِهِمْ وَأَبْصِرْ يَوْمَ يَأْتُونَنَا لَكِنْ الظَّالِمُونَ الْيَوْمَ فِي ضَلَالٍ مُبِينٍ

*Бишунавон ва бинамой ишонро он рӯз, ки сӯи мо оянд, валекин ситамкорон имрӯз андар камбудаги пайдоанд» (19-38).*

Ва биомӯзед дониш, чун ҳамедонед, ки олати омӯхтан ёфтаед аз дили пазиро ва омӯзгори доно, ки ҳар ду пеши шумост. Ба қавли Худои таъоло, ки ҳамегӯяд:

فَاسْأَلُوا أَهْلَ الذِّكْرِ إِنْ كُنْتُمْ لا تَعْلَمُونَ. بِالْبَيِّنَاتِ وَالزُّبُرِ

*Бипурсед аз аҳли Қуръон, агар ҳаменадонед пайдоиҳо ва китобҳо. (16-43, 44).*

Ва ин оят ҳаме овоз диҳад, ки китоб ва пайдои шуморо доно накунад бе Худованди китоб. Ва бар пошнаи хеш боз магардед, ки он рафтани девон аст. Ва он сӯ давед, ки роҳи далели Яздон аст. Ва рӯй сӯи рӯи Худой доред, ки рӯи Ӯ миранда нест, чунон ки гуфт:

كُلُّ شَيْءٍ هَالِكٌ إِلاَّ وَجْهَهُ لَهُ الْحُكْمُ وَإِلَيْهِ تُرْجَعُونَ

*Ҳар чизе ҳалокшаванда аст, магар рӯи Ӯ. Ӯрост ҳукм ва шуморо бозгашт сӯи Ӯст (28 - 88).*

Ин оят ҳаме далел кунад, ки ҳукм андар халқ мар имомрост, ки мардумон мӯъмин нагарданд, то мар расул, саллаллоҳу алайҳи ва салламро Худованди муҳкам[14] надоранд андар довариҳои хеш. Қавлуҳу:

فَلا وَرَبِّكَ لا يُؤْمِنُونَ حَتَّى يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ

*Савганд аз Худои таъоло, ки мӯъмин набошанд мӯъминон, то туро, эй Муҳаммад, хоким накунанд аз он чи миёни эшон бошад аз довари (4-65).*

Ва дигар ҷой ҳамегӯяд:

يَوْمَ نَدْعُو كُلَّ أُنَاسٍ بِإِمَامِهِمْ

*Он рӯз, ки бихонем мардумонро бо имоми эшон (17-71).*

Ин оят ҳаме далел кунад, ки бозгашти ҳар гурӯҳе ба имоми эшон бошад, то чун имомро бихонанд, эшон ҳама хонда шаванд. Ва биҷӯед он касро, ки бозгашти шумо бад-Ӯст, ки Ӯ ноёфта нест, чи агар он кас, ки моро аз Ӯ ҳаме бибояд пурсидани он чи надонем, ноёфта буди, Эзид таъоло нафармуди, ки: «Аз аҳли зикр бипурсед, агар ҳаме надонед ба пайдоиҳо ва китобҳо».

Ва бидонед, эй мискинон, ки шумо андар зиндоне жарфед ва шоди макунед бад-ин ҷои торик ва хӯриши палид ва бад-ин пӯшиши кӯҳнашавандаи резанда, ки ёфтаед. Ва бидонед, ки ман чун хештанро подшоҳ ёфтам бар ҷонварон ва ба солории ман зиндагони ёфтанд ва фоида аз офариниши эшон зоеъ нашуд ба табоҳ кардани дадгони даранда, мар эшонро донистам, ки Офаридгор бар ман касе гумоштааст, ки агар ман андар нигоҳдошти ӯ шавам, фоида аз офариниши ман зоеъ нашавад. Ва талаб кардам мар он подшоҳии хешро ва бад-Ӯ раҳоиш ҷустам аз ранҷи нодони ва ҳалоки ҷовиди бар мисоли сутуре, ки аз ранҷи сармою гармо ва бими дарандагон сӯи хонаи худованди хеш гурезад.

Ва ёфтам он касро, ки аз ӯ ман ба дараҷаи сутур будам аз мардум ва ӯ маро аз ҷаҳли нодони бипӯшонид ва аз самуми гуфторҳои фиребандагон ба насими баҳори расонид. Ва ҷони маро аз заҳри дандони аҳли тақлиду таътил ва ташбеҳ бираҳонид ва ба таому шароби ҷонафзой ҷони маро серу сероб гардонид. Ва ман ҳоли шумо эй ҳамҷинсон бад-ин қомати алифи боз намудам ва Ӯ, Худованд, бар шумо ба назари хеш сӯи шумо раҳмати Худои боронид. Ва аз он таому шароб, ки ман бад-он аз хатари марг раста шудам, сӯи шумо фиристод бар дасти ман. Ва

[14] Надоранд – надоданд ба маъно наздиктар аст.

акнун ман аз он таому шароб ин хонро биёростам ба гуна-гуна хӯришҳои пок ва меваҳои боу бӯнок ва пеши мутобеони худованди сухангӯён овардам.

Ва он хон ин китоб аст, ки мар онро «Хону-л-ихвон» ном ниҳодам, бад-он чи бар он мар талабкорони ҳикматро хӯрданиҳои ҷонпарвар аст ва шаробҳои соқии Кавсар. Ва рост кардам бар ин хон аз таому шароб сад саф бад-ин тартиб, ҳамчунон ки бар хони ҷисми сирка ва ҳалво ба як ҷой бошад, то ҳар ки дасти нафси хеш аз олоиши хамри шариат ва чарбаю гӯшти хукони дин шустааст ва меъдаи фикратро ба гувориши парҳезгори аз ахлоти бепоки пок гардонидааст, аз ин хон бардорад баҳраи хеш, ба зоиши дувум бар андозае, ки тавонад бихӯрад ҳалол. Ва гуворанда бод ӯро ва Эзид таъоло дастҳои шуста[15] ва меъдаҳои олударо аз ин хони ҳикмат бебаҳра гардонад ба фазли хеш.

## Сафи нахустин
## АНДАР РОҲИ ПАЗИРУФТАНИ ИЛМ

Бидонед, ки нафсро сӯи андарёфтани он чи надонад, ду роҳ аст: яке гӯш ва дигар чашм. Ва гӯш ба далолати забон ёбад мар илмро, ки аз гӯянда бишунавад. Ва чашм ба далолати даст ёбад мар илмро, ки набишта бубинад. Ва худовандони ҳавос дурустшунавандагон ё бинандагон андар он чи гӯянда бигӯяд, анбозонанд ва шиносандагони набишта махсусанд аз шунавандагон андар он чи аз набишта бархонанд.

Ва бад-ин фасл, ки бигуфтем, пайдо шуд, ки гӯш мода аст, ки фоидапазир аст аз забон, ки нар аст ва фоидадиҳанда аст. Ва ҳар ду ҷуфтони якдигаранд. Ва чашм мода аст, ки фоидапазир аст аз даст, ки нар аст ва фоидадиҳанда аст. Ва ҳар ду ҷуфтони якдигаранд. Ва низ пайдо шуд, ки шиносандагони набишта шарифтаранд аз шунавандагон. Аз баҳри он ки ҳамаи нависандагон мардуманд ва ҳамаи мардум нависанда нестанд. Ва низ ҳамаи шунавандагон мардум нестанд, чунон ки ҳамаи нависандагон мардуманд. Ва китобат мардумро санъате аст, ки ҳеч ҷонвар бо ӯ андар он анбоз нест. Ва гар нависандаро аз олам баргири, ба ваҳми мардум баргирифта нашавад. Ва гар мардумро ба ваҳм аз олам баргири, нависанда баргирифта шавад. Ва ҳамчунон ки агар мардумро ба ваҳм аз олам баргири, ҳайвон баргирифта нашавад. Ва гар ҳайвонро ба ваҳм баргири, мардум баргирифта шавад, аз баҳри он ки ҳар мардуме ҳайвон аст ва ҳар ҳайвоне мардум нест. Ва ҳар ду чизе, ки ба баргирифтани яке аз эшон он дигар баргирифта шавад, он дигар, ки баргирифта шавад, бозпастар аз он ёри хеш падид омада бошад. Чунон ки нависанда, ки ба баргирифтани мардум ҳаме баргирифта шавад ва сипас аз падид омадани мардум падид омадаст. Ва ҳар чи андар будаш бозпастар аст, аз ӯ ба шараф бештар аст. Пас, дуруст шуд, ки нависандагонро он шараф аст, ки мардумро бар дигар ҳайвон шараф аст.

## Сафи дувум
## СУХАН АНДАР ДАЛЕЛ ВА МАДЛУЛ

Чизҳо бар ду рӯи аст: яке он аст, ки мар ӯро ба зоти ӯ андар тавон ёфтан ва ба далеле ҳоҷатманд нашавад ҷӯяндаи ӯ ва дигаре он аст, ки мар ӯро ба зоти ӯ андар натавон ёфтан, он чизҳост, ки ӯро ба ҷудо аз ӯ тавон ёфтан, аммо он чи мар ӯро ба зоти ӯ битавон ёфтан он чизҳост, ки худованди ҳавос дуруст мар ӯро биёбад ва ӯ низ далел бошад бар ёфтани он чи мар ӯро ба зоти ӯ битавон ёфтан. Чун дарахт,

---

[15] Дар ду нашри тоҷикии китоб (Душанбе: 1991, 2003) дастҳои ношуста омадааст, ки ба мазмуни ҷумла наздиктар аст. Дар нашри Қоҳира (1940) ҳам дастҳои ношуста омадааст.

ки ӯ диданист ба зоти худ ва ҳоҷатманд нест ба чизи дигар, ки барёфтани ӯ далели кунад.

Ва дигар ҷунбиш аст андар дарахт, ки мар ӯро натавон ёфтан магар ба гаштани ҳоли дарахт, чун мар ҷунбишро бипазирад. Ва ҷунбиш он аст, ки ҳисси пинҳон аст ва ҳоҷатманди ба далел аз баҳри наздикии чизҳост ва дурии дигар чизҳо. Ва аз баҳри пайдоии чизҳо ва пӯшидагии дигар чизҳо ва он бар чаҳор бахш аст: яке бахш аз ӯ он аст, ки аз чизи зоҳир бар чизи зоҳир далел гири. Ва ин муҳол аст, аз баҳри он, ки ҳар зоҳире худ бар хештан далел аст ва аз далолати дигар бениёз аст. Дигар бахш он аст, ки ботине бар ботини дигар далел гири. Ва ин низ муҳол аст, аз баҳри он ки ин ботин ноёфта ва нодониста аст ба дигар нодонистае, бар вай далел чи гуна шояд гирифтан, ки ҳар яке аз эшон худ ҳоҷатманд аст ба далели дигар. Ва се дигар бахш он аст, ки ботине бар зоҳире далел гири. Ва ин низ муҳол аст, аз баҳри он ки он чи ботин аст, худ ба зоти хеш нопайдост, пас чи гуна далели кунад бар дигари. Ва чаҳорум бахш, ки ҳақ аст, он аст, ки ба зоҳири пайдо далел гири бар ботини пӯшида. Ва ботину зоҳир, ки яке далел аст ва дигар мадлул ва ҳар ду офаридагонанд ва бар якдигар ба ҳамҷинси далолат кунанд. Ва бад-ин шарҳ, ки бикардем, пайдо шуд, ки офарида бар Офаридгор далели кунад.

### *Муораза*

Агар касе гӯяд: «Мар Худойро таъоло ҷуз бад-ин олам, ки офаридаи Ӯст, ба чи донем? Ки чун коркард ҳамебинем аз ин олам ва ӯро дониш нест. Ва андар он чизҳо, ки ҳаме олам падид орад, осори ҳикмат аст ва андар ниҳоди олам осори ҳикмат аст. Бидонистем, ки ин олам кор ба фармони Худой ҳамекунад».

### *Ҷавоб*

Ӯро гӯем, ки ҳар нодоне, ки ӯ кор ба ҳикмат кунад, ночора кор ба фармони корбанде кунад ҳаким. Ва кор мар нафсрост ба ёрии ақл ва ҳар нафсе, ки аз ақл баҳраи беш дорад, кори ӯ некӯтар аст. Ва чун андар олам ҳар коркуне, ки ҳаст, кор ба фармони нафс ҳамекунад, чунон ки дастафзорҳои пешаварон ва андомҳои эшон ҳаме ба фармони нафсҳои эшон ҳаме кор кунад, ва осиёҳо ва дулобҳо, ки ҳаме кор кунад, бад-он ҳикмат ҳаме кор кунад, ки нафси мардум андар эшон ниҳодаст, донистем, ки ин осиёи азим, ки ин олам аст ба фармони нафс ҳаме кор кунад ва мар нафсро ва мар ин оламро ҳар дуро худованди дигар аст, ки Ӯ аз коркуну нокоркун, ки зидди якдигаранд, бартар аст.

Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки мо ҳар сонеъе, ки андар олам ҳамеёбем, ки ба рӯе аз рӯйҳо ба маснуъи хеш монад ва мар эшон ҳар дуро сонеъе дигар ёбем. Чунон ки дурудгар, ки сонеъ аст ва тахт маснуъи ӯст ва тахт ҳамчун дурудгар ҷисм аст ва ба ҷисми сонеъ монанди маснуъ аст. Ҳар дуро маснуъи табоеъ ёфтем бад-он чи чӯб набот аст ва дурудгар аз набот ба ҳосил омадааст ва набот маснуъи табоеъ аст, чун дурудгар. Ва табоеъ ҳама ҷисм буданд, сонеъ ва маснуъ низ монанди якдигар буданд.

Пас, гӯем, ки эшонро сонеъ аст бар афрози эшон. Пас, гӯем, ки Нафси кулли сонеъи эшон аст. Боз чун дурудгарро ва табоеъро ва нафсро ҷавҳар ёфтем, ки сонеъ ба маснуъ монандатар аст. Бояд, ки сонеъ ҳақиқати падидоварандаи ҷавҳар бошад на аз чизе. Ва аз дигар рӯй чун мар оламро аз нафс асарпазир ёфтем, донистем, ки агар миёни нафсу миёни олам ҳамкӯшаки нести, олам аз нафс сурату санъат напазиради. Ва мар он ҳамкӯшакиро миёни эшон ба ҷавҳарият ёфтем. Ва аз ҷавҳар бартар чизе нашинохтем. Пас, донистем, ки мубдеъи ҳақ он аст, ки

ҷавҳарро Ӯ ҷавҳар гардонидааст, на аз чизе, бал ба ваҳдати хеш, ки фарози ҷавҳар аст. Ва фарози ҷавҳар на мар ваҳмро роҳ аст ва на мар суханро ҷой гаштан аст. Ва он бартар аз сифату носифат аст.

## Сафи севум
## СУХАН АНДАР НОМ ВА НОМДОР

Бидонед, ки ном далел аст бар номдор ва номдор аз ном бениёз аст. Ва ном ҳарфҳои таркибкарда аст, ки роҳ барад мардумро сӯи мақсуди ӯ. Ва ном бар понздаҳ рӯй аст. Якеро аз ӯ «мавзӯъ» хонанд, яъне «ниҳода», чун обу оташу хок ва ҷуз он, ки маъруф аст миёни аҳли луғати порси. Ва на аз баҳри маъни мар обро об хонанд ва мар оташро оташ, балки номи ниҳода чунин бошад. Ва дигар ном «сурат» аст, аъни «баҳра», чунон ки гӯи: «Сутуру набот ва меваю ҷуз он». Ва ин номҳост, ки бар суратҳо афтода. Се дигар ном фоил аст, аъникунанда, чунон ки гӯи: «Гӯяндаву хӯранда ва бахшандаву ҷуз он». Аз баҳри ин кор, ки кард, ӯро ин ном ниҳоданд. Чаҳорум ном «феъл» аст, чун «хӯрдану бахшидан ва гуфтору ҷуз он», ки номи он кор аст, ки коркуне кунад. Панҷум ном «карда» аст ва онро «мафъул» гӯянд, чунон ки гӯи: «Хӯрдаю бахшида ва гуфтаву ҷуз он». Шашум номро «муштақ» гӯянд, аъни «шикофта», чун гармоба, ки шикофта аз оби гарм аст. Ва чун гардун, ки шикофта аз гаштан аст, ки феъли ӯст. Ҳафтум номро «мавсул» гӯянд, аъни «пайваста», чун Абдуллоҳ ва писари Аҳмад ва бародари Муҳаммад ва ҷуз он, ки ду ном ба ҳам пайваста аст. Ҳаштум ном он аст, ки касеро хони, ки «Эй фалон»! - ба мухотаба, агар номаш он бошад, ки ту гӯи, ё набошад. Нӯҳум ном «савганд» аст, чунон ки гӯи: «Валлоҳ ва ба қибла ва ба мусулмони ва ҷуз он». Даҳум ном «фармон» аст, чунон ки гӯи: «Бирав ва биё ва бихӯр ва ҷуз он». Ёздаҳум ном «сифат» аст ва он бисёр гунаҳост, аз ӯ баъзе он аст, ки номи хеш аз зоти хеш ёфтааст. Чун «сапеди», ки номи худ аз зоти хеш ёфтааст ва чун «сиёҳи» ва ҷуз он. Ва дигар ном аз сифате исмат, ки ном аз ҷиҳати навъи хеш ёфт. Чунон ки ҷӯбу гӯшт ном аз ҷиҳати ҷӯби ва гӯшти ёфтанд, ки ҳар яке навъест аз ҷисм. Дигар гуна аз номи сифот он аст, ки ном на аз ҷиҳати хеш ёфтааст, балки аз чизи дигар ёфтааст. Чун дарозу кӯтоҳ, ки ном аз ҷиҳати дарозию кӯтоҳи ёфтанд ва дарозию кӯтоҳи дигар аст ва дарозу кӯтоҳ дигар. Дувоздаҳум номро «музоф» гӯянд, аъни «бозбаста». Чун «куҳану нав ва бандаю озод ва ҷуз он», ки ҳар яке аз ин чизҳо ин ном ба сабаби бозбастани ӯ ёбад ба мухолифи ӯ. Чунон ки куҳанро ба нав тавон шинохтан ва бисёрро ба андак тавон шинохтан, ки бисёр беш аз ӯст, чунон ки андакро ба бисёр тавон шинохтан аз баҳри он ки чун андакро ба бисёр бозбаста шавад, он вақт андак-андак тавон хондан. Сездаҳум номро «ишорат» хонанд. Чунон ки гӯи: «Ману ту ва ину он ва эшону мо ва ҷуз он». Чаҳордаҳум номро «адавот» гӯянд, аъни «дастафзорҳо», чун коғазу давот ва қаламу ҷуз он. Понздаҳум номро «масодир» гӯянд, чун пазидану дӯхтан ва набиштан ва ҷуз он.

Ин аст ҳадди ному номдор, ки боз намуда шуд ва аз ин мар ҷӯяндаи тавҳидро роҳ гушояд.

## Сафи чаҳорум

## СУХАН АНДАР ИСБОТИ ҲАҚИҚАТ

Мазҳаби суфистои ин аст, ки гӯянд: «Ҳеч чизро ҳақиқат нест ва олам бар мисоли хоб аст ва чизҳо ҳама хаёл аст». Ва далел оранд бад-ин қавл, ки ҳеч чиз андар олам бар як ҳол нест, на он чи ёфтани аст аз чизҳо ва на он чи ёбанда аст аз

мардуму ҳайвон. Ва хоб чунин аст, ки соате андар ӯ чизе ёби ва соате наёби». Фисоғурсиxiv ҳаким гӯяд: «Ман ҷуз ба ҳандаса мар қавли суфастоиро рад натавонистам кардан». Ва мо гӯем, андар радди қавли суфистои ва исботи ҳақиқат ба гуфторҳои кӯтоҳ, ки суфистои ҳамегӯяд, ки «чизҳоро ҳақиқат нест» ва ин ҳукм, ки эшон карданд аз чизҳо аст ва аз ду берун нест: ё мар чизҳоро ҳақиқат нест, ё ҳақиқат аст мар чизҳоро. Агар чизҳо ҳақиқат нест ва қавли эшонро ҳақиқат аст, пас, дуруст шуд, ки қавли эшон ботил аст, чун қавли эшон ҳақиқат омад. Ва агар қавли эшон худ ҳақиқат нест, пас, мар чизҳоро ҳақиқат аст. Ва ба ҳар ду рӯй қавли суфистои ботил аст.

Ва ин қазиятро, ки эшон гуфтанд, «қазияти салб» гӯянд. Ва чун қазияти салб дурӯғзан шавад, он чи қазият бар ӯ бошад, на чунон бошад, ки гӯянда гуфта бошад, чунон ки чун гӯяд: «Амир бад-ин шаҳр нест». Агар ӯ дурӯғ ҳамегӯяд, пас чунон нест, ки ӯ гуфт ва «амир бад-ин шаҳр аст». Ва қазияти иҷоб чун рост ояд, он хабар, ки қазият бар ӯ бошад, чунон бошад, ки гӯянда гуфта бошад, чунон ки чун гӯяд: «Амир бад-ин шаҳр аст». Агар рост ҳамегӯяд: «Амир ба шаҳр аст». Ва гар қазияти иҷоб дурӯғ ояд, он сухан низ дурӯғ ояд. Валекин қазияти салб ба хилофи ин бошад аз баҳри он ки чун гӯяд: «Амир бад-ин шаҳр нест». Агар чунин ки ӯ гуфт: «Ҳаст». Амир бад-ин шаҳр нест. Ва агар амир бад-ин шаҳр ҳаст, чунин ки ӯ гуфт, нест». Ва чун чизҳоро ҳақиқат ҳаст ва ҳавос бар он гувоҳи ҳамедиҳад, пас, қавли суфистоироxv ҳақиқат нест. Ва ҳар ки мар ҳисро мункир шавад, бо ӯ сухан нашояд гуфтан.

**Сафи панҷум**

## СУХАН АНДАР РОСТУ ДУРӮҒ ВА ИЛЛАТИ БИСЁРИИ ДУРӮҒ АНДАР СУХАНИ МАРДУМОН

Аз сухан он чи дар ӯ росту дурӯғ наёяд, хабар аст. Ва хабар бар ду рӯй аст: ибтидо аст ва ҷавоб. Ва фарӣ миёни росту дурӯғ он аст, ки рост сухане бошад, ки мардумон онро бидонанд андар чизе, ки он чиз ёфта бошад, чунон ки касе гӯяд, ки «оташ гарм аст». Ва дурӯғ сухане бошад, ки мардумон мар онро надонанд андар чизе, ки он чиз ноёфта бошад ва нодониста, чунон ки касе гӯяд: «Оташ сухангӯй аст». Ва оташ номе аст, ки мардумон онро бидонанд ва сухан гуфтан низ маълум аст. Валекин оташ низ бад-ин сифат ноёфта аст, аз он чи оташ сухангӯй нест.

Ва дурӯғ бар ду бахш аст: яке бахш аз ӯ «мумкин» аст ва дигар бахш «муҳол» аст. Ва мумкин чунон аст, ки гӯяд: «Фалон чунин гуфт». Шояд будан, ки гуфт ва шояд будан, ки нагуфт. Ва номумкин ва муҳол он аст, ки гӯяд: «Санг бипарид». Ва аммо хабар додан ҳикоят кардан аст ва гуфтору кирдор ва қазову қазият мар онро гӯянд: «Гӯи, ки «чунин аст» ва онро иҷоб гӯянд, ё «гӯи, ки «чунин нест» ва онро салб гӯянд.

Ва чун қазияти иҷоб аз як рӯй рост ояд, бисёр рӯйҳо дурӯғ ояд, чунон ки гӯи: «Оташ гарм аст». Ин қазият бад-ин рӯй рост бошад. Валекин чун гӯи: «Оташ сард аст ё тар аст» ва ҷуз ин ҳар чи ҳаметавон гуфтан, ҳама дурӯғ бошад. Ва чун қазияти салб, аз як рӯй дурӯғ ояд, аз бисёр рӯйҳои дигар рост ояд, чунон ки агар гӯяд: «Оташ гарм нест». Ин қазият дурӯғ бошад. Валекин, агар гӯяд: «Сухангӯй ва паранда ва нависанда ва тару сард нест» ва ҷуз он ҳар чи гӯяд, ҳама рост бошад ва чун лафзи «на» андар миён бошад.

Пас, бад-ин баён, ки бикардем, пайдо шуд, ки чун сухани рост бар ваҷҳи исбот гуфта шавад, чунон ки гӯи: «Чунин аст», он суханро андоза падид бошад. Ва чун дурӯғ бар ваҷҳи исбот гуфта шавад, мар онро андоза падид набошад, чунон ки чун

гӯяд: «Оташ гарм аст ва хушк аст ва равшан аст». Ин ҳама рост аст. Валекин аз ин бисёр натавон гуфтан. Ва чун гӯи: «Оташ сард аст ва паранда аст ва сиёҳ аст» ва ҷуз он бе андоза сифат тавон гуфтан, ҳама дурӯғ бошад.

Ва бар айни ин ҳол чун сухан бар ваҷҳи нафӣ ва салб гуфта шавад, дурӯғ андар ӯ бе андоза ояд ва рост бар андоза ояд, чунон ки гӯяд: «Оташ гарм нест ва хушку равшан нест», ин ҳама дурӯғ бошад. Валекин аз ин рости дурӯғ натавон бисёр гуфтан. Ва чун гӯи: «Оташ сиёҳ нест ва астар ва асб нест», ҳама рост аст. Валекин андоза нест, ки аз ин рост чандон тавон гуфтан. Пас, сухани мардумон бештар дурӯғ аз баҳри он ҳамеояд, ки он чи ҳамегӯянд, аз баҳри он мумкин нест, андар салб сухан гуфтан, чунон ки касе, ки об хӯрда бошад, ба ваҷҳи исбот гӯяд, ки «об хӯрдам». Ин осонтар аз он тавонад гуфтан, ки ба ваҷҳи салб гӯяд: «Нон нахӯрдам ва гӯшту ангур ва харбуза нахӯрдам» ва ҳама хӯрданиҳои ҷаҳонро бигӯяд, ки «нахӯрдаам», ҷуз обро, то гуфта шавад, ки «об хӯрдаам». Валекин агар сухани мардумон ба ваҷҳи нафӣ ва салб буди, рост андар ӯ бештар аз дурӯғ буди, бад-ин рӯй, ки баёни он кардем. Намуда шуд ҳадди дурӯғу рост ва шарҳ карда омад иллати бисёрии дурӯғ андар сухани мардумон. Худои таъоло моро бар рост гуфтан бидород.

### Сафи шашум

## СУХАН АНДАР МАЪОД

Бидонед, ки олам ба зоти хеш суратест бар ҳаюло[xvi] пайдо шуда ва зоишҳои ӯ аз наботу ҳайвон ҳама суратҳост, ки бар ҳаюлоҳо пайдо ҳамеоянд. Имрӯз андар олам ҳаюло пайдост ва сурат пинҳон, ки пайдо ҳамеояд. Ва ин ҳол ҳаме далел кунад, ки таркибкунандаи олам бартар аз ҳаюлою сурат аст. Ва нахуст ҳаюло ба ҳосил кардааст. Он вақт ин суратро, ки мо ҳамебинем, аз ин гунбади азиму равшаноиҳо, ки андар ӯст, бар он ҳаюлоҳо падид овардааст.

Ва чун маснуъот ба чаҳор иллат бурда шавад, чу иллати ҳаюлонию иллати фоиъла ва иллати олатию иллати тамоми, донем, ки ин оламро ҳамин иллатҳо ҳаст. Ва иллати ҳаюлонияш табоеъ аст, ки суратҳо ҳамепазирад. Ва иллати фоъилаи ӯ Нафси кулли аст, ки осори хеш андар олам пайдо ҳамеорад ба нафсҳои ҷузъи. Ва иллати олатиаш ин афлоку ситорагон аст, ки чун дастафзоранд мар Нафси куллиро.

Пас, донистем, ки ин иллати чаҳорумаш аст, ки он аз халқ пинҳон аст, ки аз баҳри чи кардасташ. Ва чун он мурод ҳосил ояд, бозгашти олам бошад бад-он чи аз ӯ падид омадаст. Ва чун мардум, ки ғояти зоишҳои олам аст, андар ин олам мар суратҳоро андар нафси хеш ҳаметавонад овардан ва латиф гардонидан ва боз мар он латифро бар ҳаюлои касиф ҳаметавонад берун овардан ва мар ҳикматҳоро, ки дониста аст ба гуфтору набиштан ҳаме муҷассам тавонад гардонидан, донем, ки мардумро бозгашт бад-он кас аст, ки мар ҳикматҳоро бар ҳаюло ӯ таркиб кардаст андар офариниши олам.

Дигар далел бар маъоди мардум он аст, ки андар ҳайвон ду қувват аст, чун қуввати шаҳвони ва он қувват орзукунанда аст ва чун қуввати ғазаби ва он қувват хашмгиранда аст. Ва муроди ин ҳар ду қувват бар ҷисм ба ҳосил ояд, чунон ки чун гурусна ё ташна шавад, ё муҷомаъат орзу кунад, он вақт хушнуд шавад, ки нон, ё об бихӯрад, ё бо ҷуфте қарор гирад. Ва чун аз касе хашм оядаш, он вақт хушнуд шавад, ки ӯро бизанад ё бикушад. Ва ин ҳол ҳаме далел кунад бар он ки бозгашти ҳайвон бад-ин олами ҷисмони аст. Ва ҳайвонро Эзид таъоло аз баҳри манфиати мардум офаридааст. чунон ки гуфт, қавлуҳу:

وَالأَنْعَامَ خَلَقَهَا لَكُمْ فِيهَا دِفْءٌ وَمَنَافِعُ وَمِنْهَا تَأْكُلُونَ

*Гуфт: «Биофаридам офариниш мар сутуронро, ки мар шуморо андар он нигоҳдошт аст аз сармо ва манфиатҳо аст мардумро ва аз ӯ бихӯрад» (16-05).*

Ва мардумро бо ин қувватҳо, ки ҳайвонро аст, қуввати оқила ҳаст ва нотиқа, ки мардумро ба донистани чизҳо ва гуфтани он чи донад, ба ҷисме ҳоҷат нест мар ба ҳосил кардани муроди ин ду қувватро.

Пас, ин далел аст бар он, ки бозгашти ӯ на ба олами ҷисмони аст ва чун мардум ҷисм аст ва нафс. Ва дуруст шуд, ки бозгашти мардум бад-ин сарои ҷисмони нест, ба зарурат пайдо омад, ки бозгашти ӯ ба сарои нафс аст. Валлоҳу аълам ва аҳкам.

## Сафи ҳафтум
## СУХАН АНДАР ЧИГУНАГИИ ДАРАҶОТИ САВОБ

Бибояд донистан, ки ғояти дараҷот андар шарафу нур ва неъмату раҳмат мар расулро аст аз баҳри он ки ӯ андар олами дин ба мартабати ҳафтум аст ва чизҳо ба ҳафтум мартаба тамом шавад. Чунон ки офариниши мардум аз сулолаю нутфа ва Алйаю музға ва изому лаҳм, ки шаш аст, ба ҳафтум тамом шавад, ки халқи охир аст.

Ва андар дин ҳамчунин мартабат ҳафт аст: аз мустаҷибу маъзун ва доъию ҳуҷҷат ва имому асос. Ва ин шаш мартабатро тамоми нотиқ аст, ки ҳафтуми эшон аст. Ва гувоҳи диҳад бар дурустии ин манзалатҳо қавли расули Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, ки фармуд:

أخذت من الخمس و أعطيت الى الخمس

*Гуфт: «Биситудам ҳикмати илоҳиро аз панҷ миёнҷи ва додам ба панҷ миёнҷи».*

Ва он панҷ миёнҷи асос бувад ва имому ҳуҷҷату доъию маъзун ҳар яке аз бартари хеш биситуд ва ба фурутари хеш бидод ва худ андар миёни ситонанда ва диҳанда истода буд. Ва ҳар яке *аз ин миёнҷиён андар мартабати хеш ҳамон кунад, ки расул андар мартабати хеш* кунад. Ва мустаҷиб миёнҷи набувад аз баҳри он ки ӯ ситонандаи нодиҳанда бувад ва ба тарафи фурудин, чунон ки нотиқ диҳандаи носитонанда бувад ва ба тарафи забарин.

Пас, гӯем, ки аз ин шаш мартабат, ки фуруд аз нотиқ аст, ҳар ки ба нотиқ наздиктар аст, савоби ӯ тамомтар ва бороҳаттар аст. Ва мисли савоби расул андар сарои маъод чун мисли касе аст, ки чизе хоҳад харидан, ки ҷумлагии он чиз ба ҳафт дирам* фурӯшанд ва ӯ ҳафт дирам дорад, ки ҷумлагии онро бихарад. Ва асос худованди шаш дирам аст. Ва имом худованди панҷ дирам аст. Ва ҳуҷҷат худованди чаҳор дирам аст. Ва доъи худованди се дирам аст. Ва маъзун худованди ду дирам аст. Ва мустаҷиб худованди як дирам аст. Ва ҳар яке аз эшон бар андозаи мулки хеш аз он чиз биёбанд ва бар қадри кору илми хеш ба раҳмату неъмати охирате бирасанд, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

وَلِكُلٍّ دَرَجَاتٌ مِمَّا عَمِلُوا وَلِيُوَفِّيَهُمْ أَعْمَالَهُمْ وَهُمْ لا يُظْلَمُونَ

*Ҳамегӯяд: «Ва мар ҳар касеро дараҷот аст, аз он чи кардаанд ва бад-эшон расонад музди корашон ва бар эшон ситам накунад» (46-19).*

Аммо раҳмати азим бар он касон, ки ба дараҷот камтар бошанд аз Эзид таъоло, он аст, ки ҳеч кас андар биҳишт аз мартабати он кас, ки бартар аз ӯст, хабар надорад, то ҳасадаш наёяд. Ва мартабати ҳар кас монанди мартабати хеш донад, ҳам бар ин мисол, ки андар ин олам аст, ки ҳар касе бад-он миқдор, ки

---

* Порсизабонон «дарохим»-и Юнонро дирам гӯянд ва тозиён дирҳам.

илми ӯст, шодон аст ва намедонад бад-он ки бартар аз ӯст, аз илм чи медонад. Ва чун надонад, чизеро аз ӯ орзу наоядаш ва чун орзу набошад, ниёз набошад. Ва ҳар касе он орзу кунад андар биҳишт, ки ёфта бошад, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд қавлуҳу:

فِيهَا مَا تَشْتَهِيهِ الأَنفُسُ وَتَلَذُّ الأَعْيُنُ وَأَنْتُمْ فِيهَا خَالِدُونَ

*Гуфт: «Андар биҳишт он аст, ки нафсҳо он орзу кунад ва чашмҳо бад-он хуши ёбад ва шумо андар ӯ ҷовидона монед» (43-71).*

Ин оят ҳаме далел кунад, ки биҳишти он неъмат орзу кунад, ки ёфта бошад ва нафс аз он хабар надорад, аз баҳри он ки мо донем, ки савоби нотиқ, бартар аст ва шарифтар аст аз савоби уммат, аз баҳри он ки илму амали ӯ ба ғояти камол аст.

Пас, орзуи нафси ӯ ба ғояти камол бошад ва мар ӯро аз савоб он бошад, ки нафси ӯ орзу кунад, на он ки нафси мустаҷиб орзу кунад бо кӯтаҳи ба он ки ӯ ва аз бузургии илми ӯ шарафи нафси ӯ бувад, ки Худой таъоло мар ӯро, алайҳиссалом, гуфт:

وَلَسَوْفَ يُعْطِيكَ رَبُّكَ فَتَرْضَى

*Гуфт: «Ва бошад, ки бидиҳад, туро Кирдигори ту, то ту хушнуд шави» (93-5).*

Ин оят ҳаме далел кунад, ки расулро хушнуди набувад бад-он савоб, ки мар умматро донист, ки хоҳандашон додан ва маъод ҷои бозгаштан бошад. Ва ҳар шогирдеро бозгашти он ҷаҳони ба доно ва омӯзгори хеш бирасад. Ва андар шафоати ӯ бошад, чун ҷуфти ӯ бошад, ки шафоат аз «шафъ» гирифтаанд ва «шафъ» ба луғати араб «ҷуфт» бошад.

Мустаҷиб ҷуфти доъи бошад ва савоб андар шафоати ӯ ёбад, агар ҷуфташ нек аст, ба савоби неки расад ва агар ҷуфташ бад аст, ба подоши бади расад, чунон ки расули Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи гуфт:

المرء مع من أحب

Гуфт: «Мард бо он кас аст, ки ӯро дӯст дорад». Агар дӯстдори авлиёи Худой бошад, ӯ дӯсти Худой бошад, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

قُلْ إِنْ كُنْتُمْ تُحِبُّونَ اللَّهَ فَاتَّبِعُونِي يُحْبِبْكُمُ اللَّهُ

*Гуфт: «Бигу, эй Муҳаммад, ки агар Худойро дӯст ҳамедоред, аз паси ман равед, то Худой шуморо дӯст дорад» (3-31).*

Ва ҳар ки пасрави душманони авлиёи Худой бошад, андар торики уфтад ва ба азоби оташи ҷовиди расад. Чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

وَالَّذِينَ كَفَرُوا أَوْلِيَاؤُهُمُ الطَّاغُوتُ يُخْرِجُونَهُمْ مِنَ النُّورِ إِلَى الظُّلُمَاتِ أُوْلَئِكَ أَصْحَابُ النَّارِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ

*Ҳамегӯяд: «Ва онҳо, ки ҳақро бипӯшониданд, дӯстони эшон девонанд, берун орандашон аз рӯшанои сӯи торикиҳо. Эшон аҳли оташанд ва эшон андар ӯ ҷовидонаанд» (2-257).*

Ва масали олиму мутааллим чун масали иллату маълул аст. Аз баҳри он ки ҳар куҷо олим аст, мутааллим он ҷост ва ҳар яке номи хеш ба изофати ёри хеш ёфтаанд, ҳамчунон ки иллат аз маълул ҷудо нест ва ҳастии ҳар ду ба як вақт будааст бе замон андар миёни эшон. Чунон ки офтоб, ки иллати рӯз аст, баромади маълули ӯ, ки рӯз аст, ҳам дар он вақт ҳосил омад бе ҳеч замоне ба миёни эшон. Валекин ҳарчанд ки миёни иллату маълул ҷудои нест, шарафу ниҳод, бешию беҳтари ва камол мар иллатро аст ва заифию бечораги ва бозпасмондагию ниёз мар маълулро аст. Ва ҳамчунин аст ҳол миёни олиму мутааллим, ки бешию шараф ва беҳтарию камол мар олимро аст ва сипасию кеҳтари ва нуқсон мар мутааллимро аст. Аммо бояд, ки мӯъмини мустаҷиб мутеъ ва хозеъи олим бошад ва агар олим набошад, мутобеи худовандони ҳақ бошад. Ва бидонад, ки ҳақ он касро аст, ки Худой таъоло мар ӯро бигзидааст ва он кас, ки гузид, нотиқ аст, гузидаи Худой аст. Ва ҳар ки бо гузидаи Худой дигаре гузинад, ӯ бо Худой анбози

ҷуста бошад. Ва ҳар ки ба Худой анбози ҷӯяд, мар ин гуноҳро аз Худой афв наёбад, чунон ки мефармояд, қавлуҳу:

إِنَّ اللَّهَ لا يَغْفِرُ أَنْ يُشْرَكَ بِهِ وَيَغْفِرُ مَا دُونَ ذَلِكَ لِمَنْ يَشَاءُ وَمَنْ يُشْرِكْ بِاللَّهِ فَقَدْ ضَلَّ ضَلالاً بَعِيداً

*Ҳамегӯяд, ки «Худой наёмурзад мар онро, ки бо Ӯ анбоз гирад ва биёмурзад ҳар чи фуруд аз он аст, аз гуноҳон ҳар киро хоҳад» (4-116).*

Ва ҳар ки бо Худой анбоз гирад, гумбуда шавад, гумбудагии дур. Имоми замона ризои Худой аст аз баҳри он, ки андар хушнудии ӯ хушнудии Худой аст. Ва душмани имоми замон хашми Худой аст аз баҳри он ки ба мутобаъати ӯ банда ба хашми Худой ва азоби дӯзах расад. Ва ҳар ки паси душмани имом равад, намозу рӯзаи ӯ ночиз кунанд, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

ذَلِكَ بِأَنَّهُمْ اتَّبَعُوا مَا أَسْخَطَ اللَّهَ وَكَرِهُوا رِضْوَانَهُ فَأَحْبَطَ أَعْمَالَهُمْ

*Гуфт: «Аз баҳри он ки эшон паси он рафтанд, ки Худойро ба хашм овард ва душвор доштанд мар хушнудии ӯро. Пас, ноҷиз кард кирдорҳошонро» (47-28).*

Тоат фармонбардори бошад ва маъсият бигузоштани фармон бошад. Ва ҳар ки фармони расулро даст боз дошт ва ба муроди хеш имом ихтиёр кард, андар расул оси шуд. Ва ҳар ки андар расул оси шуд, андар Худой оси шуд ва гумбуда гашт, ба қавли Худой ҳамегӯяд, қавлуҳу:

وَمَا كَانَ لِمُؤْمِنٍ وَلا مُؤْمِنَةٍ إِذَا قَضَى اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَمْراً أَنْ يَكُونَ لَهُمْ الْخِيَرَةُ مِنْ أَمْرِهِمْ وَمَنْ يَعْصِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ فَقَدْ ضَلَّ ضَلالاً مُبِيناً

*Ҳамегӯяд: «Ва набувад мар мӯъминеро на марду на зан, чун Худой ва паёмбари ӯ коре ихтиёр кунанд, ки эшон ихтиёр кунанд андар кори хеш. Ва ҳар ки фармони Худою расули Ӯро бигузорад, гумбуда шавад, гумбудании пайдо» (33-36).*

Ин оят ҳаме нидо кунад бар гумбудагии он касон, ки ба ихтиёри хеш имом бапой карданд. Ва он касро, ки Худо ва расул бапой карда буд, даст боз доштанд. Ва ҳар ки бо гумоштаи Худой анбоз гирад, ӯ бо Худой анбоз гирифта бошад ва сазовори уқубати ҷовидонаги бошад.

Ин аст, чигунагии дараҷоти савоб андар маъод. Ва ин аст, таъвили анбоз гирифтан бо Худой таъоло.

## Сафи ҳаштум
## СУХАН АНДАР ИСБОТИ НАФСИ МУҶАРРАД ВА ИСБОТИ САВОБУ ИҚОБ МАР НАФСРО БЕ ҶИСМ

Бидонед, ки Эзиди таъоло мар ин олами пайдоиро далели олами пинҳони кардааст ва мар офариниши ҷисмиро далели офариниши нафси гардонидааст. Ва мо ҳамедонем, мар нафси ҷузъиро, ки ба колбад пайвастааст, ки мар ин колбадро ба хонаи хеш ҳамедорад. Ва хӯриш, ки мар ӯро бояд, аз баҳри имората ин хона мар онро нахуст ба олоти ҷасадони пок кунад ва ҳар чи аз ӯ ношоиста аст, бияфканад чун афкандани коҳу кафа ва сабӯс аз гандум ва чун низ ба олати ҷасадони мумкин нашавад мар онро пок кардан аз берун, он вақт мар онро ба дандон биканад ва бад-ин хонаи хеш, ки колбад аст, андар кашадаш ва мар ӯро ба олатҳои андаруни бипазад ва нарм кунад. Ва ҳар чи аз латофат аст, ҷудо кунад ва аз он латофат бар кадри ҳоҷати хеш бозгирад. Ва дигар, ки бимонад, мар онро ба он чи ӯро нашояд берун афканад ва бад-он нанигарад, ки агар он пӯсту коҳ ва гӯшту гандум набуди, он латофат бад-ӯ нарасиди, балки ба ғарази хеш нигарад.

Пас, бад-ин феъл, ки аз нафси ҷузъие падид омад, андар имороти ин хонаи ӯ, ки колбад аст, ҳаме далел кунад, ки ӯ мар ин хонаро дастбоз хоҳад доштан ва низ бад-ӯ боз нагардад. Ва чун муроди хеш ба тамом шудани хеш андар ӯ ба ҳосил

кард аз бозгаштан бад-ӯ нанг дорад ва бад-он нанигарад, ки агар колбад набуди, ӯ тамом нашуди, балки омаданаш андар ин хона ба сабаби тамом шудан бувад. Ва ин колбад мар нафсро пас аз он ки аз ӯ тамом гашта, ҷудо шавад ҳам, бар он манзалат бошад, ки он таом пеши омада, ношоиста бошад, ки онро аз хонаи хеш, ки колбад аст, берун карда бошад баробар, на каму на беш. Ва нафси мардум сазовори савобу иқоб ба корҳои хеш шавад, ки андар ин олам карда бошад ва чун бад-он олами хеш расад ва нотамом бошад, бидонад, ки тамом шудани ӯро аз он ҷо рӯй нест.

Ва ҷуз бад-ин олами ҷисмони чизе натавонад ба даст овардан, ки ӯро ба олами рӯҳони аз ин роҳат набошад ва он неъматҳоро, ки он ҷо аст, бад-он битавон ёфтан. Ва бар дурустии ин ҳол ду далел аст: яке аз қавли Худой таъоло, ки ҳамегӯяд аз қавли дӯзахиён, қавлуҳу:

أَوْ نُرَدُّ فَنَعْمَلَ غَيْرَ الَّذِي كُنَّا نَعْمَلُ

*Гуфт: «Эдун гӯянд, ки моро боз баранди, то бикунеме ҷуз он ки карда будем» (7-53).*

Ва далел аз офариниш он аст, ки ҳар ки аз модар нобино, ё кар зояд, ҳеч касро умед наюфтад, ки ӯро бино, ё шунаво тавонад кардан, аз баҳри он ки он олат андар шикам ҳамебоист, ки рост шуди. Ва ин ҷаҳон мар нафсро аз баҳри рост кардани сурати нафсони бар мисоли шиками модар аст мар рост кардани сурати ҷисмониро баробар, на каму на беш. Ва ҳар ки тоат дорад ва илм омӯзад ва кор кунад, ҳам андар ин ҷаҳон некбахт шавад. Ва ҳар ки сар бикашад ва нодони гузинад ва шариатро даст боз дорад, ҳамин ҷо бадбахт шавад.

Ва далел бар дурустии ин даъво қавли расули Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи аст, ки гуфт:

السعيد من سعد فی بطن امه و الشقی من شقی فی بطن امه

Гуфт: «Некбахт он аст, ки андар шиками модар некбахт аст. Ва бадбахт он аст, ки андар шиками модар бадбахт шавад».

Пас, ин илм мар нафсро чун шиками модар аст мар ҷисмро. Ва ин колбад мар нафсро ҳамчунон пӯст аст, ки кӯдак андар ӯ бошад, ки аз шиками модар берун ояд. Ва мо ҳамедонем, ки он пӯстро, ки он кӯдак андар ӯ тамом шуда бошад, ба хок андар кунад ва кас низ номи ӯ набарад ва модари кӯдак бар ҳоли хеш бимонад. Ҳамчунин донем, ки ин колбадро, ки чун ба хок андар карданд, низ бакор наояд ва бад-ӯ ҳоҷате набошад ва ин олам, ки бар мисоли шиками модар аст, бар ҷой бимонад. Ва гар савобу иқоб мар колбадро буди, боисти, ки колбади расули Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, бузургтар буди аз колбади ҳама халоиқ, аз баҳри он ки савоби ӯ беш аз савоби ҳамаи уммат аст. Ва ҳамчунин боисти, ки колбадҳои осиён сахт бузург буди, аз баҳри он ки уқубати эшон сахт бузург аст. Ва чун расули Мустафо ба колбад ҳамчанди дигар мардумон буд ва ҳамчунон колбади ӯро ба хок андар боист кардан, донистем, ки савоб мар нафсрост, на мар ҷисмро.

Ва далели дигар бар он ки савобу иқоб мар нафсрост, на мар ҷисмро, ки ин нафси сухангӯй, ки мардумро аст, аз ин олам нест, балки олами ӯ ҳамчунон латиф аст ва ин ҷо аз баҳри омӯхтан овардандаш. Ва далел бар дурустии ин даъво қавли Худой аст, ки ҳамегӯяд, қавлуҳу:

لَقَدْ جِئْتُمُونَا كَمَا خَلَقْنَاكُمْ أَوَّلَ مَرَّةٍ بَلْ زَعَمْتُمْ أَلَّنْ نَجْعَلَ لَكُمْ مَوْعِداً

*Гуфт: «Биёмадед сӯи мо ҳамчунон ки биёфаридематон нахустин бор, бал чунон донистед, ки мо мар шуморо ваъди кофи накунем» (18-48).*

Ва мардум, ки нахуст андар офариниш ояд, нодон бошад. Пас, ин оят ҳаме овоз диҳад, ки «нодон набояд рафтан аз ин ҷо» ва ҳаме нидо кунад, ки ин ҷо мар нафсро аз баҳри омӯхтан овардаанд андар ин сарой. Дуруст шуд, ки ӯ аз ин ҷо

нест. Ва чун нафс ин ҷойи нест, лозим наёяд, ки Худой таъоло ӯро ҷовидони ин ҷо бидорад, аз баҳри он ки ситам бошад чизе на ба ҷои ӯ ҷовид гардонидан ва Худой таъоло ҳамегӯяд: «Ман ситамкор нестам»:

وَمَا رَبُّكَ بِظَلاَّمٍ لِلْعَبِيدِ

*Ҳамегӯяд: «Эй Муҳаммад, Парвардигори ту ситамкор нест бар бандагон» (41-46).*

Ва бад-ин шарҳ, ки бикардем, дуруст шуд хирадмандро, ки марг ҳақ аст ва ҷовид зистан агар буди, ситам буди.

Пас, гӯем, ки ҳамчунон ки нафсро, ки эдари нест, андар ҷовид гардонидан ситам бошад, ба ҷои хеш боз бурдан, дод бошад. Ҳамчунин низ колбади гарони торикро ба олами латифи равшан бурдан низ ситам бошад ва мар ӯро ҷовид гадонидан, ситам бар ситам бошад. Пас, дуруст кардем, чун офтоб сӯи хирадманд, ки савоб мар нафсрост, на мар колбадро. Ва низ гӯем, ки чун нафс аз колбад ба олами хеш боз расад бо сурати тамом, бе ниёз бошад аз ҷасад, ки бад-он фоида пазирад, балки ӯ он ҷо аз иллати хеш бе миёнҷи фоида пазирад ва он мар ӯро савоб бошад. Бар мисоли кӯдак, ки чун олати ғизопазируфти андар ҷасади хеш, андар шиками модар тамом кунад низ, ба миёнҷии модар ҳоҷатманд нашавад ва берун ояд, то ғизо, ки аз пистони модар, ки аз берун аст, биситонад. Ва чун низ қавитар шавад, худ он таому шароб, ки модараш ҳамехӯрад, бихӯрад. Ва модарро аз миёни хешу миёни таому шароб баргирад ва ҳо, ки андар шароб ҳамеояд, аз олами нафс ҳамеояд. Ва чун нафси ҷузъи андар олами ҷисмони бошад, ба миёнҷии табоеъ ва миёнҷии ҷасади хеш тавонад мар он ҳоро ёфтан ва чун ба олами хеш расад, аз миёнҷи бениёз шавад. Бар мисоли касе, ки илм омӯзад ва чун олим гашт, олати омӯхти ҳама бияфканад аз дафтару қалам ва маҳбараю ҷуз он. Ва худ аз зоти хеш таълиф кунад бе ҳеч олати дигар ва фоидаҳои дигар нафсҳо аз нафси хеш берун орад, чун тамом шуд.

## Сафи нуҳум
## СУХАН АНДАР ОН КИ ҲАР КИ БАДКИРДОР АСТ, ДУШМАНИ ХУДОЙ АСТ

Бибояд донистан, ки тамоми донишу тавонои ва ҳикмат мар Офаридгорро аст. Ва далел бар ростии ин даъво аз ду рӯй аст: Яке аз китоби Худой ва дигар аз рӯи ақл. Аммо далел аз китоби Худой он аст, ки бисёр ҷой ҳамегӯяд, қавлуҳу:

وَاللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ[16]

Ва бисёр ҷой ҳамегӯяд:

وَاللَّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

*Гӯяд: «Худой ҳакиму доност ва Худой бар ҳар чизе қодир аст» (8-41).*

Ва далел аз рӯи ақл он аст, ки мо мар хештанро доною тавоно ва бо ҳикмат ҳамеёбем бар андоза. Ва андар мардум ин фазилатҳоро ба мартабат ҳамебинем. Ва яке аз мо аз дигаре доною тавонотар аст. Донем, ки ин ҷузъҳост аз он кул (л), ки тамомии донишу тавонои ва ҳикмат ӯрост. Пас, гуфтем, ки кулли ин ҷузъҳои илму қудрат ва ҳикмат мар падидорандаи ин ҷузъҳорост андар ин олам. Ва чун мар ин ҷузъҳоро андар ин олам ёфтем, донистем, ки кулли илму қудрат ва ҳикмат мар Офаридгори ин оламро аст. Чун дуруст шуд, ки донишу тавонои ва ҳикмат мар Офаридгоррост ба тамоми, лозим ояд, ки муроди Ӯ андар офариниши олам ҳама неки ва салоҳу рости аст ба ғоят-ул-ғоёт аз баҳри он ки бади ва зишти ва фасоду кажи аз нодонию оҷизи ояд. Ва ин чизҳо аз Офаридгор дур аст ва ҳама

[16] Сураи Нисо, ояи 26. Дар китоб иштибоҳан ояро «Валлоҳу ҳакимун алим» навиштааст, ки чунин оя дар Қуръони карим нест, балки ояи «إِنَّ رَبَّكَ حَكِيمٌ عَلِيمٌ» аст (Сураи Анъом, ояҳои 83 ва 128 ва ғайра).

доноён аз илми шариат гӯянд, ки ба илми илоҳи ғарази Офаридгори олам аз офариниши ин олам мардум аст. Ва чун мардум ин сурати ҷисми аст бо нафси сухангӯй ба ҳам ва боз ба марг эшон аз якдигар ҷудо шаванд, далел ҳамекунад, ки ғарази Офаридгор аз ин олам на ин сурати ҷисми бувад, ки вайрон шавад, бал сурати дигар бувад, ки ба миёнҷии он сурати ҷисми тамом шуд ва ба ҳосил омад. Ва гар на чунин буди, офариниши сурати мардум ботил буди ва офариниш, ки ботил шуд ва аз ӯ чиз ба ҳосил наёмад, бози бошад. Ва бози аз Офаридгор дур аст, чунон ки ҳамегӯяд, қавлуҳу:

أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّمَا خَلَقْنَاكُمْ عَبَثاً وَأَنَّكُمْ إِلَيْنَا لا تُرْجَعُونَ

*Ҳамегӯяд: «Бар рӯи залифан, ки пиндоштед, ки шуморо ба бози офаридем ва шуморо ба сӯи мо боз нагардонанд» (23-115).*

Пас, гӯем, ки муроди Офаридгор андар офариниши мардум ҳама некӯию хайр аст. Ва далел бар дурустии ин даъво он аст, ки мар ҷасади мардумро пазирои неку бад офарид, чун дурустию бемори ва роҳату ранҷ ва хушию дард ва падид омадану нест шудан. Ва ақл дод мар ӯро, то ин мухолифонро бишносад ва беҳтарро аз бадтар бидонад ва роҳатро бар ранҷ бигузинад. Ва чун мар ҷасади мардумро чунон офарид, ки мар ин мухолифонро, ки ёд карда шуд, тавонад пазируфтан ва андар нафси ӯ ақл ниҳод, ки мар мухолифонро бишносад, ин як ҳикмати бузург буд, ки андар офариниши мардум ниҳод. Ва дигар ҳикмат он бувад, ки нафси мардумро ҳавос дод ва тавонои дод бар кор бастани хайру шар мар ӯро ва ин низ пазирои мухолифон омад, ҳамчун ҷасад аз баҳри он ки ҷасад гавҳари касиф бувад ва нафс гавҳари латиф аст ва ба ҳукми гавҳари бо якдигар созгор омаданд ва ба ҳукми латофату касофат якдигарро мухолиф омаданд, то ғараз аз офариниш падид омад бар мисоли падид омадани фарзанд аз нару мода, ки ба рӯи ҷасади зоҳир нару мода мар якдигарро мухолифанд ва ба ботин мар якдигарро мувофиқанд. Чунон ки он андар китоби «Мисбоҳ», ки пеш аз ин китоб мар онро таълиф кардем, гуфта шудааст ва шиносоии хайру шар, то ву салоҳ биялфанҷад ва бадию фасодро даст боз дорад, то бад-ин рӯй мар нафсро сурати абади пайдо ояд, балки будиши ӯ аз он бошад ва онро Худой андар Қуръон «нашъата-л-охирата» (29-20) хондааст. Ва бибояд донистан, ки чун мар ҷисмро сурат пайдо ояд, бад-он сурат бишносандаш. Ва чун мар нафсро, сурат пайдо орад, бад-он сурат бишиносад мар чизҳоро. Ва сурати некӯ мар ҷасадро он бошад, ки сӯи бинандагон ба чашми сар некӯ намояд. Ва сурати некӯ мар нафсро он бошад, ки чизҳое некӯ донад ва неки гузинад ва сӯи доноён некӯ бошад. Ва чун нафс аз ҳама бадиҳо дур шавад, ба ғояти некӯи расад, чунон ки чун ҷисм аз ҳама айбҳо дур бошад, ба ғояти хуби бошад. Ва чун ҷисм фони аст, некӯии ӯ фони шавад ва нафс, ки боқи аст, некӯии ӯ боқи бошад.

Пас, сурати нафс, ки дувум офариниш аст, ғояти муроди Офаридгор аст, аз баҳри он ки мар ӯро фасод нест. Ва чун сурати нафс ба хайр ва ба рости уфтад, ба ғояти шараф расад ва чун ба норостию шар(р) уфтад, ба ғояти фурумояги бошад. Пас, аз ин рӯй лозим ояд, ки умед додани Офаридгор мар нафсҳоро ва тоат доштани эшон ба ғояти умедҳо бошад. Ва он биҳишт аст, ки ғояти орзуи нуфус аст. Ва ҳамчунин бояд, ки ҳам[17] кардани Офаридгор мар нафсҳоро ва маъсият, ки аз эшон ояд, ба ғояти душворию ранҷ бошад ва он дӯзахи фурудин аст, ки гусаста шудани роҳатҳову шодиҳо аст. Ва ин ду офариниշро Худой таъоло андар Қуръон ёд кард, то хирадмандон бидонанд, ки будиши дувум муроди Офаридгор аст, на будиши нахустин, чунон ки фармуд, қавлуҳу:

قُلْ سِيرُوا فِي الأَرْضِ فَانْظُرُوا كَيْفَ بَدَأَ الْخَلْقَ ثُمَّ اللَّهُ يُنْشِئُ النَّشْأَةَ الآخِرَةَ

---

[17] Дар чопи ал-Хашшоб, Қоҳира: 1940, саҳ. 21 ба ҷои калимаи «ҳам» бо қалам чунин навишта шудааст: аз ҳам?

*Гуфт: «Бигӯй, ки биравед андар замин, пас бинигаред, ки чи гуна оғоз кард Худой офаринишро. Пас, Худой биёфарид офариниши дигари бозпасин» (29-20).*

Ва таъвили рафтан андар замин талаб кардани илми даъват аст, ки қарорҳои нуфус бар илми даъват аст чунон ки қарори ҷисмро бар замин аст.

Ва таъвили «нигаристан ба офариниш нахустин чи гуна бувад, то дигар офаринишро аз ӯ бидони?» Он аст, ки аз замин ҳар чи падидор ояд аз набот, ки оғози нафсҳо ӯст, он чи аз ӯ ба аввал пайдо ояд, на он бошад, балки он чи бозпас падид ояд, мурод аз он набот он бошад, аз баҳри он ки аз ҳар наботе нахуст баргу шох падид ояд ва ба охир бор падид ояд. Ва ғараз аз дарахт на баргу шох бошад, балки бор бошад,

Пас, моро ҳамефармояд Эзиди таъоло нигаристан андар ҳоли он чи аз замин падид ояд, то бидонем, ки мурод аз офариниш на ҷасад аст, балки нафс аст. Ва ҷасад мар нафсро бар мисоли пуле аст, ки нафс бар ӯ аз ин олам бигузарад, бар мисоли касе, ки аз обе бар пуле бигзарад ва гувоҳи диҳад бар дурустии ин қавл, он чи Расули мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, фармуд:

الدنيا قنطرة فاعبروها و لا تعمروها

*Гуфт: «Ин ҷаҳон пуле аст, бигузаред бар ӯ ва ободон макунедаш».*

Ва ҳар куҷо андар Қуръон дунёро ёд кунад, бад-он мар ин ҷаҳонро хоҳад ва ҷасади мардумро ва зоҳири шариатро ва ҳар куҷо мар охиратро ёд кунад, бад-он мар он ҷаҳонро хоҳад ва мар нафси мардумро ва таъвилро.

Пас, Эзиди таъоло салоҳи ҷасади мардумро таому шароб ва пӯшиш ва барнишаст ва дигар манофеъ падид овард ва салоҳи нафси мардумро дин ва илму амал фармуд. Ва ба ҳар рӯе ҳуҷҷат бар мардум лозим карда. Аммо ҳуҷҷат ба ҷасад бар мардум он лозим кард, ки ӯро андомҳои тамом дод зи баҳона гардонидаш андар ҳосил кардани он чи ҷасади ӯро бад-он ҳоҷат аст, аз баҳри он ки неъматҳо аз хӯрданию ошомидани ва пӯшиданию барнишастани ва хона ва ҷуз он мар ӯро ёфта кард андар ин олам ва рӯи он пайдо кард, ки чи гуна бояд ба даст овардан, то ҳалол бошад. Аммо ҳуҷҷат ба нафс бар мардум он лозим кард, ки ӯро ақли дарёбанда дод, ки гавҳари ӯ он аст, ки ихтиёри некӯ кунад ва аз зишти дур бошад. Ва некӯкорро дӯст дорад ва аз бадкирдор бигурезад ва ӯро душман дорад ва бад-ин ҳар ду рӯй ҳуҷҷати Худой бар мардум лозим шуд ва ақл ҳуҷҷати Худой аст бар халқ андар офариниш. Ва ҳуҷҷати дувум аз Худой расули Ӯст сӯи мардум, ки биёяд ва ақл, ки андар офариниши мардум ба қувват аст, бар ӯ ронад ва сӯи феъл берун орад ва боз намояд, ки бад-ин ду рӯй шукри Офаридгор бар мардум воҷиб аст ва аз носипоси кардан дур будан бар мардум лозим аст, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

لئن شَكَرْتُمْ لأَزِيدَنَّكُمْ وَلَئِنْ كَفَرْتُمْ إِنَّ عَذَابِي لَشَدِيدٌ

*Гуфт: «Агар шукр кунед, дар неъмати шумо зиёдат кунам ва гар куфрон оред, яъне ки носипоси кунед, азоби Ман сахт аст» (14-7).*

Ва андар гавҳари ақли бетаълими худ шукр кардан мар диҳандаи неъматро мавҷуд аст, валекин чигунагии шукри Офаридгор андар гавҳари ақли ғаризи мавҷуд нест. Пас, расулон аз баҳри боз намудани чигунагии шукри Офаридгор боистанд аз ӯ сӯи Офаридгори ӯ. Ва мисли ин ҳол чунон аст, ки меҳтаре бошад некӯкор ва бахшанда ва кеҳтарони бисёр дорад. Ва он кеҳтарон ҳар касе бар андозаи хеш донанд, ки шукри он меҳтар бар эшон фариза аст, валекин надонанд, ки чи гуна шукр бояд кардан, то мар он меҳтарро писанд уфтад.

Пас, аз ҷумлаи кеҳтарони он меҳтар яке бошад, ки бад-ӯ наздик бошад ва бидонад, ки хушнудии он меҳтар андар чист: Андар гуфтор аст, ё андар кирдор, ё андар ҳар ду. Ва мар он кеҳтаронро боз намояд, ки хушнудии меҳтар андар чист, ки шумо, чокарон, бар ин ду шукр тавонои доред. Ва чун он кеҳтари хос мар

дигар кеҳтаронро биогоҳонад, ки шукри меҳтари хеш чи гуна кунед, он вақт шукр аз ҳадди ҷавоз, яъне раво будан ба ҳадди воҷиби омада бошад. Ва то расул наёмада буд, андар ақл раво ҳамебуд шукри Офаридгор кардан. Ва чун чигунагии шукр падид омад, ба гуфтори расул, он вақт воҷиб гашт шукр кардан.

Пас, даст бознадоштани шукри Офаридгор сипас аз воҷиб шудан аз ибодату салоҳ ва хайр аст. Ва даст боздоштан шукрносипосию фасод ва шар(р) аст. Ва ботил кардани офариниш аст, ҳам ба ҷисм ва ҳам ба нафс, аз баҳри он ки ҷисми мардум, чунон ки гуфтем, пазирои ранҷу роҳат ва хушию дард аз баҳри он бошад, то беҳтари гузинад ва аз бади боз бошад. Ва нафси мардум тавоно бар бадию неки бошад. Ва шиносоии ҳар ду аз баҳри он омад, то хештанро беҳтар ихтиёр кунад.

Ва чун мардум бо ин ду ҳуҷҷат, ки бар ӯ лозим гаштааст, сӯи фасоду шар(р) ва бади майл кунад, мар Офаридгори хешро мухолиф шуда бошад ва мар ҳокимеро, ки Худой бар ӯ гумоштааст ва он ақл аст, дурӯғзан карда бошад.

Ва чун аз хайру салоҳ рӯй бигардонад ва сӯи шарру фасод ояд, муроди Офаридгор, ки ғояти муродҳост, ботил карда бошад. Ва аз биҳишт, ки неъмати ӯ бениҳоят аст, сӯи дӯзах омада бошад, ки ранҷи ӯ ба ғояти ғоят аст. Ҳар ки хайру салоҳро гирифт, аз шарру фасод дур монд, ҳамчунон ки ҳар ки хуши ва осони ёфт, аз дарду ранҷ раста шуд. Ва низ мар инро қисми се дигар нест, чунон ки расули Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, гуфт:

فوالذی نفس محمد بیده لیس بعد الموت غیر الجنة أو نار

*Гуфт: «Ва савганд хӯрд бад-он кас, ки нафси Муҳаммад ба дасти ӯст, ки нест пас аз марг ҷуз биҳишт, ё оташ».*

Ва низ гӯем, ки чун ғарази Офаридгор ба офариниши олами ҷисмонии нозинда мардум бувад, ки надандаи (зиндаи) гӯяндаи миранда аст, ғарази Ӯ ба офариниши олами рӯҳони падид овардани сурати зиндаи номирандаи доно бувад. Ва ба нахустин офариниш аз ин олам сурати абади ба ҳосил наёмад, чунон ки аз хок хурмои расида барнаёяд, балки нахуст дарахт барояд, ки хурмо аст андар ҳадди қувват, он вақт аз он дарахт хурмо берун ояд.

Пас, гӯем, ки аз ин олами мурда мардуми зиндаи мурдани падид ояд ва аз мардум сурати нафсонии зиндаи номиранда падид ояд. Он нахустин офариниш ба миёнҷии латоифи ҷисмони бувад аз афлоку ситорагон ва ин дигар офариниш ба миёнҷии латоифи нафсони бувад, ки нотиқон ва асосон ва имомонанд. Пас, ҷасад инҷаҳони аст маҳсус ва фони ва нафс онҷаҳони аст маъқул ва боқи. Ва Эзиди таъоло мардумро пазирои хушию дард гардонид ҳам ба ҷисм ва ҳам ба нафс. Ва дарду хушии ҷисмони бемори ва тандурусти аст. Ва бемори ба ду бахш аст: яке бахш он аст, ки аз андаруни ҷасад хезад, чун ғалаба кардани табиате бар дигаре бо фасоди андоме аз андомҳои даруни ва дигар бахшаш он аст, ки беруни ҷасад уфтад, чун сармою гармо ва решу захм.

Ва баробари ҳар дарде осони ҳаст ва баробари ҳар бемори дурусти ҳаст. Ва дарду хушии нафсони низ ба ду бахш аст: чун андӯҳу шоди ва хашму хушнуди ва пушаймониву хуррами ва кому ноком. Ва ин дард мар нафсро низ ҳамчунон аст, ки мар ҷисмро аз берун ва андарун. Он чи аз берун аст, чун андӯҳ аст, ки аз нодонистани илме расадаш ва он чи аз андарун аст, чун андӯҳ аст, ки аз нодонистани илме расадаш.

Ва роҳаташ низ ҳам ба ду бахш аст, бар ин қиёс: ва мардумро аз роҳату дарди ҷасадони, ки аз ҳад даргузашта уфтад, марги ҷасадони уфтад, чунон ки агар ба ҷасад дарде сахт ёбад аз захме ё аз дарде, ки аз ғалабаи ахлот бошад, рӯҳи ӯ аз колбад ҷудо шавад. Ҳамчунин, агар роҳате сахт расадаш аз хӯрдани хуш ё аз ошомидани баифрот, ё аз ҷимоъи берӯй низ марг бошадаш. Ва он бад-он сабаб бошад, ки гармии табиати, ки мардум бад-он зинда аст, бифусурад ё сахт

бигудозад, то мардум ҳалок шавад. Ҳамчунин ба дард ва осонии нафсони низ мардумро ҳалок бошад. Ва чун касе, ки ӯро ғами сахт расад, ногоҳ ва ҳарорати ғаризии ӯ ҳаме ба маркази дил фароз ояд ва ба сабаби ҷумла гаштани ҳарорат сӯхта шавад ва онро «фусурдани ҳарорат» хонанд. Ва агар касеро шодии беандоза ба як бор бе ҳеч муқаддима фароз расад ва аз он гушода гаштани ҳарорат бошад ва парокандан аз ҷои хеш, то мардум бимирад ва онро «таҳлил» хонанд. Пас, дарду роҳати ҷисмони, ҳамчун ҷисми гузаранда ва оризи аст ва дарду роҳати нафсони, чун нафс боқи аст ва ҷавҳари ва безавол. Ва низ мардумро чун ба ҷасад сӯхтан афтад ба оташи табии, ҳамчунин нафсро низ сӯхтан уфтад ба ғаму ҳасрат. Ва гар касеро ба ҷасад андар оташи табии афкананд, гӯяд: «Маро дар оташ афканди ва бисӯхти». Ва агар сухане гӯяндаш, ки ӯро аз он ғами сахт ояд, гӯяд: «Маро бар оташ ниҳоди ва бисӯхти, бад-ин сухан, ки гуфти, ё бад-ин кор, ки карди». Пас оташ андешаи боқи аст, чунон ки нафс боқист, ки ҳаргиз намирад. Ва гувоҳ аст бар ин қавли Худойи таъоло, ки гуфт, қавлуҳу:

**كَلاَّ لَيُنْبَذَنَّ فِي الْحُطَمَةِ وَمَا أَدْرَاكَ مَا الْحُطَمَةُ نَارُ اللَّهِ الْمُوقَدَةُ الَّتِي تَطَّلِعُ عَلَى الأَفْئِدَةِ**

*Гуфт: «Андар афкандаш ба дӯзах ва таваҷҷӯҳ дони, эй Муҳаммад, ки дӯзах чист? Оташи Худой аст афрӯхта он ки ӯ бар диле ҷокӯл шавад» (104-4,7).*

Таъвилаш он аст, ки оташ, ки бар дил ҷокӯл аст, мар дилро бисӯзад. Ва оташ, ки мар дилро бисӯзад, ҷуз андеша ва ҳасрат нест. Ва дил бад-ин ҷой мар нафси оқиларо хоҳад, ки ӯ аз нафсҳои рӯянда ва хӯранда ва гӯянда ҳам бад-он манзалат аст, ки дили мардум аз тани мардум аст. Ва нафси оқила солор ва посбони ин нафсҳост, ҳамчунон ки дил посбон ва солори тан аст. Ва Худойи таъоло ҳамегӯяд бар дурустии он, ки мар нафси оқиларо ҳамехоҳад, қавлуҳу:

**نَزَلَ بِهِ الرُّوحُ الأَمِينُ عَلَى قَلْبِكَ لِتَكُونَ مِنْ الْمُنْذِرِينَ بِلِسَانٍ عَرَبِيٍّ مُبِينٍ**

*Гуфт: «Фурӯ фиристодем Ҷабраилро ба Қуръон бар дили ту, эй Муҳаммад, то ту аз тарсонандагон боши ба забони тозии пайдо» (26-193, 195).*

Ва қалб-дил бошад ва ба дил на он порагӯшт ҳамехоҳад, балки мар он нафси оқиларо ҳамехоҳад, ки ба маркази дил пайвастааст. Ва андар сухани араб чунин бисёр аст, ки мар чизеро ба сабаби ҳамсоягии ӯ бо чизе дигар ба номи он ҳамсояаш боз хонанд, чунон ки мар уштурро «ровия» хонанд. Ва боз мар он муродаро, ки об андар ӯ кунанд бар пушти уштур, низ «ровия» хонанд, ба сабаби он ки бар пушти он шутур бошад, ки номи ӯ «ровия» аст.

Пас, ҳар нафсе, ки аз бадкирдории хеш аз ин олам ёбем ва пушаймони берун шавад, он дарду пушаймони ва бадкирдори ҷовидон бо ӯ бимонад ва он уқубати ӯ бошад. Ва ҳар нафсе, ки аз некӯкирдории хеш бо хуррами ва шоди аз ин олам берун шавад, он хуррами ва роҳат бо ӯ ҷовидон бимонад ва он савоби ӯ бошад. Пас, гӯем, ки расулони Худойи таъоло бад-он чи гуфтанд: «Оташи дӯзах ҳаргиз намирад», оташи рӯҳонии ақлиро хостанд, ки мардум ба даст боз доштан аз илму амал андар ин ҷаҳон, паси марги ҷисмони андар он уфтад ва ҷовид муаззаб бимонад, аз баҳри он ки нафси ӯ мар олами ақлро мухолиф бошад ба нодонии хеш. Ва мухолифи заиф аз мухолифи қави ба азоб расад ночора. Ва ба наъиму и биҳишти ҷовиди, ки ҳаргиз фано напазирад, лаззоти ақлониро хостанд, ки мардум бад-он расад, чун андар ин ҷаҳон ба илму амал бикӯшад ва мар шинохти маъодро ва нафси хешро ба хайру салоҳ бипарварад, то чун бад-он олам расад, нафси ӯро бо олами ақлони мувофиқат бошад. Ва мувофиқи заиф аз мувофиқи қави ба роҳати азим расад. Бар мисоли кӯзаи об, ки андар дарёи бузург рези ва аз он об андак биёри, он об бисёр қави гардад ва ҳамон кор кардан гирад, ки он дарёи бузург мекард. Валекин мардум илм аз он роҳ тавонад пазируфтан, ки одати ӯ бар он буда бошад. Ва чун мардум ҷасадони ва табии ба феъл омада ва ақлони ва нафсони бувад андар ҳадди қувват, пайғамбарон, алайҳимуссалом, донистанд, ки

эшон илми он оламро, ки бартар аз табиат аст, натавонанд андарёфтан, магар аз роҳнамун кардан мар эшонро бад-он чи зери табиат андар аст, то андак-андак ба донистани он ва далел гирифтан аз он бар чизе, ки бартар аз он аст, ба илми олами рӯҳонии ақлони расанд.

Пас, ҳар яке аз расулон мар халқро аз он роҳ сухан гуфтанд, ки мардуми он рӯзгори ӯ даст дар он доштанд, то бар эшон пазируфтани он осонтар бувад. Ва гувоҳи диҳад бар дурустии ин даъво қавли Худой таъоло, ки ҳамегӯяд, қавлуҳу:

وَمَا أَرْسَلْنَا مِنْ رَسُولٍ إِلاَّ بِلِسَانِ قَوْمِهِ لِيُبَيِّنَ لَهُمْ

*Гуфт: «Ва нафиристодем ҳеч расуле, магар ба забони он қавми ӯ» (14-4).*

Ва таъвили забон бад-ин ҷой илм аст аз баҳри он ки гузаргоҳи илм бар забон аст ва ин номи илм бар забон ҳам бад-он сабаб ҳамсоягирост, ки аз пеш ёд кардем. Ва фиристодани расул сӯи халқ, то аз он илм, ки халқ андар он бошанд, эшонро сухан гӯяд, ҳикмат он бувад, то илми эшон андар илми расул заиф шавад ва оҷизии халқ пайдо ояд. Ва нагӯянд, ки ӯ он илм ҳамегӯяд, ки моро андар он даст нест ва ҳарис шаванд ба омӯхтани он илм, ки надонанд, чунин ки андар ин давр халқ ҳарис шудааст бар омӯхтани фасоҳат, ки мӯъҷизи расули Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи бувад. Ва Ӯ мар фасеҳони арабро бад-он оҷиз кард, то чун ба зоҳири он рағбат кунанд ва биёмӯзанд ва ба ботини он андар расанд ба далолати роҳнамоёни ҳақ аз фарзандони Расул, алайҳиссалом боз намуда шуд бурҳонҳои ақли, ки хости Офаридгори олам андар офариниши олам ҳама хайр аст ва ҳар ки бадкирдор аст, мухолифи Худой аст.

**Сафи даҳум**

## СУХАН АНДАР АҚЛИ КУЛ, КИ ӮРО ҶУЗ БА СӮИ ЗОТИ ХУД НИГАРИСТАН НЕСТ

Гӯем, мар бародарони хешро, ки бар ин хон нишинанд, ки Ақли кул нахуст падидовардаи Бори аст. Ва тамом аст ба феълу қувват, чунон ки шарҳи он андар китоби «Кушоиш ва раҳоиш» гуфтаем. Ва далел бар он ки ақл нахуст падид овардааст, он аст, ки ҳар чизе, ки он андар падид овардан пештар будааст, ба зот ҷокӯл аст бар он чи сипастар падид омадааст. Чунон ки иллат бар маълул ҷокӯл аст ва ҷинс бар навъ ҷокӯл аст, бар мисоли ҳайвон, ки ба зот ҷокӯл аст бар чорпой ва парандаю чаранда ва мардум аз баҳри он ки ба баргирифтани ҳайвон ин ҳама анвоъ баргирифта шавад. Ҳамчунин низ ба баргирифтани ақл ба ваҳм, ки донанда аст, ҳамаи донишҳо баргирифта шавад.

Пас, ҷокӯл будани ақл бар ҳамаи чизҳо ҳаме далел кунад, ки ӯ пештар аз ҳамаи чизҳо ҳаст шудааст. Ва чун дуруст шуд, ки нахустин ҳасти бувад ва доно бувад, пас, дуруст шуд, ки донистаи ӯ ҷуз зоти ӯ набувад. Ва чун зоти ӯ нахустҳасти бувад ва тамом бувад, далел бошад, ки ҳамаи маҳсусоту маъқулот ба ҷумлаги андар зоти ӯ бувад ва донистани ӯ бувад, ки агар касе гӯяд, ки ҳеч чиз ҳаст, ки нобудааст, ё хоҳад будан, ки андар зоти ақл тухм накишта бувад нахуст, ки ӯ ба ибдоъи Бори на аз чизе падид омад, гуфта бошад, ки ақл на тамом бувад ва нуқс ба ибдоъи Бори, субҳонаҳу бозбаста бошад ва дур аст ибдоъи Бори, субҳонаҳу аз нуқсу аҷз. Ва чизи нотамом нагузида бошад андар он ки тамом бошад, то бад-он қувват, ки андар он тамом бошад, он нотамом тамом шавад. Ва нигаристани Ақли кул ба зоти хеш ҷавҳари бувад, на такаллуфи, аз баҳри он ки ҷавҳари ақл нигаристану донистан аст. Ва чун худ ҷуз ақл чиз набувад ва ҷавҳари ӯ донистан бувад, донандаи хеш бувад ва ҳар чиз, ки ӯ донанда бошад, аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл берун ояд. Бар мисоли шогирд, ки аз нигаристан андар устоди хеш ба фоида пазируфтан аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл берун ояд. Ва чун ҳукми донанда мар чизеро ва нигаранда андар чизе он бувад, ки аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл берун

ояд ва Ақли кул худ тамом бувад ба қувват ва феъл, чун зоти ӯ мар ӯро дониста шуд ва ӯ ҷавҳари боқии нурони бувад, аз ӯ бархост ҷавҳаре, ки андар ҳадди қувват бувад ва беруноянда бувад, ки аз феъл ҳаме бад-он ҳукме, ки ёд кардем, ки аз донистану нигаристани чиз аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл ояд. Ва чун ҳама андак ва бисёр аз рӯҳони ва ҷисмони, ки ҳаст ва мебошад, тухми он андар Ақли кул бувад, воҷиб набояд, ки Ақли кул ҷуз ба зоти худ бинигарад. Бар мисоли касе, ки сухан андар маъни бидонад ва боз ҳам мар он суханро бинависад, ҳаргиз ҳоҷатманд нашавад, ки он суханро аз набиштаи хеш бархонад.

Пас, агар касе гӯяд, ки Ақли кул ҳоҷатманд аст ба нигаристан сӯи он чи олами рӯҳонию ҷисмони аст аз рӯҳониёну ҷисмониён, чунон гуфта бошад, ки мар нависандаро, ки бар навиштан сахт ҷокӯл гашта бошад, ҳоҷат аст ба нигаристан андар ҳуруфи абҷад, то бидонад, ки ҳар ҳарферо шакл чист ва ҳукми ҳар яке аз ҳуруф андар пайвастану гусастан чист. Пас, агар ин муҳол бошад, ин қавл аз ин муҳолтар аст.

## Сафи ёздаҳум
## СУХАН АНДАР МУЗДУ БАЗАҲ

Муздро ба този «аҷр» хонанд ва базаҳро ба този «исм»[18] хонанд. Ва номи музд ва базаҳ он аст андар миёни халқ, ки чун касе коре бикунад, ӯро мукофоти он бидиҳанд ва он мукофотро «музд» хонанд. Валекин номи базаҳ ҷуз андар дин раванда нест ва ба ҳақиқат музд мукофоти коре бошад, ки аз ӯ шарру фасод падид ояд. Ва музд низ он бошад андар ин ҷаҳон, ки аз ӯ бад-он ҷаҳон ҳосилкунандаи онро савоб ба ҳосил ояд. Ва базаҳ он бошад, ки мар Худованд ӯро ба оқибати уқубат воҷиб ояд. Ва базаҳро низ «визр» хонанд ба този. Ва хабар аст аз Расули мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, ки фармуд:

**من سن سنة حسنة فله أجرها و أجر من عمل بها الى يوم القيامة من غير أن ينقص من أجرهم شيئ و من سن سنة سيئة فله وزرها و وزر من عمل بها الى يوم القيامة من غير أن ينقص من وزرهم شيئ.**

*Гуфт: «Ҳар ки суннати некӯ биниҳад, ӯро бошад музди он ва музди он ки бад-он суннат кор кунад, то рӯзи қиёмат бе он ки аз музди он касҳо чизе кам шавад. Ва ҳар ки суннати бад биниҳад, ӯро бошад базаҳи он ва базаҳи ҳар ки бад-он суннат кор кунад, то рӯзи қиёмат бе он ки аз базаҳи он касҳо чизе кам шавад».*

Ва худованди салоҳро аз он музд воҷиб шуд, ки андар салоҳ хайр аст ва ростию ободони ва ба будиш, ки хости Офаридгори олам он аст. Ва худованди фасодро базаҳ аз он бошад, ки андар фасод шар(р) аст ва хилофу пароканда шудан ва нарасти ва ин ҳама хилофи хости Офаридгор аст. Ва сазовор аст ҷӯяндаи хайру салоҳ ва мувофиқи муроди Офаридгори олам ба ҳар неки. Ва сазовор аст талабкунандаи шарру фасод ва мухолифи муроди Офаридгори олам ба ҳар уқубате. Ва некӯкору бадкирдор аз ҳар касе бад-он чи кунад ҷазои хеш биёбанд, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

**إِنْ أَحْسَنتُمْ أَحْسَنتُمْ لأَنفُسِكُمْ وَإِنْ أَسَأْتُمْ فَلَهَا**

*Гуфт: «Агар некӯи кунед, некӯи мар хештанро кунед ва гар бад кунед, мар нафсҳои шуморост» (17-7).*

[18] Исм бо ҳарфи с-и мусалласи арабӣ ба маънои гуноҳ

### Сафи дувоздаҳум
## СУХАН АНДАР ОН КИ МАР ҲАСТҲОРО КАРОНА АСТ

Ҳаст ҳама бар ду гуна аст: ё латиф аст ё касиф. Ва мар ҳар дуро карона аст, аз баҳри он ки ба нахуст қисмати латиф бар каронаи касиф аст ва касиф бар каронаи латиф аст ба ҳукми мухолифат, ки андар миёни эшон аст, чи ҳар чизе бар ниҳояти мухолифи хеш тавонад истодан. Ва бад-ин ниҳоят, ки ҳамегӯем, на мар ҷойгоҳи макониро ҳамехоҳем, балки мар ҳадди он чизро ҳамехоҳем, ки мар ӯро мухолиф аст. Чунон ки гарми мухолифи сарди аст ва чора нест, ки гарми аз сарди ҷудо аст. Чи агар аз ӯ ҷудо набуди, мухолифи сарди набуди. Ва чун гарми сардиро мухолиф аст ва аз ӯ ҷудо аст, ба зарурат охири ҳадди гарми ба аввали сарди бошад. Ҳамчунон ки ҳамеша охири канори равшаноии Офтоб ба аввали канораи соя бошад.

Пас, бибояд донистан, ки латофат бар канораи касофат аст ва ба касофат маҳдуд аст. Ва дигар далел бад-он ки ҳастҳо бе карона нест, он аст, ки аз ҷумлаи ҳастиҳо яке ин олами касиф аст ва инро ниҳоят аст. Ва далел бар он ки оламро ниҳоят аст, он аст, ки ҷузъҳояшро ниҳоят аст ва ҳар чи мар ҷузъҳои ӯро ниҳоят бошад, мар кулли ӯро ниҳоят бошад. Ва замин аз ҷузъҳои ин олам аст ва ӯро ниҳоят аст. Ин рӯи ӯ, ки мо ҳамебинем, ки ба ҳаво пайвастааст, ниҳояти ӯст ва ҳар чизе, ки ба рӯе аз рӯйҳои хеш мутаноҳи бошад, ба ҳамаи рӯйҳо мутаноҳи бошад.[xvii] Ва чун дуруст кардем, ки ин олам аз ҷумлаи ҳастҳо аст ва мутаноҳи аст, лозим ояд, ки ҳастҳо мутаноҳи бошад, аз баҳри он ки ин олам ҷузъе бошад аз кулли ҳастҳо ва чун ҷузъҳоро ниҳоят пайдо шуд, мар куллро ниҳоят пайдо шуд. Ва низ гӯем, ки ҳар чизе, ки мар ӯро ҷузъ бошад, ӯ мутаноҳи бошад, аз баҳри он ки ҷузъ кам аз кул бошад ва мар ӯро ба рӯи камтари мухолиф бошад. Ва ҳар касе, ки гӯяд, ки «кулли олам номутаноҳи аст», ба зарурат гуфта бошад, ки ҷузъаш мутаноҳи аст, аз баҳри он ки сифати ҷузъ мухолифи сифати кул бошад андар он маъни, ки кул номи «кулли» бад-он ёфтааст ва он маъни аз рӯи ками ва нести аст. Ва чун гуфт ба зарурат, ки «ҷузъҳои олам мутаноҳи аст», иқрор кард, ки олам мутаноҳи аст, аз баҳри он ки аз мутаноҳи номутаноҳи наёяд, ки эшон ҳар ду мар якдигарро мухолифанд. Ва ҳар ки гӯяд: «Аз мутаноҳи номутаноҳи ояд», гуфта бошад, ки «аз гарм сард ояд ва аз сиёҳ сапед ояд». Ва хирадмандон бо ӯ сухан нагӯянд, чун маҳсусро мункир шавад ва андар мубдаъот ва ҳастии он гӯем, ки агар мубдаъот, ки латиф аст, карона набуди, офарида набуди. Ва мо донем, ки мубдаъ ба ибдоъ офарида шуд. Ва ҳар чи ҳаст шуд на аз ҳаст, мар ӯро ниҳоят аст аз баҳри он ки агар бе ниҳоят буди, мар ӯро карона набуди. Ва ҳаст шудани ӯ на аз ҳасти каронаи ӯ бувад ва он ибдоъ аст, ки ба ибдоъи карона мабдаъ бошад. Аммо мар ибдоъро ҳасти нест ва дур аст аз ҳасти ва чизи. Ва ҳар чи андар ақли аввал пайдо бошад аз ибдоъ мар ӯро ниҳоят нест, аз баҳри он ки ваҳмро сӯи пайдо шудани ӯ роҳ нест, ки ӯ иллати ҳамаи иллатҳо аст. Ва гар мар ӯро иллате лозим омади, сухан андар ин маъни ба канора нарасиди. Ва ҳар иллатеро низ иллати пеш аз ӯ набоисти. Ва гар аввали иллатҳо иллате набуди, ки пеш аз ӯ иллат набуди, маълул пайдо наёмади.

Ва чун оламро маълул ёфтем, донистем, ки мар иллатҳоро ниҳоят аст ва мар он ниҳояти иллатҳоро «ибдоъ» гуфтем. Ва бурҳон бар дурустии ин қавл он аст, ки мурғе рони ва ӯро ҳаст дони ва ниҳояти ӯ бишиноси, чи аз канораҳои ҷисми ӯ ва чи аз ҳадди мурғии ӯ, ки бад-он аз сутуру чаранда ва ҷуз он ҷудо аст. Ва чун он мурғ аз ту ғоиб шавад, пайдо шавад туро ин нестии ту ва мар он нестии туро ниҳояте ёби, чунон ки мар ҳасташро ниҳоят ёфта буди, азерок лозим шуд нестии он мурғ ва он ниҳоят бувад мар ҳастии ӯро ва чун мар як ҳасти ҳастиро карона

ёфтем ва мар он нестиро карона набувад, далел аст, ки нобуда шавад ҳама ҳастиҳо ва он каронаи ҳама ҳастиҳо бошад.

Пас, дуруст шуд, ки мар ҳама ҳастиҳоро карона аст ва нестро карона нест. Ва низ аз ҳукми ақл лозим ояд, ки мар ҳама ҳастиҳоро ниҳоят бошад, аз баҳри он ки ҳаст он аст, ки бидонандаш. Ва чизе, ки бидонанд, ба рӯйе аз рӯйҳо донандаш ва дониши донанда ба рӯйе аз рӯйҳо андар он расад. Ва он ҳаст ночора аз он рӯй, ки дониши донанда бад-ӯ расад, мутаноҳи бошад ва ҳар ки гӯяд: «Мар ҳастро ниҳоят нест», муҳол гуфта бошад, аз баҳри он ки бениҳоят ношинохта бошад ба зоти хеш ва ҷуз аз зоти хеш. Ва нашояд, ки чизе бошад, ки ӯ ношинохта бошад ҳам андар зоти хеш ва ҳам наздики шиносандаи дигар. Ва ақл, ки аввали мубдаъот аст, шинохтаи ҷавҳари хеш аст, зоти поки ӯ ва гирд гирифтааст шинохтаи ӯ мар ҷавҳари ӯро, то ин номро мустаҳақ(қ) шудааст. Пас, дуруст шуд, ки ҳар чи ҳаст аст, мар ӯро ниҳоят аст ва нестро ниҳоят нест, аз баҳри он ки нестро ба ҳеч рӯй натавон шинохтан.

## Сафи сездаҳум
## СУХАН АНДАР ЧИГУНАГИИ ПАЙДО ШУДАНИ МАРДУМ

Хилоф нест миёни доноён, ки қувватҳои олам гусиланда ва баранда нест ва шаванда на, бубинад, ки чизе ошкоро шавад андар олам, магар ки ҳамчуноне пайдо шуда бошад, ё пайдо шавад андар замони дигар, аз баҳри он ки мумкин нест заиф шудан ва асири шудани қувватҳои табиии, то ба асири шудани он низ пайдо наёяд он чиз, ки як бор пайдо омад. Пас, раво нест мар нафси ҷузъиро ба андар ёфтани оғози падид омадани мардум ҷуз бар ин ҳол, ки ҳаме пайдо шавад. Ва чун имрӯз ҳамеёбем қувватҳои табоеъ ва афлоку анҷумро ба зоиши мардум пайваста донем, ки пайдо омадани мардум ба ибтидои пайдо омадани олам ба як дафъа будааст. Ва хирадманд чун донад, ки пайдо омадани олам ба табоеъ ва афлок ва анҷум ба як бор бувад, аҷиб наоядаш аз он, ки ҷонварон, ки аҷзои ин оламанд, бо ин олам низ ба ҳам падид омаданд. Ва бар оқил он воҷиб аст, ки талаб накунад, он чи андарёфтани он мумкин нест мар ақли ҷузъиро. Ва он феъли куллиёти нафсу ақл аст ва набояд талаб кардан оғозҳоро, то пайдо шавад ва мар хирадмандро шарафи Ақли кул, ки муҳит аст ба мардум ва оҷиз аст мардум аз андар расидан ба қувват ва қудрати кулли хеш.

Ва Эзиди таъоло андар офариниши мардум пайдо кардааст нишони он, ки мар ӯро роҳ нест сӯи андарёфтани ибтидои хеш ва он он аст, ки мардум натавонад донистан мар ҳаракоти нафсро андар феълҳои ӯ, ки аз чист. Ва чун бар ибтидои ҳаракоти нафс муҳит шудан сазовор нест, бар ибтидои будиши ӯ носазовортар аст муҳит шудан. Ва гар касе гӯяд, ки ин мардуми бисёр аз як ҷуфт мардум падид омадаст ва бар он ҳуҷҷат орад бар он ки гӯяд: «Мумкин аст, ки аз як ҷуфт мардум фарзандон пайваста шаванд ва зиндагонии эшон дароз шавад ва наслҳои дигари мардумон бурида шавад, то ҳама бимиранд, чунон ки ҷуз фарзандони он як ҷуфт мардум андар олам мардум намонад. Ва аз ин рӯй дуруст шавад, ки ин ҳама мардум аз як ҷуфт мардум зодаст».

Муораза *бо ӯ он аст, ки гӯи - сабил андар чизҳои табии бар тафовут аст ва мумкин аст, ки ҳамаи мардумон аз як ҷуфт мардум бошанд, ҳамчунон ки бисёре аз яке падид ояд. Аммо навъе, ки ӯро шахсе набошад, мумкин нест ва навъро ҳамто нест. Ва на мар ҷинсро андар ягонаги, аз баҳри он ки шахс ба адад бештар аз навъ бошад ва навъ ба адад камтар аз шахс бошад.*

Пас, агар касе, ки навъи мардум бишавад, то ба яке шахс боз ояд, ки ӯро ҳамтое набошад, рост карда бошад мар навъро бо шахс, аз баҳри он ки навъ яке бошад ва шахс яке гӯяд. Ва чун чунин бошад, навъ ботил бошад, азерок шахс ба ҷой навъ истодааст ва ҳарчанд, ки шахс бисёр аст, навъ лозим аст мар варо ва гар як шахс иллати навъи хеш бошад, раво набошад аз баҳри он ки навъ беш аз шахс аст, чунон ки ҷинс беш аз навъ аст. Пас, дуруст шуд, ки навъро бар шахс беши ҳаст ва чун навъ беш аз шахс бошад, андар навъ шахсҳои бисёр ҳамеша ёбад ва раво набошад, ки як шахс беш набошад. Ва сухани бехалал он аст, ки падид омадани олам бо он чи андар ӯст ва буд ва бошад, ба як дафъа бувад, ки ҳеч чиз бар дигаре беши надошт, аммо андар ҳадди қувват бувад чизҳо ва ба феъл ҳаме берун ояд. Ва будани мардум ба як дафъа на саъбтар аз будани олам аст бо ин шакли азим ба як дафъа, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

**لَخَلْقُ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ أَكْبَرُ مِنْ خَلْقِ النَّاسِ وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لا يَعْلَمُونَ**

*Ҳамегӯяд: «Офаридани осмонҳо ва замин бузургтар аст аз офаридани мардумон, валекин бештар аз мардумон надонанд» (40-57).*

## Сафи чаҳордаҳум
## СУХАН АНДАР ОЛАМИ АҚЛОНИ

Чун хирадманд андар олами табии нигоҳ кунад ва мар ӯро монанди табоеъ намояд ва табоеъро монанди олам намояд ва аз шоҳид бар ғоиб далел донад гирифтан, бидонад, ки олами ақлу нафс монанда бошад ба ақлу нафс ва ақлу нафс монанда бошад ба олами хеш ва мо мар ақлу нафси ҷузъиро чунон ҳамеёбем, ки натавонем гуфтан, ки андар олами табииsurvey, бар мисоли чизе ҷойгир ё аз олам берунанд бар мисоли чизе дигар муҳит. Пас, ҳамчунин гӯем, ки Ақлу Нафси кулли андар олами табиатанд, бар мисоли чизи мутамаккин андар ӯ ва ё аз ин олам берунанд, бар мисоли ҷирми муҳит бар ҷирми дигар. Бал гӯем, ки Нафсу Ақли кулли андар ин оламанд, ба маънии «берун», аз баҳри он ки ҷойгир нестанд ва афъолу осори эшон андар ӯст. Ва берунанд аз ин олам ба маънии он ки андар ин оламанд, яъне ки тақдиру тадбири эшон андар ин олам аст. Ё чунонанд, ки андарунанд ва ба зот андар ин олам ноёфтаанд, ё чунонанд, ки аз берунанд ва ба ҳақиқат нафсу ақл аз ин олам берунанд ба шарафу ҷавҳари хеш, аз баҳри он ки ин олами касифи торик мар латифи нурониро ба кор наёяд.

Ва далел бар дурустии ин даъво он аст, ки ҳар чизе, ки андар нафси мардум бошад, нафси мардум аз андаруни он чиз бошад, ки илм андар нафси ӯст ба вақти сурат кардан мар онро. Ва чун аз он сурат пардохта шавад, чунон бошад, ки гӯи - он сурат аз нафс берун аст. Пас, ҳамчунин аст ҳоли Нафсу Ақли кулли бо олам, ки пиндори, ки андар олами табиатанд, чун бини, ки суратҳое бар ҳикмат андар олам падид ҳамеояд. Ва боз пиндори, ки беруни ӯянд, чун бини, ки аз он суратҳо ҳаме пардозанд ва ҳар ки пиндорад, ки беруни ин фалак чизе ҳаст, ки ӯро масофат аст, аъни дурию наздики, ғалат пиндорад, аз баҳри он ки масофат аз андаруни фалак аст ва ҳар чиз, ки ӯро андарун бошад, ночора мар ӯро берун бошад. Ва чун ҳамебинем, ки ин оламро андарун аст, далел ҳамекунад, ки ӯро берун аст. Ва берун чизи хилофи андарун бошад. Ва чун андарунашро масофат аст, далел мекунад, ки беруни ӯро масофат нест ба ҳукми хилоф, ки миёни андаруну берун аст ва миёни масофату на масофат. Пас, агар касе гӯяд: «Аз беруни ин олам масофат аст», қавли хешро нақиза карда бошад ва гуфта бошад, ки «беруни ин олам ҳам андаруни ин олам аст». Ва то масофат нафӣ накунад, беруни ӯ исбот накарда бошад ва аз фазилату шарафи ҷавҳари рӯҳони он аст, ки чизҳои рӯҳониро аз ҳоли хеш нагардонад бад-он маъни, ки андар ҷавҳари рӯҳони фасодро роҳ нест. Ва он ҷавҳар, ки аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл ояд, олами рӯҳони мар онро нигоҳ

дорад ва аз ҳоли феъл боз ҳоли қувват набарадаш, аз баҳри он ки андар ҷавҳари рӯҳони аздоду мухолифат нест ва чизҳои табии фасод пазирад. Ва гавҳарҳои табии мар чизҳоеро, ки аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл оварда бошад, ба ҳадди қувват боз барадаш ва бар як ҳол натавонадаш нигоҳ доштан, аз баҳри он ки андар табоеъ душманону мухолифонанд. Ва ҳама андар як маконанд ва мар якдигарро аз маконҳо берун кунад, то ҳолҳои эшон гарданда ҳамебошад. Ва ҷавоҳири рӯҳониро ба макон ҳоҷат нест.

Ва бад-ин бурҳони ақли ва сухани Мустафо дуруст шуд, ки олами табиат ба ҷузъиёту куллиёти хеш андаруни олами ақлу нафс аст бад-он маъни, ки ин табииётро макону замон аст ва аз ҳоли хеш гарданда аст. Ва он латоифро ба макону замон ҳоҷат нест. Лоҷарам, аз ҳоли хеш гарданда нест ва он чи мар ӯро макон набошад, андар ин олам набошад ба ҳукми ақл. Ва далел бар он ки олами ҷисмони андар олами ақл аст на ба рӯи макон, бал ба рӯи иҳотати илми он аст, ки Ақли куллро Мубдиъи ҳақ тамом офарид ва ҳеч чизро аз ӯ берун нагузошт. Ва гар чизе аз Ақл берун буди, имрӯз ақл мар онро нашинохти ва ақл ноқис буди, агар бар ӯ чизе пӯшида буди.

Пас, чун ҳеч чиз бар ақл пӯшида нест, далел аст, ки ҳама чизҳо ба як дафъа андар ҷавҳари ақл падид овардааст Мубдеъи ҳақ ва ҳеч чиз аз ӯ берун набудааст. Ва чун олами табиат аз ҷумлаи чизҳост, натиҷаи ин муқаддима он бошад, ки олами табиату олами нафс андар олами ақл аст. Ва бибояд донистан, ки мар олами табиатро наздики олами рӯҳони миқдоре нест. Далел бар дурустии ин даъво он аст, ки чун миёни нафс аз нафсҳои ҷузъи ва миёни Нафси кулли фоида пайваста шавад, он нафси ҷузъи мар кулли хештанро ҷустан гирад. Ва маълумоти ақлиро аз кулли хеш талаб кунад ва он чи аз Нафси кулли ба нафси ҷузъи расад, аз фавоиди он олам андаке бошад. Ва бад-он андак мояи фавоид, ки аз он олам биёбад, мар ин оламро фаромӯш кунад ва гувоҳи диҳад бар дурустии ин қавл даст боздоштани пайғомбарон, алайҳимуссалом, ва ҳукамо аз лаззоту шаҳавоти ин олам ва карона гирифтани эшон аз талаб кардани ин олам. Ва гар ин оламро наздики он олам миқдоре буди, нафси ҷузъи бад-он андак мояи маърифат, ки аз он олам ҳамеёбад, мар ин оламро фаромӯш накарди. Ва чун дуруст шуд, ки ин оламро наздики шиносанда баъзе аз он олам миқдоре нест, дуруст шуд, ки ҷумлагии ин олам наздики ҷумлагии он олам сахт бехатар аст. Ва аз хосияти олами ақли он аст, ки ҳама масофатҳо андар ӯ гунҷида аст ва ӯ худ нуқтае аст ваҳми.

Пас, аз бузурги пинҳон аст аз рӯи шарафу илм ва аз хурди пинҳон нест аз рӯи ҷисми. Ва олами ақли пойдор аст ва олами ҷисмони нопойдор аст. Ва ҳар чи бад-он олам расид, бар ҳоли хеш бимонд. Бибояд кӯшидан, то нафси ту, эй бародар, чунон шавад андар ин олам, ки агар бар он ҳол бимони, туро раво бошад. Ва ин набошад, магар он вақт, ки тамом шави, аз баҳри он ки нотамом ранҷа бошад ҳам бад-ин сарой ва ҳам бад-он сарой.

## Сафи понздаҳум
## СУХАН АНДАР ЧАРОИИ ПАЙВАСТАНИ ФОИДАИ КУЛЛИ БА МАРДУМ БЕРУН АЗ ДИГАР ҲАЙВОН

Гӯем, ки фоидаи нафс ба мардум аз он пайваста шуд, ки ҷавҳари нафс бар ҳадди эътидол бувад. Ва маънияш он ҳамехоҳем, ки ӯ ғояти латоиф набувад, чунон ки ақлест, ки аз ӯ бартар ҳасти нест ва низ ба ниҳояти латофат набувад, чунон ки ҳаюло аст, ки аз ӯ фурӯтар латифе нест, балки аз ғояти латоиф фурӯтар бувад ва аз ниҳояти он бартар бувад. Ва мардум андар олами ҷисмони офариниш

бар ҳадди эътидол ёфт ва падид омадани анвои ҳайвонот мар табоеъро покизаги уфтода буд, то мардум аз он табоеъ покиза шуда, муътадил гашта, офариниш ёфт. Ва далел бар дурустии ин даъво он аст, ки он чи аз ҷонварон бар ӯ табъи хок ғолиб буд, хок мар ӯро сӯи хеш кашид, то ҷуз ба чаҳор пой ҳаме натавонад истодан, чун сутурон ва дадгон. Ва баъзеро табиати хоки чунон қаҳр кард, ки худ пой наёфт, то аз хок тавонисти ҷудо шудан, чун кирмону морон ва ҷуз он. Ва баъзеро табиати оташу ҳавой ғолиб омад, то ба ҳаво барпариданд. Ва шарҳи ин ҳол дар китоби «Далел-ул-мутаҳаййирин» гуфтаем пеш аз ин. Ва мардум, ки бар ҳадди эътидол омад, на хок мар ӯро ба сӯи хеш кашид, то бипариди, балки бар қомати алифи биистод. Ба рӯҳие чун хазандагон ва ба рӯҳие[19] чун парандагон ба ду пой давон. Ва чун миёни мардуму миёни Нафси кулли бар ҳадди эътидол нисбат уфтод, бо ӯ ҳамгавҳар гашт ва ба ҳамгавҳари Нафси кулли мар нафси мардумро дӯст гирифт (ва) ӯро ба қуввати амри Бори сӯи хеш хонд ва аз ҷавҳари хеш мар ӯро нафақот дод ба илм то ҳамчун ӯ боқи ва доною нурони ва фоидапазир гашт.

## Сафи шонздаҳум
## СУХАН АНДАР ЧАРОИИ ЛОЗИМ КАРДАНИ ПАЁМБАРОН БАР ХАЛҚ, ИҚРОР БА ТАВҲИДИ БОРИ

Пеш аз ин гуфтем, ки нахуст ҳуҷҷат аз Офаридгор бар мардум ақл аст, ки Эзид андар офариниши ӯ ниҳодааст ва онро «ақли ғаризи» хонанд. Ва он ақлест андар ҳадди қувват ва чизе, ки андар ҳадди қувват бошад, мар ӯро ба ҳадди феъл натавонад овардан, магар чизе, ки ҳам аз ӯ бошад ва ба ҳадди феъл шуда бошад. Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки ҳамаи шогирдон доноёнанд андар ҳадди қувват, аз баҳри он ки ҳеч доное нест, ки ӯ шогирди дигаре набудааст. Ва мар шогирдро ҷуз доное, ки ба ҳадди феъл доно бошад, доно натавонад кардан.

Ва чун ин муқаддима дониста боши, гӯем, ки мар ақли ғаризиро, ки андар офариниш ба ҳадди қувват аст, ақли ба феъле омада боист, то мар ӯро аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл берун орад. Ва ҳар пайғомбаре андар замони хеш аз ақл ба феъл омада нотиқ шуда бувад, ки ақлҳоро, ки андар замони ӯ ба ҳадди қувват буданд, ба ҳадди феъл берун овард. Ва Эзиди таъоло мардумро чунон офарида бувад андар ин олам, ки ҳукми табоеъ бар ӯ равон бувад андар ҳолҳои ӯ бе муроди ӯ, чун ташнаю гурусна ва меҳнатҳо ва бемориҳое гаронро аз хештан бознатавонад доштан. Ва андар ҳоли бечораги бад-он чи андар он ақли ғаризии ӯ ниҳодааст, иқрор диҳад ва фарёд хоҳад аз падидорандаи хеш ва раҳоиш ҷӯяд аз он чи андар он афтода бошад аз Офаридгори хеш, чунон ки Худойи таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

وَإِذَا مَسَّ الإِنْسَانَ الضُّرُّ دَعَانَا لِجَنْبِهِ أَوْ قَاعِداً أَوْ قَائِماً فَلَمَّا كَشَفْنَا عَنْهُ ضُرَّهُ مَرَّ كَأَنْ لَمْ يَدْعُنَا إِلَى ضُرٍّ مَسَّهُ

*Гуфт: «Чун бипасовад мардумро душвори, бихонад моро бар паҳлӯ, ё нишаста, ё истода» (10-12).*

Пас чу он душвори аз ӯ боз кардем, бигузарад, чунон ки гӯйи: «Ҳаргиз моро нахондасти андар душвори». Ва чун ин ҳоли мардум андар ақли ғаризи бувад, ки аз Офаридгор фарёд хоҳад андар ҳоли зарурат чун ақли ба феъл омада, ки расули дувум бувад аз Кирдгор сӯи мардум биёмад мар ӯро сӯи он иқрор хонд, ки андар ғаризати ӯ бувад ва онро бар ӯ устувор кард, то пеш аз омадани шиддату зарурати он иқрор бикард, то ҳамчунон ки аз ин душвории дунёи бад-он иқрор ҳаме

[19] Дар Куллиёти соли 1991 (Душанбе) «ваҳӣ» ва дар Куллиёти соли 2003 (Душанбе) низ «ваҳӣ» омадааст. Калимаи «рӯҳӣ» ба маънои «мансуб ба рӯй, рӯйе» аст.

раҳоиш ҷӯяд аз душвориҳои охиратии кулли, ки бад-ин иқрор ҳамеша раҳои бошад. Ва ҳар ки Худойи таъоло ба ихлос бихонад, ҳеч душвори набинад.

### Сафи ҳафдахум
## СУХАН АНДАР ОН КИ ҲАР ЧИ ПАЙҒОМБАР ФАРМУД ВА ХУД БИКАРД, БА АҚЛ НЕКӮСТ ВА ҲАР ЧИ АЗ ОН МАР ХАЛҚРО БОЗДОШТ ВА ХУД НАКАРД, СӮИ АҚЛ ЗИШТ АСТ

Гӯем, нафси шаҳвони бадфармой аст ва мардумро чизҳое фармояд, ки фоидаи он ҳама мар ҷасадро бошад ва аз писанди ақл дур бошад, чун зиною ливотат ва хостаи мардумон ситадан ва мардум куштан ба ноҳақ ва ҷафо намудан мар касеро, ки сазовори ҷафо набошад ва фароизи Худой ва суннати расули Ӯ бигузоштан. Ва андар ин ҳама феълҳои бад хуши мар нафси шаҳвонирост ва Худойи таъоло ҳамегӯяд аз қавли Юсуф, алайҳиссалом: Қавлуҳу:

إِنَّ النَّفْسَ لأَمَّارَةٌ بِالسُّوءِ إِلاَّ مَا رَحِمَ رَبِّي إِنَّ رَبِّي غَفُورٌ رَّحِيمٌ

*Ҳамегӯяд: «Нафс фармоянда аст ба бади, магар он ки бар ӯ раҳмат кард Парвардигори ман, чи Парвардигори ман пӯшонандаи меҳрубон аст» (12-53).*

Ва бад-ин нафс мар нафси шаҳвониро ҳамехоҳад, аз баҳри он ки андар ин гуноҳон, ки гуфтем, хуши мар нафси шаҳвонирост.

Аммо ба зиною ливотат нафси шаҳвони ду ёбад: яке и ҷимоъ, ки тамоми он мар сутуррост ва дигар и бефармони, ки бефармониро е ҳаст бад-он сабаб, ки бефармонии мардум монанди сутур шавад. Ва нафси баҳими чун бефармон шавад, хуштар бошадаш. Ва аммо ба даст боз доштани парастиши Худой ва суннати расул нафси шаҳвони сӯи ҷасади бефармони ва бесолори кашад ва гурехтан аз кори воҷиб. Ва аммо нафси шаҳвони ба хоста ситадани тавонгари ёбад, ки ҷасади ӯ бад-он осуда шавад.

Ва аммо ба мардум куштани нафси шаҳвони и кина кашидан ёбад ва комкорию бефармони. Ва аммо ба ҷафо намудан нафси шаҳвони ва и кор бастан хӯйи бад ёбад, ки бар ӯ подшоҳ гашта бошад, бо и кина кашидан. Ва ин ҳама корҳо ба наздики ақл зишт аст. Ва нафси оқила он аст, ки илму диёнат ва тавҳиди ӯ тавонад пазируфтан. Ва нафси сухангӯй то илм напазирад, нафси оқила набошад андар ҳадди қувват ва мумкин бошад, ки рӯзе оқила шавад. Ва акнун бознамоем зиштии он корҳо сӯи ақл. Ва гӯем, ки зиштии зино ва ливотат сӯи ақл он аст, ки ҳар чизе, ки мардуми хирадманд зишт дорад, ки касе бо ӯ бикунад, ба ақл чунон лозим ояд, ки ӯ он кор бо дигар кас накунад. Ва ҳеч хирадманд раво надорад, ки касе бо зану фарзанди ӯ зино ва ливотат кунад.

Пас, раво надоштани оқил зинову ливотатро бар зану фарзанди хеш, раво надоштани ақл аст, ин ду кори носитударо. Пас, ба ақл воҷиб омад фармонбардории расули Худой кардан ва даст боздоштан аз зиною ливотат ба ҷисмонию рӯҳони ва расули Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, фармуд:

لا تزنوا فتزنوا نسائكم

*Гуфт: «Зино макунед, ки бо занони хеш зино карда бошед», яъне, ки бо занони шумо зино кунанд.*

Аммо хостаи мардумон ситадан ба ақл зишт аст ва нописандида, аз баҳри он ки хоста подшоҳии мардум аст. Ва ҳеч хирадманд раво надорад, ки ӯро аз подшоҳии ӯ берун кунанд. Ва заволи подшоҳии ҷасадони ба заволи хоста аст ва заволи подшоҳии рӯҳони ба заволи илм аст. Ва бидон, ки носазо манзалати илм аз олим биситонад. Ва подшоҳии тамом ақлрост, ки будиши ду олам аз ӯ аст ва дарвешии тамом мар иблиси малъунрост, ки мухолифи ақл аст. Ва ҳар киро мол аст, мар ӯро

андар ҷисмони пойгоҳи ақл аст. Ва чун аз касе моли ӯ ситаданд, ӯ дарвеш гашт ва ҳоли ӯ баробари ҳоли иблис шуд, аз баҳри он ки пайвастагони иблисро, ки асли дӯзаханд, ба ҳеч рӯй аз рӯйҳо андар оташ комравои нест. Пас, мар тавонгарро дарвеш гардонидан монанда аст бад-он ки мар биҳиштиро дӯзахи гардонидан ва ин ба рӯй ақл announce нописандида аст. Аммо дуздию роҳдори ва бедод кардан ба ақл зишт аст, аз баҳри он ки андар он шудани мулки мардум аст. Ва ҳар ки бедоду дузди раво дорад, чунон бошад, ки раво дошта бошад, ки ақл набошад, азерок ӯ мухолифи ақл бошад ва мухолиф мар мухолифро нест хоҳад. Ва ҳар ки ақлро нест хоҳад, чунон бошад, ки хоҳад, ки халқро аз Худой нафъ набошад. Дигар, ҳар ки дарвешро тавонгар кунад, бад-он чи ӯро мулке диҳад, баробари он бошад, ки мардумеро ба илму ҳикмат ба сурати маъод расонад.

Ва ҳар ки сурати ақл андар як тан дуруст тавонад нигоштан, ҳамчунон бошад, ки ҳама мардумро зинда карда бошад бад-он маъни, ки ҳама мардум чун як мардуманд ва ҳар чи бо як мардум куни, агар бо ҳама тавонисти, ҳамон карди. Ва ҳар ки хостаи касон ситадан ба ноҳақ раво дорад, заволи манзалати имом раво дошта бошад, ки хостадор ба ҳақиқат имом аст. Ва он кас андар дину дунё ба ғазаб кардан бо иблиси лаин баробар бошад ва анбоз. Ва ҳар ки анбози иблис бошад, фасоду ҳалоки ҳама халқ хоста бошад. Чунон ки Худойи таъоло аз он малъун ҳаме ҳикоят кунад, қавлуҳу:

قَالَ رَبِّ بِمَا أَغْوَيْتَنِي لأُزَيِّنَنَّ لَهُمْ فِي الأَرْضِ وَلأُغْوِيَنَّهُمْ أَجْمَعِينَ

*Гуфт: «Эй Худо, бад-он ки маро гумроҳ карди, ба фирефтан биёроям мар умматро андар замин, яъне, ки зиштро наздики эшон некӯ гардонам ва бифиребамашон ба ҷумлаги» (15-39).*

Ин аз баҳри он бувад, ки Худойи таъоло мар некӯкоронро бо як тан «некӯкирдор» хонад бо ҳама халқ ва бадкирдорро бо як тан «бадкирдор» хонад бо ҳама халқ, қавлуҳу:

مِنْ أَجْلِ ذَلِكَ كَتَبْنَا عَلَى بَنِي إِسْرَائِيلَ أَنَّهُ مَنْ قَتَلَ نَفْساً بِغَيْرِ نَفْسٍ أَوْ فَسَادٍ فِي الأَرْضِ فَكَأَنَّمَا قَتَلَ النَّاسَ جَمِيعاً وَمَنْ أَحْيَاهَا فَكَأَنَّمَا أَحْيَا النَّاسَ جَمِيعاً

*Гуфт: «Аз баҳри он набиштем бар писарони Исроил, ки ҳар ки як танро бикушад, бе он ки ӯ касеро кушта бошад, ё андар замин фасоде карда бошад, чунон бошад, ки ҳама мардумонро бикушт ва ҳар ки як танро зинда кунад, чунон бошад, ки ҳама мардумонро зинда кард» (5-32).*

Ва таъвилаш он аст, ки ҳар як танро ба ҷисмони бикушад бо мартабати донои ғасб кунад, ки он куштани рӯҳони аст, ҳамчунон бошад, ки ҳама халқро бикушт. Ва ҳар ки зиндагии як тан ба некӯкирдори бо ӯ биҷӯяд, то доноиро андар дин ба мартабати ӯ нигоҳ дорад, зиндагии ҳамаи халқ раво дошта бошад. Ва Худойи таъоло мар ӯро музд бар андозаи нияти ӯ диҳад. Пас, аз ин рӯй воҷиб шуд даст аз хостаи мардумон боздоштан, магар ҳақи хеш талаб кардан.

Аммо куштани мардум ба ситам сӯи ақл сахт зишт аст ва ҳеч хирадманд раво надорад, ки мар касеро бе гуноҳ бикушад. Валекин воҷиб аст ба рӯи ақл гуноҳкорро куштан, то ҳар ки гуноҳ хоҳад кардан, чун аз он бодафроҳи сахт биандешад, даст аз гуноҳ боз дорад. Ва андар он зиндагии халқ бошад, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

وَلَكُمْ فِي الْقِصَاصِ حَيَاةٌ يَا أُوْلِي الأَلْبَابِ

*Ҳамегӯяд: «Андар қисос мар шуморо зиндаги аст, эй хирадмандон» (2-179). Ва куштани ҳамгӯшаи хеш бе он ки мар касро аз они ту кушта бошад, андар ақл нописандида аст.*

Муораза

Агар касе ба андешаи фосиди хеш чунон андешад, ки Пайғомбар, алайҳиссалом, бисёр мардумро бикушт, ки ҳеч кас ба рости ӯ гуноҳе надоштанд ва ҳама ҳамчун ӯ мардум буданд.

***Ҷавоб***

Ӯро гӯем, ки бибояд донистан, ки он зишт бошад аз кунандаи он, ки мар ӯро андар он кори зишт муроде набошад некӯ. Ва чун марди дузд, ки зоҳидеро бикушад, шояд донистан, ки муроди он муфсид ба куштани ӯ аз ду кор аст: яке боздоштани он зоҳид мар ӯро аз фасод, то аз боздоштани ӯ бираҳад ва дигар, хостаи он зоҳид биситонад. Ва бад-ин ҳар ду баҳонаи сахт зишт ва нописандида аст ба сӯи ақл. Аммо чун мурод андар фасоди зоҳир сахт некӯ бошад, раво бошад, балки воҷиб бошад он фасод кардан, чунон ки Расул, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ба ибтидои рисолат кофирони Маккаро бикушт. Ва он ҳикмати сахт бузург буд, аз баҳри он ки муроди Расул, алайҳиссалом, андар он куштан сӯи ақл сахт сутуда буд, аз баҳри он ки Расул, алайҳиссалом мар кофиронро аз баҳри амри маъруф ва наҳйи мункар кушт. Ва табъу хосияти ақл амри маъруф ва наҳйи мункар аст. Ва расулуллоҳ, алайҳиссалом, мар кофиронро аз парастиши бутон, ки ғояти мункир аст, сӯи парастиши Худой хонд, ки ғояти маъруф аст. Ва чун аз ӯ насиҳат напазируфтанд ва ба ғояти ҷаҳл буданд, ӯ, алайҳиссалом, донист ба нури нубувват, ки андар боқии умри эшон аз эшон ба пазируфтани имон салоҳе нахоҳад омадан, ки бад-он роҳати абади ёбанд ва бар ҷаҳл бихоҳанд мурдан, эшонро бикушт, то ба ғояти носутудаи худ бирасанд. Ва дигар гурӯҳ, ки аз эшон умеди салоҳ буд, ба куштани эшон ибрат гирифтанд ва андар имон рағбат карданд ва аз мункар бозгаштанд ва маъруфро бипазируфтанд. Аз ин некӯтар мароде чи гуна тавон ба ҳосил кардан, ки Расул, алайҳиссалом, кард, ки ба куштани ҷоҳилон чандин халқро, ки аз рӯзгори ӯ, алайҳиссалом, то имрӯз омаданд, андар ин олам ва то қиёмат хоҳанд омадан, ба салоҳ боз овард. Ва ҳар рӯзе он салоҳ бар фузун аст, то ба охир он салоҳ ба охири даҳр ба камол расад. Ва ин ҳамчунон бувад, ки касе салоҳи сад ҳазор тани некӯкор ба фасоди як тани бадкирдор биҷӯяд. Ва ин сӯи ақл сахт писандида аст, чунон ки чун ҳол ба акси ин бошад, сӯи ақл нописандида бошад. Ва он он бошад, ки касе салоҳи як тани муфсид ба фасоди сад ҳазор муслеҳ биҷӯяд, аз ин рӯй бувад, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, ба оғози пайғомбари бутпарастонро ба амри Худойи таъоло бикушт, чунон ки Худойи таъоло фармуда буд ӯро, қавлуҳу:

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ جَاهِدْ الْكُفَّارَ وَالْمُنَافِقِينَ وَاغْلُظْ عَلَيْهِمْ

*Гуфт: «Эй Паёмбар, ҷаҳд кун бо кофирон ва мунофиқон ва ситабрдил бош бад-эшон» (66-9).*

Пас, аз рӯи нигоҳбонии ӯ мар халқро, қисос ниҳод миёни мардум, то аз гуноҳ боз бошанд ва диёт фармуд ва мар ҷароҳатро мукофот фармуд, чунон ки Худойи таъоло гуфт, қавлуҳу:

وَكَتَبْنَا عَلَيْهِمْ فِيهَا أَنَّ النَّفْسَ بِالنَّفْسِ وَالْعَيْنَ بِالْعَيْنِ وَالأَنفَ بِالأَنفِ وَالأُذُنَ بِالأُذُنِ وَالسِّنَّ بِالسِّنِّ وَالْجُرُوحَ قِصَاصٌ

*Гуфт: «Бар эшон навиштем андар «Таврот», ки танро тан бадал бошад ва чашмро чашм ва биниро бини ва гӯшро гӯш ва дандонро дандон ва ҷароҳатҳоро қисос» (5-45).*

Яъне ҳамчунон ҷароҳат кунед мар он касро, ки касеро ҷароҳат кунад. Ва мар суздро уқубат фармуд ба даст буридан, чунин ки гуфт, қавлуҳу:

وَالسَّارِقُ وَالسَّارِقَةُ فَاقْطَعُوا أَيْدِيَهُمَا جَزَاءً بِمَا كَسَبَا نَكَالاً مِنْ اللهِ

*Гуфт: «Ҳар ки дузди кунад, аз марду зан, дастҳои эшон бибуред, мукофоти он чи эшон алфағданд, то расво шаванд аз Худой ва расули Ӯ» (5-38).*

Ва марди зинокунандаро ҳад фармуд сад тозиёна, чунон ки гуфт, қавлуҳу:
الزَّانِيَةُ وَالزَّانِي فَاجْلِدُوا كُلَّ وَاحِدٍ مِنْهُمَا مِائَةَ جَلْدَةٍ وَلا تَأْخُذْكُمْ بِهِمَا رَأْفَةٌ فِي دِينِ اللَّهِ

*Гуфт: «Ҳар ки зино кунад, аз марду зан, ҳар якеро сад тозиёна бизанед ва бар эшон шуморо раҳмат мабодо андар дини Худой» (24-2).*

Ва Худой муфсидонро ва роҳзанонро куштан ва бар дор ниҳодан ниҳод, чунон ки фармуд, қавлуҳу:
إِنَّمَا جَزَاءُ الَّذِينَ يُحَارِبُونَ اللَّهَ وَرَسُولَهُ وَيَسْعَوْنَ فِي الأَرْضِ فَسَاداً أَنْ يُقَتَّلُوا أَوْ يُصَلَّبُوا أَوْ تُقَطَّعَ أَيْدِيهِمْ وَأَرْجُلُهُمْ مِنْ خِلافٍ

*Гуфт: «Мукофоти онҳо, ки бо Худой ва расули Ӯ ҳарб кунанд ва андар замин фасод кунанд, он аст, ки бикушандашон ё бар дорашон кунанд ё дасту пояшон мухолиф бибуранд» (5-33).*

Пас, расул ин ҳаддҳо ва қисосҳо ба фармони Худой бифармуд, то мардумро боздошт бошад аз бефармони ва фасод. Ва ба ҷумла ҳар коре, ки он ба зоҳир зишт аст ва мар онро ба ботин мароде ва мақсуде некӯст, он кор писандидаи ақл аст. Ва ба акс, ҳар коре, ки он ба зоҳир некӯст ва мар онро ба ботин муроде ва мақсуди зишт аст, он кор наздики ақл накӯҳида аст. Мисоли ин чунин аст, ки агар мардеро фарзанди дузду мардумкуш ва бадкирдор бошад ва он фарзанди хешро бикушад. Фарзанд куштан ба зоҳир кори зишт аст сӯи ақл. Валекин чун ғарази он кас ба куштани фарзанди хеш салоҳи бисёри мардум бошад, чун салоҳи падараш ва салоҳи дигар фарзандон ва ҳамсоягон ва ҷуз он, ӯ аз ин ҳама мардумон боздошта шавад, куштани фарзанд бад-ин рӯй сӯи ақл сахт некӯ аст. Ва ба акси ин агар касе мар duздеро ва муфсидеро нафақоту сутур ва салоҳ диҳад ба зоҳир, ин некӯи кардан некӯ аст, валекин чун бидони, ки аз баҳри он ҳамедиҳад, то ба роҳи мардумон шавад ва моли мардум бистонад ва бегуноҳонро бикушад, бад-ин мақсуди зишт он некӯи сӯи ақл сахт зишт бошад. Ҳамчунин афв кардан некӯ аст, валекин агар амире мар дузди мардумкушеро, ки андар ӯ ҳеч маслиҳат набошад, афв кунад, то ӯ дигарбора мардум кушад ва роҳ занад бештар аз он ки карда буд, он афв сӯи ақл сахт зишт бошад, ба сабаби зиштии он ғараз.

Пас, дуруст кардем, ки зишт доштан ва некӯ доштани ақл мар корҳоро ба миқдори мақсудҳост, ки андар он корҳо бошад. Ва ғарази корҳои расулони Худойи таъоло ҳама ба ғоят некӯ аст, аз он чи фарозомадаи салоҳу хайр ва дуркунандаи фасоду шар(р) корҳои эшон, алайҳимуссалом аст ва ҳама писандидаи Ақли кул аст. Ва ҳар чи писандидаи Ақли кул аст, писандидаи Бори, субҳонаҳу аст. Аммо тақсир кардан андар ибодат аз намозу рӯза ва дигар фароиз, чун тоат, валии замона ва ҷуз он ҳама тақсир аст андар шукри Офаридгор ва тақсири шукри Офаридгор носипоси аст ва носипоси ба ақл зишт аст. Ва ҳар ки носипос аст, мухолифи ақл аст ва аз Худойи таъоло муставҷиби азоб аст.

**Сафи ҳаждаҳум**

## СУХАН АНДАР ЧАРОИИ БИҲИШТИ МОНДАН АНДАР НЕЪМАТИ ҲАМЕША ВА МОНДАНИ ДӮЗАХИ АНДАР АЗОБИ ҲАМЕША

Гаштан аз ҳоле ба ҳоле мар ҷисмро аст, аз баҳри он ки ҳақиқати ҷисм чизест, ки мар ӯро ҷузъҳои мухталиф аст ва пазирандаҳои сифоти мухталиф аст, чунон ки ҷисм он бошад, ки мар ӯро зеру забар бошад. Ва ин ду ҷузъе мухталифанд, ки ҷуз ҷисмро ин набошад. Ва ҳамчунин пешу пас ва чапу рост ҳама мар ҷисмро бошад. Ва сифоти мухталифе низ ҷисм пазирад, чун сиёҳию сапеди ва равшанию торики

ва кажию рости ва ҷуз он, аз баҳри он ки таркиби ҷисм аз аҷзои мухталиф аст. Пас, ҳамчунон мар сифоти мухталифро пазиро аст. Ва олами ҷисмони пазирои сифоти мухталиф аз он аст, ки таркиби ӯ аз чаҳор табъ аст, ки ҳар яке аз табоеъ зид аст мар дигариро. Лоҷарам ҳар чи андар олами ҷисмони чиз аст, аз ҳол ба ҳол гарданда аст. Гоҳе чизе заиф аст ва гоҳе қави, гоҳе хурд ва гоҳе бузург ва гоҳе некӯ ва гоҳе зишт. Ва ҳамчунин аҳволи мухталиф андар ӯ раванда аст. Ва андар олами бақо, ки латиф аст, мухолифат нест ва воҷиб наёяд, аз баҳри он ки будиши ӯро иллат яке будааст ба миёнҷи ва он калимаи «Бори» аст ва ҳар чи андар он олам тухм киштааст ба қувват андар ин олам, ба феъл ҳаме берун ояд. Ва андар ин олам он асли сурати рӯҳони ба парвариши имомони ҳақ аз ҳол ба ҳол ҳамегардад, то чун аз колбад ҷудо шавад ва ба олами хеш боз расад. Он олам, ки андар ӯ ҳеч хилоф нест ва чунон ки он ҷо расидем, бар он ҳол бимонад абад-ул-обидин ба сабаби бе хилофии он олам ва яктоии он аз аздод ва мухолифон. Ва он олам, ки ҳамегӯем, ки нафсҳои мардум он ҷо боз гардад, бад-он мар Нафси куллиро ҳамехоҳем, ки некӯкоронро савоби беандоза аз Ӯст ва гуноҳкоронро азоби бекарона аз Ӯст, бе он ки ҳеч хилоф афтад мар онро, аз баҳри он ки ҳам савоби некӯкор ва ҳам азоби гуноҳкор аз як чиз аст. Ва он чиз аз ҳоли хеш гарданда нест ва на ин нафс, ки он ҷо расад, низ ҳеч гардиш пазирад он ҷо, ба сабаби яктои ва бе хилофии он олам.

Пас, мусоби ҷовидон андар савоб бимонад ва муоқибати ҷовидон андар иқоб бимонад. Ин аст сабаби ҳамешагии савоб мар биҳиштиро ва иқоб мар дӯзахиро.

**Сафи нуздахум**

## АНДАР БОҚИ ГАШТАНИ КОРҲОИ МАРДУМ ВА ЗОЕЪ НАШУДАНИ НЕКУ БАД НАЗДИКИ ХУДО

Ба гувоҳии китобу ақл бар доно воҷиб аст мар илми ҳақиқатро ба шарҳу баён ба фаҳми мустаҷиб наздик гардонидан ва роҳ пурсидан андар илм бар шогирд ба бурҳони ақли ва оёти Қуръон кӯтоҳ кардан, то олим ба нафси хеш муздманд шавад ва ранҷи ӯ мар мутааллимро барӯманд гардад.

Пас, мо гӯем, ки пеш аз ин андар ин китоб боз намудем, ки аз хосияти ақл аст ихтиёри некӯ кардан ва аз зишту нописанд дур будан. Ва акнун гӯем, ки некӯ доштан мар некӯро амри маъруф бошад ва зишт доштан мар зиштиро боздоштан бошад аз мункар. Ва ин ҳол ба ҳамаи ақлҳо андар аст ва ҳамаи расулон аз Худой таъоло бар устувор кардани ин ҳол ду ҳол омаданд ба амри маъруф ва наҳйи мункар. Ва ҳеч оқил нест, ки чун зишти бикунад, надонад, ки он чи ӯ кард, зишт аст, аз баҳри он ки ақлро ба гувоҳ ҳоҷат нест аз беруни хеш. Ва масали он чунон аст, ки касе, ки ӯ дурӯғ гӯяд ба сабаби кашидани фоидае сӯи хеш ё ба сабаби дур кардани ранҷе аз хештан, ё бедоди бикунад ва мардумонро чунон намояд, ки ӯ ростгӯй ва ҳақгӯй аст ва сӯи мардумон чунон бошад ба зоҳири гуфтор, ки ӯ ростгӯй ва додгар аст, валекин наздики хеш мар ӯро гувоҳи набояд, ки бад-он сӯи хеш ростгӯй шавад, аз баҳри он ақл дурӯғ нагӯяд ва ӯ ба наздики хеш ва наздики Худой дурӯғзан ва бедодгар бошад. Дурӯғ ва бедод андар нафси ӯ нигоре шавад, ки ҳаргиз он нигор пок нашавад. Ва имрӯз донистани ӯ мар он дурӯғро ва бечораги андар зоти хеш, ки сӯи хеш ба ҳеч ҳиллат мар хешро ростгӯй натавонад кардан, гувоҳи ҳамедиҳад, ки он нигори дурӯғ ва бедоди аз ӯ бихоҳад шудан. Ва агар аз ин олам бе тавба берун шавад, он нигори бедоди андар нафси ӯ дарду азоб гардад ва ба ҳасрату пушаймони бимонад абад-ул-обидин. Ва гар ба вақте аз вақтҳо андар ҳоли зиндагонии ин ҷаҳони гуноҳони хешро ёд орад ва аз он тавба

кунад ва низ ба чунон дурӯғу гуноҳ бознагардад ва мукофоти он ба кори некӯ бикунад, он кори зишт аз нафси ӯ пок шавад. Ва гар ҳамчунон бе тавба аз ин олам биравад, андар он ранҷи ҷовидона бимонад, аз баҳри он ки табоҳ кардани онро андар он олам рӯй нест, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

وَحَرَامٌ عَلَى قَرْيَةٍ أَهْلَكْنَاهَا أَنَّهُمْ لا يَرْجِعُونَ

*Гуфт: «Ҳаром аст бар он деҳ, ки онро ҳалок кардем, ки эшон ба ин ҷаҳон оянд» (21-95).*

Ва низ гӯем, ки ҳар нафсе нигорҳои зишт, ки карда бошад бад-ин ҷаҳон, бад-он ҷаҳон биёвезад. Ва андомҳои ӯ бар он кор бар ӯ гувоҳи диҳад. Ва далел бар дурустии ин даъво он аст аз рӯи ақл, ки мардум бадкирдори бад-ин андомҳо тавонад кардан, ки бар ҷисми мардум дастафзорҳои нафс аст. Ва ҳар ки чизе бихӯрад, даҳону коми ӯ мар ӯро гувоҳи диҳад ба чигунагии мазаи он таом. Ва гар зиною ливотат кунад, фарҷи ӯ бад-он , ки биёбад, мар нафсро хабар диҳад ва ҳамчунин чашм бад-он чи бибинад, гувоҳи нафс аст. Агар он чи бинад зишт ё некӯ, хабари он ба рости пеши нафс барад ва бигӯяд, ки чи дидам. Ва агар аз касе чизе биситонад, ба даст ситонад ва даст гувоҳи диҳад мар зоти нафсро, ки ман ситадам. Ва ҳам имрӯз ин олатҳо бо нафси мардум худ сухан мегӯяд ва ҳеч кас мар ин ҳолро мункир натавонад шудан.

Пас, чаро аҷаб бояд доштан аз он, ки рӯзи қиёмат ҳамин гувоҳи андар он нафси бадкирдор нигор карда бошад, ки андар ҳар андоме аз ин андомҳо аз нафси мардум шохе аст, ки он андом он феъл ба қуввати он шох кунад, ки аз шоххои нафс бад-ӯ пайваста бувад. Ва гӯем, ки ҳар феъле, ки аз ин андомҳо биёяд аз баду он феъл, андар нафси мардум нигор карда шавад ва гувоҳ аст бар дурустии ин қавл, он чи Худойи таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

يَوْمَ تَشْهَدُ عَلَيْهِمْ أَلْسِنَتُهُمْ وَأَيْدِيهِمْ وَأَرْجُلُهُمْ بِمَا كَانُوا يَعْمَلُونَ

*Гуфт: «Он рӯз гувоҳи диҳанд бар эшон забонҳои эшон ва дастҳою пойҳои эшон бад-он чи карда бошанд» (24-24).*

Пас, гӯем, ки корҳои мардум андар нафси мардум нигор шавад ва нафс номае гардад неку бад набишта, чунон ки ҳам ӯ худ он набиштаро бихонад. Ва ҳама нафсҳо мар он бадкирдорро бишиносад, аз баҳри он ки нафсҳо андар он олам муҷаррад бошад аз колбад ва аз торикии табиат, чунон ки Худойи таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

فَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ خَيْراً يَرَه وَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ شَرّاً يَرَه

*Гуфт: «Ҳар ки ҳамсанги заррае андар ин ҷаҳон неки кунад, мар онро бубинад ва ҳар ки ҳамсанги заррае бади кунад, мар онро бубинад» (99-7,8).*

Ва сухан андар некӯкирдорон ҳамчунин аст. Агар касе ростгӯй ва ҳақшинос ва некӯхоҳ ва насиҳаткор бошад ва мардумон мар ӯро дурӯғзану мубтал ва бадҳоҳу хоин доранд, ӯ ба наздики хеш ва наздики Худой ростгӯй ва муҳиқ(қ) бошад. Пас, илми ӯ ба рости ва ҳақи хеш сурати нафси ӯ бошад. Ва ба некӯии сурати хеш мар ӯро е ва шодию тавонгари ба ҳосил ояд, ки он шодию тавонгари ҷовид ба ӯ бимонад, чунон ки Худой таъоло гуфт андар сифати бадкирдорон ва некӯкорон, қавлуҳу:

إِنَّهُ مَنْ يَأْتِ رَبَّهُ مُجْرِماً فَإِنَّ لَهُ جَهَنَّمَ لا يَمُوتُ فِيهَا وَلا يَحْيَا وَمَنْ يَأْتِهِ مُؤْمِناً قَدْ عَمِلَ الصَّالِحَاتِ فَأُوْلَئِكَ لَهُمْ الدَّرَجَاتُ الْعُلا جَنَّاتُ عَدْنٍ تَجْرِي مِنْ تَحْتِهَا الأَنْهَارُ خَالِدِينَ فِيهَا وَذَلِكَ جَزَاءُ مَنْ تَزَكَّى

*Гуфт: «Ҳар ки гуноҳкор ба пеши Худой шавад, мар ӯрост дӯзах, ки андар ӯ назияд ва намирад ва ҳар ки пеши Худой шавад мӯъмин ва кирдорҳои нек карда, эшонрост дараҷоти бартарини биҳиштҳои ҷовид, ки ҷӯйҳо зери ӯ ҳамеравад ва ҷовид эшон андар ӯ бошанд. Он аст мукофоти он касе, ки хештанро покиза кунад» (20-74,75,76).*

Ва далел бар дурустии ин ҳол зоҳири мардум аст, ки ӯ бад-ин сурати ҷасадони некӯчеҳра ва дурустандом аст, шодмона бошад ба дурустию некӯии хеш. Ва хуррами гузаранда аст ба гузаштани сурати ҷасадони, ки ҳама бар мардум яқин аст **аз** марги хеш ва ночиз шудани ҷасад. Ва ҳамчунин ҳар мардум, ки донад, ки чеҳраи ӯ зишт аст ва андоми ӯ ноқис аст, ӯ ҳамеша андӯҳгин бошад ва **аз** дигар мардумон парҳез кунад ва шармзада бошад, валекин ин андӯҳ гузаранда аст ба гузаштани зиндагонии инҷаҳони ва шодию хуррамию хуши ва тавонгарию некӯи ва ғаму андӯҳ ва зиштию душвори ва дарвешии нафсони боқи аст ба бақоии нафси нотиқа. Ҳама худовандони хирад муқирранд, ки нафс намирад ва боқи шавад андар олами улви пас **аз** ҷудо шудан аз ҷасад. Ва андар ақл чунон лозим аст, ки нафси мардум пас аз шинохти тавҳид боқи бошад, аз баҳри он ки ҷасадҳо ба нафс зинда аст ва нафс латиф аст. Ва гар нафс низ зинда ба чизи дигар буди, боисти, ки нафс мурда ёфтеме ва рӯҳ **аз ӯ** ҷудо шуда, чунон ки ҷасади бе рӯҳ ҳамеёбем. Ва низ агар мар нафси латифро рӯҳе раво буди, ҳамчунин арвоҳ бе ниҳоят шуди.

Пас, чун ҳол чунин бувад, воҷиб ояд, ки арвоҳро ниҳоят бошад, ё яке бошад, ё ҳазорон бад-ӯ зинда бошанд. Ва ӯ худ ба зоти хеш номиранда бошад. Ва чун офариниш аз ду гуна ёфтем ё латиф, ё касиф ва касифро миранда ёфтем ва латиф ба хилофи он бувад, донистем, ки латиф номиранда аст.

Пас, аз ҳар рӯйе зиндаги лозим аст. Пас, нафси мардуми оқили некӯкирдор густох ва умедвор бошад, ки подоши кори некӯи хеш аз Офаридгор ба сазои кори хеш биёбад ва эмину орамида бошад аз бими бодафроҳ, ки подоши бадкирдорон аст, чунон ки Худойи таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

**يَا أَيَّتُهَا النَّفْسُ الْمُطْمَئِنَّةُ ارْجِعِي إِلَى رَبِّكِ رَاضِيَةً مَّرْضِيَّةً فَادْخُلِي فِي عِبَادِي وَادْخُلِي جَنَّتِي**

*Ҳамегӯяд: «Эй нафси орамида, боз ой, сӯи Парвардигорат хушнуду писандида ва андар ой ба бандагони Ман ва андар биҳишти Ман» (89-27,30).*

Дуруст кардем хирадмандро, ки кори мардум боқи аст.

**Сафи бистум**

## СУХАН АНДАР НАФС, КИ ЧУН ПОКИЗА ШАВАД, ДИДОРИ Ӯ АФТАДАШ АНДАР ЛАТОИФУ АНДАР БУДАНИҲО

Гӯем, ки мар нафсро ба зоти ӯ андар дидорест ҷуз ин дидори чашм ва рафтану истодан аст ӯро ва гирифтану даст боздоштан аст ӯро. Ва ҷуз он баробари ин феълҳо, ки андар маҳсусот мекунад ва феълҳои зотии ӯ шарифтар аст аз ин аразӣ. Пас, ҳаменамояд, ки мар нафсро андар зоти ӯ ҳавоссест, ки ин ҳавосси зоҳир монанда аст мар онро монандагии дур аз баҳри он ки бисёр кас аст, ки аз модар нобино зодааст ва илмҳои шариф омӯхтааст, чун ҳисобу ҳандаса ва мантиқ ва Китоби Худойро ёд гирифтааст ва китоби ҳукаморо донистааст, то нафси ӯ ба зоти хеш китобҳо гаштааст. Ва ӯ ҳамебинад андар ҳар илме он чи мар ӯро бинамоянд. Ва дигар касон аз дидани он чизҳо, ки ӯ ҳамебинад, нобиноанд.

Пас, ин ҳол далел кунад, ки нафсро чашме ҳаст аз зоти ӯ ва мар он чашмро аз нафси донои омӯзгор офтобе ҳаст, ки чизҳоро бад-он чашм зоти нафс бинамояд бар мисоли офтобу чароғ, ки шаклу сурати ҷисмони ба чашми нигарандагон андар падид орад. Ва гувоҳи диҳад бар дурустии ин даъво қавли Худой таъоло, ки мар Расулро, алайҳиссалом, гуфт:

**يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ شَاهِداً وَمُبَشِّراً وَنَذِيراً وَدَاعِياً إِلَى اللَّهِ بِإِذْنِهِ وَسِرَاجاً مُّنِيراً**

*Гуфт: «Эй Паёмбар, мо бифиристодем туро гувоҳ бар халқ ва муждадиҳандаю бимкунанда ва хонанда сӯи Худой ба дастурии Ӯ ва чароғе равшан» (33-45, 46).*

Ва гурӯҳе аз мардумон чунин гӯянд, ки чун мардум ҷаҳд кунад ва нафси хешро аз ношоистаҳо дур кунад, ӯро дидор уфтад андар чизҳои будани ва хабар ёбад аз олами улви ва ваҳйи паёмбарон он аст. Ва мо гӯем, ки чунин нашояд гуфтан, ки паёмбари ба ҷаҳди хеш ёфтанд паёмбарон, чи ваҳй аз кирдори пайғомбарон он аст, ки аз он муроди Кирдигори олам ба ҳосил ояд. Ва мурод аз Худованди мурод, ки тавоно бошад, ҷуз бад-Ӯ ва ба хости Ӯ ба ҳосил нашавад. Ва гар ба хости каси дигар муроди Худой ба ҳосил омади, он кас бо Худой анбоз буди. Ва ҳар кас, ки бо Худой анбоз гирад, кофир бошад. Пас, он касон, ки гуфтанд: «Паёмбари ба ҷаҳд битавон ёфтан», кофир шуданд ба қавли Худой таъоло, ки ҳамегӯяд, қавлуҳу:

**إِنَّ اللَّهَ لا يَغْفِرُ أَنْ يُشْرَكَ بِهِ وَيَغْفِرُ مَا دُونَ ذَلِكَ لِمَنْ يَشَاءُ**

*Ҳамегӯяд: «Худой наёмурзад он касро, ки бо Ӯ анбоз гирад ва биёмурзад фуруд аз он, ҳар киро хоҳад» (4-116).*

Пас, мо гӯем, ки нафси мардумро гирифтан аст ва яла кардан ба зот, берун гирифтан. Ва яла кардан ба олат чун эътиқод кардани чизе ва яла кардани чизи дигар. Ва чун ёд кардани илме ва аз ёд бигузоштани дигаре ва ӯро низ рафтан ва истодан аст ба зоти хеш, чун рафтан андар илме аз оғози ӯ то ба анҷоми ӯ ва истодан аст мар ӯро ба ҷойҳое, ки аз он кадир биёяд ба донистани он, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

**كُلَّمَا أَضَاءَ لَهُمْ مَشَوْا فِيهِ وَإِذَا أَظْلَمَ عَلَيْهِمْ قَامُوا**

*Ҳамегӯяд: «Ҳар вақт ки рӯшнои пайдо ояд, бираванд андар ӯ ва чун бар эшон торик шавад, биистанд» (2-20).*

Ва бад-ин мар касонеро мехоҳад, ки Китоби Худойро барои хеш маъни ҷӯянд ва баъзеро маъни битавонанд ёфтан ва андар он бишитобанд. Ва чун мутошобеҳи мушкил пеш ояд, бар ҷой биистонад. Ва феълҳои зоти мар нафсро шарифтар аст аз феълҳои олатии арази. Ва чун мардум ба қуввати нафси нотиқа мар нафси шаҳвониро бишиканад ва ба чизҳои дунёию лаззоти ҳисси машғул нашавад, нафси нотиқаи ӯ қави шавад ва чизҳо бе таълим бубинад, аз баҳри он ки нафсро кор кардани табъ аст. Ва чун мар ӯро аз чизҳои табиии боз дори ва ӯ аз кор фурӯ нашинад ба қуввати нафсони, чизҳое бибинад аз олами хеш ки он андар зоти ӯ аст. Бар мисоли чашм, ки чун кори ӯ дидан аст, ҳар вақт, ки мар ӯро аз иллат пок гардони, чизҳои ҷисмониро бе такаллуфу бе намун намоянда бибинад. Ва ин бурҳони равшан аст хирадмандонро аз ҷисмони ба рӯҳони.

### Сафи бисту якум

## СУХАН АНДАР ОФАРИНИШИ ОЛАМ ВА БАХШҲОИ ОН ЧИ МАВҶУД АСТ АЗ ЛАТОИФУ КАСОИФ

Ҳар гурӯҳеро аз доноён, чи аз ҳукамои илми дин ва чи аз пешравони илми табоеъ ва чи аз раисони илми илоҳи андар вуҷуди олами ҷисмони сухан аст ва андар ҷавоҳири оли ва суратҳои ақли ихтилоф кардаанд. Ва мо аз ҷумлаи он чи маҳсулу мурод ва мағзи суханҳост, берун кунем ва боз намоем ҷӯяндагони ҳақро, ки бар ин хони оростаи мо нишинанд бо дасти шустаи ба оби парҳез ва меъдаи гуруснаи таому шароби нафсони. Гӯем, ки офаридаи Мубдеъи ҳақ, субҳонаҳу, ҷумла бар се қисм аст: яке аз ӯ фавӣуззамон аст, чун олами илоҳи ва ақлони ва нафсони, ки аз рӯзгор бартар аст ва ӯро завол нест. Дигар қисмат он аст, ки мааззамон аст, чун олами ҷирмонию нурони, ки рӯзгори ӯро пешию паси нест. Сеюм қисмат он аст, ки таҳтуззамон аст, аъни, ки зери рӯзгор аст ва он олами ҷисмони аст. Пас, гӯем, ки он чи зери замон аст аз мавҷудот, ҳам коин аст ва ҳам фосид, аъни ҳастшаванда аст ва нестшаванда, аз баҳри он ки андар ҷойгоҳи будишу нобудиш аст. Ва он чи ба замон баробар аст аз мавҷудот, аз коин аст,

валекин фосид нест ва он афлоку анҷум аст, ки гавҳари эшон фасоду тағайюр напазирад, аз баҳри он ки сурати эшон бар ҳаюло ҷокӯл аст. Ва табоею маволид фасод пазирад, аз баҳри он ки ҳаюлои эшон ҷокӯл аст бар сурати эшон. Ва низ гӯем, ки чун ҷирмони миёнҷи омад миёни олами ақлонию олами ҳаюлони бад-он рӯй, ки аз он олам қувватпазиранда аст ва бад-ин олам расонандааст, ҳамчунон миёнҷианд, ки на бартар аз замонанд ва на аз зери замон, балки бо замон баробаранд бар миёнҷи. Ва низ на чун олами ақлонианд, ки на коин асту на фосид ва на чун олами ҳаюлонианд, ки ҳам коин асту ҳам фосид, балки бар миёнҷианд, ки коин аст ва фосид нест. Ва он чи бартар аз рӯзгор аст аз мавҷудот, на коин асту на фосид ва он олами ақл аст, ки гавҳари маҳз аст ва андар ӯ кавну фасод нест, албатта.

Ва чун ин сухан равшан кардем, гӯем, ки қавли ҳукамои дину пешдастон аз халқ ба таъйиди илоҳи андар кавни олами ҳаюлони ва исботи олами рӯҳони он аст, ки гуфтанд, ки Мубдеъи ҳақ маҳз мар ақлро падид овард на аз чизе ва тамом падид овардаш ба қуввату феъл.

Далел бар дурустии ин қавл он аст, ки ҳар чизе ки бар чизи дигар бошад, миёни ин чиз ва он пасин ва миёни он чизи пешин миёнҷи бошад, ки он чизи бозпасин бад-он миёнҷи аз он чизи пешин падид ояд. Он вақт чун миёнҷи андар миён омад, миёни ин ду чиз тавофут афтад ва бозпасин аз пешин камтар ояд. Ва чун Мубдеъи ҳақ мар Ақли Таъолоро на аз чизе ибдоъ кард, лозим ояд ба бурҳони ақли, ки ақл ба ғояти камолу ҳасти бошад ба ду сабаб: яке бад-ин сабаб, ки гуфтем, ки ӯро на аз чизе ибдоъ кард, то ӯ камтар аз он чиз буди, ки будиш аз ӯ ёфт. Дигар бад-он сабаб, ки Мубдеъи ҳақ мар ӯро ибдоъ кард бе ҳеч миёнҷи. Ва гуфтанд, ки Мубдеъи ҳақ сурати ҳамаи мавҷудот аз ҷисмонию рӯҳони андар гавҳари ақл гирд овард. Ва гуфтанд, ки аз ақл гавҳари дигар ба инбиъос падид овард бе замони ҳиссию ваҳми. Ва фарӣ миёни ибдоъ ва инбиъос он аст, ки инбиъос мар чизеро бошад, ки ӯ на андар макону замон бошад, валекин падидоянда бошад аз чизи дигар. Ва ибдоъ чизеро бошад, ки ӯ на андар макону замон бошад, валекин на аз чизе падид омада бошад.

Пас, он мубдеъ, ки аз чизе набувад ба ғояти камол омад ва ин мунбаъис, ки чизе буд, ӯ ба дараҷаи камтар омад, чунон ки андар ҳукми ақл лозим аст. Пас, он мунбаъис ба фармони Мубдеъи ҳақ нигоҳ кард андар фазилату шарафи ақли аввал ва рағбат кард ба тамоми, ки андар ӯ дид, рағбате мумкин, на мумтанеъ ва номумкин, аз баҳри он ки Нафси кулли ба қувват чун Ақли кулли бувад, азерок вуҷудаш аз ӯ бувад ва чизе, ки ба қувват чун бошад, ваҳм аз он чиз зиёдат пазирад, мумкин бошад, ки ба фоидаи гирифтан аз чизи тамом рӯзе ба тамомии ӯ расад ва ҳамчун ӯ шавад.

Ва гӯем, ки маълулот бар се бахр аст, аъни чизҳое, ки будиши ӯро сабаб бошад: яке аз ӯ он аст, ки ба ҳамаи рӯйҳо чун иллати хеш набошад. Ва дигар он аст, ки ба ҳеч рӯй чун иллати хеш нашавад. Ва се дигар он аст, ки ба рӯе чун иллати хеш бошад ва ба рӯй на чун ӯ бошад. Аммо он маълул, ки ба ҳамаи рӯйҳо чун иллати хеш набошад, он нутфаи ҳайвон аст ва хояи мурғон, ки чун асли хеш ёри ёбад, ба парвардан рӯзе ҳайвон гардад аз мардум ё мурғ, ё ҷуз он.

Ва аммо он маълул, ки ба ҳеч рӯй чун иллати хеш нагардад он оби вадий ва оби мазии ҳайвон аст, ки маълули ҳайвон аст ва ҳаргиз чун ҳайвон нашавад ва чун дар, ки маълули он дурудгар аст ва ҳаргиз чун дурудгар нашавад. Аммо он маълул, ки ба рӯе чун иллати хеш бошад ва ба рӯе набошад, он чун рӯз аст, ки ӯ маълули Офтоб аст ва бад-он чи рӯшнои дорад, ҳамчун Офтоб аст, валекин аз ӯ нур берун наояд ва феълҳо, чунон ки аз Офтоб берун ояд. Пас, рӯз ба як рӯй чун Офтоб ва ба дигар рӯй чун ӯ нест.

Пас, нафс аз он маълулот аст, ки ба ҳамаи рӯйҳо чун иллати хеш набошад аз роҳи тамоми. Қавли ҳукамои шаръи ин аст. Пас, чун Нафси кулли аз ҷумлаи маълулот бад-ин сифат бувад ва назар кард андар ақл, мумкин набувад, ки ба фоида гирифтан аз ӯ ҳамчун ӯ тамом шавад, талаби тамоми кард. Ва тамомии хешро бидид андар падид омадани худованди қиёмат, алайҳи афзал-ус-салом ва дониста шуд мар нафсро, ки вуҷуди қиёмат набошад, магар он гоҳ, ки давраҳои паёмбарон бигузарад ва бишинохт, ки давраҳои паёмбарон ҷуз набудиши худовандони таъйид набошад ва худовандони таъйид набошад, то покиза кардан набошад мар нафсҳоро аз роҳи таълим ва покизаги набошад аз роҳи таълим, то ҷӯяндагон набошад ҳақоиқро ва ҷӯяндагон набошад, то худовандони талаб кардани ҳақ набошад. Ва ин ҳамаи дараҷот набошад, то фоидагирандагон мӯъмин набошад ва мӯъминонро яқин набошад, то муқаддарон набошанд, ки нахуст ҳақро ба қаҳр пазируфта бошанд ва муқаддарон набошанд, то касе набошад, ки таклиф пазирад ва таклифпазиранда он бошад, ки агар биёмӯзандаш, битавонад омӯхтан, чун мардум, ки агар ба омӯзиш илм биёмӯзад ва чун сутур, ки натавонад илм омӯхтан, ки мукаллаф нест ва таклиф набошад, ҷуз он ки ба нахуст дараҷаи муҳмал бошад, аъни гузошта бе илм. Ва мардум муҳмал набошад, то ҳайвон набошад ва ҳайвон набошад, то набот набошад ва набот набошад, то гавҳарҳои гузоранда ва ногузоранда набошад. Ва ҷавоҳир набошад, то табоеъ набошад ва табоеъ набошад, то олам набошад. Ва олам набошад, то ҳаюлою сурат набошад.

Пас, оғоз кард андар санъат ва ҳосил кардани қиёмат, ки аввали андешаи нафс он бувад аз ҳаюлою сурат, ки охири андешаи ӯ он бувад. Ва ин маънии қавли ҳукамо аст, ки гуфтанд:

أول الفكرة آخر العمل آخر الفكرة

*Гуфтанд: «Оғози андеша поёни коркард бошад ва оғози кор поёни андеша бошад».*

Ва Бумуҳаммади Қутайби[xviii] андар китобе, ки онро «Адаб-ул-котиб» хонанд, гуфтааст, ки «касе бошад, ки ин бинадонад, то ба омӯхтани ин ҳоҷат оядаш, валекин нобиноён аз рӯшноии Офтоб чи огаҳанд?».

Ва наздики ҳукамои шаръи чунон аст, ки худ олами ҳаюлони аз се ҳол бувад: нахуст аз ҳикмати Мубдеъи ҳақ, ки аз он суратҳои муҷарраду гавҳарҳои оли падид омад ва он феъли Мубдеъи ҳақ аст. Ва феъли Мубдеъи ҳақ ҳама коркунонанд ва кори эшонро пазирандагон воҷиб наёяд. Ва на ҷойгоҳ ва ҷои феъли эшон табиати кулли аст, ки он асли будиши олами ҳаюлони аст ва фаръҳои он асл ду навъанд: яке ҳаюло ва дигар сурат, ки аз эшон ин олами ҳаюлони падид омадааст. Ва пазирандаи феъли олами ҳаюлони ин сурати мардум аст, ки пазирои осори ақлу нафс аст, то ба охири кор суратҳо муҷаррад гарданд чун феъли Бори.

Пас, гӯем, ки қисмати аввал аз вуҷуди олами ҳаюлони бозбаста аст ба ҳикмати Мубдеъи ҳақ. Ва қисмати дувуми вуҷуди олам бозбаста аст ба тамом шудани нафс ва расидан ба дараҷаи ақл. Ва қисмати сеюм аз вуҷуди олам бозбаста аст ба вуҷуди Худованди қиёмат. Пас, ибтидои ҳаюло ва сурат, ки падид омад, он бувад, ки нафс тамомии хеш талаб кард ва аз он талаб ҷунбиши ваҳми падид омад. Ва чун он ҷунбиш аз ҷавҳари оли буд, аз асари он ҷунбиш гавҳари суфли падид омад. Ва чун он ҷунбиш падид омад, аз ӯ ҳарорат падид омад. Ва чун ҳарорат ба ғоят расид, ғояти ӯ бурудат омад. Ва чун бурудат, аъни сарди ба ғоят расид, аз ӯ тари падид омад, ҳама ҷудо-ҷудо. Ва чун тари ба ғоят расид, аз ӯ хушки падид омад. Ва маънии он чи гуфтем, ки «ин чизҳо ҷудо-ҷудо падид омад», он аст, ки ҳама бояд, ки ин чаҳор табъ ҷудо-ҷудо сурат шавад андар нафси хонандаи илми ҳақиқат.

Ва қавли ҳукамо он аст, ки асари ибдоъ латифтар аст аз гавҳари мубдеъ, аъни ки Нафси кул камтар аст аз Ақли кул, ки ӯ асари ибдоъ аст. Ва ҳамчунин гавҳари Нафси кулли шарифтар аст аз асари он, ки мабдаъи олами ҳаюлони аст. Он

ҳаюлои мутлақ, ки ӯро «ҳаюлои аввали» гӯянд. Ва оғози ҳаюло аз тоат кардани Нафси кул падид омад аз он иллат, ки гуфтем ва вуҷуди сурат, ки мабдаъи дувум аст, аз ифозати илоҳи падид омад, ки ақл ба нафс расонид ба фармони Мубдеъи ҳақ. Ва бад-ин қавл, ки гуфтем, пайдо кардем, ки нахуст «ҳаюло» бувад, он гаҳ пас аз он «сурат» бувад. Ва далел ба дурустии ин қавл он аст, ки имрӯз суратҳоро нафсҳои ҷузъи ва ҳаюло ҳаме падид орад. Ва чун нигоштани дурудгар мар сурати дарро бар чӯб ва заргар сурати ангуштариро бар сим.

Пас, мар мабдаъи аввалро «иллати ҳаюлони» хонанд ва мабдаъи дувумро «иллати сури» хонанд. Пас, Нафси кулли ба ифозати ақл, гӯи - аз ҷуди Бори аз паси ҳаюлои нахуст он чаҳор табъи муфрадро кунад. Ва андешаи Нафси кулли сурат шуд, ба ҳашт қисмат кард ва ҳар якеро аз он ба ду нима кард. Гармиро ба ду бахш кард: як бахш аз ӯ ба хушки пайваст ва аз ӯ гавҳари оташ омад. Ва дигар бахш аз ӯ ба тари пайваст ва аз ӯ гавҳари ҳаво омад. Ва мар тарии муфрадро ба ду бахш кард: як бахш аз ӯ ба сарди пайваст ва аз ӯ гавҳари об омад ва дигар бахш аз ӯ ба гарми пайваст ва аз ӯ гавҳари ҳаво омад. Ва мар сардии муфрадро ба ду бахш кард: як бахш аз ӯ ба хушки пайваст ва аз ӯ гавҳари хок омад ва дигар бахш аз ӯ ба тари пайваст ва аз ӯ гавҳари об омад. Ва мар хушкии муфрадро ба ду бахш кард: як бахш аз ӯ ба гарми пайваст ва аз ӯ гавҳари оташ омад ва дигар бахш аз ӯ ба сарди пайваст ва аз ӯ гавҳари хок омад. Ва гуфтанд ҳукамо, ки аз ин чаҳор табъ ду коркунонанд ва ду корпазиронанд. Ва он ду коркун гармию сардианд ва он ду корпазир тарию хушкианд. Ва он ду коркун яке коркуни меҳтар аст ва дигар коркуни кеҳтар. Ва аз ин ду корпазир яке корпазири меҳин ва яке корпазири кеҳин. Аммо коркуни меҳин гарми аст ва коркуни кеҳин сарди аст. Ва корпазири меҳин хушки аст ва корпазири кеҳин тари аст. Ва гарми коркуни сабуки аст ва сарди коркуни гарони аст. Ва хушки корпазири зудист ва тари корпазири дербаст.

Пас, гавҳари оташ мураккаб аст аз коркуни меҳин, ки гарми аст ва аз корпазири меҳин, ки хушки аст. Ва аз ду феъли эшон яке сабуки ва дигаре зуди асар дорад, бад-ин сабаб аз дигарон латифтар ва шарифтар ва олитар омад ва канораи олам гирифт.Ва гавҳари ҳаво мураккаб аст аз коркуни меҳин, ки гарми аст ва корпазири кеҳин, ки тари аст, аз ин сабаб як сараш ба коркуни меҳин пайвастааст, ки оташ аст ва дигар сараш ба корпазири кеҳин пайвастааст, ки об аст ва худ андар ин ду миёна биистод.Ва гавҳари об мураккаб аст аз коркуни кеҳин, ки сардист ва аз корпазири кеҳин, ки тари аст ва аз феълҳои эшон, ки тарию гарони аст, асар дорад. гавҳари замин мураккаб аст аз коркуни кеҳин, ки сарди аст ваз корпазири меҳин, ки хушки аст ва аз феъли эшон, ки гарони ва зуди аст, асар дорад.Пас, ин рукн, ки андар ӯ зуди бувад, ки замин аст, мар он рукни сабукро, ки оташ бувад, ба бартар дараҷате барад ва он сабук мар он гаронро, ки замин бувад, ба фурӯтар ҳадде оварад ва ба ҷумла ин коркунону корпазирон ба ҳамгӯшагию хешовандии якдигар пайвастаанд, чун гармии оташ бо гармии ҳаво ва тарии ҳаво бо тарии об ва сардии об ба сардии замин ва ба охир дараҷат хушкии замин бимонад, чунон ки аввал дараҷат хушкии оташ монда буд.Пас, хушкии заминро хушкии оташ пайваст ва ин бастҳоро ба шакл берун овардам, то омӯзандаро тасаввур кардан осон бошад. Ва бибояд донистан, ки ҳар будиш, ки аз табоеъ падид ояд, аз ҷиҳати ҳамгӯшагии ин рукнҳо бошад ва пайвастагии эшон ба якдигар ва ҳар фасодею парокандаги, ки андар зоиши олам падид ояд, аз ҷиҳати душмани ва нодархӯрии ин рукнҳост, ки доранд аз якдигар ва аз он сабаб, ки иллати будиши олам ин буд, ки гуфта шуд аз гуфтори ҳукамо[xix], гӯем, ки аввали зоиш, ки аз олам падид омад, гавҳарҳои ногузоранда бувад ва ниҳояти ӯ ба шараф бо қувват сурх аст. Пас, моддати дигар падид омад аз Нафси кулли бар табиати кулли. Ва ҳосили ин шараф он аст, ки ғизои мардум аст ва он гандум аст. Пас, моддати дигар падид омад аз Нафси кулли бар табиати кулли андар олами ҳаюлони. Ва он ҳайвон бувад, ки асли ӯ ба шарафи мардум аст ва чун мардум

охири офариниш омад ва нури нафс ба шахси мардум бирасид, он нур ба акс боз гашт ва пайваста шуд ба куллияти хеш, ин нафси ҷузъи ба боз гаштани он нур ва аз Нафси кулли қуввати дигар бипазируфт. Ва он қуввати нафси мантиқи бувад, ки он аз олами рӯҳони асар аст ва ҳосили латофат аст. Ва аввали андешаи Нафси кулл аст, ки ба охири амали ӯ падид омад ва мар мабдаъи сеюмро, ки нурҳо аз Нафси кулли бад-ӯ падид омад, «иллати фоъила» хонанд. Ва ниҳояти ин ҳама ҳосилҳо ба вуҷуди Худованди қиёмат бошад ва онро «иллати мутаммима» хонанд, ки олам бад-ӯ тамом шавад.

Пас, наздики ҳукамои шаръи ва уламои табии он касон, ки андар улуми илоҳи ва асрори пайғомбари шуруъ карданд, сухан он аст, ки аз мабдаъи олами ҳаюлони чаҳор чиз воҷиб ояд: яке «ҳаюло» ва дигар «сурат» ва се дигар «фоъила» ва чаҳорум «тамом». Ва наздики ҳукамои шаръи ва уламои улуми илоҳи чунон аст, ки падидорандаи будишу гавҳар ва раво доштани исботи олам Эзид аст, субҳонаҳу ва коркун андар он Нафси кулл аст. Ва фоъили тадбири феълаш табиати кулл аст ва табиати кулл қувватест аз қувватҳои Нафси кулл, ки мушарриф аст бар олами ҳаюлони ва нигоҳдор аст мар навъҳо ва суратҳои ӯ андозаҳоро ва тафовути феълҳо оламро бозбаст ба табиат аст. Ва ҷумлагиашро бозбаст ба Нафси кулли аст бад-он маъни, ки ба миёнҷии Нафси кулл падид омад олам аз фармони Мубдеъи ҳақ. Мисоли ин чунон бошад, ки гӯи, падидорандаи гавҳари сеюм Эзид аст ва фоили ангуштари заргар аст ва он ки ангуштариро кор бандад, худованди ангуштарист.Пас, он ангуштари, ки аз Нафси кулл аст ва худованди ангуштари табиати кулл аст.

**Муораза**

Агар касе гӯяд, ки олами ҳаюлони худ аз нафс падид омад ва аз табиати кулли.

**Ҷавоб**

Ӯро гӯем, ки нахуст бибояд шинохтан, ки илм бар чанд рӯй аст, то сухан бар басират бошад. Ва чун мо мар олами ҳаюлониро, ки ҳосили офариниши зоҳир аст, шаш ҷониб ёфтем, ки «айн» олами ҳафтуми он бувад, донистем, ки феъл бар ҳафт рӯй лозим ояд. Нахуст «ибдоъи» ва он Ақли аввал аст ҳастии на аз ҳаст. Ва дигар «инбиъоси», чун Нафси куллии ҳасти аз ҳастии дигар. Ва се дигар «таквини», аъни бошидани, чун афлоку ситорагон, чаҳорум чун табоъеи чаҳоргона. Ва панҷум зоиши, чун зоишҳои олам, ки аз табоеъ падид омад. Ва шашум таносули, чун феъл, ки аз миёни нару мода падид омад. Ва ҳафтум саноъи, чун санъатҳо, ки мардум кунанд.

Пас, феъли Мубдеъи ҳақ ибдоъи аст ва инбиъоси ва Мубдеъи ҳақ феъли замони накунад, ки феъли замониро олату моддат бояд ва мар оламро ибтидои замони нест, валекин ибтидои фикри ҳаст ӯро. Ва Мубдеъи ҳақ дур аст аз андеша ва аз сифати андешандагони ҳам кулли ва ҳам ҷузъи. Таъолаллоҳ аммо яқулу-з-золимуна улувван кабиран .Эзиди таъоло мар он мӯъмини мухлисро бар ҳақ нигоҳ дорад, ки ин сирҳои латиф ва суханҳои шарифро, ки андар кайфияти кавни олами мураккабу басит бигуфтем, аз асрори ҳукамою муҳаққиқон нигоҳ дорад.

**Сафи бисту дувум**

**СУХАН АНДАР ВОҶИБИИ АМАЛИ ШАРИАТ ВА ҲУҶҶАТ БАР ОН КИ РАВО НЕСТ ДАСТ АЗ ОН БОЗДОШТАН**

Бибояд донистан, ки зоҳири шариати паёмбарон баробар аст бо олами ҷисмонӣ, аз баҳри он ки олами ҷисмонӣ суратҳои мухолиф аст ва зоҳири китобу шариат масалҳо ва корҳои мухолиф аст, чунон ки яке тоат намоз аст ба шаклҳои мутафовит аз истодан ва хусбидан ва сар бар замин ниҳодан ва ҷуз он. Ва як тоат рӯза аст, ки таому шароб нохӯрдан аст ва ҷимоъ нокардан ба рӯз. Ва як тоат ба Макка шудан аст ба зиёрати хонаи сангин. Ва ин ҳамаи чизҳои мухолиф аст чунон ки аз олам як чиз Офтоб аст бад-он равшанию гармӣ. Ва як чиз об аст бад-он сардию тарӣ. Ва як зоиши олам дарахт аст пой ба замин фурӯ бурда ва устувор истода. Ва як зоиш мурғ аст, ки бар ҳаво парад. Ва ин асар ҳама мухолиф аст. Ва таркиби олам аз чаҳор табъ аст мухолиф ба зоҳиру ба ботин мувофиқ. Ва таркиби дин аз чаҳор чизи мухолиф аст ба зоҳир ва ба ботин мувофиқ, чун китобу шариат ва таъвилу тавҳид ва ҳамчунон ки аз он чаҳор табъи олам се табъ ҳамеша пайдост ва бе миёнҷӣ ёфтааст, чун хоку боду об ва як рукни ӯ, ки оташ аст, ноёфта аст, магар ба миёнҷии он се ёри дигар, он чаҳор рукни дин низ се ёфтааст, чун китобу шариат ва таъвил ва яке ноёфта аст, чун илми тавҳид, магар ба миёнҷии ин се ёри ӯ, ки гуфтем.

Пас, пайғомбарон, алайҳимуссалом, ин илмҳои фурӯдин аз китобу шариат ва амал сохтанд, то халқ аз ин роҳ ба илми ваҳдоният расанд, ки нури илми ваҳдоният аз бузургвори ва латофат чунон аст, ки андар ӯ ҷуз бе миёнҷиён натавон расидан. Ва пайғомбарон, алайҳимуссалом, ба ёфтани он нур бар халқ подшоҳи ёфтанд ва халқ бад-он нур мар эшонро кардан дода шуд, набини, ки Худойи таъоло андар ҳадиси Мӯсо бар сабили масал мар расули Мустафоро, алайҳиссалом, мегӯяд:

وَهَلْ أَتَاكَ حَدِيثُ مُوسَى إِذْ رَأَى نَاراً فَقَالَ لأَهْلِهِ امْكُثُوا إِنِّي آنَسْتُ نَاراً لَعَلِّي آتِيكُمْ مِنْهَا بِقَبَسٍ أَوْ أَجِدُ عَلَى النَّارِ هُدًى

*Ҳамегӯяд: «Чи омад ба ту, эй Муҳаммад, ҳадиси Мӯсо, ки оташе дид, пас гуфт мар аҳли хешро, ки «бошед, ки ман оташ дидам, магар аз он ҷо порае ба шумо орам, роҳи рост бар он оташ биёбам» (20-9,10).*

Ва таъвили ин оят он аст, ки Мӯсо, алайҳиссалом, он оташ андар нафси муқаддаси хеш дид ва он оташ «нури тавҳид» буд, ки мар ӯро бидирафшид ва бад-он чи мар аҳли хешро гуфт: «Бибошед!» он хост, ки ҳам бар ин дину ин тариқат, ки ҳастед, бибошед, то ман аз ин нур, ки маро дирафшид, хабаре тавонам ёфтан, ки ба шумо расонам. Ва шумо ва ман роҳи рост ёбем ва ин роҳ андар дин, гуфт, ки биёбем на андар дунё. Агар ӯ он оташ ба чашми сар дида буди, эшонро бинамуди, чи оташро ба шаб ҳар ки басари дуруст дорад, битавонад дидан. Ва агар ӯ он оташ ба чашми сар дида буди, касеро тавонисти фармудан, то бингарад, ки он оташ чист, валекин он оташ нури тавҳид буд, ки Мӯсо, алайҳиссалом мар онро ба чашми басират бидид ва натавонист ба касе намудан бе миёнҷии китобу шариат ва амал, чунон ки оташи дунё рӯй нанамояд, магар ба миёнҷии чизе, ки аз обу хок раста бошад ва андар ҳаво парварда шуда бошад.

Пас, ҳар ки мар китобу шариат ва амалро даст боздорад, албатта, мар ҷони ӯ нури тавҳидро натавонад ёфтан, ҳамчунон ки агар касе гӯяд, ки «ман бе ҳеч чиз, ки аз об рӯяд ва аз хок, ёри нахоҳам бар ҷустани оташ», он кас, албатта, ба оташ нарасад ва фоидаи оташ аз ӯ бурида гардад. Ва чун оташи табиӣ, ки ӯро ҳеч дониш нест ҷуз ба миёнҷиён, ки бо ӯ ошноянд, ҳаме рӯй нанамояд, илми тавҳид сазовортар, ки рӯй нанамояд, ҷуз бад-он касе, ки сипас фармони ошноёни ӯ биравад аз паёмбарон, алайҳимуссалом. Пас, ҳар ки китоби Худойро ва шариати расулро ва амалу тоатро бештар кор бандад, илми тавҳид сӯи ӯ равшантар шавад, ҳамчунон ки ҳар ки ҳезум бештар ҷамъ кунад, равшанию гармӣ аз оташи табиӣ бештар ёбад.

## Сафи бисту сеюм
## СУХАН АНДАР ҲУВИЯТИ МУБДЕЪИ ҲАҚ

Гӯем бар андозаи тоқати бандагии хеш андар тавҳид на бар андозаи ҳуқуқмандии ӯ, ки Мубдеъи ҳақ дур аст аз ҳувият ва ноҳувият, аз баҳри он ки ҳувият мар ақлрост, ки ҳастии Ҳақ ӯрост ва ноҳувият мар ибдоъро аст, ки худ Мубдеъи ҳақ аст бар Ақли аввал. Ва Ақли аввал ба далели ҳастии хеш ва нестии ибдоъ мар Мубдеъи хешро бишинохт.

Ва ин ҳар ду сифат аз падидоварандаи худ дур кард ва ақл ба шинохтани ҳастии хеш ҳувияти Офаридгорро аз ҳаст ва ноҳаст дур кард, на бад-он, ки он ҷо ҳувияте ё ноҳувияте мавҷуд ёфт беруни он, ки ақл пайдо кард аз ҳастии хеш, ки ҳувияти Мубдеъи ҳақ на чун ҳувияти ҳастҳост ва на ноҳувияти Мубдеъи ҳақ бо ҳувияти нестҳост, балки шинохтани Мубдеъи ҳақ он аст, ки нафӣ куни ҳуввиётро ва ноҳуввиётро аз Ӯ, субҳонаҳу ва таъоло аммо яқулуна-з-золимуна улувван кабиран.

Ва гар Мубдеъи ҳақро ба ҳувият эътиқод карди, мар Ӯро монанда карда буди ба ҳастии ба хеш. Ва гар ақл Мубдеъро ба ноҳувият эътиқод карди, монанда карда буди мар Ӯро ба нестии баибдоъ. Ва гар Ақл ба ҳастии хеш дуруст карди офаридгори хешро ва ҳасти мар Ақлро бувад, пас, аз ин қиёс мубдеъи ҳақ худ Ақл буди. Ва натиҷаи ин сухан он омад, ки касе гӯяд: «Офарида худ Офаридгор аст». Ва ин муҳол аст. Ва гар Ақл ҳувияти Мубдеъи ҳақ ба нестист, ибдоъ дуруст карди, ин худ чун шоисти будан, дуруст кардан аз ҷиҳати нести. Ва ин қисмат муҳолтар аст аз қисмати нахустин ва он ки Ақли кулл бад-он хосса аст аз ҳама офаридаҳо он аст, ки иллати ӯ бо яке аст бе ҳеч ҷудои. Ва он ки беруни ҳувияти маҳз аст, ки Ақл бад-он яктост, он ифозати Ақл аст бар Нафси кулли ба фармони Мубдеъи ҳақ. Ва Мубдеъи ҳақ муназзаҳ аст ва пок аст аз ҳама ҳувиятҳо ва ноҳувиятҳо. Боз намоем баёни қавли хеш, ки чаро ҳувият аз Мубдеъи ҳақ нафӣ кардем ва гӯем, ки ҳар ҳувияте, ки ҳамеёбем андар олам, мар онро иллате ҳаст ва ҳеч чиз аз ақл шарифтар ва латифтар нест. Ва ҳувияти ӯ ба иллияти ӯ падид омадааст, ки он иллат амри Мубдеъи ҳақ аст. Ва Офаридгорро иллати вуҷуд набояд, чун иллат воҷиб набояд, раво набошад, ки мар Ӯро, ҷалла ва таъоло «ҳувият» гӯем. Ва чун иллати ҳувият, ки маълул аст, ноҳувият бошад, ки ибдоъ аст. Ва боз гӯем, ки ноҳувиятро, ки иллат аст, ҳувияте бояд чунон бошад, ки гӯем, мар иллатро иллат бояд, ё иллати иллати маълул бояд. Ва ин муҳол аст. Пас, гӯем, ки мар ҳувиятро ниҳоят то ба ақл аст ва ноҳувиятро ниҳоят то ба амр аст ва бартар аз ҳувият ва ноҳувият лозим наояд бад-ин бурҳонҳои ақли, ки гуфтем. Ва Эзиди таъоло бартар аст аз иллату маълул ва аз ҳувияту ноҳувият. Ҷалла ва таъоло аммо яқулуна-з-золимуна улувван кабиран.

## Сафи бисту чаҳорум
## СУХАН АНДАР ИСМИ АЛЛОҲ, КИ БУЗУРГТАР НОМИ ХУДОЙ АСТ ТАЪОЛО

Бидонед, ки чаҳор ҳарф, ки андар ин номи бузург аст, далел аст, бар чаҳор асли рӯҳони ва ҷисмони, ки пойдории ҳама офаридагон аз рӯҳони ва ҷисмони бад-он аст аз фариштагон наздик гардонида ва бандагони нек. Ва ҳар ҳарфе аз ин ҳарфҳо маъдан аст мар хайроти ду ҷаҳониро, чун «алиф», ки аз ӯ баробари ақл аст, ки ӯ «маъдани таъйид» аст. Ва «лом», ки аз ӯ баробари Нафси кулл аст, ки «маъдани таркиб» аст. Ва чун «ломи» дигар, ки аз ӯ баробари нотиқ ояд, ки «маъдани таълиф» аст. Ва чун «ҳо», ки аз ӯ баробари баён аст аз асос, ки «маъдани

таъвил» аст баробари ҳарфҳои номи Худой бо маъданҳои хайр андар ду олам. Ва ин чаҳор «маъдани рӯҳони» баробар аст бо чаҳор «маъдани ҷисмонии табии», ки аз табиати кул падид омадааст ва қавоми ҷаҳониён бад-он аст, чун оташ, ки маъдани гарми аст ва чизҳоро латиф гардонад. Ва ҳаво маъдани берун овардан ва таркиб кардани чизҳост. Ва об маъдани гирд кардан ва сириштан аст. Ва замин маъдани нигоҳ доштан ва бисёр гардонидан аст ва бузург кардан. Ва агар хирадманд бинигарад андар офариниши табоеъ ва чигунагии ниҳоди ин чаҳор рукни олам, мар номи «Аллоҳ» андар ӯ ба офариниш навишта бинад, чунон ки бинад мар оташро, ки сӯи боло ҳамекашад бе ҳеч кажи ва таъни чун «алиф»-и «Аллоҳ» ва «лом»-и аввалро баробари ҳаво бинад, аз баҳри он, ки ҳаворо ду канора аст: як канорааш ба оташ ва дигари канорааш ба об аст. Ва ҳамчунин «лом»-и дигарро бинад, ки чун об аст миёни ду андоза аз дарози ва паҳни ва «ҳо»-ро бинад, ки гирд аст баробари замин. Ва ором ҷои ҷонварон бар замин аст, ки ӯ аз номи Аллоҳ ба манзалати «ҳо» аст. Ва ҳамчунин маъданҳои рӯҳонии чаҳоргона, ки ёд кардем, монандааст ба чаҳор рукни табоеъ аз баҳри он ки Ақли кулл монандаи оташ аст, ки мар нафсро гарм кунад бад-он чи аз рӯи тамоми бар расидан ба савоби абади андар нафс аз ақл падид ояд ва ақл латиф кунад нафси мантиқро то ӯро аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл орадаш ва аз доираи табиат берун барадаш.

Ва ҳамчунон ки ақл ниҳоят аст мар он чаҳор асли бузургро, оташ ниҳоят аст мар чаҳор рукни оламро. Ва ҳамчунон ки оташ пайдо нашавад, магар ба гавҳаре фурӯд аз ӯ, ки мар ӯро бипазирад, ақл низ пайдо нашавад, магар ба гавҳари нафс, ки фурӯд аз ӯст, ки мар ӯро бипазирад ва аз оташ бартар андар офариниш фалаки Қамар аст, ки бастааст афрози ӯ. Фалаки Қамар, ки бартар аз оташ аст, берун аст аз сифоти ин чаҳор табъ зери ӯст. Ҳамчунин бартар аз ҷавҳари Ақли кулли бастааст калимати «Эзид», ки берун аст аз сифоти ҳамаи мавҷудот, ки ҳастиҳо аст аз рӯҳони ва ҷисмони. Ва ҳамчунон ки бо оташ ҳеч чиз тавонои надорад ва аз ӯст салоҳи зиндаги ва расидани чизҳои хом, ҳамчунин ба таъйиди Ақли аввал аст салоҳи дини Худой ва низоми ду ҷаҳон. Ва Нафси кулл монанда шуд ба ҳамаи рӯйҳо ба ҳаво, аз баҳри он ки аз Нафси кулл аст берун овардани паёмбарон ва асар додан аз таъйид андар нуфуси эшон. Ва аз Нафси кулл аст берун овардани олами табиат ва асар кардан андар олам то олам суратҳои табии бипазирад ва аз чаҳор рукни олам ба ҳаво бибинад рукнҳо ва суратҳоро. Ва ҳамчунин ба Нафси кулли бубинанд паёмбарон суратҳои оламро ва ҳамчунон ки ҳаво торики ва рӯшнои пазирад, нафсҳо аз Нафси кулли баҳраи ҳадди пазирад ва баҳраи залолат. Ва ҳамчунон ки ба ҳаво бувад зътидоли зиндаги ва фасоди он ва ҳамчунон ки ба асари Нафси кулли бувад салоҳи нафси мантиқи ва ба заволи асари ӯ бувад фасоди мантиқи. Ва ҳамчунон ки аз ҳаво халқи олам бемори ва тандурусти пазирад, аз асари Нафси кулли нафсҳои мантиқи бахраи савоб пазирад ва баҳраи иқоб. Пас, гӯем, ки нутқ монанд шуд ба ҳама рӯйҳо ба об, аз баҳри он ки аз нутқ аст ҷамъ кардани ҳикматҳои илоҳи андар олами табии. Ва аз нутқ бувад сириштани илмҳои шаръи, ки мувофиқ бувад мардумони даврро. Ва аз об бувад мавҷҳо, ки халқ бад-он ҳалок шаванд. Ҳамчунин аз зоҳири нутқ падид ояд мавҷҳои ихтилоф, ки ҳалоки нафсҳои мантиқи бад-он бошад ва салоҳи об андар пӯшида бештар аз он аст, ки андар зоҳир аст. Ҳамчунин салоҳи ҳикмати шариати паёмбарон андар зеҳну тамиз бештар аз он аст, ки андар зоҳири шариат, аз баҳри он ки зоҳири шариат мувофиқи ҷасадҳост ва ботини ӯ ба тамйиз кардан мувофиқи арвоҳ аст. Ва обро хосият он аст, ки ҳамеша аз канор, ки латиф бошад, сӯи боло шавад ва он гоҳ бад-он маъдани хеш ояд бедиранг, ҳамчунин нафси нотиқа ҳамеша ба боло ҳамешавад, то насиби хеш аз Нафси кулли бипазирад. Ва боз мар он назифро

касиф кунад ва бад-он диҳад, ки зери ӯ бошад, чунон ки пайғомбарон, алайҳимуссалом карданд. Ва нафси мумайиза монанда шуд ба замин аз ҳама рӯйҳо, маънии нафси мумайиза «чудокунанда» бошад бадро аз нек ва аз нафси мумайиза бувад нигоҳдошти мар нафсҳои мантиқи бар дини худованди шариат ва таъвили муташобеҳот, то шариат бар мардум устувор шавад ва сурати маъоди ба илми илоҳи ва ба амали шаръи тамом гардад. Бар мисоли нигоҳдошти замин ва тамом кардани ӯ мар чизҳоро. Ва аз нафси мумайиза бувад падид омадани навъҳои баён андар дини Худой, ҳамчунон ки аз замин бувад падид омадани суратҳои ҷисмони. Ва ҳамчунон ки обу ҳаво ва оташ андар замин пинҳон шаванд, таъйиди Ақли кулли ва тавфиқи Нафси кулли ва таълими нутқ андар нафси мумайиза ҷумла шаванд.

Ва оғози ин чаҳор ҳарфи Аллоҳ аз «алиф» аст, ки ӯ аз ҳисоби яки аст, ҳамчунон ки оғози чаҳор аз яки аст ва анҷомаш ба яки аст, аз баҳри он ки чун ба ҳама чаҳорро чун «яку ду ва се ва чаҳор» ҷумла куни, даҳ бувад ва яки-яки бошад андар зоти хеш. Пас, чунон ки оғозу анҷоми чаҳор ба яки аст, оғозу анҷоми ин чаҳор ҳарфи «Аллоҳ» яки аст, бад-он чи оғозаш «алиф» аст ва анҷомаш он «алиф» аст, ки охири «ҳо» аст. Ва маънии пӯшида андар ин боб он аст, ки иллати ин чаҳор асл, ки гуфтем, ба ваҳдати Эзид аст ва ҳамчунин оғози чаҳор аркон аз табиат, ки ӯ қуввати фоъила аст, аъни коркун. Ва интиҳои он ашхос аст, ки ҷузъ напазирад ва андар ҳар шахсе «далели даҳ» мавҷуд аст, ки аз зоти хеш падид кунад ва он гавҳари он чиз аст, ки баргирифтааст мар на аразро, ки сӯи аҳли илми мантиқ он на араз донистааст. Пас, ҳар чизе бад-ин шарҳ, ки гуфтем, оғози он яки аст ва анҷомаш яки аст, ҳамчунон ки Аллоҳро аввал якист, ки «алиф» аст ва охираш яки аст, ки «алиф» аст ба охири ҳарфҳо андар. Пас мувофиқ омад шуморо аз ҷиҳати офариниш ва назми олам, бо таълифи ин номи бузург ва «лому алиф», ки ба ҳам ори, ҳосил аз ӯ калимати нафӣ бошад ва он «ло» бошад. Ва чун «лом»-и дигарро бо «ҳо» гирд ори, аз ӯ калимати «исбот» ояд. Ва он «лаҳу» бошад ва «мушор» бошад, яъне ки рӯҳониён номушоранд, чун «ло» ва он ақл аст ва Нафси кулли ва қуввати нутқ ва тамйиз, чун «лаҳу» бувад, яъне мушор. Пас, он ду номушоранд ва ин ду мушоранд ва Эзиди таъоло, ҷалла зикруҳу, на мушор аст ва на номушор аст. Ва ҳамчунин аз чаҳор рукни олами табии оташу ҳаво номушор аст аз ҷиҳати андар расидан бад-эшон аз латофат. Ва обу замин мушоранд, ки касифанд. Ва ҳамчунин ҳукамо сурати фалакро бахш карданд ба чаҳор қисмат ва онро «автод» хонанд, яъне меххо ва якеро аз он меххо «толеъ» хонанд ва он он хона бошад, ки аз машриқ барояд он вақт, ки ҳукм хоҳанд кардан ва онро «хонаи зиндагони» хонанд. Ва дигар аз он меххо чаҳорум бошад аз хонаи толеъ ва онро «хонаи оқибат» хонанд. Ва се дигар аз он меххо хонаи ҳафтум бошад аз толеъ ва онро «хонаи хусумат» хонанд. Ва чаҳорум аз он меххо хонаи даҳум бошад ва онро хонаи «иззу подшоҳи» хонанд, яъне ки оғози суратҳои рӯҳони аз чаҳор асл аст. Ва «хонаи зиндагони», ки толеъ аст, далели Ақл аст, ки ӯ «толеъи аввал» аст, бад-он чи аз калимаи «Бори субҳонаҳу» нахуст ӯ пайдо шуд ва бад-ӯ ёфтанд зиндагонии ҳама рӯҳониёт ва ҷисмониёт. Ва хонаи чаҳорум «хонаи оқибат» аст, ки далели Нафси кулл аст, ки оқибати корҳо бад-ӯ бошад ва аз Нафси кулл аст тамом шудани аслҳо. Ва ватади се дигар ба хонаи ҳафтум аст, ки «хонаи хусумат» аст, ки далели нутқ аст, ки нотиқ якест аз ҷумлаи ҳафт андоми мардум ва он забон аст ва хусуматҳо аз ҷиҳати нутқ афтад. Ва ватади чаҳорум, ки хонаи даҳум аст ва хонаи «иззу подшоҳи» аст, ки далел аст бар нафси мумайиза, ки бад-ӯ тамом шавад ҳудуди рӯҳони ва ҷисмони. Ва шарҳи ҳуруфи «Аллоҳ» бисёр аст. Мо бад-ин миқдор иқтисор кардем.

## Сафи бисту панҷум
## СУХАН АНДАР ОН ЧИ МАРДУМ БАД-Ӯ САЗОВОРИ ПАЙҒОМБАРИ ШАВАД

Чаҳор қувват аст, ки чун ҳар чаҳор андар мардуме гирд ояд, он мардум таъйид пазирад, то ба ёрии муаййиде, аъни, ки чун доное, ки ӯ илмҳои пӯшидаро ба далолати зоҳирҳо ҳамебинад, мар ӯро чизе бинамояд, ӯ ҳамчунон пӯшида пеш шавад бад-он анбозе, ки нафси ӯро бо нафси доно уфтад. Ва дигар он аст, ки ба анбози таъйидпазир гашт, мар онро биварзад, то ӯ зоти хеш ҳамчунон ишорате, ки доно бад-ӯ карда бошад, берун орад, то таъйидпазир бошад ба танҳои. Ва агар бими дароз шудани китоб набуди, мисоле аз ин ишорат бинамудаме. Ва се дигар он аст, ки чун нафси ӯро андар чизҳои латиф дидор уфтод, мар нутқи ӯро қуввати он бошад, ки мар онро битавонад гуфтан пӯшида. Чаҳорум он бояд, ки чун бигӯяд, мар он пӯшидаро бар чизҳои ошкоро гӯяд ва маънии онро ба зери он зоҳир андар пӯшида кунад, то оммаро зоҳири он сухан қайду банд бошад ва хоссаро маънии он қавл панду растагори бошад.

Пас, ҳар мардуме, ки бар ӯ бад-ин чаҳор хислат миннат ниҳад, ӯ шоиста шавад, мар расулеро аз Холиқ сӯи халқ ва солору раис гардад бар дигар ҳамҷинсони хеш. Ва далел бар дурустии ин даъво он аст, ки мардум ҷонварест аз ҷумлаи ҷонварон, ҳамчунон ки расул мардуме бошад аз ҷумлаи мардумон, валекин чун мардум чаҳор қувватро бардорад, солор шавад бар ҷумлаи дигар ҷонварон ва он чаҳор қувват, ки ӯрост, яке аз он «нумув» аст ва он бар боландист, чун набот ва сутурон, ки ҳама боланд. Ва дигар ҳис аст. Ва он шинохтани ҷинси хеш ва маърифати душмани хеш аст, чунон ки ҳама ҷонварон шиносанд. Ва се дигар нутқ аст. Ва он сухан гуфтан аст ва иборат кардани он чи бидонад мар ҳамҷинси хешро. Чаҳорум ақл аст, ки бипазирад ва доно шавад ба латофатҳо. Ва ба гирд овардани ин чаҳор қувват мардум гардад ва забари хеш оварад мар ҷонварони дигарро, ки бо ӯ ба нумув ва ҳиссу овоз баробар буданд. Ва чун ин қувватҳо, ки сутуронро буд, бипазируфт ва низ бар он ақлу нутқ зиёдат пазируфт, сазовор гашт мар солории ҷонваронро. Он кас, ки ҳама қувватҳои мардуми пазируфта бошад ва чаҳор қуввати дигар, чунон ки ёд кардем, бипазирад, худованди ҳашт қувват шавад, ки ба чаҳор қувват аз он мардум аз дараҷаи сутури бартар омад. Аз ҳукми ақли воҷиб ояд, ки он кас, ки он ҳашт қувватро ҷумла кунад, ӯ бар солори ҷонварон солор шавад. Солори ҷонварон мардум аст ва солори мардум пайғамбаронанд, салавотуллоҳ алайҳим аҷмаъин.

Ин бурҳоне равшан аст мар худованди басиратро ва Аллоҳу таоло аъламу ва аҳкам.

## Сафи бисту шашум
## СУХАН АНДАР ХУДОВАНДИ ҚИЁМАТ, КИ Ӯ ЧАРО ШАРИАТИ НАВ БИЁРАД

Гӯем, ки чизҳоро, ки ҳаст андар олам ду канораю миёна аст. Ва ҳар будаеро тамомии он андар канораи бозпасини ӯст, чунон ки мар чизҳоро, ки андар ӯ рӯҳ аст, канораи нахустини ӯ набот аст ва миёнааш ҳайвон аст ва канораи бозпасини ӯ мардум аст, ки бар набот ва ҳайвон солор аст. Ва тамомии ҳайвон андар ӯст. Пас, ҳол андар дин ҳамчунин воҷиб ояд, аз баҳри он ки офариниши мардум аз баҳри

дин будаст ва тамомии мардум андар дин аст. Ва ҳар ки ӯро дин нест, ӯ ноқис аст, аз баҳри он бувад, ки паёмбарон, алайҳимуссалом, мар кофиронро куштан фармуданд. Ва масали мардум, ки дин пазируфта бошад, чун мисли нутфа бошад, ки ба ҳадди қуввати мардум бошад, чи агар касе даҳ бор муҷомаъат кунад бо ҳалоли хеш, ки ҳар муҷомаъате мумкин буди, ки фарзанде буди ва аз он даҳ муҷомаъати ӯ ҳеч фарзанд набошад ӯро, бад-он гирифтори набошад, ҳарчанд ки он нутфа, ки ӯ мардум бувад, табоҳ шуд, аз баҳри он ки ноқис буд. Пас, куштани мардуми бедин баробар аст бо табоҳ шудани нутфа ва аз ӯ базаҳ набошад ба куштани ӯ, балки савоб бошад мар кушандаи ӯро.

Пас, гӯем, ки мар динро ҳамчунин се мартабат аст: нахуст аз ӯ мартабати нутқ аст ва он пайғамбарест, ки шариат орад ва таълифи китоб ва аъмол кунад ва халқро бар пазируфтани зоҳири он таклиф кунад. Ва дигар мартабати васоят аст, ки бунёди таъвил ӯ ниҳад ва масалҳою рамзҳоро маъни бигӯяд ва халқро аз мавҷи дарёи шубҳат ба хушки ва эминии ҳақиқат бирасонад. Ва се дигар мартабати имомат аст, ки зоҳир ва ботинро имом нигоҳ дорад ва халқро бар андозаи тоқати эшон аз илми таъвил баҳра диҳад андар ҳар замоне. Ва ин канораи бозпасин аст андар дин ва тамомии дин андар имом аст.

Пас, гӯем, ки ин се мартабат андар халқ аз сари даври Одам, алайҳиссалом, то ба охири даври Муҳаммади Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи бигашт. Ҳар мартабате андар шаш тан ва ҳаждаҳ тан андар олам андар ин се мартабат истоданд, чун Одам ва асоси ӯ ва имоми ӯ; ва Нӯҳ ва асоси ӯ ва имоми ӯ; ва Иброҳим ва асоси ӯ ва имоми ӯ; ва Мӯсо ва асоси ӯ ва имоми ӯ; ва Исо ва асоси ӯ ва имоми ӯ; ва Муҳаммади Мустафо ва асоси ӯ ва имоми ӯ, алайҳимуссалом. Ва ба ҳафтуми эшон кори дин тамом шавад. Ва он ҳафтуми эшон нуздаҳум бошад мар тани ҳаждаҳро, чунон ки Худой таъоло фармуд: Қавлуҳу:

**سَأُصْلِيهِ سَقَرَ وَمَا أَدْرَاكَ مَا سَقَرُ لا تُبْقِي وَلا تَذَرُ لَوَّاحَةٌ لِلْبَشَرِ عَلَيْهَا تِسْعَةَ عَشَرَ وَمَا جَعَلْنَا أَصْحَابَ النَّارِ إِلاَّ مَلائِكَةً وَمَا جَعَلْنَا عِدَّتَهُمْ إِلاَّ فِتْنَةً لِلَّذِينَ كَفَرُوا لِيَسْتَيْقِنَ الَّذِينَ أُوتُوا الْكِتَابَ وَيَزْدَادَ الَّذِينَ آمَنُوا إِيمَاناً وَلا يَرْتَابَ الَّذِينَ أُوتُوا الْكِتَابَ وَالْمُؤْمِنُونَ وَلِيَقُولَ الَّذِينَ فِي قُلُوبِهِمْ مَرَضٌ وَالْكَافِرُونَ مَاذَا أَرَادَ اللَّهُ بِهَذَا مَثَلاً**

*Ҳамегӯяд: «Саранҷом андар афганемаш ба дӯзах ва таваҷҷӯҳ дони, эй Муҳаммад, ки он чи дӯзах аст ва он аст, ки на бимонанд ва на бигузоранд, дирафшанда аст мардумро. Ва бар ӯ муваккал аст ва накардем худованди оташ, магар фариштагон ва накардем шумори эшон, магар озмоише мар онҳоро, ки кофир шуданд, ё зиёдат шавад имони гаравандагон ва ба шак(к) науфтанд он касон, ки китобро бипазируфтанд ва гаравандагон. Ва то бигӯянд кофирон ва он касон, ки дилҳои эшон андар дин бемор аст, ки чи хост Худой бад-ин масал, ки зад» (74-26, 31).*

Ва таъвили ин оят он аст, ки ба дӯзах мар зоҳири шариатро ҳамехоҳад, ки мардум аз ӯ на бар ҳақ бошад ва на бар ботил. Ва ҳамедирафшад мардумро аз ӯ чизе, ки бад-ӯ натавонад расидан бе миёнҷи ва бар ӯ нуздаҳ муваккал аст аз шаш нотиқ ва шаш асос ва шаш имом ва яке худованди қиёмат. Ва бад-он чи ҳамегӯяд, «накардем худовандони оташ, магар фариштагон бад-он оташ» мар Ақли куллро ҳамехоҳад, ки фариштагон аз ӯ падид ояд андар олами ҷисмони. Ва ҳар ки ин нуздаҳ ҳаддро бидонад, имонаш зиёдат шавад ба қуввати Худой таъоло ва ҳар ки мар эшонро надонад, мутаҳайир шавад. Ва гӯяд: «Ин чи масал аст, ки Худой ҳамезанад, чун мар ин се шаш кай он ба ҳафтуми бозпасин расад. Ва ин шашон ҳама амал фармудаанд, воҷиб ояд, ки охири амал ҳисоб бувад, ки шумори он амалҳо он ҳафтум аз халқ бихоҳад». Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки ҷасади касиф, ки ба шаш ҳол бигардад аз сулола то ба лаҳм, ба ҳафтум мартабат ӯро ҳоли дигар бошад, ки бад-он шаш ҳоли гузашта намонад ва айбу ҳунари он шаш ҳол бад-он ҳафтум падид ояд. Ва бад-он ҳафтум ҳол аз рост кардани сурати ӯ бипардозанд ва ҳавосси ӯ ва андомҳои ӯ ба кор бинамудан андарафтад аз он маъниҳо, ки ӯро аз

баҳри он офарида бошанд. Пас, ҳамчунин берун омадани он ҳафтум ҳад ҳисоби ин амалҳои карда аз халқ бихоҳанд, ки Ӯ Худованд бозҷустани корҳое карда бошад, на фармояндаи кор бошад. Ва ақл гувоҳи диҳад, ки чандин паёмбарон биёмаданд ва халқро ба Худой хонданд ва кори шароеъ фармуданд. Ва баъзе аз мардум он бипазируфт ва кор кард ва баъзе напазируфт ва кор накард. Ва ҳар ду гурӯҳ аз ин олам рафтанд ва пайдо наёмад фазли он мутеъи фармонбардор бар он осии бефармон, бояд ки рӯзе бошад, ки он фазл падид ояд. Ва ин таъхир, ки будааст ваҳми бошад мар омадани он ҳафтумро ҳамебошад. Ва Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

**أَمْ حَسِبَ الَّذِينَ اجْتَرَحُوا السَّيِّئَاتِ أَنْ نَجْعَلَهُمْ كَالَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ سَوَاءً مَحْيَاهُمْ وَمَمَاتُهُمْ سَاءَ مَا يَحْكُمُونَ**

*Ҳамегӯяд: «Оё чунон ҳамепиндоранд он касон, ки бади карданд, ки Мо мар эшонро, чун он касон кунем, бигаравиданд ва корҳои некӯ карданд, баробар бошад мурдагию зиндагии эшон, бад ҳукме аст, ин ки ҳамекунанд ва чун андар ҳоли зиндаги бадкирдор ва неккирдор падид наёмад ва пас аз марг падид наёяд, бад ҳукме бошад. Ва Худой таъоло ҳукми бад накунад» (45-21).*

Қавлуҳу:

**أَلَيْسَ اللَّهُ بِأَحْكَمِ الْحَاكِمِينَ**

*«Оё Парвардигор мустаҳкамтарин қазоваткунанда нест?» (95-8)*

## Сафи бисту ҳафтум
## СУХАН АНДАР ОН КИ ЧАРО АҚЛ ВА НАФС БА МАРТАБАТ НАБУДАНД, АГАР АСЛИ ЭШОН АМР БУД ВА АНДАР ОН ОЛАМ ХИЛОФ НАБУД

Бибояд донистан, ки тафовути миёни чизҳо аз ҷиҳати наздикии гурӯҳе аз он бошад ба иллати хеш ва дурии гурӯҳе аз иллати хеш ва ҳар чи ба иллат наздик бошад, қавитар аз он бошад, ки аз иллати хеш дуртар бошад. Ва мисоли ин чунон аст, ки модару падари кӯдак қавитар аз кӯдак бошад, ба сабаби он ки иллати эшон ҳама набот аст ва модару падар ба иллати хеш расидаанд ва аз набот ҳаметавонанд хӯрдан. Ва кӯдак, ки аз набот ғизо наметавонад кашидан, то нахуст модараш аз набот бихӯрад ва мар онро шир бигардонад ва он вақт ба кӯдак бирасонад. Пас, он кӯдак аз иллати хеш, ки набот аст, дур аст ва модараш миёни ӯ ва миёни иллати ӯ миёнҷи аст, лоҷарам, заиф аст ва модару падараш, ки ба набот расидаанд, қавианд. Ва чун кӯдак ба кашидани ғизо аз набот ба миёнҷии модар қави шавад, он вақт миёнҷи аз миён бархезад ва ӯ ҳамчун модару падари хеш гардад. Ва мо донем, ки иллати ҳама будҳо калимаи «Бори» субҳонаҳу аст. Ва он калима якест ва маълули ӯ ба ҳақиқат бе ҳеч миёнҷии яки лозим ояд, то боз ба миёнҷии он як маълул дигар маълулот падид оянд. Бар мисоли дарахте, ки тухме падид ояд, то боз ба миёнҷии он дарахт аз он тухм шохҳои бисёр ва баргҳо ва борҳо падид ояд. Пас, он нахустин маълул Ақл бувад, ки қуввати иллати хеш ба миёнҷи ба тамоми пазируфт ва Нафс аз калима ба миёнҷии Ақл падид омад. Пас, хилофе нест андар он, ки он чи падид омадани ӯ аз чизи дигар ба зоти ӯ бошад, шарифтар аз он чиз бошад, ки падид омадани ӯ аз чизи дигар ба миёнҷии дигар бошад. Ва ҳарчанд ки андар он олам хилофе нест ва ороми Ақлу Нафс ба калимаи «Бори» аст, номи дувуми аз баҳри он бар эшон уфтодааст, ки Нафс фоидапазир аст ва Ақл фоидадиҳанда аст. Ва агар на чунин буди, номи дувуми бар эшон науфтоди. Ва ҳар ду худ яки буданди ва андар мардум худ ин ду чиз мавҷуд аст, ки ҷуз бад-он номҳо ва маъниҳо мар эшонро аз якдигар натавон шинохтан. Ва он он аст, ки ҳар мардумеро нафсе аст, ки ҳамедонисти ҷӯяд ва ба нигоҳбоне ҳоҷатманд

аст ва он нигоҳбон ва донишомӯзи ӯ ақл аст, ки чун нафс бар хештан солори кардан гирад ва аз ҷойгоҳи мухотираи нодони парҳезидан гирад, гӯянд: «Оқил шуд». Ва ақлро ҷуз ба нафс падид омадан нест ва феъли нафс ҷуз ба ҷасад пайдо нашавад.

Пас, ин се мартабат ба якдигар пайваста аст, ки пайдо шудани феъли нафс, аз роҳи ҷасад аст ва пайдо шудани асари ақл бар нафс аст. Ва ақлро бо ҷасад пайвастаги нест бе миёнҷии нафс, ҳамчунон ки аз яки се падид наёмад, магар ба миёнҷии ду. Ва чун нафси мардуми беақл нотамом ва хор аст, донем, ки андар олами улви ҳамин ҳол мавҷуд аст ва нафс ба ақл ҳоҷатманд аст.

## Сафи бисту ҳаштум
## СУХАН АНДАР АҚЛ, КИ Ӯ ҲАСТИ НАХУСТ АСТ

Далел бар он ки Ақл нахуст чиз аст, ки аз ҷуди Бори, субҳонаҳу пайдо шудааст, ҳам аз китоби Худой аст ва ҳам аз хабари Расул, алайҳиссалом, ва ҳам аз иттифоқи ҳукамои шаръи ва ҳукамои илми илоҳи ва аз шаҳодати уқалои ҷузъи. Аммо далел аз китоби Худой таъоло бар он, ки Ақл нахустин падид омадааст, аз ҷуди Бори, субҳонаҳу он аст, ки ҳамегӯяд, қавлуҳу:

**هُوَ الَّذِي خَلَقَكُمْ مِنْ تُرَابٍ ثُمَّ مِنْ نُطْفَةٍ ثُمَّ مِنْ عَلَقَةٍ ثُمَّ يُخْرِجُكُمْ طِفْلاً ثُمَّ لِتَبْلُغُوا أَشُدَّكُمْ ثُمَّ لِتَكُونُوا شُيُوخاً وَمِنْكُمْ مَنْ يُتَوَفَّى مِنْ قَبْلُ وَلِتَبْلُغُوا أَجَلاً مُسَمًّى وَلَعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ**

*Ҳамегӯяд: «Худой шуморо биёфарид аз хок, пас аз об, андак пас аз хуни баста, пас берун овардатон кӯдаки хурд, то бирасид ба нерӯи сахти хеш, пас, то бибошед пирон. Ва аз шумо кас аст, ки аз пеш бимирад ва то бирасед ба вақти номзад карда, магар ки ақлро биёбед» (40-67).*

Ин ҳама аҳволи мардумро ёд кард ва ба охир гуфт: «Магар ба ақл бирасед», аз баҳри он ки асли офариниш аз Ақл рафта буд. Ва чора нест аз бозгаштан мар чизеро, ки аз чизе падид ояд ба охири кор, аз он чи аз ӯ падид омада бошад. Пас, гуфтори Худой ба охири кор, ки «магар шумо мар ақлро биёбед», ҳаме далолат кунад, ки нахуст падидомада Ақл будааст ба охир падидомадае, ки мардум аст, ба охири кори хеш ҳаме бад-ӯ хоҳад расидан. Бар мисоли дарахте, ки аз хурмо донае бошад, падид ояд ва ба тамомии он дарахт он бошад, ки андар хурмо, ки аз ӯ падид ояд, донаи ӯ ба мағз оганда шавад, то охири дарахт ба аввали дарахт бозгардад. Ва ҳар ки аз ақл ба миёнҷии ҳудуди дини ҳақ фоида пазирад, ба охир бад-ӯ бозгардад. Ва аммо далел аз хабари Расул, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, бар пешии ҳаст шудани ақл пеш аз дигар ҳастҳо он аст, ки фармуд:

**أول ما خلق الله تعالى العقل قال له أقبل فأقبل ثم قال له أدبر فأدبر فقال و عزتى و جلالى ما خلقت خلقا أعز على منك بک أثيب و بک اعاقب.**

*Гуфт: «Нахустин чизе, ки Худой биёфарид, ақл буд мар ӯро гуфт: «Пеш ой!» Пеш омад, Пас, гуфт: «Боз пас шав!» Боз пас шуд. Пас Худой таъоло савганд ёд кард ба иззу ҷалоли Хеш, ки чизе наёфаридам гиромитар бар Ман аз ту ба ту савоб диҳам ва ба ту иқоб кунам».*

Ва андар дини ҳақ ҳамчунин аст, ҳар ки ақлро кор бандад андар парастиши Худой ва ибодат бар басират кунад, ба савоби абади расад. Ва ҳар ки ақлро зоеъ кунад ва кори бедониш кунад, ба оташи ҷовиди расад. Ва аммо шаҳодати ақлҳои ҷузъи бар он ки Ақли кулли нахуст падид овардааст ба ҷуди Бори, субҳонаҳу он аст, ки мавҷудот ба ҷумлаги аз ду гуна аст: ё муҳит аст, ё муҳот. Ва муҳит он бошад, ки ба гирди чизи дигар андар омада бошад, ё ба зот, ё ба шараф. Ва муҳот он чизе бошад, ки зери чизи дигар андар бошад ба зот, ё ба фурумояги. Аммо муҳит ба зот чунон бошад, ки осмон аст, ки муҳити замин аст, ки зоти осмон ба гирди зоти замин андар омадааст. Ва муҳот ба зот чунон бошад, ки замин аст, ки муҳоти осмон аст, ки зери ӯ андар мондааст ба ҳамаи рӯйҳо. Аммо муҳит ба

шараф чунон бошад, ки нафс аст муҳити ҷасад, ки нафс мар ҷасадро покизаву шариф ва ободон ҳамедорад, ва аз пароканда шудан нигоҳбони ӯ гаштааст, ки агар нафс иноятн хеш аз ҷасад боз гирад, ҷасад бимирад ва палид шавад ва хор гардад ва вайрон бибошад ва пароканда шавад ва ҳамчунин мардум ба шараф муҳит аст бар ҳайвон ва ҳайвон муҳот аст мардумро ба фурӯмояги. Ва ҳар муҳите шарифтар аз муҳоти хеш бошад ва ҳар чи ӯ шарифтар бошад, будиши ӯ пеш аз он бошад, ки аз ӯ камтар бошад ба шараф. Ва агар муҳитро вуҷуд пеш аз муҳот набуди, муҳит нагашти бар муҳот. Ва гар нахуст вуҷуд мар муҳотро буди, он вақт мар муҳитро боисти, ки нахуст мар муҳотро ёфтеме, он вақт мар муҳитро. Ва мо нахуст мар ақлро ҳамеёбем, то бад-ӯ мар чизҳоро андарёбем. Ва то ақлро наёбем, бар чизҳо муҳит нашавем, далел ҳамекунад ин ҳол, ки ақл муҳит аст. Ва чун муҳити вуҷуди ӯ пештар аз вуҷуди ҳар муҳоте будааст. Ва чун мо ба ақл бар чизҳо муҳит шудем, ҳукм кардем бар пешии ҳаст шудани ӯ. Ва мумкин нест таваҳҳум кардани чизеро аз чизҳо, ки ақл як роҳ бар он муҳит шавад ва як роҳ на муҳит бошад бар ӯ. Пас, гӯем, ки он таваҳҳум, ё ақли бошад, ё набошад. Агар ақли бошад, ақл бар он муҳит бошад ва агар на, ақли бошад андар чизе. Ва ҳаме натавон расид, магар аз ҷиҳати ақл. Ва низ гӯем, ки ҷавҳаре, ки ба иллаташ наздиктар бошад, муҳит бувад бар он ҷавҳар, ки иллаташ дуртар бувад ва ақл наздиктар ҷавҳаре аст ба иллати ҳама иллатҳо.

Пас, воҷиб ояд, ки ақл муҳит бошад бар ҳамаи гавҳарҳои ҷисмони ва рӯҳони. Ва Эзиди таъоло бартар аст аз муҳит ва муҳот, таъолаллоҳу ан золика улувван кабиран.

Ва дигар, ки ақл монанд аст ба яки, ки аввали шумор аст ва ҳеч чиз аз адад бар яки пеши надорад, балки ҳастии ҳамаи шуморҳо аз яки аст, ҳамчунин ақли аввал яки аст ва зоти ҳамаи маълулот аст. Пас, маълулот ҳама аз ақл вуҷуд ёфтааст, ҳамчунон ки шуморҳо ҳама аз яки падид омадааст ва ҳама ададҳо номи яки дорад, чун як ҳазору сад ҳазор. Ва пешу кам номи яки бар ҳама афтодааст ва оғози шумораҳо ҳама аз яки бошад ва анҷомаш низ ба яки бошад, ҳамчунин падид омадани ҳамаи чизҳо аз ақл аст ва боз ақл бар ҳамаи чизҳо муҳит аст. Ва муҳит будани ақл бар чизҳо гувоҳи ҳамедиҳад, ки ҳамаи чизҳо аз ӯ падид омадааст, ки ақл аст ва ҳамчунон ки бад-он ки андар ӯст, мар шуморҳоро моддат диҳад, то бисёр шавад. Шумораҳои ақл низ ба қуввати хеш моддат диҳад, то маъқулот бисёр шавад ва Эзиди таъоло васф кард амри Хешро, ки бад-он офарид ҳамаи мабдаъот ва махлуқот ба калимаи «кун». Ва ин хитоби Худой аст ва хитобро ҷавҳари хитобпазир воҷиб ояд. Ва муҳол бошад, ки Эзиди таъоло хитоб кунад бо чизе, ки он чиз хитоби Эзид надонад ва хитоб раво набошад, магар бо ҷавҳаре, ки хитоб шиносад.

Пас, гӯем, ки он ҷавҳари хитобшинос ақл аст, ки тавонои пазируфтани амри Бори аст. Ва чун амри Эзид ба пайдо кардани олами табиат расид, музоф кард, яъне бозбаста кард офариниши олами табииро бо офариниши тақдири ва офариниши тақдири ба манзалати фуруд аз офариниши ибдои аст. Набини, ки мар офариниши осмонҳо ва заминро «кун» бигуфт, магар гуфт, қавлуҳу:

خَلَقَ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضَ وَجَعَلَ الظُّلُمَاتِ وَالنُّورَ

*Ва акнун гуфт: «Биёфарид осмонҳо ва заминро ва бикард торикҳо ва рӯшноиро» (6-1),* аз баҳри он ки мар осмонҳо ва заминро тоқати пазируфтани фармон набуд ва ҳамчунин бозбаста кард офариниши ҷасадҳои моро бо офариниши тақдири. Ва гуфт, қавлуҳу:

هُوَ الَّذِي خَلَقَكُمْ مِنْ تُرَابٍ

*Гуфт: «Ӯ Он аст, ки тақдир кард шуморо аз хок» (40-67).*

Ва чун мо тоқати пазируфтани фармон надоштем, ба аввали офариниши мо «кун» нагуфт. Ва ҳамчунин Расул, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салам хитоб накард бо кӯдакон, ки ақл надоштанд. Ва чун ақл андар мо пайдо шуд ва

маърифати тавҳид ва маърифати рисолат биёфтем, сазовори амр ва нас гаштем. Пас, ин ҳол, ки шарҳ карда шуд, аз воҷиб ношудани фармони Худой пеш аз ёфтани ақл ҳаме далел кунад, ки ин «кун», ки фармони Худой буд, аз Ӯ таъоло воҷиб наёмад, магар он вақт, ки пазирои он амр мавҷуд шуда буд. Ва низ далелест, ки ин бурҳонҳо, ки намудем, ки пазирандаи «кун» аз Худой таъоло ҷуз ақл набуд ва ҳеч чиз аз мабдаъот бар ақл пеши надошт. Пок аст он Худой, ки ақлро ибдоъ кард бад-ин шараф ва ҷалолат ва Мубдеъи ҳақ ягона аст аз сифоти мубдеъоти Хеш. Аз ин шарифтар сухан чун тавон гуфтан андар исботи сонеъ, ки мо гуфтем андар сифати ақл ва чун офарида бад-ин шараф бошад, ки ақл аввал аст. Ва Офаридгор аз сифоти мубдеъ ва ибдоъ муназзаҳ карда бошад, сухангӯянда ба ғояти камол бошад андар тавҳид. Ва он кас, ки бад-ин илм доно бошад, тавҳидаш муҷаррад бошад аз ташбеҳу таътил. Куҷоанд он мулҳидону даҳриён, ки бар аҳли диёнат ва мазҳаби ҳақиқат дурӯғ гӯянд ва даъво кунанд ба шиъати хонадон. Ба исботи Сонеъ нагӯянд ва ваҳм андар дили зуафои диёнат афкананд ва аҳли ҳақро ба чашми нодон зишт кунанд ва он чи андар мо гӯянд, эшон худ бад-он сифатанд. Ва шукр Худойро ва авлиёи Ӯро, ки моро раҳнамоии авлиёи хеш аз неъмати абади ва асрори илоҳи насиб кард. Лиллоҳи-л-ҳамду ва-л-миннат.

**Сафи бисту нуҳум**

## СУХАН АНДАР ОН КИ НАФС АЗ АҚЛ ТАВАҲҲУМИ ЧИЗЕ КАРДАН МУҲОЛ АСТ

Аз туруқи ҳандаса боз намоем, ки пеш аз ақл чиз нест ва гӯем, ки ҳар куҷо ду чиз баробар шаванд, ё ҳар ду ба бузурги чанди якдигар бошад, ё яке аз дигаре бузургтар бошад. Ва чун дуруст шуд, ки яке аз он ду чиз аз ёри хеш бузургтар нест ва низ кеҳтар аз ӯ нест, дуруст шуда бошад, ҳамчанди ӯст. Ва мисол кунем мар ин қавлро бад-ин ду хат: яке хатти «алиф» ва дигар хатти «бо» ва гӯем: «Агар хатти «алиф» ҳамчанди «бо» нест ва бузургтар аз хатти «бо» низ нест, ночора, хатти «алиф» кеҳтар аз хатти «бо» бошад. Ва агар хатти «алиф» бузургтар аз хатти «бо» нест, ночора, хатти «алиф» ҳамчанди хатти «бо» бошад. Ва чун ин муқаддимаи хандаси, ки гуфтем, гӯем, ки мо чизҳои бисёр ҳамеёбем чи аз маъқул ва чи аз маҳсус ва чизҳоро ҳамебинем, ки аз якдигар падид ҳамеояд, чун ҳайвон аз набот ва набот аз табоеъ. Пас, чора нест, ки як чиз пеш аз ҳама чизҳо будааст, падид омада, то дигар чизҳо, аз ӯ падид омадааст. Чун ақлро бар чизҳо ҷокӯл ҳамеёбем, бидонистем, ки ақл аст, он чи пеш аз ҳамаи чизҳо будааст. Пас, агар касе гӯяд, ки «пеш аз ақл чи бувад ва чаро раво набошад, ки пеш аз ақл чиз бошад?», гӯем, ки ҳар чи хоҳи, аз мавҷудот ихтиёр кун. Ва оташро бигирем ва гӯем, ки чаро раво набошад, ки оташ пеш аз ақл бошад? Пас, гӯем, ки ақл мавҷудест ва оташ низ мавҷудест. Агар гӯем, ки «оташ пеш аз ақл буд», пас, боисти, ки ба оташ ақлро кор бастеми, на ба ақл мар оташро кор фармудеми, чунин ки ҳамефармоем. Пас, дуруст шуд, ки оташ пеш аз ақл набудааст. Пас, агар гӯяд: «бо ақл баробар будааст», гӯем: «чун чизҳо аз чизе ҳаме падид ояд, раво набувад, ки ҳаме чизҳо аз ду чиз падид ояд, ки агар раво буди, ки чизҳо аз ду чиз буди, низ раво буди, ки ҳамаи чизҳо ба як бор мавҷуд буди». Ва чун ҳамеёбем, ки чизе аз чизе ҳаме падид ояд, лозим гашт донистан, ки чизе нахустин на аз чизе падид омад ба зарурат, ки агар ҷуз чунин гӯи, мавҷудот раво набуди, ки падид омади. Пас, гуфтем, ки он чиз, ки на аз чизе падид омад, яке буд. Пас, дуруст шуд, ки оташ ба ақл баробар набуд ва чун оташ пеш аз ақл набуд ва бо ақл баробар набуд, дуруст шуд, ки ақл пеш аз оташ буд.

Ва низ гӯем, ки пеш аз ақл чиз чи гуна андар ваҳм ояд ва ҳама чизҳо чизе ба ақл ёфтанд ва ба този мар чизро «шайъ» гӯянд ва мар чизеро «шайъият» гӯянд ва ҳамаи чизҳо бад-ин қавл худи ақл бошад, аз баҳри он ки чизҳо чизе аз ақл ёфтанд.

Пас, чи гуна пеш аз чизе чиз бошад. Ва агар пеш аз чизе, ки ба този он «шайъият» аст, чиз раво бошад, ҳамчунон бошад, ки пеш аз зоти хеш чизе мавҷуд бошад. Ва ин муҳол бувад таваҳҳум кардан ва Эзиди таъоло мар ақлро гуфт, бар ҳамаи чизҳо қодир аст, чунонки ба бисёр ҷой андар Қуръон ҳамегӯяд, қавлуҳу:

إِنَّ اللَّهَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

*Гӯяд: «Худой бар ҳамаи чизҳо қодир аст» (2-20).*

Ва бад-он мар ақлро ҳамехоҳад, ки ҳама чизҳо зери ӯст ва ҳар хирадманд, ки маънии ин қавл, ки Худой таъоло ба чанд ҷой боз гуфтааст андар Китоби Хеш, бидонад, миқдори хеш бишиносад ва нафси ӯ таваҳҳум накунад Бориро, субҳонаҳу, андарёбад, ки ин куфру ширк бошад, балки ҳар ки гумон барад, ки ӯ Бориро, субҳонаҳу донистааст, даъво карда бошад, ки ӯ аз Худой бартар аст. Пас, бибояд донистан, ки бар ақл ҳеч чизро ба тавонои ва ҷокӯл шудан нест ва падидорандаи ақл мар ақлро на аз чизе бар ӯ подшоҳ аст бад-ин сунъи латиф. Ва бибояд донистан, ки ибдоъ, ки мубдеи аввал бад-он падид оварда шудааст, чизе нест, аз баҳри он ки агар ибдоъ чизе бошад, бо мубдеъ чизе дигар баробар бошад, ё пеш аз ӯ ва он вақт ақл на мубдеъ бошад аз баҳри он ки мубдеъ чизе бошад на аз чизи дигар. Ва гар ӯ то пеш аз ӯ чизе буди, ин номи мубдеъ мар мубдеъро дурӯғ буди. Ва агар бо мубдеъ чизе буди, мубдеъ чизе буди офарида, аз он чи бо ӯ пеш аз ӯ чизе буд, ки ӯро аз ӯ офарида буданд. Ва низ чизе буди ноофарида, бад-он чи мубдеъ он бошад, ки ӯ на аз чизе бошад. Ва ин чунон бошад, ки касе гӯяд: «Ман нишаста истода дидам». Ва ин мутаноқиз бошад ва мутаноқиз дурӯғ бошад. Пас, дуруст шуд, ки ибдоъ чизе нест ва гар пеш аз мубдеъ чизе буд, аз ду берун набуди: ё мубдеъ буди на аз чизе падид омада, ё чизе буди аз чизе падид омада. Ва ин чизе бошад, ки аз пеш чизе бошад. Ва боз ҳамешавад аз чизе ба чизи дигар, то аз ниҳоят бишавад. Ва ин муҳол бошад андар ақл.

Пас, бад-ин бурҳон, ки намудем, пеш аз ақл чизе на раво бошад.

Ва низ гӯем, ки чиз зоти бошад аз ҷумлаи зотҳо. Ва зотҳо бар ду гуна аст: ё маҳсусот аст, ё маъқулот. Ва ҳастии маҳсус ба ҳис дуруст шавад ва ҳастии маъқул ба ақл дуруст шавад. Ва чизе, ки ҳис мар ӯро натавонад ёфтан, мар ӯро ба ақл ёбанд ва мавҳум бошад. Пас, чизи маъқулот ба ақл аст ва чун зери ақл андар наёбад, на маҳсус бошад ва на мавҳум. Ва он чи на андар ҳис ояд ва на андар ақл, на чиз бошад ва на мавҷуд.

## Сафи сиюм
## СУХАН АНДАР ОН КИ НАФС БА ЗОТИ ХЕШ МУРАККАБ АСТ

Нафс, то таркиб напазирад, бо ҳасти наёяд ва таркиби ӯ ба моддати ақл аст. Ва далел бар дурустии ин даъво он аст, ки Нафси кулл чун аз Ақли кулл моддат ёфт, андар зоти хеш моддатпазир бувад ва он чи моддатпазир бошад, мураккаб бошад. Ва чун аз ақл моддат ёфт, худованди таркиб омад ва нафси ҷузъи то бо ақл мураккаб нашуд, аз Худой таъоло мухотиба наёфт. Набини, ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

فَاعْتَبِرُوا يَا أُولِي الأَبْصَارِ

*Ҳамегӯяд: «Андоза гиред, эй худовандони чашмҳо», (59-2)*

яъне хирадмандон ва ҳар нафсе, ки бо ақл ҷуфт нашавад, адад бар ӯ наюфтад ва нафси хирадманд, чун ба ақл мураккаб гашт, аз ҳукми қиёс лозим ояд, ки ба вазни беш аз нафс бехирад аст. Ва миёни мардумон раванда аст, ки хирадмандро «гаронсанг ва гаронмоя» хонанд ва бехирадро «сабуксор ва сабукмоя» гӯянд, аз баҳри он ки яке бо хирад ҷуфт аст ва ин дигар аз хирад танҳо аст. Ва дуруст кунад мар ин даъворо қавли Худой таъоло, ки мегӯяд, қавлуҳу:

فَأَمَّا مَنْ ثَقُلَتْ مَوَازِينُهُ فَهُوَ فِي عِيشَةٍ رَاضِيَةٍ وَأَمَّا مَنْ خَفَّتْ مَوَازِينُهُ فَأُمُّهُ هَاوِيَةٌ

*Ҳамегӯяд: «Ҳар ки гарон шавад, тарозуҳои вай андар зисте писандида аст ва ҳар ки сабук шавад тарозуҳояш, ҷои ӯ дӯзах аст» (101-7, 8, 9).*

Ва андар ҳоли зоҳир пайдост, ки нафси касе, ки бо хирад ҷуфт аст, оҳистагию ором, ки нишони гиромию таркиб аст, андар он кас падид омадаст. Ва нафси касе, ки аз хирад баҳраву таркиб надорад, беорому бесубот мондаст. Пас, дуруст шуд, ки нафс тамом андар зоти хеш мураккаб аст ба ақл ва то ба ақл таркиб напазирад, ҳасти наёбад. Ва ҳар нафсе, ки бо ақл мураккаб нашуда бад-он олам боз гардад, аз бадбахтон бошад ба гуфтаи Худой таъоло, қавлуҳу:

**وَلَقَدْ جِئْتُمُونَا فُرَادَى كَمَا خَلَقْنَاكُمْ أَوَّلَ مَرَّةٍ وَتَرَكْتُمْ مَا خَوَّلْنَاكُمْ وَرَاءَ ظُهُورِكُمْ**

*Ҳамегӯяд андар хитоб бо бадбахтони рӯзи қиёмат, ки: «Биёмадед сӯи мо танҳо, чунон ки биёфаридематон нахустин бор ва даст боз доштед он чи шуморо дода будем, сипас, пушти хеш» (6-94).*

Ин оят ҳаме далел кунад, ки ҷуз ин ки нафсро ба ақл ҳаме таркиб бояд кардан ба далолати худованди даври хеш ва роҳнамоёни халқ аз фарзандони ӯ. Ва нафсро ҳамчунон бе хирад танҳо бад-он олам набояд бурдан ва худовандони ҳақро мункир шудан ба ҳақи эшон аз паси пушт набояд доштан, ки маънии илм нопазируфтан аз ӯ он бошад, ки ӯро аз паси пушт карда боши, ки ҳар чи аз паси пушти мардум бошад, мардум варо набинад. Ва ҳар ки чизе бинигарад, мар ӯро набинад. Ва мар онро сипаси пушт карда бошад.

### Сафи сию якум
### СУХАН АНДАР РАЁСАТИ НАФСИ НОТИҚА БАР НАФСИ ҲИССИ

Қоидаи офариниш, эй бародар, андар латоифу касоиф, чунон аст, ки латоиф пеш аз касоиф будааст. Лоҷарам, андар зоишҳои олам латоиф андар охир бувадаш, ҳар зоише падид оянд ва касоиф андар аввали он падид ояд. Чунон ки андар зоиши буданиҳои рустаниҳо нахуст шоху барг ва хор падид ояд, ки касиф аст. Ва ба охири кор аз набот бор падид ояд, ки латиф аст ва бори дарахтро бар баргу шох раёсате пайдост, ки ҳамаи фоидҳо[20] аз дарахт сӯи ӯ шавад. Ва пойдори ва иззи дарахт ба бор аст. Ва ҳамчунин аст ҳол андар ҷонварон, ки нахуст ҷонварони суханногӯй будаанд. Ва он вақт мардум охири ҳамаи ҷонварон падид омадааст. Ва бурҳони ин даъво равшан карда шудааст андар «Кушоиш ва раҳоиш», ки кардаем. Лоҷарам мардум ба охир падид омадааст, раис ва солори ҳама ҷонварон аст ба фармони Худой таъоло, ки мегӯяд:

**اللَّهُ الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ الأَنْعَامَ لِتَرْكَبُوا مِنْهَا وَمِنْهَا تَأْكُلُونَ وَلَكُمْ فِيهَا مَنَافِعُ وَلِتَبْلُغُوا عَلَيْهَا حَاجَةً فِي صُدُورِكُمْ وَعَلَيْهَا وَعَلَى الْفُلْكِ تُحْمَلُونَ**

*Ҳамегӯяд: «Худой он аст, ки аз баҳри шумо сутурон офарид, то аз ӯ барнишинед ва аз ӯ бихӯред, мар шуморо андар ӯ фоидаҳо аст ва то бирасед бар сутурон ба ҳоҷате, ки андар дилҳои шумо аст ва бар сутур ва бар кишти барнишинед» (40-79, 80).*

Пас, чун бад-ин оят раёсати мардум бар сутурон ҳаме падид ояд, зоҳир гашт, ки нафси нотиқаро, ки мардум бад-он махсус аст бар нафси ҳисси ҳамон раёсат аст, ки мардумро бар сутур аст.

Ва низ чун нафси нотиқаи феъл аз колбади мардум сипас аз феъли нафси ҳисси ҳаме падид орад, далел ҳамекунад, ки нафси нотиқа латифтар аст ва андар будиши олам вуҷуди нафси нотиқа пеш аз вуҷуди нафси ҳисси будааст. Ва нафси нотиқа раис ва меҳтар аст бар нафси ҳисси.

Ва ҳамчунин бад-он чи нафси ҳисси андар колбади мардум асари хеш пештар аз асари нафси нотиқа ҳаме падид орад, ҳамебояд, ки нафси ҳисси аз мардум, ки ӯ

[20] Дар нусхаи ал-Хашшоб «фавоидҳо» омадааст.

бар мисоли дарахти рӯҳони аст, бар мисоли баргу шох аст, ки аз дарахт нахуст ӯ падид ояд. Ва нафси нотиқа аз мардум ва дарахти ӯ ба манзалати бор аст, ки муроди нишонандаи дарахт аз дарахт ӯст. Ва гӯем, ки паёмбарон, алайҳимуссалом, андар халқ мисоли дарахти хурмо будаанд, ки андар хок пайдо шавад ва ҳар чи хушию латофат ва ширини бошад, андар он хок ба хештан кашад ва ҷумла кунад ва боз мар он бори ширини латифро бар замин биборанд. Пас, ҳар хоки беххои он дарахт мар онро бипазирад, аз дараҷаи хоки ба дараҷаи хурмо мерасад. Ва пас аз он, ки сутурон мар он хокро месипарданд, ба зери пои ҳамон хок, бар табақи заррин ба хони подшоҳон расад, ба қуввати он дарахти хурмо, ки мар ӯро бипазируфт, чун хоки нодон, бад-он чи наздики он дарахти хурмо буд ва хештанро бад-ӯ дод, аз он фурумояги ва хори, ки буд, бад-ин пурмояги ва азизи ҳамерасад. Мардум сазовортар аст, ки мар дарахти хурмои хешро, ки расули даври ӯст ва имоми рӯзгори хешро, ки дарахтпарвар аст, мутеъ бошад ва хештан ба тоату фармонбардори бад-ӯ супорад, то аз дараҷаи хоки ба дараҷаи хурмои расад. Ва аз хорию зилл ба иззу шоди расад ва шоиста шавад мар хони Нафси куллро, то чун Нафси кулли мар ӯро аз роҳи имоми замона ба ғизои хеш карда бошад, аз фано ва касофат бираҳад ва ба бақо ва латофат расад ва ҷовидона андар наъими ҷовид бимонад.

Пас, гӯем, ки чун дуруст кардем, ки нафси нотиқа бар нафси ҳисси раис аст, мардум он бошад, ки бикӯшад, то раийяти хешро бар нафси хеш раёсат надиҳад, ки агар чунин кунад, ҳалок шавад. Ва он чунон бошад, ки мардум сипаси орзуҳои ҳисси равад ва нодони ва сутуриро бар омӯхтани илм ва ба вазидани дин бигузинад, то нафси ҳиссии ӯ мар нафси нотиқаро наҷӯрад. Бар мисоли замине, ки дарахти хешро табоҳ кунад ва бифишонад, то сазовори сӯхтан шавад, аз баҳри он ки дарахт чун аз бори хеш бозмонад, ҷуз сӯхтанро нашояд. Ва бибояд нигаристан андар фармони пайғомбарон, алайҳимуссалом, ки эшон кулли нафси нотиқ буданд, ки чи гуна нафсҳои халқ, ки ба ҷумлаги кулли нафси ҳисси буданд мар эшонро, алайҳимуссалом, фармонбардор шуданд. Ва ҳар таому шароб, ки паёмбарон, алайҳимуссалом, эшонро ҳалол карданд, бипазируфтанд ва бар он қарор гирифтанд. Ва чун бар он хӯ карданд, хӯ кардани эшон бар он фармон, он буд, ки нафси нотиқаи он паёмбар мар нафсҳои ҳиссии эшонро бихӯрд ва бо хештан яке кард. Ва чун паёмбари дигар биёмад, эшонро аз он таому шароб боздошт ва чизе ба хилофи он биёвард, напазируфтанд ва душвор доштанд мар онро ва ҳисси эшон мар онро напазируфт. Ва имрӯз андар миёни аҳли Ислом пайдост, ки нафсҳои ҳиссии эшон ҳаме мар нафси нотиқаро сипас рави кунад. Ва нишони ин ҳол он аст, ки агар касе аз мусулмонон нодониста гӯшти хук бихӯрад, меъдаи ӯ мар онро бипазирад ва ҳеч айб нарасадаш. Пас, агар нафси нотиқааш огоҳ шавад, ки он чи бихӯрд, гӯшти хук буд, announce написандадаш ва ба нописанди ӯ нафси ҳиссии ӯ мар он хӯрдаро ва писандидаро рад кунад ва боз диҳад, аз баҳри он ки нафси ҳиссии ӯ мутобеи нафси нотиқаи ӯ гаштааст. Ва нафси нотиқаи ӯ, ки мар нафси пайғамбари хешро ба манзалати нафси ҳисси аст, мар нафси нотиқаро мутобеъ гаштааст. Ва чун расули ӯ, ки нафси нотиқаи уммати хеш дошт, чизеро написандад, нафсҳои нотиқаи уммат мар онро написандад. Ва ҳар чи нафси нотиқаи уммат рад кунад, нафси ҳисси эшон мар онро напазирад. Ва ин бурҳоне равшантар аз офтоб аст мар худовандони басиратро.

**Сафи сию дувум**

## СУХАН АНДАР ИСБОТИ НАФСИ КУЛЛИ

Ҳар чизе, ки ӯро биёбанд як бор ва он гаҳ нобуда шавад, пас бори дигар боз ҳамчунон пайдо ояд ва он нобуда шуда ҷое набуд, ки аз он ҳамон ҷой пайдо омад,

он чиз ҷузъи бошад аз кулли, ки аз он кул пайдо шавад ва бад-он кул боз шавад. Чунон ки мавҷуд аст андар шахси мардум гармию сарди ва тарию хушки андар вақте ва боз нобуда шавад ба марги ҷисмонии он мардум ё мар онро ба зоти ӯ наёбанд, албатта. Ва боз ба вақти дигар пайдо шавад андар шахси дигар, ҳамчунон ки пеш аз он ҷой дигар буда буд.

Пас, дониста шуд, ки ин ҷузъҳои гармию сарди ва тарию хушкиро куллҳост, ки ин ҷузъҳо аз он аст ва бад-он боз шавад. Пас, гӯем, ки ҳамчунин, чун боз ёфтем ҷавҳаре, ки ӯро шинохта нек ва бад аст ва асар кард андар шахси мардум ва ӯ андарёбандаи пӯшидаҳо бувад. Пас, он шахси мардум, ки ин гавҳар аз он пайдо шуда буд, нопадид шуд ва боз монандаи он шахси дигар пайдо шуд, ки андар он шахс пеш аз пайдо шудани он ҷавҳар асаре буд. Бидонистем, ки ин ҷузъест, ки ҳаме пайдо шавад аз кулле ва боз бад-ӯ боз шавад.

Пас, дуруст шуд, ки нафсҳои ҷузъиро кул аст ва он кул ба олами табиат муҳит аст. Ва низ иттифоқ аст миёни аҳли илму ҳикмат, ки сурати мардум олами сағир аст ва олами бузурги эшон кабир аст. Пас, гӯем, ки ҷузъҳои инсони кабир, ки олам аст, пароканда аст ва манфиатҳои он пайдо нашавад, магар андар олами сағир, ки мардум аст ва ҷузъҳои ӯ маҷмӯъ аст.

Пас, дуруст шуд, ки олами сағир, ки мардум аст, ғарази Офаридгор аст, ки инсони кабирро офарид, ки олам аст. Ва ин ҷузъҳост аз кулли хеш, ки манфиатҳои олам андар ӯ ҳаме падид ояд. Ва ҳамчунин ҷузъҳои олам бо манфиатҳои ӯ пайдо нашавад, магар ба касб кардани ин нафсҳои ҷузъи аз кулли хеш мар фоидаҳои ӯро ва чун мар нафсҳои мардумро алфанҷида ёфтем, андар олам он олам донистем, ки мар ин ҷузъҳоро кулле ҳаст, аз баҳри он ки андар олам ҳеч кулле касб накунад аз чизе ҳамчун хештани кул, балки ҷузъ касб кунад аз ҷузъи дигар ҳамчун хештан.

Чун замини кулли, ки зиёдати намеҷӯяд аз замини дигар ва на кулли об зиёдати ҳамеҷӯяд аз оби дигар кул ҳамчун хештан ва на кулли ҳаво касбе ҳамекунад аз ҳавои дигар ва на оташи кул зиёдати ҳамегирад аз оташи дигар, балки ҷузъҳои хокро ҳамебинем, ки аз дигар ҷузъҳои хок зиёдат ҳамепазирад ва қави ҳамешавад ва ҳамчунон ҷузъҳои дигари ӯ, ки аз ҷузъҳои кулли хеш ҳар яке қави ҳамешавад ва зиёдат ҳамегирад. Ва кулли ҳар яке аз ин чаҳор рукн бар ҳоли хештан аст бе ҳеч зиёдат ва нуқсон.

Ва бе ниёз аст куллҳо аз касб. Ва чун ин муқаддимот дониста шуд ва нафсҳоро ёфтем, ки андар шахсҳо фоида ҳамегирад аз дигар нафсҳо, ки андар дигар шахсҳоанд, донистем, ки нафсҳо андар ҳадди ҷузъианд, ки фоидадиҳанда ва фоидапазирандаанд. Ва чун нишони ҷузъии нафсҳо бад-ин рӯй, ки зиёдат пазиранд аз монандони хеш, дуруст пайдо омад, ки ин нафсҳоро кулле ҳаст, ки падид омадани эшон аз ӯст ва боз гаштанашон бад-ӯст.

**Сафи сию сеюм**

## СУХАН АНДАР ОН КИ ҲАРАКОТИ ФАЛАК МУХОЛИФ НЕСТ МАР ИХТИЁРИ НАФСИ КУЛЛИРО АНДАР АСАРҲОИ ҲИКМАТ, КИ ПАЙДОСТ АНДАР НИҲОДИ ОЛАМ

Пайдост, ки бар Нафси кулли пӯшида набудааст ҳаракот ва афъоли фалак аз оғози олам то ба анҷоми ӯ. Ва Нафси кулл ҳоҷатманд нест, ки бигардонад мар чизеро аз ҳаракоти фалак ва ҳолҳои он, аз баҳри он ки ниҳоди ин ба ғояти ҳикмат будааст. Ва нест ҳеч чиз, ки аз ҳаракоти фалаку кавокиб ҳаме пайдо шавад, ҷуз бар муроди Нафси кулли. Ва ёфта нашавад андар қувватҳои фалак ботил шудани қуввате, ки бад-он ботил шудан навъе бошад аз анвоъи маволид, то раво бошад, ки чизе пайдо шавад ба хилофи он чи ҳаст. Ва гар аз ҳаракоти фалак чизе буди бар

хилофи муроди Нафси кулли, лозим омади, ки бад-он ҳаракате бе мурод чизе ҳосил омади, ки андар зоиши олам он набуда буди. Ва чун ҳеч чиз пайдо намешавад андар олам, ҷуз он ки будааст, донистем, ки камийяти фалак бар муроди Нафси кулл аст.

**Муораза**

Агар касе гӯяд, ки «ҳодисҳои бузург, ки андар олам ҳамеафтад аз зилзила ва соиқа ва қаҳт ва ифроти об ва оташ ва тоун ва ҷуз он, ки офариниши ҳайвон бад-он табоҳ мешавад, нишони он аст, ки на бар муроди Нафси кулли аст, чун санъатҳои ӯро табоҳ мекунад».

**Ҷавоб**

Ӯро гӯем, ки чунин шаноатҳо ба Нафси кулли он кас боз бандад, ки аз офариниши олам мақсуди Нафси кулли мар ин ҳайвонро донад, ки ҳамехӯранд ва ҳамехусбанд ва на чунон аст. Ва бибояд донистан, ки ихтиёри Нафси кулли ба будани олам ихтиёри замони набудааст. Ва ихтиёре, ки ба замон набошад, замон андар ӯ нуқсон тавонад овардан, аммо нафс андар фалак ҳаракате ниҳодааст аз баҳри табоҳ шудани шахсҳо аз паси якдигар, то бад-он сабаб берун омадани нафс бошад аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл. Ва вабою бало, ки андар олам зоҳир шавад, аз қаҳту ғарӣу ҷуз он, ба сабаби ду чиз бошад: табоҳ кардан қасдеро бошад. Ва ё пайдо кардани қасдеро, аъни, ки фалак ҳамеша зоишҳо ҳаме берун орад ва оламро тиҳи бикунад ва баъзе аз он ки берун орад, олат бошанд мар пайдо шудани мақсудеро ва баъзе худ мақсуд бошанд. Ва чун олам пур шавад аз олат, ки мақсуд аз ӯ ба ҳосил шавад, ё мақсуд ошкоро шавад андар миёни шахсҳо, ки ба табъ монандаи мақсуд бошанд. Ва қувватҳои саодати фалаки рӯй сӯи мақсуд ниҳад ва он олатҳо, ки бад-ӯ монанда бошанд, бенасиб монанд аз саодат, то он вабою бало андар эшон ба сабаби гусаста шудани саодат аз эшон падид ояд. Ва эшон, ки олат буданд, ба пайдо омадани мақсуд, ботил шаванд. Бар мисоли дурудгаре, ки бисёр чӯби гуногун, ки андар ҷавҳар ҳамчун чӯби он дар бошад, ки ҳамесозад, фароз орад хурд ва бузург, то ба фароз овардани он ҳама чӯбҳо, он дар, ки ҳамехоҳад сохтан, бисозад. Ва чун мақсуди ӯ ҳосил омад, он тарошаҳою чӯбрезаҳо бисӯзад ва бияндозад ва он дарро аз миён баргирад. Пас, ҳар ки бубандад мар хештанро, ки аз он шахсҳо бошад, ки эшон андар вақти пайдо шудан мақсуди олат бошанд мар мақсудро ба хӯрдани таому шароб ва тараб ва ҷустани шаҳватҳо машғул шавад. Ва рӯй ба санъатҳое дорад, ки фоидаи он ба ҷисм бозгардад, то зиёнкор аз ин ҷаҳон берун шавад ва андар ранҷҳои ҷовиди афтад. Ва ҳар ки писандгор бошад аз ин ҷаҳон бад-он қадар, ки ӯро писанда бошад ва пардохта шавад, мар талаб кардани фоидаҳои ақли ва илмҳои илоҳиро. Ва ин олами табиатро олати хеш гирад, то ороста ва некбахт аз ин олам берун шавад. Ва ба ҳамсоягии он кас, ки мақсуди Нафси кулл аст, бирасад ва пазирад аз олами ақлу нафс. Ва бирасад ба чизҳое, ки ҳеч чашм чунон надидааст ва на ҳеч гӯш сифати ӯ шунидааст ва на бар дили ҳеч мардум он гузаштааст. Ва ҳар ки олам мар ӯро олати хеш созад андар берун овардани мақсуд, зиёнкор шавад, бад-он ҷаҳон. Эзиди таъоло моро аз он гурӯҳи кунод, ки оламро олати хеш гирем андар касб кардани фоидаҳои ақли ва моро аз он касон дур дорад, ки олам мар эшонро олати хеш гирифт андар берун овардани мақсуди Офаридгори хеш.

## Сафи сию чаҳорум

## СУХАН АНДАР ОН КИ ХУДОЙРО, ТАЪОЛО, СУДУ ЗИЁН НЕСТ

Суд мар онро тавонад будан ва мар онро шояд будан, ки ӯро зиён тавонад будан, аз баҳри он ки ҳар ду мухолифонанд ва пазираи мухолифон ҷавҳар бошад. Ва Эзиди таъоло аз ҷавҳар бартар аст ва тавҳиди якто он аст, ки ҳар чи андар офаридаҳо бини ва дони аз сифатҳо ва изофат, он аз Худойи таъоло ҳама дур куни. Ва чун мардум ҳоҷатманд бувад ба кашидани ҳоҷатҳо ба хештан ва дур кардани мазарратҳо аз хештан нишоне дод мардум, ки туро аз ӯ хайр аст, бад-он чи манфиат пазируфт ва мазарратро дур кард, аз баҳри он ки пазируфтани манфиат мар чизеро аз чизе бошад, ки бартар аз ӯст. Ва ҳамчунин дур кардани мазаррат мар чизе заифро лозим ояд, ки мазарратпазир бошад. Пас, на раво бувад, ки касе гӯяд, ки Худой таъоло оламро биёфарид, ё мардумро падид овард аз баҳри кашидани манфиат ё дур кардани мазаррат. Ва ҳар ки Худойро зиён ва суд исбот кунад, заифи ва оҷизи, бад-Ӯ, ҷаллат қудратуҳу, бозбаста бувад, чунон ки пайдо кардем, ки пазируфтани манфиат ва дур кардани мазаррат мар чизе заифро лозим ояд, таъолаллоҳу ан золика улувван кабиран.

Ва гӯем, ки Ақли аввал худ андар ду ҳол бе ниёз аст: ҳам андар пазируфтани манфиат ва ҳам аз дур кардани мазаррат. Аммо бениёзии Ақли кулл аз пазируфтани манфиат бад-он пайваст, ки аз ӯ бартар ва шарифтар ва тамомтар чиз нест. Ва манфиатро аз чизе тавон пазируфтан, ки бартар аз ту бошад. Ва ҳеч чиз нест, ки он андар зоти Ақли кулл нест, чунон ки пеш аз ин бурҳони он намудем. Ва чун ҳеч чиз нест аз латифу касиф, ки аз зоти ӯ берун аст, ки Ақл аст, мумкин нест, ки Ақл аз чизе манфиат пазирад, чи манфиат пазируфтани чизе аз чизи дигар бошад. Ва берун аз Ақл худ ҳеч чиз зарру нафъ нест ва аммо эминии Ақл аз мазаррат ва нокӯшидани ӯ ба дафъи мазаррат кардан аз зоти хеш бад-он рӯй аст, ки ҳеч чиз аз ӯ қавитар ва тамомтару шарифтар нест. Ва мазаррати чизе аз чизе бошад, ки аз вай қавитар бошад. Пас, ба ҳар ду рӯй дуруст шуд ба бурҳони мантиқи ва баёни ақли, ки намудем, ки Ақли кулл аз кашидани манфиат ба хештан ва дафъ кардани мазаррат аз хештан бениёз аст. Ва чун Ақли кулл, ки офаридааст, бад-ин манзалат бошад, чи гуна раво бошад, ки зиён ва судро касе ба Худой таъоло бозбандад.

### Муораза

Агар касе гӯяд, ки чун манфиат ва мазаррат ба Худой таъоло мансуб нест, чаро банда бар неки, ки кунад, неки ёбад ва бар бади, ки кунад, бади ёбад. Ва чун аз кирдори ӯ чизе ба Худой бознагашт, чаро мукофоти ӯ ба неки набувад. Бар мисоли касе, ки ба кӯҳ шавад ва сангҳоро бишиканад, ба ҳафрҳо андарафтад. Чун Худованди бунёди дурустро аз он суде ва зиёне нест, на мар ӯро чизе диҳад ва на биёзорадаш. Ва агар мар ӯро кори некӯ кунад ва андар иморати бунёди ӯ биафзояд, мукофоти ӯ ба неки кунад. Ва агар аз бунёди ӯ чизе вайрон кунад, мар ӯро биёзорад.

### Ҷавоб

Ӯро гӯем, ки суол, ки карди, некӯст, валекин мисоле, ки оварди, на рост аст. Ва нигар, то бини, ки мардум чун ба чашм рӯшноии Офтоб нигарад, ба гуногун кор роҳ, барад, ки ӯро аз он фоидаҳо бошад. Ва чун чашм фароз кунад аз гуногун фоида ва бисёр навъи ҳо бозмонад. Пас, аз чашм фароз кардани ӯ зиён ӯро ҳамедорад на Офтобро ва ба пазируфтани он нур ва роҳ бурдан сӯи корҳо аз гуногун нафъ ва фоидаҳо суд мар ӯро бошад, на мар Офтобро. Ва агар ӯ чашм боз кард, Офтоб бад-ӯ инояте пеш аз он накард, ки ба дигарон кард. Ва агар чашм фароз кард, иноят аз ӯ боз нагирифт, ки бад-он суде наёфт, балки ӯ чун рӯй аз фоидаи хеш бигардонид, фоида бад-ӯ нарасид аз Офтоб. Ва Офтоб ба ҳоли хеш ҳамебуд.

Ва ба фоида гирифтани он кас аз Офтоб манфиатҳо бад-ӯ расид ва ба чашм фароз кардани ӯ аз Офтоб фоидаҳои ӯ бурида шавад. Ва ҳамчунин ба пазируфтани илми тавҳид манфиат мар муваҳҳидро бошад, на мар тавҳидро. Ва ба тақсир кардани ӯ андар он маъни мазаррат ӯро бувад, на тавҳидро ва мазаррат ва манфиат ба банда боз гардад, на ба Худой.

Ва аммо ҷавоби он чи гуфти, чун касе ба кӯҳ шавад ва санг шиканад, Худованди банно ӯро наёзорад ва на чизе диҳад, он аст, ки чун ин касе аз Худованди банно чизе наёфт, бад-он чи ранҷи хеш зоеъ кард, мар ӯро озурдан набувад аз Худованди банно. Ва бад-он рӯй, ки ранҷи хеш зоеъ кард, уқубат ёфт ба ноёфтани фоида аз он чи кард. Ва чун кор нигоҳ кард ва фоида биёфт, он нишони савоб бувад ӯро.

**Сафи сию панҷум**

## СУХАН АНДАР ҚУВВАТҲОИ НАФСОНИ, КИ АНДАР МАРДУМ АСТ

Нафси мардумро се қувват аст: яке қуввати ғазаби, ки мардум бад-он қувват бо ҳайвони сухангӯй баробар аст ва анбоз аст. Ва дигар қуввати шаҳвони, ки бад-ин қувват мардум бо набот анбоз аст. Ва се дигар қуввати нотиқа, ки мардум бад-ин қувват аз набот ва ҳайвон ҷудо аст. Ва бад-ин се қувват муроди Офаридгор аз офариниш ба ҳосил омад. Ва офариниш ду бувад: яке офариниши олам аст ба сурати ҷасади мардум, ки он сурати зиндаест сухангӯи миранда ва олами ҷисмони бадан боист, то ин сурати мардум ба ҳосил омад. Ва дигар офариниш сурати нафси мардум бувад, сурати зиндаи сухангӯи донои номиранда ва ҷасади мардум бад-он боист, то нафси доно аз мардум ба ҳосил ояд. Пас, гӯем, ки қуввати нотиқа мар сурати нафсонии боқиро ба манзалати ҳаюло бувад, аз баҳри он ки ба сухан тавонист пазируфтан мар илмро, ҳамчунон ки чӯб тавонад пазируфтан мар сурати курсиро. Ва қуввати шаҳвони мар сурати ҷасадони ба манзалати ҳаюло бувад, аз баҳри он ки ҷуз ба қуввати шаҳвони ҷасад зиёдат напазирад ба кашидани ғизо. Ва қуввати ғазаби мар ҳар дуро ёригар бувад, то ҳар ду сурат ба ёрии қуввати ғазаби ба ҳосил ҳамеояд. Ва аммо ба қуввати ғазаби сурати нафсонии боқи мар қуввати нотиқаро бад-он ба ҳосил ояд, ки мар душманонро аз хештан ба қуввати ғазаби дур кунад, то ба иктисоби фазоил ва маърифати шукри мунъим сурати боқиро биёбад. Ва аммо ба маърифати қуввати ғазаби сурати ҷасадони мар қуввати шаҳвониро бад-он ба ҳосил шуд, ки душмани хешро ба қуввати ғазаби дафъ тавонист кардан. Ва ҷуфт ҷустан аз ҷинси хеш ва талаб кардани хӯришу пӯшиш, ки салоҳи ҷасад андар он бувад, ин ҳама ба қуввати ғазаби бувад мардумро. Ва гар қуввати ғазаби қуввати нотиқаро ёри надоди, қуввати нотиқа ҳаргиз ба истифодати илм варзидан ибодату шукри мунъим натавонисти кардан, аз баҳри он ки нафси шаҳвони бар нотиқа чира шуди ва нотиқаро маққур карди ва нафси нотиқа зоеъ шуди. Ва ҳамчунин агар ёри набуди мар нафси шаҳвониро аз нафси ғазаби, талаби нӯшидани ва хӯрдани ва ҷуфти хеш натавонисти кардан ва душманро аз хештан дур натавонисти доштан ва моддати ҳайвон гусаста шуди. Ва низ агар нафси нотиқа мар қуввати ғазабиро маъунат накарди, ҳеч ҳайвон аз душман натавонисти парҳез кардан ва надонисти, ки салоҳи ӯ дар чист.

Ва гар маъунати шаҳвони мар нотиқаро набуди, ба нигоҳдошти қуввати ҳайвони берун кашидани хӯриш ва осоиш қуввати нотиқа пойдори наёфти ва аз парҳез ҳалок шуди. Пас, Кирдигори олам ба ҷуди Бори, субҳонаҳу, ин ҳар се қуввати мухталифро ёригарони якдигар сохт, то аз ин рӯй, ки гуфтем, ду муроди ӯ андар ду сурати ҷисмонию рӯҳонии мардум ба дунё ва охират тамом шавад. Ва ҳар яке аз ин се қувват барои нафси ҳайвони шояд хондан. Ва гар мар ин

қувватҳоро «қувватҳои нафс» хони ва ҳама ба як Нафси кулл мансуб куни, раво бошад. Ва гар ҳар якеро «нафс» хони, ишорати бартар аз зоти ин қувватҳо карда боши. Ва ҳукамои авоил ҳам «қуво» хонданд мар ин қувватҳоро ва ҳам «нафсҳо» хонданд. Мисоле бидиҳем мар ин ҳар се қувватро аз рӯи табоеъ, то ба фаҳми шунаванда наздиктар бошад. Ва гӯем, сабили қуввати ғазаби бо қуввати шаҳвони ва қуввати нотиқа аз рӯи табиат сабили рутубат аст, истода миёни ҳарорат ва бурудат. Агар ғалаба ҳароратро бошад, рутубат бо ӯ ёр шавад. Ва гар ғалаба мар бурудатро бошад, рутубат бо ӯ ёр шавад аз баҳри он ки агар рутубат ҳароратро пазирад, ҳаво гардад, ки гарму тар аст. Ва гар рутубат бурудатро пазирад, об гардад, ки сарду тар аст, ҳамчунин қуввати ғазабиро майл бад-он қувват афтад, ки ғалаба ӯро бошад. Агар нотиқа ғолиб бошад, ёри нотиқа шавад ва агар шаҳвони ғолиб бошад, ёри шаҳвони шавад. Ва мисоли дигар аз рӯи ҳайвони сабили қуввати ғазабиро ва ду қуввати нотиқа ва шаҳвони сабили саги шикорист, ки ҳар чи андар олам аст, битавонад гирифтан ба миёни ду марди сайёд, ки ҳиммати эшон мухталиф аст ба ғояти ихтилоф, чунон ки сайди як мард ба мисли шер ва паланг бувад ва сайди дигар мард мору мӯш бошад, ҳиммати яке оли ва бузургвор ва ҳиммати они дигар дун ва хасис. Ва он саг ҳамеша фармонбардори он кас бошад, ки ба ҳиммати хеш ҳушёртар ва сайди хешро ҷӯётар бошад. Ва чун саг сипаси он марди сайёди ҳушёр равад, он ноҳушёрро ночора, сипаси эшон бояд рафтан. Ин аст мисоли қуввати ғазаби бо қуввати нотиқа ва шаҳвониро ситор аст ва нотиқа ва шаҳвони ҳар ду ҷӯяндагони зиндагонианд ва хушии нотиқаи зиндагони ва хушии ҷовидони ҷӯяд ва шаҳвони зиндагони ва хушии ин ҷаҳон ҷӯяд. Ва ин гурӯҳро Худой таъоло фармуд, ки аз сутур камбудатаранд, бад-ин оят, ки гуфт, қавлуҳу:

إِنْ هُمْ إِلاَّ كَالأَنْعَامِ بَلْ هُمْ أَضَلُّ سَبِيلاً

*Гуфт: «Эшон нестанд, магар чун сутур, балки эшон гумроҳтаранд» (25-44).*

Пас, гӯем, чун орзуи нафси нотиқа бештар бошад ба талаби хуши ва зиндагии боқи, талаби истифодати илм кунад ва майл ба амали шариат ва ибодати Худой дорад.

Қуввати ғазаби майл бад-ӯ кунад ва чун майли ғазаби ба нотиқа уфтад, шаҳвони сипасрави эшон гардад ба зарурат ва ҳама корҳои мардум мувофиқи ақл ояд ба ғояти некӯи ва рости. Ва агар оҳанги қуввати шаҳвони бештар бошад, ба талаби и ҷасад майли ғазаби сӯи шаҳвони афтад ва нотиқа мутобеи шаҳвони ва ғазаби шавад, ҳама корҳои мардум мухолифи ақл уфтад, аз даст пеш кардан ба ношоистаҳо, чун зиною лавота ва дуздию дурӯғ ва бедоди. Ин ҳама корҳои зишт аст ва мухолифи ақл аст. Пас, ҳар чи сӯи ақл некӯст, андар ӯ роҳат ва қуввати нотиқа аст ва ранҷи қуввати шаҳвони. Ва ҳар чи сӯи ақл зишт аст, андар ӯ роҳати шаҳвони аст ва ранҷи оқила аст. Ва ҳама расулон, алайҳимуссалом[21], сиёсату молиш мар қуввати шаҳвониро карданд, то фармонбардор бошад мар нотиқаро ба анвоъи ибодат аз намозу рӯза ва ҳаҷҷу закоту порсои ва хурсандию рост гуфтан ва ҷустани илм ва хештанро зери дасти доро доштан. Ва андар ин ҳама корҳо роҳату мар нафси нотиқарост ва қуввати ӯст. Ва ҳама некӯст ба ақл ва андар ин ҳама корҳо ранҷи шаҳвони аст ва заъфи ӯ. Ва ҳама ҳукамои пешин, ки худошинос буданд, мутааллимонро ба оғози таълим парҳез фармуданди ва мар нафси шаҳвониро напарварданди, бал гуфтанди, ки илми илоҳиро биёмӯзед ва нафси шаҳвониро фурӯ шикаста доред, аз баҳри он ки бо ғалаба ва қуввати шаҳвони илм натавон пазируфтан. Гуфтем, андар маротиби қувватҳои нафс он моя, ки хирадмандро кифоят аст.

[21] Дар матни китоби ал-Қаввим «алайҳиссалом» омадааст, ки иштибоҳ аст. Дар китоби ал-Хашшоб шакли дурусти он «алайҳимуссалом» истифода шудааст.

**Сафи сию шашум**

## СУХАН АНДАР ПОКИЗА НИГОҲ ДОШТАНИ НАФС АЗ ГУНОҲ

Аммо андарёфтани гуноҳи хеш ва покиза кардани нафс бад-он аст, ки ҳар коре, ки он сӯи ақл зишт аст, накуни. Ва гар мӯъминро ҳаво ва нафси шаҳвони бад-он кашад, то он кор бикунад, он гуноҳ андар нафси ӯ собит шаваду нигори ва набишта гардад андар нафси ӯ. Ва нигору набиштаи гуноҳ зишт аст наздики ақл. Ва шумори хулқ сӯи ақл аст, он Ақл, ки ӯ кулл аст. Ва ҳар нафс, ки бо нигори пеши Ақли кулл шавад, ки мар онро душман дорад, он нафс ҷовидон андар иқоб бимонад ва сурати нигории зишт, ки бар ҳаюло ҷой гирифт, аз ӯ ҷудо нашавад, магар падид омадани нигори ва сурати некӯ ҳам бар он ҳаюло, ки ин ҳар ду аз якдигар гурезонанд. Ва чун некӯи биёбад, зишти, ки душмани ӯ ва хилофи ӯст, бигурезад. Ва гавҳари нафс гавҳарест, ки ҳам сурати некӯ пазирад ва ҳам сурати зишти бе ҳаюло ва бе табибе ва бе ҳеч замон ва ба пой шудани сурати некӯ афтодан ва табоҳ шудани сурати зишт аст. Ва чун мӯъмин бар гуноҳи хеш пушаймони хӯрад ва тавба кунад, бад-он тавба мар нафси ӯро шусте бошад аз он сурати зишт ва чун пас аз тавба кори некӯ кунад он чи сӯи ақл некӯст, он сурати некӯи ӯ ба ҷои он сурати зишт, ки пеш аз тавба бувад, биистад, чунон ки Худой таъоло мегумояд[22], қавлуҳу:

إِلاَّ مَنْ تَابَ وَآمَنَ وَعَمِلَ عَمَلاً صَالِحاً فَأُوْلَئِكَ يُبَدِّلُ اللَّهُ سَيِّئَاتِهِمْ حَسَنَاتٍ وَكَانَ اللَّهُ غَفُوراً رَحِيماً

*Гуфт: «Магар он кас, ки тавба кунад ва бигаравад ва кори некӯ кунад, пас эшон онанд, ки бадал кунад Худой зиштиҳои эшон ба некӯиҳо. Ва Худой пӯшанда ва меҳрубон аст» (25-70).*

Ва тавбаи насӯҳ он бошад, ки он чи сӯи ақл зишт аст, даст аз он боздорад ва он чи сӯи ақл некӯ аст, мар онро кор бандад. Ва низ аз он сипас бад-он кори зишт, ки карда буд, бознагардад. Ва хабар аст аз Расул, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, ки гуфт:

المتعرف بالذنب كن لا ذنب له و المصر على الذنب كالمستهزى بربه.

*«Ҳар ки хасту шавад ба гуноҳи хеш, ҳамчун касест, ки ӯро гуноҳ нест. Ва ҳар ки бар гуноҳ биистад, чун касе бошад, ки бар Парвардигори хеш афсӯс кунад».*

Ва даст аз гуноҳ боздоштан пок кардани сурати зишт аст. Ва набиштаи зишт аст аз нафс ва некӯи кардан ва даст андар коре задан, ки сӯи ақл писандида аст, нигоштани сурати некӯст ба ҷой сурати зишт. Ва раво нест хирадмандро, ки аз гуноҳ ба тавба бознагардад ва сурати зишти хешро некӯ накунад, ки афв ва раҳмати Худой таъоло бисёр аст, чунон ки ҳамегӯяд, қавлуҳу:

قُلْ يَا عِبَادِيَ الَّذِينَ أَسْرَفُوا عَلَى أَنْفُسِهِمْ لا تَقْنَطُوا مِنْ رَحْمَةِ اللَّهِ إِنَّ اللَّهَ يَغْفِرُ الذُّنُوبَ جَمِيعاً

*Ҳамегӯяд, ки: «Бигӯй, эй бандагони Ман, он ки гуноҳи бисёр кардед, аз раҳмати Худой навмед мабошед, ки Худой биёмурзад ҳама гуноҳонро» (39-53).*

Аммо андарёфтани гуноҳе, ки он аз рӯи ситам кардан ва хоста бурдани мардумон бошад, он аст, ки чун тавба кунад, агар хостае, ки он ситада бошад, ҳамон хоста бар ҷой бошад, ба худовандаш боз диҳад ва ҳалоли кардан аз ӯ бихоҳад. Пас, агар он хоста бар ҷой набошад, бадали он хоста ба қимати он ба худовандаш боз диҳад, агар тоқат дорад ва агар тоқат надорад, ният чунон кунад, ки агар хоста ёбад, иваз боз диҳад. Ва агар он кас, ки ин мӯъмин бар ӯ ситам кардаст, зинда набошад, ба фарзандони ӯ бирасонад. Ва агар он касро фарзанд набошад, ба байт-ул-моли худованди замонаи хеш бар дасти «Ҳуҷҷати ҷазира» расонад, то он сурати зишти ӯ, ки аз он ситам собит шуда бошад, аз нафси ӯ зоил шавад. Пас, агар ин мӯъмин нияти некӯ бикунад ва дасташ нарасад, ки он ҳақ боз

[22] Дар матни ал-Хашшоб «мефармояд» омадааст.

диҳад, он нияти некӯи ӯ пеши нафси ӯ аз уқубат сипари шавад, чунон ки Расули мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, гуфт:

النية الحسنة جنة حصينة

*Гуфт: «Нияти некӯ сипаре устувор аст».*

Пас, агар тоқати боз додан ёбад ва боз надиҳад ва аз ин ҷаҳон берун шавад, гуноҳи ӯ яке ду шавад, аз баҳри он ки гуноҳаш дутой гашт: яке гуноҳи пешин, ки карда буд ва гар дурӯғзани, ки кард бо Худой таъоло, азерок тавба кард ва бад-он вафо накард, то зишти бар зишти биафзуд, ҳамчунон ки чун тоқат ёбад ва вафо кунад ва ҳақи мардумон боз диҳад, музди ӯ дутой шавад: яке музди боз додани ҳақи мардумон ва дигар музди исбот кардани сурати некӯ ва пок кардани сурати зишт, ки бад-он чи бо Худой таъоло аҳд карда буд, вафо кард ва биёсоид аз бими наколи (ранҷу азоб – муҳаррирон!) он сурати зишт ва аз даракоти дӯзах ба дараҷоти биҳишт расад, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

إِلاَّ مَنْ آمَنَ وَعَمِلَ صَالِحاً فَأُوْلَئِكَ لَهُمْ جَزَاءُ الضِّعْفِ بِمَا عَمِلُوا وَهُمْ فِي الْغُرُفَاتِ آمِنُونَ

*Ҳамегӯяд. ки: «Магар он кас, ки бигаравад ва кори некӯ кунад, эшонанд он ки эшонрост мукофоти дутой, бад-он чи карданд ва эшон андар марғузорҳои биҳиштанд эмин гашта» (34-37).*

Ва ҳар ки рост гӯяд ва ба аҳд вафо кунад, андар нафси хеш хӯй ва ороише ёбад ва аз мардумон санои некӯ шунавад ва андар нафси ӯ он вафо ва рости сурате шавад, ки шоди ва хушии он ҷовидон бад-ӯ пайваста бошад. Ва аммо муомалати мӯъминон аз ҳудуди дин ва бо якдигар аз дӯстдориву некӯкори ва насиҳат ва андар ҳолҳои дини ва дунёи аз ёри додан ба мол ва улум ва гуфтору кирдор ба ғояти некӯи бояд, ки бошад. Ва музди эшон музоаф бошад, аз баҳри он ки некӯи кардан бо ҳама халқ некӯст, валекин бо мӯъминон некӯтар ва фозилтар аст ва музди он бештар аст, аз баҳри он ки мӯъмин ба мӯъмин сазовортар аст, чун дигар мардумон. Ва сабили мӯъмин бо мӯъмин ба рӯҳони сабили бародар бо бародару хоҳар ва модару падар ва амму ҷадд аст ба зоиши нафсони, ки дувум зоиш аст. Ва сабили мусулмон бо мӯъмин ба рӯҳони сабили ҳамсоя бо ҳамсоя аст ва ҳақи бародар ва падар пеш аз ҳақи ҳамсоя аст. Ва некӯи кардан бо мӯъминон оростани сурати рӯҳони аст. Ва ҳамчунин ношоисту зишткори бо ҳама мардумон зишт аст сӯи ақл ва гуноҳ аст, валекин бо мӯъминон зишттар ва фоҳиштар. Ва дурустии ин сухан қавли Худой аст андар мухотаба бо занони Пайғомбар, алайҳиссалом, қавлуҳу:

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ قُلْ لأَزْوَاجِكَ إِنْ كُنْتُنَّ تُرِدْنَ الْحَيَاةَ الدُّنْيَا وَزِينَتَهَا فَتَعَالَيْنَ أُمَتِّعْكُنَّ وَأُسَرِّحْكُنَّ سَرَاحاً جَمِيلاً وَإِنْ كُنْتُنَّ تُرِدْنَ اللَّهَ وَرَسُولَهُ وَالدَّارَ الآخِرَةَ فَإِنَّ اللَّهَ أَعَدَّ لِلْمُحْسِنَاتِ مِنْكُنَّ أَجْراً عَظِيماً يَا نِسَاءَ النَّبِيِّ مَنْ يَأْتِ مِنْكُنَّ بِفَاحِشَةٍ مُبَيِّنَةٍ يُضَاعَفْ لَهَا الْعَذَابُ ضِعْفَيْنِ وَكَانَ ذَلِكَ عَلَى اللَّهِ يَسِيراً وَمَنْ يَقْنُتْ مِنْكُنَّ لِلَّهِ وَرَسُولِهِ وَتَعْمَلْ صَالِحاً نُؤْتِهَا أَجْرَهَا مَرَّتَيْنِ وَأَعْتَدْنَا لَهَا رِزْقاً كَرِيماً

*Гуфт: «Эй, Пайғомбар, бигӯй мар ҷуфтонатро, ки агар шумо зиндагонии инҷаҳони хохед ва ороиши ӯ, биёед, то шуморо даст боз дорам ба некӯи. Ва гар Худойро хоҳед ва Паёмбари Ӯро ва сарои бозпасинро, Худой басиҷ кардааст мар некӯкоронро аз шумо музди бузург. Эй занони Пайғамбар, ҳар ки аз шумо кори ношоист кард, ӯро азоби дубора кунанд ва ин кор бар Худой осон аст. Ва ҳар ки аз баҳри Худой ва Пайғомбар некӯи кунад, музди ӯ дубора бидиҳем ва оростаем мар ӯро рӯзии хуб» (33-28, 29, 31).*

Ва андар таъвил мар ин мухотабаро се рӯй аст: яке рӯи ҷасадони аст, хосса ва рӯи дувум рӯҳони аст, хосса ва рӯи се дигар рӯҳони аст омма. Аммо рӯи ҷасадонии хосса панд аст мар занони ҷасадонии пайғомбарро, то кори ношоист накунанд ва зишткори пеша нагиранд, ки зиштии эшон аз он сипас, ки занони пайғомбар гаштанд, зишттар аз зиштии дигар бандагон бошад. Ва аммо мухотабаи рӯҳонии хосса он аст, ки ин оёт панд аст мар дувоздаҳ ёри пайғомбарро, алайҳиссалом, ки эшон андар рӯҳони ӯро баробари занонанд андар ҷасадони. Ва занони рӯҳони мустафидони илманд, қароргоҳи зоиши рӯҳониянд, чунон ки занони ҷасадони

қароргоҳи зоиши ҷасадонианд. Пас, зишткории ёрони расул зишттар аст аз зишткории дигар мусулмонон. Ва мазаррати зишткории эшон бар халқ бештар аст ва зиёни он бузургтар аст ба дин ва дунё. Ва илми Худой муҳит бувад ба исёни зишткори баҳре аз занони ҷасадонии пайғомбар ва баҳре аз рӯҳонии ӯ, алайҳиссалом, аз баҳри он бувад, ки ҳуҷҷат бад-ин оят бар эшон лозим кард ба ваъдаи некӯи ва залифан ба зишти. Ва аммо мухотабаи рӯҳонии омма андар ин оят панду андарз аст ҳамаи ҳудуди динро ва мӯъминонро, ки эшон гирандаи илманд аз Расул, алайҳиссалом, ба миёнҷиён, ки аз паси ӯ буданд ва бошанд, то рӯзи растохез, ки зишткории эшон зишттар аст аз зишткории дигар мардумон, ки истифодати эшон аз роҳи рост нест. Ва роҳи рост роҳи ақл аст ба миёнҷиён ва дараҷот ва аҳли ҳашв растагори ба ҷаҳл ва ҳасад талабанд. Ва ҳудуди дин ва мӯъминот ба басират кунанд. Пас, зишткории ҳудуди дин ва мӯъминон бо якдигар ба рӯҳони ва ҷисмони аз гуноҳони бузургтар аст. Ва растагории мӯъмин бо Худой аз роҳи исёни эшон бошад мар миёнҷиёнро, ки миёни мӯъмин ва миёни расул ва васи ва имом бошанд, ба даст боздоштани тоати эшон ва нифоқ кардан ва он гусаста кардани расани хеш бошад мӯъминро бо Худой ва Расул, магар, ки тавба кунад ва ба роҳи тоат бозояд, чунон ки Худой таъоло мегӯяд, қавлуҳу:

**إِنَّ الْمُنَافِقِينَ فِي الدَّرْكِ الأَسْفَلِ مِنْ النَّارِ وَلَنْ تَجِدَ لَهُمْ نَصِيراً إِلاَّ الَّذِينَ تَابُوا وَأَصْلَحُوا وَاعْتَصَمُوا بِاللَّهِ وَأَخْلَصُوا دِينَهُمْ لِلَّهِ فَأُوْلَئِكَ مَعَ الْمُؤْمِنِينَ وَسَوْفَ يُؤْتِ اللَّهُ الْمُؤْمِنِينَ أَجْراً عَظِيماً**

*Гуфт: «Мунофиқон ба пойгоҳи фурудин андаранд аз оташ ва эшонро ёридиҳандае наёби, магар онҳоро, ки тавба кунанд ва кори нек кунанд ва даст дар ҳаблуллоҳи матин зананд ва дини хеш Худойро холиса кунанд» (4-145, 146).*

Пас, эшон бо мӯъминон бошанд ва Худойро холиса кунанд. Пас, эшон бо мӯъминон бошанд ва Худой мӯъминонро музди бузург бидиҳад. Он миқдор, ки мӯъмини ҳушёрро андар он бедори афтад ва афзояд. Ёд карда шуд, аз боби андарёфтани гуноҳе, ки карда бошад ба тавба ва некӯкори ва боз ногаштан ба бади.

**Сафи сию ҳафтум**

## СУХАН АНДАР ОН КИ ПАДИДОРАНДАИ ТАБОЕЪ НАФСИ КУЛЛ АСТ

Ҳукамои илми илоҳи ва шиносандагони афъоли фалаки ва худовандони илми табоеъ муттафиқанд бар он, ки сифати нафси он ки ӯ бад-он сифат аз дигар чизҳо ҷудост, фаъолаи билтабъ ва аломаи билқувва аст.

Гӯянд, ки «нафс коркун аст ба табъи хеш ва омӯзанда аст андар ҳадди қувват», яъне, ки агар омӯзгор ёбад, доно шавад. Ва аз нафсҳои ҷузъи, ки андар олам аст, аз набот ва ҳайвон ва мардум далел бар дурустии ин қавл ёфта ҳамешавад. Ва бад-он чи рӯҳи нумув ба набот андар аст, ба ҳеч вақт аз кор наёсояд, аз баҳри он ки ба зимистон ҳаме моя фароз кашад ва ба дигар фаслҳо мар онро берун орад ва парвариш ҳамекунад. Ва нафсҳои ҳайвон аз талаб кардани ғизо ва барҷустани ҷуфти хеш наёсояд. Ва мардум ба бедори ва хуфтаги аз кор бастани хеш фориғ нест.

Пас, дуруст шуд, ки кор кардани ҳама мар нафсрост ба ҷумлаги. Ва чун мар нафси мардумро мо аз Нафси кулл ҷузъ ёфтем, чунон ки бурҳони он андар ин китоб боз намудем ва нафси мардум бо ҷузъияти хештан чизҳо ҳаме берун орад, ки олам бо бузургии хеш он берун наовардаст, чун падид овардани обгина аз санг ва набот ва берун овардани абрешим аз барги дарахти туд ба ёрии кирми қаж ва берун овардани навъи ҳайвон аз миёни ду навъ, чун астар аз миёни асп ва хар ва ҷуз он. Ва табоеъ ҳаме ашкол бувад, лавнҳо ва гавҳарҳо ва андар ӯ нишони санъат ва кор пайдо ва равшан бувад. Донистем, ки Нафси кулли сазовортар аст бад-ин санъати кулли ва падид овардани ин табоеи кулли бо ҷузъи ӯ ҳаме саноеи ҷузъи

битавонад кардан. Ва ин далели зоҳир ва равшан аст хирадмандро бар он ки Нафси кулли аст, ки ин ҷавоҳир ва табоеъ ӯ падид овардааст.

### Сафи сию ҳаштум
### СУХАН АНДАР ИСБОТИ САВОБУ ИҚОБ

Агар мардумро маъод набуди, ки бозшуданди бад-он аз баҳри биёфтани мукофоти абади, то некӯкор ба савоб ва бадкирдор ба иқоб расад, офариниши олам ва он чи андар ӯст, бози буди, аз баҳри он ки ҳеч ботил нашуд аз он чизҳо, ки олам берун оварад ба тадбири Сонеъи хеш. Ва зоеъ нашудани чизҳо, ки андар олам падид омад, ҳама ба сабаби будиши мардум бувад, чунон ки гӯем: «Агар мардум набуди, гавҳари он гудохтани ва ногудохтани набуди». Ва он чи аз конҳо падид омад, ботил шуди ва аз ӯ ҳеч ҷонварро фоида набуди. Ва чизҳои хушбӯй, чун мушку анбару кофур ва ҷуз он ҳама ботил гашти. Ва чандин ҷомаҳо, ки аз абрешим ва пашм мардум ба ҳосил кард, ҳама ботил буди. Ва гуногун фоида, ки мардум гирифт аз набот ва аз меваҳо ва пӯстҳо ва дандону устухон ва суруҳои ҳайвон, ҳама зоеъ буди. Ва чун мардум ба ҳосил омад ва чандин фоида аз офариниш бигрифт, донистем, ки он ҳама чизҳо Офаридгор аз баҳри мардум офарида буд ва гувоҳи дод бар дурустии ин ҳол қавли Худой таъоло, ки гуфт, қавлуҳу:

هُوَ الَّذِي خَلَقَ لَكُمْ مَا فِي الأَرْضِ جَمِيعاً

*Гуфт: «Ӯ он аст, ки биёфарид аз баҳри шумо ҳар чи андар замин аст ба ҷумлаги» (2-29).*

Ва чун ҳама манофеи олам ба мардум падид омад ва мардум бар мисоли дигар ҳайвон бизист, агар ӯро бозгаштан набошад, ин фазл, ки мардумро бувад бар ҷумлагии офариниш, то аз ҳама чизе фоида гирифт, зоеъ шуд. Ё боисти, ки ин шарифтари офариниш, ки мардум буд, зоеъ шуди. Пас, лозим омад, ки маъоде бошад мардумро бе фано.

Ва низ гӯем, ки чун аз офариниши пурҳикмат, ки аз Сонеъи ҳаким падид омад, чиз зоеъ нашуд, воҷиб наёяд, ки ин тафовути азим андар миёни ду мардум аст: яке некӯкор ва дигар бадкирдор зоеъ шавад. Ва мо ҳамебинем бадкирдоронро, ки андар ин олам бо иззу ҷоҳ ва фармонравои, андар ва некӯкорон ва ситамрасидагон бо хори ва андӯҳ ва бечорагию дарданд. Ва агар мар ин ҳар ду гурӯҳро бозгаште набошад, ки касе ба ҷазои он чи кардаст, бирасад ва бо ин тафовути бузург, ки андар зиндагии дунёи миёни ду тан бувад, пас аз марг ҳар ду баробар бошад ба ночиз шудан аз адли Кирдигор лозим наёяд. Ва андар санъати Ҳаким ба офариниши олам чунин нест, аз баҳри он ки табоеъ, ки олам таркиб аз ӯ ёфтааст, ба адл қоим аст. Ва андар офариниши ҷонварон ва набот адл пайдост. Ва чун рости аз таркибе бишавад, он таркиб пой надорад. Пас, раво набошад, ки андар офариниши мардум ин тафовут биравад. Пас, лозим ояд, ки мардумро боз гаштан бошад, ки ҳар яке аз бадкирдор ва некӯкор ба ҷазои кори хеш бирасад, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

أَمْ حَسِبَ الَّذِينَ اجْتَرَحُوا السَّيِّئَاتِ أَنْ نَجْعَلَهُمْ كَالَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ سَوَاءً مَحْيَاهُمْ وَمَمَاتُهُمْ سَاءَ مَا يَحْكُمُونَ

*Ҳамегӯяд: «Оё чунон ҳамепиндорад онҳо, ки бадиҳо карданд, ки мо эшонро чунон касон кунем, ки гаравиданд ва корҳои некӯ карданд, баробар бошанд. Зиндаги ва мурдагии эшон бад ҳукмест ин ки ҳамекунед» (45-21).*

Пас, аз ин оят ҳаме овоз диҳад хирадмандонро андар халқ, ки пас аз марг ва ҷудо шудани нафсҳо аз ҷасадҳо ин тафовут ҳаме падид хоҳад омад, чун имрӯз падид наёмад ва аз ин таъхир, ки ҳамеафтад, аҷаб набояд доштан, ки будани ҳамчун будааст сӯи хирадманд, пас, сӯи ақл будатар аст. Ва ин андак рӯзгори ин

ҷаҳони сӯи мардуми заифхирад бисёр намояд, ки ӯ фони аст аз ин зиндаги ва андар будани дидораш нест ва сӯи Ақли кулл он чи хоҳад буд, сахт наздик аст, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

إِنَّهُمْ يَرَوْنَهُ بَعِيداً وَنَرَاهُ قَرِيباً

*Гуфт: «Эшон дур ҳамебинандаш ва Мо наздик бинемаш» (70-6, 7)*

Ва низ гӯем, ки чун андар мардум нафсе ҳамебинем шарифтар аз он, ки андар ҳайвон аст ва он нафси сухангӯй аст, ки ҳаме пайдо ояд ва илм пазирад ва бишунавад ва бишунавонад ва бидонад ва дигариро доно кунад. Ва аз ин нафс мардумро андар олам афзуни набувад андар зиндагии ӯ ва мар хештанро бад-он нафс зиёдати бақо натавонист алфағдан. Ва андар ҳама нафсҳои наботи ва ҳайвони ҷустани бақо ниҳодааст. Лозим ояд, ки он кас, ки ин нафси сухангӯй андар ниҳоди мардум ғаразеро ниҳод ва чун андар ин олам аз он ғараз чизе падид наёмад, воҷиб ояд, ки он ғарази Офаридгори мардум аз ниҳодани нафси сухангӯй андар мардум пас аз ҷудо шудани рӯҳи ӯ аз ҷасади ӯ падид ояд. Ва он чи некӯкирдор андар неъмат ва  ва роҳат боқи шавад ва бадкирдор андар ранҷу шиддат ва дарду бало ҳамеша гардад, пок аст ҳикмати Эзид, субҳонаҳу, аз он ки муҳол андар офариниш раво дорад. Ва ҳар некӯкоре ва бадкирдореро мукофоти он чи эшон карда бошанд, бирасонад.

## Сафи сию нӯҳум
## СУХАН АНДАР ОН КИ БА ҲАР МАКОНЕ ҲАСТ

Гурӯҳе аз мардумон гӯянд, ки Эзиди таъоло ба ҳар маконе ҳаст ва ҳеч ҷой аз Ӯ холи нест ва мар ҳеч ҷой аз Ӯ пӯшида нест. Ва чунон ҳамедонанд, ки ин тавҳид аст ва нафйи сифот носутуда аст аз Худой. Ва мо гӯем, ки «он чи ба ҳар маконе ҳаст ва ҳеч ҷой аз ӯ холи нест ва ҳеч ҷой аз ӯ пӯшида нест, он табиат аст». Ва иборати «он табиат» ба ду сухан кашад: яке қуввати фоъила, яъне коркун ва дигар ибтидои ҳаракат. Ва ҳар кадом аз ин дуро бигири, ҳеч макон аз эшон холи нест, аз баҳри он ки макону замон, ки сурат аз эшон ва андар эшон падид ояд, ба вақти сурат кардани чиз андар нафс ба қуввати ақл аз қуввати фоъила ва оғози ҳаракат холи набошад. Ва нафсу ақл холианд аз макони сурат карда. Ва макон холи нест аз қуввати фоъила, аъни «коркун» ва оғози ҷунбиш, чун макон аз ин ду ҳол холи нашояд будан, чи гуна раво бошад, ки Мубдеъи ҳақ ба макон ҳоҷатманд бад-ин ду чиз андар бошад.

Сипас аз он ки Ақлу Нафс, ки офаридагони Худоянд, аз макону замон бениёзанд. Ва аз баҳри он гуфтем, ки макон аз қуввати фоъила ва оғози ҷунбиш холи нест, ки ҳар маконеро ҳол гарданда аст ба ихтилоф ва аҳвол аз гармою сармо ва торикию рӯшнои ва тангию фарохи ва ҷуз он. Ва гаштани аҳвол аз қуввати гардонандаи аҳвол падид ояд ва он қувваи фоъила бошад ва низ аз ҷунбиш бошад гаштани аҳвол. Ва гар ҷунбиш набуди, гаштани аҳвол набуди. Ва чун ҳоли макон гарданда бувад, аз ҷунбиш холи набувад. Ва ҳамчунин қуввати фоъила бад-он чи падид орад андар ҳар маконе аз гаштани ҳолҳо падид омадани ҷонварон, гувоҳи ҳаме диҳад, ки ӯ ба ҳар маконе ҳозир аст. Ва мисол диҳем мар ин суханро, чунон ки гӯем: «Ҳар гоҳ, ки таваҳҳум кунем, ки баъзе аз ҳаво макон шуд, бухореро, ки аз об бархост ва бар ҳаво рафт ва ҷой гирифт ва он бухор мутамаккин шуд, чора нест аз сурат кардани қуввати фоъила андар он бухори маконгир, аз баҳри он ки агар ба қуввати Офтоб он бухор бигузорад, ба қуввати фоъила гузорад. Ва гар ҳаракат кунад, ба қуввати фоъила кунад ба бартар шудан, ё ба фурутар омад».

Пас, дуруст кардем, ки «табиат аст», он чи ӯ ба ҳама маконҳо ҳозир аст ва Нафсу Ақл аз макон бартар аст, аз баҳри он ки Нафсу Ақл тамоманд ва тамомро ба макон ҳоҷат набошад. Ва «табиат» он ки нигоҳбони макон аст, чун оташ ҷавҳари ӯ ва ҷавҳари ҳаво аз макон канораро нигоҳ доранд ва ҷавҳари обу ҷавҳари хок миёнаи макон нигоҳ доранд. Ва гар ин гавҳар нигоҳ дошта набуди, ба нигоҳбонии табиат осмонҳо ва замин табоҳ шуданди. Ва Эзиди таъоло ҳикмати Хеш ботил карда буди. Пас, гӯем, ки табиат ҳаддест аз ҳудуди ақл, ки ӯ шарифтар офарида аст аз офаридагони Эзиди таъоло. Ва ӯст, ки ба ҳар маконе ҳаст. Ва Эзиди таъоло бузургвортар аз он аст, ки ӯро ба манзалати «табиат» шояд гуфтан, таборака-с-смуҳу ва таъоло ҷаддуҳу.

**Сафи чиҳилум**
## СУХАН АНДАР ОЛАМИ ҶИСМОНИ, КИ АНДАР ОФОҚИ НАФСИ КУЛЛ АСТ

Гӯем, ки чора нест, аз он ки мар ҷисмро ниҳоят бошад, аз баҳри он ки ҳақиқати ҷисм он аст, ки мар ӯро се буъд аст. Чун дарозою паҳно ва жарфо. Ва ҳар яке аз ин буъдҳо ду канора дорад ва миёнае. Ва чун буъдҳои ҷисмро ниҳоят бошад, ҷисмро ниҳоят бошад.

Ва чун ҷисмро ниҳоят дуруст шуда бошад, дуруст шуда бошад, ки аз беруни ин фалаки кулл, ки олам аст, на замон аст ва на макон ва на ҷирми тиҳи аст ва на ҳеч чиз аз чизҳои табии, аз баҳри он ки ҳама табииёт аз андаруни фалак аст ва фалак муҳит аст ба табоеъи иҳотатии табии. Ва мо донем, ки нафси ҷузъи, ки имрӯз андар замон аст, чун мар ин ҷасадро бияфканад ба ваҳм ва фаромӯш кунадаш, ӯ ба чизе ҳаюлони ва ҳисси намонад ва ҳеч чиз бо ҷавҳари ӯ намонад, магар илми маҳз. Ва чун нафси ҷузъи андар мардум аст, баршавад сӯи боло ба талаб кардани он чи аз беруни фалак аст ба қуввати илм ва нафӣ кунад ҷирмро ва ҷисмро, чи аз холи ва чи аз пур чиз наёбад, магар исботи маҳз беруни ин ҷирми гарданда, ки фалак аст. Ва чун табииёт ба канора расад, ҳайиз набошад, магар созандаи табииёт. Ва чун нафси ҷузъи беруни ин фалак ҳайиз наёфт ва аз ӯ бигузашт, дуруст шуд, ки он бар шудани ӯ ба олами латиф аз латифии хеш ва ҳамгӯшаги бо Нафси кулли, то бубинад он сурури лаззоти иззу шарафи рӯҳони, ки нафси ӯ андар он ғарӣа шавад. Ва гар баршудани нафси ҷузъи ба олами латиф аз ҷиҳати илми риёзи набошад, ки ҳандаса аз ӯст, пайдо шавад мар ӯро ҷавҳари Нафси кулл, ки муҳит аст ба ҷирми гардандаи иҳотати иллат ба маълули хеш ва иҳотати сонеъ ба маснуъи хеш, на чун муҳит шудани ҷисми латиф ба ҷисми касиф ва муҳит шудани Нафси кулли ба олами табиат муҳит шудани илми аст. Ва иҳотати илмиро аз андаруну берун ҳар ду яксон бошад. Пас, дуруст шуд, ки афлоку олам андар уфуқи Нафси кулли аст.

Ва низ гӯем, ки он далел, ки мардум бад-ӯ битавонад донистан, ки афлок ба ҳама ҳаракот гардон аст ва мутаноҳи аст ва андар расидани ӯ бад-ин илм ба илме бошад, ки пеш аз ин бидониста бошад, то он илм роҳ намояд мар ӯро сӯи ин илм. Ва он илм он аст, ки бидонад, ки ҳар доирае ниҳояти он бошад, ки хатҳо, ки аз маркази ӯ берун шавад, ҳар яке бар андозаи дигар бошад, то муҳити доира ва ниҳояти доира бар сари он хатҳо бошад. Ва ёфтем мар хатҳоро, ки аз маркази замин ҳаме берун ояд, ки ба ниҳоят ҳамерасад он ҷо, ки фалак муҳити сатҳ мар вай аст, ки ҳамегардад. Пас, он сатҳ муҳити мунтаҳои олам аст. Ва ин донистан андар ғаризати нафс аст.

Пас, бад-ин донистан, ки нафси ҷузъиро ҳосил омад, аз роҳи таълим дуруст гашт, ки ин олам андар уфуқи Нафси кулл аст.

Ва низ мардум ҳукм кунанд бар фалак, то фоидаҳо аз ӯ ба ҳосил кунанд. Ва хирадманд бидонад, ки фоида андар фалак аз баҳри нафси ҷузъи ниҳоданд. Ва чизе, ки аз баҳри ҷузъи ниҳода бошанд, ночора баҳри кулли он ҷузъ ниҳода бошанд, аз баҳри он ки фоидаи ҷузъ ҷуз аз кулли хеш нашояд буд.

Пас, гӯем, ки чашми бинанда андар мардум аз баҳри боздоштани мазарратҳост аз хештан ва кашидани манфиатҳо ба зоти хеш ва фалакро ҳоҷат нест ба чизе, ки бад-он мазаррат аз хештан боздорад, ё бад-он манфиат ба хештан кашад. Ва ҳамчунин гӯши шунаво мар мардумро аз баҳри манфиати гирифтани ӯ боист, аз чизе, ки ӯро андар он ҳоҷат аст ва фалакро ҳоҷат нест ба шунудани чизҳо. Ва ҳамчунин дигар ҳавос ноёфтан андар фалакҳо ва ёфтани он андар мардум, ҳаме далел кунад бар ҳоҷатмандии мардум бад-он ва бениёзии фалак аз он.

Пас, чун мо ёфтем мардумро, ки ба нафси ҷузъи ҳаме ҳукм кунад бар манфиатҳои фалаки ва берун орад фоидаҳо ва ҳикматҳои ӯро, донистем, ки Нафси кулли, ки ин нафси мардум аз ӯ ҷузъест мар ин фоидаҳоро андар фалак ниҳод то нафси ҷузъиро, мумкин аст берун овардани он аз ӯ, биниҳодан мар ҳукмро бар ӯ ба воҷиби. Ва гар Нафси кулли андар фалак ин ҳикматҳо нaниҳода буди, нафси ҷузъии он аз ӯ берун натавонисти овардан.

Пас, дуруст кардем, ки фалак бо он чи андар ӯст, андар уфуқи Нафси кулли аст, то пайдо шуд мар нафси ҷузъиро назму тартиби он.

## Сафи чиҳилу якум
## СУХАН АНДАР САРМОЮ ГАРМОИ ҚИЁМАТ

Сармою гармо ду канора аст мар эътидолро ва роҳату андар эътидол аст. Ва нафс бар эътидол қарор гирад ва аз ин ҳар ду канора бигурезад ва ҳамчунин ҳар ҳоли сутуда миёнҷи аст ба миёни ду ҳоли носутуда. Ва қавли ҳукамои илми илоҳи андар ин маъни он аст, ки гӯянд:

كل مدح هو عدل بين حاشيتى جور

*Гӯянд: «Ҳар ситоише додест андар миёни ду канораи ситам».*

Чунон ки далери миёнҷи аст ба миёни баддили ва девонаги ва далери, ки миёнҷи аст, сутуда аст. Ва ду канораи ӯ, ки девонаги ва баддили аст, накӯҳида аст. Ва ҳамчунин ҷавонмарди кардан миёнҷи аст миёни зафти ва исроф ва ҷавонмарди сутуда аст ва ҳар ду канораaш ҳам зафти ва ҳам исроф накӯҳида аст, чунон ки Худой таъоло фармуд, қавлуҳу:

وَلا تَجْعَلْ يَدَكَ مَغْلُولَةً إِلَى عُنُقِكَ وَلا تَبْسُطْهَا كُلَّ الْبَسْطِ فَتَقْعُدَ مَلُوماً مَحْسُوراً

*Гуфт: «Макун дастро ба гардан баста, яъне аз бахили ва низ магустар мар дастро ҳамегустурдан, то бинишини маломатзада ва пушаймоншуда» (17-29).*

Ва хирадманди миёнҷи аст миёни беҳудаги ва оҷизи аз сухан ва ҷуз он. Ва дигар хислатҳои сутуда ҳама миёнҷист ва сутуда аст ба миёни ду канораи носутудаи хеш. Пас, гӯем, ки эътидол аз он миёнҷиён сутуда аст ба миёни ду канораи носутуда, ки яке аз ӯ гармост ва дигаре сармо. Ва ин ҳар ду душвори андар ду канораи оламанд. Гарми ба ғояти бартари аст, ки маркази оташ аст ва сарди ба ғояти фурӯтари аст. Ва бад-ин ду чиз нафс андар ин олам ранҷа шавад. Ва он ҳол, ки миёни ин ду ҳол аст, нафс аз ӯ ёбад. Пас, тарсонидани паёмбарон, алайҳимуссалом, мар умматро ба сармою гармои қиёмат аз эшон бар сабили масал бувад. Ва бад-ин гуфтор маънии он хостанд, ки ҳар ки ӯ тавҳидро бе миёнҷии авлиёи Худой ва бе амал пазирад, муфрит шавад, аъни аз ҳад андар гузарад, азерок бе миёнҷии авлиё ва расул ва васи ва имом бар тартиб мар тавҳидро сифат натавон кардан. Ва агар касе бе ин миёнҷиён тавҳид ҷӯяд,

муъаттал шавад, аъни, ки Худойро нест гӯяд. Пас, агар бе миёнҷии авлиёи Худой хоҳад, ки нест бигӯяд ва бикӯшад то исбот кунад, ба ташбеҳ андар афтад. Ва ин ҳар ду канораи тавҳид аст: яке ташбеҳ монанда ба сармои замҳарир, ки ӯ фӯрудин нуқтаи олам аст ва мардум андар ташбеҳ он вақт афтад, ки бо мисолҳои касиф ва зоҳири шариат тавҳид ҷӯяд. Ва ҳамчунин чун бе зоҳир бар масал ва шинохтани таъвили он масалҳо тавҳид ҷӯяд, андар таътил афтад, ки он бартарин ҳаддест аз олам, ки он ҷо оташи сӯзон аст. Ва он чи ба миёнҷии миёнҷиёни ҳақ гуфта шавад ва эътиқод карда шавад, бар эътидол бошад ва он кас аз сармою гармои қиёмат раста шавад, чунон ки Худойи таъоло мегӯяд, қавлуҳу:

لا يَرَوْنَ فِيهَا شَمْساً وَلا زَمْهَرِيراً

*Ҳамегӯяд: «Набинанд андар биҳишт на гармою на сармо» (76-13).*

Маънияш он хост, ки мӯъминонро тавҳид олуда нашавад на ба ташбеҳ ва на ба таътил. Ва ҳам ин маъни бувад, ки аз Расул, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва-с-салам, пурсиданд аз ҳоли биҳишт, ки сард аст, ё гарм? Вай, алайҳиссалом, ҷавоб дод ва гуфт:

هو سحيح مثل برد السحر

*Гуфт: «Ҳавои биҳишт миёна аст, на сард асту на гарм, ҳамчунин хунукии сапедадам».*

Ва гуфтани ӯ, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, ки «биҳишт на сард асту на гарм», нишон бувад аз он ки андар биҳишт марг нест, аз баҳри он ки марг аз ин ду ҳоли мухолиф аст, ё сармои беҳад, ё гармои беҳад. Ва ҳар чизе, ки он ба чаҳор дараҷа сард аст аз доруҳо, ё ба чаҳор дараҷа гарм аст, он чиз заҳри кушанда аст. Ва ҳар куҷо сармою гармо набошад, марг набошад. Ин бувад маънии тарсонидани пайғомбарон, алайҳимуссалом, мар халқро ба сармою гармои қиёмат. Ва чунон бибояд донистан мӯъминро, ки ба қиёмат на сармо асту на гармо. Ва ин масале бувад, ки расулон заданд, бал чунон бояд сурат кардан, ки агар ҳама сармоҳои олами ҷисмони бар як мардум ҷумла куни, то ҳама қуввати хеш бад-он як тан расонад, сад сол андар он як тан аз он сармо он ранҷ набинад, ки ба як дам задан аз ранҷи сармои қиёмат бинад ва ҳоли гармои қиёмат ҳам бар ин ҷумла қиёс бояд кардан. Валекин мо хостем, то маънии ранҷ бад-ин уқубат мар халқро, ки пайғомбарон, алайҳимуссалом, залифан карданд, бознамоем, на он хостем, ки уқубат нафӣ кунем. Наъузу биллоҳ мин азобиллоҳ.

## Сафи чиҳилу дувум
## СУХАН АНДАР БАРЗАХ[xx]

Аз қавли гурӯҳе аз доноён хоҷаи шаҳид Абулҳасани Нахшаби[xxi], разияллоҳу анҳу, андар ин маъни он аст, ки аз бари фалак-ул-афлок нуре латиф аст на мутаҳаррику на сокин, ки сари забарин аз он нур борик аст ва ба Нафси кулл пайвастааст. Ва сари фурӯдинаш касиф ва ситабр аст андар фалак пайвастааст. Ва ҳар нафсе, ки илме аз илмҳо биёмӯзад, он илм мар ӯро даст боз надорад, ки нест шавад, балки ӯро боқи кунад. Ва агар он илми дини бувад, парварда шуда бошад ба амали шариат ва парҳез. Чун он нафс аз ҷасад ҷудо шавад, аз афлоку аҷром бигузарад ва бад-он нур расад, ки як сар аз ӯ ба Нафси кулл пайвастааст ва дигар сараш ба фалак пайвастааст ва бад-он тарафи борики латиф қарор гирад ва ба Нафси кулл пайваста шавад. Ва ҳар чи нафси бадкирдорон ва муоқибон бошад, бад-ин тараф қарор гирад, ки ба фалак пайвастааст. Ва қавли Шаҳид андар китоби «Маҳсул» он аст, ки олами ҷисмони фано пазирад ба охири кор ва ӯ, разияллоҳу анҳу, ба таносух ва гаштани нафс аз ҷасаде ба дигар ҷасаде гӯяд. Ва

қавли Деҳқон, ки писари шайхи Шаҳид буд ва соҳиби ҷазираи Хулон* пас аз Буяъқуб[xxii] ӯ буд, андар барзах он аст, ки гӯяд: «Барзах нафси табии аст ва нуфуси мардум то ба олами табии пайваста бошанд, аз барзах раҳои наёбанд ва аз бари табоеъ набошад». Ва ишорат накард ба чизе мар барзахро, чунон ки падараш кард. Ва Деҳқон бар Буяъқуб таън кард андар ин маъни ва гуфт, ки «ӯ таносухи бувад ва қавли бархе аз фозилони илми шариати ҳақ он аст, ки барзах илми зоҳир аст ва масалҳою рамзҳои шариат аст». Ва чунон гуфтанд ин касон, ки ҳар нафсе, ки илми зоҳирро ба сурати хеш кунад, андар ин олам бошад, то он замон, ки ба илми ақл расад. Ва чун ба илми ақл расад, он гаҳ аз олами табиат берун шавад ва ба олами ақл расад. Ва сӯи ин мардумон чунон аст, ки дӯзах олами ҷисмони аст ва фони аст ва биҳишт олами рӯҳони аст ва боқист. Ва чунин гуфтанд ин мардумон, ки Қоими қиёмат, ки пайғомбар халқро бад-ӯ хонд, ҳар ки мар ӯро ба ҳақиқат донист ва нафси хешро бишинохт, ӯ ба коркард аз ин олам бад-он олам расад ва мар ӯро боз дорандае бимонад. Ва қавли гурӯҳе аз ҳукамо андар барзах он аст, ки: «Барзах илми фикрист ва илми фикри миёнҷист миёни илми шариати ва миёни илми ақли». Ин қавл наздик аст ба қавли Шаҳид, ки «барзах миёнҷи аст аз миёни фалак ва олами нафс». Ва қавли гурӯҳе андар барзах он аст, ки «нафс то ҳафт мартабат бар ӯ нагузарад, ба олами ақли нарасад». Ҳамчунон ки ҷасад ба ҳафтум мартабат тамом шавад ва ба неъматҳои ҷисмони расад, мар нафсро бад-он ҳафт мартабат ба кор бояд, то андар олами ақл ба феъл ояд ва ба неъматҳои абади ва савобҳои боқи расад. Ва аммо шарҳи ин ҳол мо андар китоби «Мисбоҳ» гуфтаем ба бурҳонҳои ақли, на бар тариқи таносух ва на бар даъвои бе бурҳон. Ва қавли Буяъқуби Сиҷзи андар барзах ҷой чунон аст, ки барзах мар шариатҳои паёмбаронро хоҳад. Ва эшонро, алайҳимуссалом, «худовандони даври ситр» хонд. Ва Қоим, алайҳиссаломро «худованди даври кашф» хонд ва «худованди гӯри азим» низ гӯядаш. Ва аз пеши Одам, алайҳиссалом, сухан гӯяд ва аз паси қиёмат бигӯяд, ки чунин хоҳад будан бе маъни ва бурҳоне. Ва чунин гӯяд, ки «нафсҳои таълими ба қуввати таъйиди анбиё, алайҳимуссалом, андар олами ҷисмони қарор гирифтанд ва ба қуввати худованди гӯри бузург рӯҳони шаванд ва наздики ӯ барзах шароеъи анбиё аст». Ва ҷои дигар ҳам Буяъқуб «барзах мар шахсҳои мардумро» гӯяд. Ва гӯяд, ки «нафсҳо андар шахсҳо ҳамегарданд андар ин олам, то он вақт, ки худованди қиёмат биёяд. Он гаҳ ҳар нафсе, ки некӯкор бошад, ба таъйид расад ва ба олами ақли баршавад ва он биҳишт аст. Ва ҳар нафсе, ки бадкирдор бошад, таъйид напазирад ва андар олами ҷисмони бимонад. Ва дӯзах ин аст». Буяъқубро суханони неку писандида бисёр аст. Аммо он чи андар исботи таносух гуфт, хирадмандон написандиданд. Ва қавли аҳли зоҳир андар барзах он аст, ки «барзах гӯр аст», кандае, ки колбади мардум андар ӯ ниҳанд. Ва миёни эшон андар ин сухан хилофе нест. Аммо андар азоби гӯр ва сифати Мункар ва Накир ихтилоф аст миёни аҳли зоҳир. Ин ҷумла, ки гуфта шуд, гуфтори аҳли шариат аст андар барзах.

Ва аммо сухани табоиёну мантиқиён ва таносухиён он аст, ки бигӯем аз ин пас. Сухани бештари мардумон аз аҳли фалсафа ва табоеъ, чунон аст, ки барзах номи шариатест, ки худованди шариат овард. Ва эшон мар худованди шариатро «номус» гӯянд. Ва баъзе ба ном ва маънии барзах мункир шуданд ва баҳре ба маъни муқир(р) омаданд ва ба ном мункир шуданд. Ва сухани он касон, ки ба маъни иқрор доданд ва он он мардумонанд аз файласуфон, ки «дӯзах мар олами ҷисмониро» гӯянд ва «биҳишт мар олами рӯҳониро ниҳанд». Ва ин мардумон ба мазҳаби ҳақиқат майл кунанд ва хоҳанд, ки сухани фалсафи ва шаръиро ба ҳам

---

* Хулон: Михлоф мин махолиф-ил-Яман. Зоҳиран иштибоҳи котиб аст.

фароз оранд. Ва мазҳаби эшон он аст, ки барзах ин шахси мардум аст ва қавли эшон он аст, ки чун нафси мардум ҳақоиқи фалсафию шариати ва ақлу маъқул бишиносад, ба олами рӯҳони расад. Ва ҳеч боздоранда намонад ӯро аз он олам ва андар олами ақли бо фариштагон бимонад андар неъматҳои абади ва қудрати ҷовидони. Ва ӯ сурате гардад аз илму ҳикмат нигошта бар нафси басити илмию ақли ва фикри. Ва иқоби бузурги ин гурӯҳ ҷовидон мондан аст андар доираи табиат. Ва табиат мар он қувват хоҳанд, ки Нафси кулл бад-он қувват ҷунбонандаи фалак-ул-афлок аст ва фалак-ул-афлок ҷунбонандаи ҳама фалакҳост ва он қувваи фоъила бар ин аст табоеъро ва олами ҷисмониро.

Ва қавли Абуҳасани Омири андар китоби «Мақолот» чунон аст, ки меҳтарони санавиён[xxiii] эдун гӯянд, ки маънии барзах аз аввал мавҷуд аст мардумро аз оғози кавни ӯ, валекин ҳар касе ба маънии дигар гӯянд. Ва наздики бузургони санавиён чунон аст, ки зулматро ду қувват аст, ҳар ду накӯҳида: яке шаҳват ва дигар ҷаҳл. Ва барзах зулмат аст, ки рӯҳ андар ӯ бад-ин ду қуввати накӯҳида наёвезад, ки ҳар ду қуввати девон аст ва девон он касонанд, ки ин ду қувват нигоҳ доранд. Ва ҳар нафсе, ки бад-ин ду қувват андар монда бошад, андар барзах бошад ҳамеша ва ҳаргиз рӯҳи ӯ ба олами нурони нарасад. Ва он вақт, ки нур аз зулмат ҷудо шавад ва нур бар зулмат қодир шавад, нафси ин касон андар доираи зулмат бимонад ҷовидон. Ва чунин гӯянд, ки нурро ду қувват аст, ҳар ду сутуда: яке порсои ва дигар илм ва ин ҳар ду қувватҳо писандидаанд ва нуронианд. Ва чунин гӯянд, ки ҳар рӯҳе, ки порсо шавад ва қуввати шаҳвониро бишиканад, он вақт, ки нур кулли бар зулмат кодир шавад, ӯ бад-он олами нурони расад ва бад-он олам бимонад ҷовидон бо қадри тамом ва неъмати доим. Ва мо гӯем, ки ҷумлаи суханҳо андар нафйи барзах ва исботи он бар чаҳор қисмат аст. Қисматҳои ақли, ки ҳеч оқил аз уқалои мазоҳиб мар онро боз натавонанд задан. Яке қавли он касон аст, ки барзах ҳаме «маҳсус» гӯянд ва ҳам «мавҳум». Ва маҳсус шахсҳоро хоҳанд ва мавҳум мар он нурро хоҳанд, ки забари фалак-ул-афлок аст, хоҷаи Шаҳид ёд кунад. Ва ин низ қавли он мардумон аст, ки аз Абдон, ки соҳиби ҷазираи Ироқ буд, ҳикоят кунанд. Ва дигар қавли он касон аст, ки барзахро на «маҳсус» гӯянд ва на «мавҳум». Ва он фалосифа ва даҳриён ва табоиён ва фалакиёнанд. Ва се дигар қавли он касон аст, ки барзахро «маҳсус» гӯянд ва «мавҳум» нагӯянд. Ва он таносухиёнанд ба мазҳаби Афлотун[xxiv] даъво кунанд. Ва он низ тариқи Буяъқуби Сиҷзи аст. Ва чаҳорум қавли он касон аст, ки барзах(ро) «мавҳум» гӯянд ва «маҳсус» нагӯянд ва бад-он мар он нурро хоҳанд, ки забари фалак аст бар тариқи хоҷаи Шаҳид ва писараш Ҳасани Масъуд ва он Аҳмади Солеҳ, ки пеш аз эшон буд. Пас, мо суханҳои шарифро ва сирҳои азимро ҷумла ёд кардем, аз баҳри салоҳи худовандони ақл, то касоне, ки роҳ намедонанд, роҳ баранд ва гумроҳон мар бечорагонро аз роҳ набаранд ва сухани ҳақро аз ботил бидонанд ва муҳаққиқони роҳ аз мубаттилон ҷудо кунанд. Ва шунавидем, ки яке аз заифони ҷӯянда якеро аз олимон пурсид аз ҳол ва ҳақиқати барзах. Он доно аз он заиф ҳазор дирам хост баҳои он сухан ва ин дирам аз ӯ биситад, то ин сухан мар ӯро бигуфт, ки он сухани куфр аст. Ва ҳар касе мар равоии кори хешро бе фармон сухан ҳамегӯянд ва хештанрову халқро ба оташ ҳамебаранд. Чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

**فَاتَّبَعُوا أَمْرَ فِرْعَوْنَ وَمَا أَمْرُ فِرْعَوْنَ بِرَشِيدٍ يَقْدُمُ قَوْمَهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ فَأَوْرَدَهُمُ النَّارَ وَبِئْسَ الْوِرْدُ الْمَوْرُودُ وَأُتْبِعُوا فِي هَٰذِهِ لَعْنَةً وَيَوْمَ الْقِيَامَةِ بِئْسَ الرِّفْدُ الْمَرْفُودُ**

*Ҳамегӯяд: «Паси фармони Фиръавн рафтанд ва фармони Фиръавн на рост буд. Фиръавн пеши қавми хеш меравад рӯзи қиёмат, то биёрад эшонро ба оташ ва он бад овардан ҳоле аст ва аз паси эшон аст андар ин ҷаҳон лаънат ва ба рӯзи қиёмат он бад суд кардан аст» (11-97, 98, 99).*

Ин аст қавли ҳар гурӯҳе андар барзах, ки ёд карда шуд ва мо ҳақиқати барзах ба фармони худованди рӯзгор ал-Мустансир[xxv] Биллоҳ, салавотуллоҳ алайҳи ва олиҳи обоиҳи-т-тоҳирин ва абноиҳи-л-акрамин, андар китоби «Мисбоҳ» ёд кардаем.

**Сафи чиҳилу сеюм**

**СУХАН АНДАР ФАРЙИ МИЁНИ НАФСУ РӮҲ**

Ҳар гурӯҳе аз аҳли мазоҳибро андар нафсу рӯҳ ихтилоф аст. Ва бештари мардуми аҳли зоҳир бар онанд, ки «нафс ин ҷасади касиф аст». Ва мардум ин ҳайкали тоҳир аст, магар аз мазҳаби мӯътазила[xxvi] ва баҳре аз мардумони соби[xxvii], ки гӯянд «мардум ин ҷасади касиф аст». Ва қавли аҳли зоҳир он аст, ки рӯҳ аразест латиф ва он «зиндагони» аст, ки мардум бад-он сухангӯй аст ва андарёбанда. Ва мазҳаби бештари аз фалосифа он аст, ки «нафс гавҳари басит аст зинда ва андарёбанда ва сухангӯй». Ва наздики ҳукамои шариат «рӯҳ шарифтар аз нафс аст». Ва наздики фалосифа «нафс шарифтар аз рӯҳ аст». Ва ҳар гурӯҳеро бар ин даъвои хеш ҳуҷҷатҳо аст, ки онро бияфкандем аз бими гарони ва дарозии китоб. Ва андар кутуби Афлотун, чунон аст, ки «нафсҳои мардум чун аз колбадҳо ҷудо шавад, андар ҳайвонот шавад бар андозаи он хӯҳо, ки он мардумон гирифта бошанд. Он ки хӯи шерон дорад, нафси ӯ андар шере шавад ва он ки табъи харону говон дорад, нафсҳои эшон андар он харону говон шаванд». Ва хирадмандон аз аҳли шариат донанд, ки ин сухани нохуб аст. Ва гурӯҳе аз шогирдони Афлотун гуфтанд, ки «ҳакими фозил бад-ин қавл исботи таносух нахост. Валекин ин сухан бар андозаи рӯзгори хеш гуфт мар сиёсати халқро бар сабили рамзу масал». Ва аз Фарфуриус[xxviii] ҳикоят кунанд, ки андар китоби «Табиат-ул-инсон» аз юнониён гуфт, ки эшон гӯянд, ки «нафс бисёр гунаҳост, чунон ки шахс бисёр гунаҳост. Ва ҳар навъе аз нафсҳо андар навъи ҷасади хеш шавад ва они мардум ҷуз андар ҷасадҳои мардум нашавад ва они сутур ҷуз андар сутур нашавад. Ва ҳам бар ин мисол ҳар равоне андар тане шавад, ки дархӯри ӯ бошад». Ва қавли Афлотун низ чунон аст, ки гӯяд: «Равонҳои бадон, ки аз танҳои эшон берун шавад, девон гарданд». Ва дев наздики ӯ нафси бадкирдор аст, ки аз ҷасад ҷудо шуда бошад. Ва шогирдони Афлотун гуфтанд, ки «он танҳо, ки Афлотун гуфт, на ин танҳои касиф аст ва он танҳо, ки аз ин танҳои касиф зода бошанд ва ба феъли он нафс, ки андар ӯ бошад, боқи бимонад абад-ул-обидин».

Ва аммо Афлотун андар маод эдун гӯяд, ки «равонҳои бадон аз колбадҳои бадон ҷудо нашавад, боз олами нафсони натавон шудан, балки ӯро ин олати ҷасадони кор бояд кардан, то латифу софи шавад. Ва савоб наздики ӯ он аст, ки нафс ҷавҳаре гардад чун ақл, яъне, ки нафс ақл аст ба қувват ва ақл гардад ба феъл, он вақт боз олами илоҳи боз шавад наздикии иллати хеш ва ҷавоҳири рӯҳониро биёбад ба нафс, чунон ки бад-ин ҷасад мар ҷавоҳири маҳсусро ёфтааст». Имрӯз савоб наздики Афлотун ин аст.

Гурӯҳе гуфтанд, ки Буяъқуби Сиҷзи мар нафсро беруни ин олами касиф қароргоҳе нагӯяд. Ва ин сухан андар китоби «Кашф-ул-маҳҷуб» аз гуфтори ӯ пайдост.

Ва гурӯҳе аз шогирдони Буяъқуб, ки гуфтанд, ки «мо сирри мазҳаби ӯ донем», эдун гуфтанд, ки «мазҳаби Буяъқуб он аст, ки нафс чун софи шавад, ба олами улви бозгардад ва ҷовидона бимонад». Ва гурӯҳе аз собииён гӯянд, ки «равонҳои бадон бимонад аз паси танҳои эшон, чунон намонад, ки эшонро андар танҳои дадгон кардаанд», бар он мисоле, ки мардум андар хоб бинанд чизҳое, ки аз он битарсанд. Ва аз он ғамгин шаванд, ки мар онро ҳақиқате набошад. Ва иқоби бадкирдорон ин аст наздики собииён.

Ва гурӯҳе гуфтанд аз эшон, ки «равонҳои бадкирдорон ҳама нест шаванд ва аз онҳо бимонанд монандии мутлақи беғам. Ва савобу иқоб наздики эшон ин бошад». Ва ин мазҳабро баҳре аз мардумон даъво кунанд аз аҳди ҳақоиқ ва гуфтанд: «Манзалат бар се баҳр аст: савоб асту иқоб аст ва талоши аст, яъне нест гаштан». Ва нест гаштан мар он нафсҳоро бошад, ки сурати илми аз илмҳо пазируфта бошад, чун нуфуси кӯдакон ва девонагон.

## Сафи чиҳилу чаҳорум
## СУХАН АНДАР ШАРИАТ, КИ ЧАРО БОЯСТ НИҲОД?

Олами ҷисмони бар он аст, ки ҳар рукне аз рукнҳои табоеъ ҳампаҳлу шудааст бо рукни дигар, ки миёни эшон ҳар ду монанда аст ба рӯйе аз рӯйҳо, чунон ки аз об бо хок ҳампаҳлу шудаанд ва бо якдигар омехтаанд, бад-он монандае, ки бо якдигар доранд андар сарди, ҳамчунин боду об ҳампаҳлуанд бад-он чи миёни эшон анбозе аст андар тари. Ва оташ аз бод ҳаме нерӯ ёбад, бад-он монанд, ки миёни эшон аст андар гарми. Ва ҳар яке аз ин табоеъ бо монанди хеш қарор гирифтаанд. Ва салоҳ аз миёни эшон падид омадааст, агар об аз хок ҷудо монад, аз ҳар ду ҷудо-чудо ҷуз фасод чиз наёяд. Ва нафъ аз ҳар ду ботил шавад. Ва чун ҳоли олам бад-ин ҷумла бувад, то салоҳ андар халқ ба сабаби эшон падид ояд. Анбиё, алайҳимуссалом, шариатро таълиф карданд бар мисоли сурати мардум, зоҳири ӯ ҳама мухолиф ва пароканда аз иборатҳои гуногун ва ҳама мухолифи якдигар, ҳамчунон ки ҳавосси мардум аз бинои ва шунавои ва бӯёи ва гӯёи ҳаме мухолифи якдигаранд. Ва ботини шариат ҳама яке мақсуд ва ишорат ба як тан бувад андар олам, ки роҳнамои халқ ӯ бошад, ҳамчунон ки ботини мардум яке бувад. Нафс, ки ин ҳавос корҳои мухолифи хеш ҳама пеши ӯ ҳамебаранд ба рости, то хирадмандон бидонанд, ки пайғомбарон, алайҳимуссалом, фиристодагони Офаридгори оламанд, ки таълифи шариати эшон ба монанди офариниши Худой аст. Пас, нахуст ҳикмат андар ниҳоди шариат ин бувад.

Ва дигар ҳикмат андар таълифи шариат ба зоҳирҳои мухолиф он бувад, ки чун пайғомбарон, алайҳимуссалом, мар ин халқро мухолиф ёфтанд андар табоеи эшон ва нуфуси мардумон фариштагон буданд андар ҳадди қувват ва ба зоҳир андар феъл девон буданд, эшон, алайҳимуссалом, шариатро ҳамчунон ниҳоданд ба зоҳир ҳама мухолиф ва монанди сухани беҳушон. Ва ба ботин роҳнамое сӯи фариштаги, то чун шариат монанди халқ омад, он монанди, ки миёни шароеъ ва миёни халқ уфтод андар ин рӯй, ки гуфтем, халқ бар он қарор гирифт. Бар мисоли тилисмҳо, ки доноён кардаанд андар шаҳрҳо аз баҳри зиёни газандагон аз пашша ва мор ва каждум ва ҷуз он. Ва ҳар тилисме, ки бикардаанд сурате кардаанд аз оҳан, ё аз мис, ё ҷуз он, монанди мор, ё пашша, ё каждум, ё ҷуз он. Ва мар он навъи газандаро бад-он сурат, ки андар он шаҳр ниҳодаанд, баста кардаанд. Ва он газандагон бар он сурат оромидаанд ва ранҷи эшон аз шаҳр бархостааст, чунон ки ба шаҳри Марв пашша набошад. Ва вақте аз девори куҳани дижи Марв бурҷе фурӯд омад ва аз он бурҷ хунбарае берун омад, андар ӯ пашша рӯи ин ниҳода, чун мар онро берун карданд, пашша ба шаҳр андар омад ва мардумонро ранҷа кард. Ва ба Шом шаҳре аст, мар онро «Маърат-ун-нӯъмон» хонанд. Чун аз Ҳалаб сӯи Тароблус рӯй бар роҳи «Маърат» аст ва чун аз дарвозаи шаҳр андар шави, бар роҳ сутуне сангин аст, бар пой карда баланд. Бар сари он сутун сурати каждуме аст, бузург, аз санги тарошида ва мар он суратро бар сари он сутун устувор карда,* мар онро дидам. Гуфтанд мардумони он шаҳр, ки «ин тилисме аст, ки аз

* Носири Хусрав ин ҳикоятро дар «Сафарнома»-и худ набиштааст.

қадим боз ин ҷо ниҳодааст ва бад-ин шаҳр касе каждум надидааст. Ва агар аз беруни шаҳр каждуме бигирад ва ба шаҳр андар орад ва раҳо кунад, он каждум то аз шаҳр берун нашавад, наёромад». Пас, пайғамбарон, алайҳимуссалом, мар шариатро баробари сурати мардуми фасодкун сохтанд, то фасоди муфсидонро ба шариат аз халқ боз доштанд ва эшонро ором доданд. Ва гар на чунин карданди, ҷоҳилони уммат мар доноёнро табоҳ карданди ва фасоди олам буди аз он. Ва ин сиёсати некӯ буд аз паёмбарон, алайҳимуссалом, мар умматро. Ва шариат андар миёни халқ имрӯз ба мисоли он сурат аст, ки фасод бад-он сурат аз халқ бурида шудааст.

Ва дигар он аст, ки андар кор бастани шариат мардумро рост кардан аст бар салоҳ ва хайр ва кор бастани шариат мар он қувватро, ки аз нафси нигоҳбон ва зиндадори ҷасад аст, ҳам бад-он манзалат аст, ки икрор додан ба шаҳодат мар он қувватрост, ки аз нафс бар забон мувакқил аст. Ва ба ҷои дониш аст, мар он қувватро, ки аз нафс қароргоҳи ӯ дил аст. Ва бар ҳар қуввате аз қувватҳои нафси инсони мар Худойро таъоло тоатест бар андозаи тавоноии он қувват аз тоати Худой таъоло, ки ӯро тавоноии он аст, чунон ки Худой таъоло мегӯяд, қавлуҳу:

لا يُكَلِّفُ اللَّهُ نَفْساً إِلاَّ وُسْعَهَا

*Гуфт: «Худой нафармояд ҳеч касро, ҷуз он ки тавоноии ӯ он аст» (2-86).*

**Сафи чиҳилу панҷум**

## СУХАН АНДАР ИСБОТИ ФАНОИ ҶАСАД ВА БАҚОИ НАФС

Гурӯҳе аз мардумон эдун гӯянд, ки бақоии нафс андар бақои ҷасад аст ва даъво кунанд, ки чун ҷасадро фано афтод, нафсро ҳасти намонад. Ва ин он гурӯҳанд, ки аз ҳукми илми илоҳи ва тақдири кулли хабар надоранд ва хештан бо сутур баробар ҳамекунанд ва наменигаранд, ки ҳар чизе, ки ба зоҳир мар дигар чизро мухолиф аст ба ботини хеш мухолиф аст ва ба сабаби он мухолифат, ки миёни эшон андар зоҳир ҳаст, андар ботини эшон тафовути азим аст. Бар мисоли дарахти хурмо, ки мар дарахти бедро ба зоҳир мухолиф аст, бад-он чи ҳар якеро сурати дигар аст. Ва чун дарахти бедро бибури, дигарбора бирӯяд ва дарахти хурмо чун бибури, набирӯяд. Пас, бад-ин мухолифат, ки миёни ин ду дарахт андар зоҳир аст, бинигар, эй бародар, ки чи моя фарӣ аст миёни дарахти хурмо ва дарахти бед, ки дарахти хурморо медидем, ки андар замини Ҳиҷоз бо бисёрии хурмо, ки он ҷост, ҳазор дирам қимат ниҳоданд ва дарахти бед агарчи бузург шавад, ба даҳ дирам наарзад. Пас, гӯем, ки миёни ҷасади касифи фармонбардори нодон ва миёни нафси латифи фармонфармои доно тавофут беш аз он аст, ки миёни дарахти хурмо ва дарахти бед аст. Ва бибояд донистан, ки чунон нест, ки он нодон ҳамегӯяд, ки феъли нафс бе ҷасад падид наояд, балки феъли нафс ба латофат аст ва мар ӯро ба донистани илме ба ҷасад ҳоҷат нест, балки ҳоҷат мар он касро аст ба ҷасад, ки хоҳад, ки бидонад, ки андар нафси ангуштаригар аз саноат чист, то ангуштаригар мар он сурати латифро, ки худ аз берун овардани он бар сим бе ниёз аст, берун орад, то он нодон бубинад.

Пас, дуруст шуд, ки нафс аз ҷасад бениёз аст ва ҷасад ба нафс ҳоҷатманд аст, ки агар нафс аз ӯ ҷудо шавад, вай мурдоре бимонад. Ва дигар, ки нафс бе ҷасад чизҳо созад ба андеша ва андар хоб бе олати ҷасадони сухан гӯяд ва бишунавад ва кор кунад ва ҷуз он. Ва дигар он аст, ки нафс мар ҷасади мурдорро, ки ҳаме зинда ва коркун дорад, воҷиб наёяд, ки чизе ӯ мурдаеро зинда дорад, худ ба зоти хеш зинда набошад. Ва ҳар ки ин сухан гӯяд, хирадмандон аз ӯ канора гиранд. Пас, дуруст шуд, ки нафс аз ҷасад бениёз аст. Ва гӯем, ки фанои сурати ҷасад лозим аст, андар ақл аз баҳри он ки ҷасад худ андар зоти хеш ҷузъҳои мухолиф аст, чунон ки

мар ӯро зер асту забар ва пешу пас ва чапу рост. Ва ин ҳама мухолифонанд ва чизи мухолиф боқи набошад. Ва аз дигар рӯй фанои ҷасад бар он лозим ояд, ки ҷасад аз табоеи чаҳоргонаи мухталиф таркиб ва таълиф ёфтааст. Ва мухолифон бе миёнҷи фарози якдигар наёянд ва чун фароз оянд, ҳар яке аз эшон орзуманд бошанд ба боз гаштан сӯи асли хеш. Пас, лозим ояд, ки ба охир ҳар яке сӯи асли хеш боз гарданд ва боқи нашаванд ва ба охири миёнҷи аз миёни эшон берун шавад, чун мақсуди миёнҷи аз фароз овардани эшон ба ҳосил шавад.

Ва мо ҳамеёбем мар ин нафсро, ки миёнҷи аст миёни ин табоеи мухолиф ва эшонро ба сулҳ овардааст, то андар як колбад ҷумла шудастанд. Пас, ҷумла кардани нафс мар ин мухолифонро бад-ин феъли некӯ, ки ҳамекунад аз маслиҳат миёни ин душманон сухан ҳамегӯяд, ки андар ин ҳеч хилоф нест. Ва ман аз миёнҷи бениёзам андар зоти хеш. Ва чизе, ки андар ӯ ҳеч хилоф набошад, мар ӯро фано лозим наёяд.

Пас, дуруст кардем, ки нафсро фано нест. Ва чун дуруст кардем, ки ҷасад фони аст ва он миқдори бақо, ки ӯро аст, ба миёнҷии нафс аст, ҳеч гувоҳе набояд андар он ки нафс андар зоти хеш боқи аст, аз баҳри он ки чизе ки ба миёнҷии ӯ мар фониро бақо ҳосил ояд, ночора зоти ӯ боқи бошад. Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки чун оташ гавҳарест, ки равшани ва гарми андар ӯ зоти аст, чун оҳан, ки гавҳараш сиёҳ ва сард аст, бо оташ ҳамсоягон шаванд, он чи андар оташ зоти аст аз нур ва гарми ба ҳукми ҳамсояги ҳаме ба оҳан диҳад, то оҳан аз паси сиёҳи ва сарди гарм ва равшан шавад. Валекин он гарми ва равшани мар оҳанро арази бошад ва ба охир аз ӯ бишавад. Ҳамчунин зиндаги ва ҳаракат андар нафс зоти аст ва чун нафс бо ҷасад ҳамсоягон шаванд, ҷасад аз нафс зиндаги ва ҳаракат бипазирад арази. Ва чун аз ӯ ҷудо шавад, зиндаги ва ҳаракат аз ҷасад ҷудо бишавад. Пас, дуруст шуд, ки зиндагии нафс зоти аст. Ва чунки зиндаги мар ӯро зоти бошад, ӯ фано напазирад. Пас, дуруст шуд, ки ба фанои ҷасад нафс фони нашавад.

Ва низ гӯем, ки фанои ҷасад он аст, ки ҳар табиате аз ӯ боз шавад ба асли хеш ва мо мар он боз шудани эшонро ба аслҳои эшон фанои ҷасад гуфтем. Ва боз шудани ҳар яке ба асли хеш ҳаме гувоҳи диҳад, ки нафс низ ба асли хеш боз шавад, чун ҷасади нодон ба аслҳои нодон боз гашт ва ҳар чизе, ки ба асли хеш боз гардад, қавитар шавад, на заифтар. Пас, дуруст шуд, ки нафс ба ғояти қуввати хеш он вақт расад, ки аз ҷасад ҷудо шавад, пас, дуруст кардем, ки ҷасад фонист ва нафс боқист.

**Сафи чиҳилу шашум**

## СУХАН АНДАР ОН КИ СУРАТҲОИ ҶАСАДОНИРО АНДАР ТАБИАТ НАФСИ КУЛЛИ НИҲОДАСТ, ТО ҲАМЕ БЕРУН ОЯД

Гӯем, ки андар офариниш чунон аст, ки зоҳири чизҳо бар ботини ӯ далел аст, чунон ки бештар аз дарахтон чунон аст, ки баргаш ба бораш монанда аст, чунон ки барги дарахти себ ҳамчун себ гирд аст ва барги дарахти анбаруд ҳам шакли анбаруд аст ва барги санҷид монандаи санҷид аст. Ва чун ҳол андар набот, ки оғоз ба зоиш ӯст, мар оламро чунин ёфтем, гуфтем андар мардум, ки анҷоми зоиш ӯст, ҳол монанди ин бошад. Пас, ёфтем, бори дарахти мардум, ки бад-он аз дигар ҷонварон ҷудост, сухан гуфтан аст ва худовандони сухангӯён мар паёмбарон, алайҳимуссалом, ёфтем, ки фиристодагони Нафси кулли буданд ба сӯи халқ ба амри Худой, субҳонаҳу. Ва эшон, алайҳимуссалом, мояи суратҳои рӯҳониро, ки нафси мардум бад-он боқи гардад, андар китобҳои Худованд ниҳоданд ба забони

хеш, то мардумон маонии онро ҳаме берун оранд ва як ба дигар ҳаме диҳанд, то охир-уд-даҳр. Ва нодон бе ҳеч сурат бад-он мояи суратҳо, ки паёмбарон, алайҳимуссалом, андар китоби Худой таъоло ва шариат ниҳоданд, сурати охиратии нафсони ҳамепазиранд ва ҳаме берун шаванд сӯи олами рӯҳони ва асли он паёмбарон, алайҳимуссалом, ниҳодаанд андар китоб. Ва ин ҳол далел кард бар он ки суратҳои ҷисмониро Нафси кулли ҳамчунин моя андар ин табоеъ ниҳодааст, то ба рӯзгорҳо табоеъ мар онро ҳаме орад, ки ин олам коркарди Нафси кулл аст. Ва паёмбарон, алайҳимуссалом, гуфторҳои Нафси куллианд. Ва ин далел, ки гуфтем, аз оғози Нафси кулли гирифтем бар кирдори ӯ ва ин далеле зоҳир аст.

## Сафи чиҳилу ҳафтум
## СУХАН АНДАР ОН КИ АЗ АҚЛИ КУЛЛИ ФОИДА НА БА ЗАМОН ПАЗИРАД

Гӯем, ки чун ҷисм мураккаб аст ва нафс басит аст ва басит бар мураккаб ҷокӯл аст ва ҳолҳои ҷисми мураккаб зери замон аст ва ҳар фоида, ки ҷисм пазирад аз сурату шакл ва рангу бӯй ва ҷуз он, ба замон тавонад пазируфтан, воҷиб ояд аз рӯи изофати ҳоли нафс ба ҷисм, ки мар нафсро, ки бар ҷисм ҷокӯл аст, ба замон ҳоҷат нест. Ва масали ин чунон бошад, ки ҳар ададе, ки он ҷуфт аст, ба ду нима шавад ва андар ӯ каср наёяд ва ҳар ададе, ки тоқ аст, ба ду нима нашавад, то андар ӯ каср наёяд, аз баҳри он ки ҷуфт мар тоқро мухолиф аст. Лоҷарам хилофи инсон ба вақти ба ду қисм кардан падид ояд. Ва аз баҳри он аст, ки хилоф миёни ҷуфту тоқ бад-он падид ояд, ки ҳар дуро ба ду қисм куни, ки ҷуфти аввал ду аст ва ӯ мар ҳама ададҳоро тарозуст ва бад-ӯ падид ояд тоқ аз ҷуфт. Ва ин масал мар мутааллимро фоида он диҳад, ки бидонад, ки чун ҷуфт ба ду нима шавад бе каср, пас, бибояд донистан, ки тоқ мар ҷуфтро мухолиф аст, ба ду нима нашавад бе каср. Ҳамчунин басит, ки мураккабро мухолиф аст, ҳоли ӯ ба хилофи ҳоли мураккаб лозим ояд. Ва чун маълум аст, ки ҳолҳои ҷисми мураккаб зери замон аст, бибояд донистан ба ҳукми зарурат, ки ҳолҳои нафси басит зери замон нест.

Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки нафси мардум то доно нашудааст мар гирифтани илмро, замон ба кор боядаш то бишунавад ва ба шакл берун орад ва бозгӯяд то он илм андар нафси ӯ сурат бандад, аз баҳри он ки илм ба ду миёнҷии ду ҷисм ҳамерасад: яке ҷисми омӯзгор ва дигар ҷисми ӯ худ, ки мутааллим аст ва чун доно шуд, он гоҳ ҳар чи фоида пазирад, аз ақли хеш бе замон пазирад, на ба шунудан ҳоҷат оядаш на ба гуфтан мар зоти хешро. Ба сабаби он ки аз роҳи ҷасаде бад-ӯ ҳамерасад, балки аз нафси муҷарради ӯ мерасад он ҳама илм боз, чун мар касеро бибоядаш гуфтан ва омӯхтани он илм рӯзгор боядаш, то бигӯяд он илмро ва шакл бинамояд мар он касеро, ки фурӯди ӯст, ба сабаби он ки ҷисми ӯ ҷисми шогирд андар миёни ду нафс оянд. Ва ин баёни равшан аст.

## Сафи чиҳилу ҳаштум
## СУХАН АНДАР НАФСИ МАРДУМ, КИ ҶУЗЪ АСТ, НА АСАР АЗ НАФСИ КУЛЛИ

Огоҳ бошед, ки нафси мардум ҷузъ аст, на асар аз Нафси кулли. Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки нафсҳои мардум феъли кулли хеш ҳамекунад андар падид овардани шаклҳо ва суратҳо ва санъатҳои аҷаб кардан аз баҳри кашидан манфиатро ба хештан ва дур кардани мазаррат аз хештан ва низ аз ҷиҳати кашидани манфиат ба ҷуз аз хештан. Бар мисоли нигоштани Нафси кулли мар табиатро ва ниҳодани навъҳо ва шаклҳо ва суратҳо андар ӯ ва падид кардани

қувватҳои табиӣ аз ҷиҳати кашидани манфиатҳо ва дур кардани мазарратҳо аз анвоъи ҳайвон андар вақте дуни вақте.

Пас, бад-ин сабаб пайдо шуд, ки он ки андар мардум аст, нафси ҷузъи аст аз Нафси кулли, на асари ӯст, он аст, ки асар оҳанг накунад ба баррасидан бар иллати муассири хеш, чунон ки ҳаме мардум оҳанг кунад ба баррасидан бар ақл, ки иллати Нафси кулл аст. Ва асарро илм лозим набояд ва ҳаргиз андар муассири хеш нарасад, чунон ки дабири андар дабир асар аст ва ҳаргиз дабири аз дабири хеш хабар надорад. Ва чун ёфтем нафси ҷузъиро, ки оҳанг кард сӯи андаррасидан ба Ақли кулл, ки ӯ иллати Нафси кулл аст, яқин шудем, ки он нафс, ки андар мардум аст, ӯ ҷузъ аст аз Нафси кулли ба зот ва асар аз нафси гуфтор аст, на зоти ӯст ва гуфтор ба зоти хеш нодон аст. Ва нафс доност ва гуфторро илму тамйиз нест. Ва дигар он аст, ки агар нафси мардум асар буди аз Нафси кулли ва Нафси кулли пайваста аст ба хондан мар ӯро ба расулон сӯи хеш ва додани нутқ мар ӯро. Ва ин ҳама аз пайванди Нафси кулл аст бо нафси ҷузъи, он вақт сазовор бо носазовор пайваста буди. Ва андар ҳикмат чунин нашояд ва асарпазир аз муассир андар пазируфтани асар анбозу ҳамроз бошанд. Бар мисоли пазириши чизҳои табиии асар аз офтоб ва асар аз асар фозилтар ва шарифтар набошад. Ва нафсҳоро як бар дигар шараф ва фазл сахт бисёр аст ба поки ва салоҳ ва палиди ва фасод. Пас дуруст шуд, ки нафси ҷузъи, ки андар мардум аст, на асар аст аз Нафси кулли, балки ҷузъ аст аз ӯ. Ва гар нафсҳо аз Нафси кулл асар буди, ҳама яксон буданди, аммо андар аввали ҳол, ки илм напазируфта бошад, нафси мардум аз Нафси кулли асар бошад, аз баҳри он ки андар оғози пайвастани нафсе ба ҷасад ҳама яксон бошад. Ва чун илм пазируфтанд, аҷзои Нафси кулл шаванд бар тафовут, чунон ки ҷузъе аз ҷузъе бузургтар бошад ва шарифтар. Ва бад-ин қавл, ки гуфтем «Нафси кулл ҷузъ аст, на асар», на он хостем, ки ҷузъ порае аз ӯст, кеҳтару меҳтар, валекин он хостем, ки пайдо кунем, ки ҷавҳари нафси мардум ҷавҳари Нафси кулл аст ва боқист ҳамчун ӯ ба пазируфтани илм ва ночизшаванда нест, чун асар аз муассиркаш ба муассири хеш расидан набошад.

**Сафи чиҳилу нуҳум**

**СУХАН АНДАР ФАРИШТАГОН, КИ ШУМОР БАР ЭШОН НАЮФТАД**

Бибояд донист, ки ҳар чи шумор бар ӯ афтад, он чиз зиёдату нуқсон пазирад ва ҳар чи бад-ин сифат бошад, ҷисм бошад ва фариштагон ҷисм нестанд. Пас, дуруст шуд, ки шумор бар фариштагон наюфтад. Ва андар чизҳои ҷисмони мавҷуд аст ин шарт, ки шумурдаро, ки чизе бар ӯ барафзои афзун шавад ва агар аз ӯ чизе нуқсон куни, андаки пазирад, чунон ки шаш шуморест аз шумурдҳои ҷисмони гирд омада андар ду ва чаҳор, ки он панҷу ҳафт аст, аз баҳри он ки чун аз шаш яке кам куни, панҷ монад ва гар яке бар шаш афзои ҳафт шавад. Пас, шаш андар ҳисори ин ду шумор аст, ки яке аз ӯ беш аст ва яке кам аст ва аммо он чиз, ки андак шавад, ба афзуни шумурад ва бисёр шавад ба нуқсони шумурдаи он чиз андар ҳисори шумор наёяд, аз баҳри он ки андар рӯҳониёт якеро ба ҷойгоҳи ҳазор биниҳанд ва зиёдат нагирад. Ва ҳазорро ба ҷойгоҳи яке биниҳанд ва нуқсон напазирад. Ва мисоли он чунон аст, ки гӯянд, ки Эзиди таъоло бо ҳар қатраи борон яке фаришта бифиристад, ки мар онро фурӯд орад он ҷо, ки хоҳад. Ва гар хирадманд андар ин фикр кунад ва ҳақиқати инро бидонад, бишиносад, ки як чиз аз рӯҳони бисёр шавад, бе он ки зиёдат пазирад, аз баҳри он ки фурӯд омадани борон як чиз аст аз ҷиҳати рӯҳони ва он ғарази берун овардани набот аст. Ё он як чиз, ки борон аст, бисёр шавад андар қатра ва бар андозаи ҳар қатра аҷоиб бисёр аст, то бад-он ҷой,

ки мумкин бошад андеша кардан, ки олам пур шавад аз зоиш, ки аз он қатраҳо ба ҳосил ояд, бе он ки он қуввати аввал, ки борон аз ӯ бувад, ҳеч бисёри пазируфт.

Пас, агар мардум умри хеш андар андеша кунад, то ба ҷой орад бисёрии он чизҳоро, ки аз як қатраи борон ба ҳосил омадааст, андешаи ӯ ба ғояти он нарасад, валекин он шумурдаҳои бисёр ҳама ҷисмони бошад, на рӯҳони. Ва рӯҳони яке бошад ва он борон аст ва он чизҳо, ки аз он қатра падид ояд, ба ёрии ҳама борон бошад, ки он яке аст, на ба зоти он қатра. Ва чун феъли борон як феъл бувад, бад-он чи набот падид оварад донистем, ки он рӯҳони, ки он чиз аз ӯ ба ҳосил омад, яке бувад, на бисёр, чи агар бисёр буди, боисти, ки ҳар якеро феъли дигар буди. Пас, агар касе гӯяд, ки «он фариштагон бисёранд ва ҳамаро феъл якест», гӯем, ки бисёр чиз, ки ӯро як феъл бошад, яке бошад, чунон ки обро феъл он аст, ки чизҳоро тар кунад, якест, ҳарчанд, ки ҷузъҳош бисёр аст. Пас, агар гӯяд: «Об чи гуна якест, яке оби талх аст ва яке оби шӯр ва яке хуш?», гӯем, ки ин аразҳое аст, ки ту ҳамегӯи ва гавҳари об яке аст, ки ӯ сарду тар аст ба нахустин сифат. Боз намудем, ки як ҷузъ аз рӯҳониён бисёр чи гуна шавад, бе он ки андар зоти хеш бисёри пазирад. Ва масали он чиз, ки бисёр яке шавад, аз рӯҳониёт он аст, ки мардумони омма бо хос бад-он муттафиқанд, ки кашидани ҷонҳои халқ ба дасти фаришта аст, ки ӯро «Малак-ул-мавт» хонанд. Ва сабабҳои марг андар олам бисёр асту ошкор аст. Пас, бозгашти ин сабабҳои бисёр, ки ҳастии маргро ба иттифоқи доно ва нодон ба як рӯҳони аст ва аз ин қиёс дуруст бошад, ки чизҳои рӯҳонии фаровон андаке шавад, бе он ки нуқсон пазирад. Ва бад-ин далел, ки намудем, дуруст шуд хирадмандро, ки шумор мар ҷисмониёнро шумурд ва фариштагони Худойро шумор нашуморад.

Ва дигар гӯянд, ки Эзиди таъоло бар ҳар чизе фариштаи муваккал кардааст ва ҳеч чиз нест, ки муҳтоҷ нест, ки фаришта бар ӯ муваккал кунед, то шумори ӯ нигоҳ дорад андар ҷинс ва навъи он ҳар шумореро бар ҳадди он, то наёмезад бо шумори дигар ва зиёдат нагирад ва кам нашавад аз ҳадди хеш ва ҳарсу насл, яъне рустану зодан ба ҷои хеш бошад, аз баҳри он ки ростии олами табиат ба шумор аст ва Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

وَأَحْصَى كُلَّ شَيْءٍ عَدَداً

*Гуфт: «Худой бишумурад ҳар чизеро ба шуморе» (72-28).*

Пас, ҳар чизе аз аҷносу анвои зоти ӯ худ муваккал аст, ки вай аз он муваккал раҳои наёбад ва он зот мар ӯро рӯҳони аст, на ҷисмони, аз баҳри он ки агар ҷисмони буди, тағайюр пазируфти, чунон ки он аст, он чи рӯҳони аст ва он рости аст, аз ҳоли хеш нагардад. Валекин он чи аз ӯ ҷисмони аст ва он рангу пӯсту хурдиву бузургиву қуввату заъф аст, гарданда аст.

Ва дигар гӯем, ки шумори он камийят аст аз қисми мунфасил. Ва камийят чанди бошад ва чанди гавҳарҳои ҷисмониро лозим ояд. Пас, агар фариштагон зери шумор буданди, то тавонисти гуфтан, ки эшон чананд, худ ҷисм буданди. Ва гар фариштагон ҷисм буданди, ба номи фариштаги сазовор набуданди, аз баҳри он ки ин номи малак сазовор нест, магар он гавҳарро, ки монанда нест мар ҷисмро ва он ки ба ҷисм монад, он малак набошад, ки мамлук бошад. Ва малак аз баҳри он гуфтанд, ки фариштаи подшоҳ аст, бад-он рӯй, ки боқи аст ва нести напазирад ва тавоност, бад-он чи хоҳад аз хайру салоҳ. Ва ин ном масал аст, бар имоми замона, алайҳиссалом, ва фармонгузорони ӯ, ки ӯ ба фармони Худой подшоҳ аст бар бандагон. Ва мӯъминон ба ӯ подшоҳи доранд бар ҷонҳои мӯъминон, то эшонро аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл оранд ва аз ин сарои фонии касиф ба сарои боқии латиф расонанд, чунон ки Худой таъоло мегӯяд, қавлуҳу:

وَلَوْ نَشَاءُ[23] لَجَعَلْنَا مِنْكُمْ مَلائِكَةً فِي الأَرْضِ يَخْلُفُونَ

[23] Муаллиф дар китоб «шоъа» овардааст, ки хатост, балки «нашоъу» аст.

*Гуфт: «Агар хоҳем, бикунем аз шумо фариштагон, ки андар замин халифат бошанд» (43-60).*

Ва гар малакро шумор бишумурди, мамлук буди ва ҳукми каси дигар бар ӯ раванда буди аз ҷиҳати истиҳолат ё аз ҷиҳати кавну фасод. Пас, чун мар фариштагонро кавну фасод нест, дуруст шуд, ки шумор бар фариштагон наюфтад.

**Сафи панҷоҳум**

## СУХАН АНДАР ОН КИ АҚЛРО ФАНО НЕСТ

Гӯем, ки маънии «фано» он аст, ки чизе, ки аз чизе падид омада бошад ва аз ӯ ҷудо шуда бошад, ҳам бад-он асли хеш бозгардад, чунон ки чизест аз ду чиз: яке латиф ва дигаре касиф, чун нафсу ҷасад. Чун ҳар яке аз ин ду бо аслҳои хеш бозгарданд, гӯянд мардум - «фони шуд». Ва ақл аз чизе падид наёмадааст, ки аз ӯ ҷудо шудааст, балки падид омадани ӯ аз чизе буда аст ба амри Бори, субҳонаҳу, ва амри Бори ба ақл пайвастааст. Пас, худ ба асли хеш бозгаштааст ва мар ӯро фано лозим наёяд, аммо ҳар чизе, ки табоҳ шавад, табоҳ шудани ӯ аз ду гуна бошад: ё аз ҷиҳати зоти он чиз бошад, ё аз ҷиҳати зоте дигар. Аммо он чиз, ки фано ва фасоди ӯ аз ҷиҳати зоте дигар бошад, он зоти дигар бояд, ки қоҳир ва қави бошад ва зид бошад мар ин дигарро, то ба қаҳру қуввату зиддии хеш табоҳ кунад мар зидди хешро. Ва он чиз, ки фасоди ӯ аз ҷиҳати зоти ӯ бошад, он тариқи истиҳолат бошад, ки мустаҳил шавад ба сабаби ихтилофе, ки андар зоти ӯ бошад ва аммо андар ақл чизе наёфтем ҷуз аз гавҳари ӯ, то мар ӯро мухолиф гашти ва ақл ба сабаби он хилоф мустаҳил набуди андар зоти хеш. Ва низ чизе дигар нест, ки қуввати ӯ аз қуввати ақл афзун аст, то бад-он қувват мар ақлро қаҳр кунад ва фасодро андар ӯ орад.

Агар касе гӯяд, ки «Эзиди таъоло, ки падидорандаи ақл аст, аз ӯ қавитар аст ва нашояд, ки мар ақлро қаҳр кунад», ҷавоби ӯро гӯем, ки Эзид, ҷалла ҷалолуҳу, бартар аст аз он, ки Ӯро «қувват» гӯянд, балки Ӯ бахшад мар офаридагонро қувватҳои шариф ва қувватҳои Эзиди таъоло андар амри Ӯст, на андар Ӯии Ӯ. Пас, агар гӯяд - «қудрату қувват раво дорем Эзидро, аз баҳри он ки ҳар чи андар амри Ӯ бошад, андар Ӯ бошад», гӯем, ки ин олам низ ба амри Ӯ ба пой шудааст, пас аз ин қиёс раво шуд, ки ин олам бо ин ҳама касофат андар зоти Эзид бошад, таъолаллоҳ аммо яқулу-з-золимуна улувван кабиран.

Ва низ гӯем, амри Эзид, субҳонаҳу, ки буд, на зиёдат гирифт ва на нуқсон пазируфт ва на амри дигар падид омад ба хилофи он. Маънои «кун» он бошад, ки «бибош». Пас, бад-ин фармон бибуд ақли тамом бе ҳеч хилофу нуқсон. Пас, агар раво бошад, ки андар он чи ба амри Эзиди таъоло бувад, бе миёнҷи нуқсон андар ояд, он нуқсону фасод ба амре дигар бошад. Ва он чунон бошад, ки гӯянд: «Ло такун», яъне: «мабош». Ва Эзиди таъоло бартар аст аз андешаҳо ва муназзаҳ аст аз ботил кардани ҳикмат ва амри хешро. Эзиди таъоло бартар аз он ёд кард, ки он дубора раво бошад, чунон ки гуфт, қавлуҳу:

وَمَا أَمْرُنَا إِلاَّ وَاحِدَةٌ كَلَمْحٍ بِالْبَصَرِ

*Гуфт: «Нест фармони Мо, магар яке, чун дурафшидани ба чашм» (54-50).*

Ва низ гӯем, ки фасод гаштан чигунаги бошад ва чигунаги ба ҷавҳари ақл донанд андар чизҳо ва гаштани чигунаги чизе андар чизе дигар бошад. Чунон ки чун мардум аз ин кайфият, ки дорад, бигардад ва чигунагии ӯ андар табоеъ пайдо шавад, аз баҳри он ки хокаш боз хок шавад ва обаш боз об шавад ва гармияш андар оташ шавад ва бодаш андар ҳаво шавад, то ӯро фано бошад ва чигунагии мардум андар чигунагиҳои дигар шавад. Пас, агар гӯем, ки ақл табоҳ шавад, чи гӯем, ки андар кадом ҷавҳар пайдо шавад кайфияти он фасод, ки ӯро бошад. Пас, агар гӯем андар ақли дигар пайдо шавад ва ақл худ ҷуз яке нест, чи гуна чизе

андар нести пайдо шавад ба вақти табоҳ шудани хеш. Ва чун ақле дигар нест ва фасод гаштан чигунаги бошад ва чигунагиро худ ба ҷавҳари ақл донанд, дуруст шуд бад-ин бурҳон, ки намудем, ки ақлро фасод нест, чунон ки Худой таъоло мегӯяд, қавлуҳу:

كُلُّ شَيْءٍ هَالِكٌ إِلاَّ وَجْهَهُ

*Гуфт: «Ҳар чизе табоҳ шавад магар рӯи Худой таъоло» (28-88).*

Ва ақл рӯи Худой аст бад-он сабаб, ки шинохти тавҳид ба ақл аст, ҳамчунон ки чизҳоро ба рӯй шиносанд. Дур аст Эзиди таъоло аз ҳама изофатҳо, ки офаридгони хешро додааст. Ва маънии ваҷҳи Эзид, субҳонаҳу, чунон бояд донистан, ки гӯи чизҳоро, ки бидонанд, ба рӯи он чизҳо донанд. Ва он сабаб, ки чизҳоро бад-он бидонанд, рӯи он чиз бошад. Ва мо ваҳдати Эзидро, таъоло, ки дур кардем, аз бисёриҳо ба нур ва шарафи ақл тавонистем кардан. Ва исбот кардан андар маҳз Мубдеъи ҳақро пок аз ҳама исботи мубдаъот, яъне ҳастиҳо ба Ақли аввал тавонистем кардан, ки ӯ раҳмати Мубдеъи ҳақ аст, бар халқ аз ин қибал воҷиб омад Ақли аввалро ваҷҳи Эзиди таъоло хондан. Ва аммо аз заъф-ун-нафси нодон бошад ин андеша, ки гӯяд, агар Эзиди таъоло мар ақлро қаҳр накунад Ӯ, ҷалла зикруҳу, қодири қоҳир набошад ва Худой таъоло мар ақлро лозим ояд. Ва агар он кас бидонади, ки андар табоҳ кардани ҳикмат аҷз зоҳир шавад, на қудрат, чунин сухан нагӯяди, аз баҳри он ки мар устоди сонеъ қоҳири ҷалдро рӯзгоре бояд, то осиёбе, ё дулобе бисозад. Ва нодони оҷизи бетамйиз онро ба як соат табоҳ тавонад кардан. Ва ҳарчанд он сонеъ устодтар бошад, он коркарди ӯ бештар пой дорад. Пас, аз ин ҳукм Ақли кулл, ки ӯ ба асари Эзиди ҳақ махсус аст, бояд ки абад-ул-обидин боқи шавад. Ва агар касе хоҳад, ки ба қудрати Мубдеъи ҳақ бинигарад ва қаҳри Ӯро бар офаридагон бубинад, ба чашми басират бинигарад, то эшон бар он табоҳ кардани ақли шарифи бузургвор мар онро бубинад; ва он қудрат он аст, ки сифати ақли шарифи он, ки ӯ бад-он аз дигар мабдаъот ва махлуқот ҷудост, он аст, ки ҳама чизҳоро ба зоти хеш бидонад ва ҳеҷ чизро ин ихтисос нест. Пас, Ақли кулли худ андар ин ҳисор, ки ёд карда шуд, боздошта аст ва мақҳур аст, чи агар ӯро ин хосият набошад, худи ақл набошад. Ва бад-ин рӯй дониста шавад, ки Бори, субҳонаҳу, ки мар ӯро бад-ин хосият падид оварад, на аз чизе бар ӯ қодир аст ва мар Бори, субҳонаҳу, аз ин сифат муназзаҳ аст. Ва ин фазл, ки ёд карда шуд, хирадмандро андар тавҳид чароғе равшан аст.

### Сафи панҷоҳу якум

## СУХАН АНДАР АҚЛ, КИ ТАМОМ АСТ БА ФЕЪЛ ВА ҚУВВАТ

Хирадманд он кас аст, ки аз маҳсус бар маъқул далеле тавонад гирифтан. Ва мо ёфтем мар чизҳои табииро, ки пайдо шуданд ба феъл пас аз он ки мар ӯро ба қувват ёфта будем. Ва ҳар чи ёфтани он ба оғоз андар ҳадди қувват набуд, ба анҷом мар ӯро ҳадди феъл ёфта нашуд, чун мардум, ки пеш аз он, ки ба феъл мардум шуд андар пушти падар мардуми дигар буд ба ҳадди қувват, то мумкин буд пайдо шудани ӯ ба феъл. Бар мисоли хурмобуне, ки пеш аз он ки хурмобун гашт ба феъл ёфтани ӯ, андар донаи хурмо буд ба қувват. Пас, ҳамчунин гӯем, ки уммаҳот пеш аз он ки уммаҳот шуданд ба феъл, ночора андар қуввати табиат уммаҳот буданд ба ҳадди қувват. Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки имрӯз уммаҳот ба ҳадди феъланд ва будани эшон ба ҳадди феъл гувоҳи ҳамедиҳад, ки пеш аз берун омадан ба феъл андар ҳадди қувват будаанд.

Пас, гӯем, ки чизе, ки ба феъл ояд, аз қувват ва шараф бошад андар ҳоли феъл ва боз ба ҳоли қувват боз шавад. Бар мисоли хурмодонае, ки ӯ дарахти хурмо аст

ба қувват, пас ба феъл ояд, бад-он чи дарахт гардад ва шариф бошад ва боз он дарахт андар донаи хурмо шавад ба қувват, ҳамчунон ки аз оғоз буд. Ва он чиз, ки ба феъл ояд ва ҳамчунон бимонад ва ба қувват боз нашавад, шарифтар бошад аз он чиз, ки боз ҳоли қувват шавад. Пас, аз ин ҳукм лозим ояд, ки ақл тамом буд ва ба феъл буд ва боз ҳоли қувват нашуд, бад-он чи ӯ андар чизе набуда буд ба ҳадди қувват, то ба феъл ояд, балки будиши ӯ ба амр буд, на аз чизе ва чун лозим омад ба зарурат будани чизе на аз чизе. Ва аз ақл лозим омад, ки он чиз тамом бувад ба феъл, аъни, ки андар чизе дигар набувад, то ба ҳадди қувват буди ва низ тамом буди ба қувват, аз баҳри он ки чизҳо ба ҷумлаги ҳама аз ӯ пайдо ояд ва он Ақл аст. Пас, дуруст кардем, ки Ақл тамом аст ба феъл ва ба қувват он аст, ки ақл шарафу қувват аз чизи дигар напазирад. Чун гирифтани чизҳои табии, ки қуввату шараф бигирад аз дигар чизҳои ҷисмони ва нурони, чун табоеъ ва афлок ва анҷум. Ва чун Ақл аз чизе шараф намегирад, далел аст, ки ӯ худ ба феъл аст, ки агар на ба феъл буди, касб карди аз чизи дигар ва ҳар чизе, ки аз чизи дигар касб кунад, андар ҳоли касб кардан миёни қувват ва ба феъл бошад якчанд рӯзгор, чун дарахти хурмо, ки аз дона бирӯяд. Ва аз он ҳол, ки бирӯяд, на донаи хурмо бошад ва на дарахт, чун Ақл ба миёни қувват ва феъл намебошад, аз баҳри он ки Нафс худ аз Ақл ҳаме касб кунад. Воҷиб ояд, ки Ақл андар ҳадди қувват нест, то бад-он касби бафеъл берун ояд, чун чизҳои табии.

Ва низ гӯем, ки Ақлро аз шумори мартабат яки аст ва яки тамом аст ҳам ба қувват ва ҳам ба феъл. Ва яки андар шумор нест, чунон ки ҳар шуморе андар шумор аст, балки яки иллати шумор аст ва ҳама шуморҳо андар ӯст, ҳамчунон ки Ақл иллати ҳама буданиҳо ӯст ва ҳама будҳо андар ӯст. Ва мумкин нест, ки шуморе бар яки пеши кунад, то он шумор сабаб бошад пайдо шудани якиро, чунон ки яки сабаб аст пайдо шудани дуро ва ду сабаб аст мар пайдо шудани серо ва ду андар яки ба ҳадди қувват аст, чунон ки се андар ду ба ҳадди қувват аст. Ва нашояд будан, ки ададе бар яки пеши дорад, то он адад сабаб бошад мар якиро ва ҳам андар ӯ бошад ба ҳадди қувват, ҳамчунин нашояд, ки ақл андар чизе бошад ба ҳадди қувват, то аз ӯ пайдо шавад ба феъл, ки агар чунин буди, иллатҳоро ниҳоят набуди. Ва агар иллатҳоро ниҳоят набуди, маълулот пайдо наёмади ва чун маълулот пайдост, далел аст, ки иллатҳоро ниҳоят аст ва ниҳояти иллатҳо ақл аст ва ӯро иллат нест ва чизе, ки ӯро иллат набошад, ӯ ба ҳадди қувват набуда бошад.

Пас, дуруст шуд, ки Ақл тамом аст ҳам ба феъл ва ҳам ба қувват.

## Сафи панҷоҳу дувум
## СУХАН АНДАР ИЛЛАТИ ЗАМОН

Замон иллат аст мар тамом шудани чизҳои табииро ва чизҳои табии бошанда аст ба ҷунбиши табоеъ ва табоеъ ҷунбанда аст ба гардиши афлок ва афлок гардон аст ба ҳаракати Нафси кулли аз ҳаракати шавӣ, ки онро ором нест, магар ба тамом шудани нафс ва расидани ӯ ба мартабати Ақли кулли.

Пас, гӯем, ки замонро иллат ҷунбиши афлок аст, ки ҷунбанда аст ба шавӣи Нафси кулли. Пас, иллати замон шавӣи Нафси кулли аст ва замон, ки бар Нафс лозим ояд, падид овардан ба сабаби берун овардани ӯ бувад мар чизҳоро аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл. Ва Нафс донист, ки он чи фурӯд аз ӯ бошад, натавонад моддатҳои ӯро пазируфтан, магар ба замон. Пас, замон воҷиб омад мар фурӯдинонро аз Нафс. Ҳамчунон ки рафтани қалам ба кор ояд мар падид овардани хатро аз зери қалам. Ва ҳоҷат ояд фикрати мардумро ба олат ва ба қалам, то берун орад ҳикматҳоро аз Ақл. Ва ҳамчунин ҳама олатҳо, ки бад-ӯ амал кунанд, аз баҳри он фоидаҳо бояд, ки фурӯу аз олати амал падид ояд, на аз баҳри

ҳикмати он амал, ки аз нафс берун оранд. Бар мисоли хат, ки нафс ҳамедонад набиштан. Пас, қаламу ҳибр ва коғазу даст ва ҷунбишу ҷой ва рӯзгор бибояд, то он набиштан аз ӯ падид ояд. Ва он набиштан аз баҳри он ҳамебояд, то касе мар онро бубинад, ки аз ӯ фоида гирад, на аз баҳри он бояд, то он чи боист, ба коғаз бинигорад. Пас, дуруст шуд, ки олат ҳама аз баҳри он фоидаро бояд, ки фурӯд аз амал бошад. Ва замон олате аст мар амали оламро. Пас, донистем, ки замон аз баҳри пазирандагонро боист, ки зери амали олам андар буданд. Валекин чун Нафси кулли мар ин олати азими куллиро падид овард, ки замон аст, чунон овардаш аз боистаги, ки авҳом андар ӯ наметавонад расидан ба баргирифтан мар ӯро. Ва ин аз тамомии ҳикмат буд, ки олате падид овард бад-ин шарифи ва боистаги. Андар бояд ёфтан мар ин фаслро, ки равшан аст ва бисёр бузургон андар ин шубҳатанд.

### Сафи панҷоҳу сеюм
## СУХАН АНДАР ЧИ ЧИЗИИ ОЛАМИ БАСИТ

Олам номе аст гирифта аз «алам» ва гирдоранда аст ин ном мар фоидадиҳанда ва фоидапазиро аз баҳри он ки ҷумлаги олами ҷисмони худ ин ду чиз аст: ё олами нурони аст, чун афлок ва кавокиб, ё суфлони аст, чун табоеъ. Ва он нурони фоидадиҳанда аст ва ин суфлони фоидапазир аст. Ва ҳар чи андар ин ду миён аз зоишҳо аст, ҳама моддатпазир аст аз табоеъ. Ва ҳамчунин ҳар фоидадиҳандае ва фоидапазире олим бошад аз мардум аз баҳри он ки ғарази Офаридгор аз олам мардум аст аз баҳри фоида пазируфтани ӯ ба илм. Набини, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, гуфт:

الناس عالم أو متعلم أو مستمع و سائر الناس

Гуфт: «Мардумон ба ҷумлаги донишдиҳанда аст ва донишпазир ва дигар мардум фурӯмоя ва гӯл».* Ва чун гӯем, ҷисмони - «мураккаб» гуфта шавад, ки он чи ӯро дарозову болову паҳност, он чи аз бари якдигар бисохта аст, чун ҷузъҳои ин олам, ки бар якдигар баста аст, то аз ӯ олам омадааст. Ин аст маънии олами ҷисмонии мураккаб. Ва чун гӯем, олами рӯҳони - «басит» гуфта шавад, ки он фоидапазир ва фоидадиҳанда, ки ҷузъҳо нест мар ӯро. Ва гарон нест ва фароҳам оварда нест ва на бисохта ва аз онҳо ном ҳаст, ки чун он ном бигӯи, бад-он як ном бисёр чизҳо гуфта шавад ҷуз он. Чунон ки гӯи «рӯи мардум» ин номе бошад, ки гирд кунад мар бисёр номҳоро, ки андар ӯст, чун пешонию абрӯҳо ва чашмҳою гӯшҳо ва бинию мижа ва баногӯшу рӯҳ ва занаху даҳон. Пас, чун ин ҳама номҳо ба як ҷой гирд оянд, ҳамаро ба ҷумлаги «рӯй» бошад ва «рӯй» номе аст гирдорандаи ин чизҳои номдор. Ва ҳамчунин олам номе аст гирдорандаи фоидадиҳанда ва фоидапазиранда. Ва «олами басит» номе аст гирдоранда мар нафс ва ақлро ва мар моддат додани ақл ва нафсро ва пазируфтани нафс мар он моддатро аз Ақли кулли бе замону макone.

### Сафи панҷоҳу чаҳорум
## СУХАН АНДАР ЧИГУНАГИИ ИБОДАТИ АҚЛИ КУЛЛИ

Чун иллати ҷисмони ва рӯҳони ақл бувад ва бозпасини ҳама маълулот мардум бувад, ба нахустин иллати хеш бозгашт аз роҳи пазируфтани фоида аз ӯ ва ибодати Офаридгор бар маълули бозпасин лозим омад. Воҷиб ояд, ки иллати аввал мар Офаридгорро парастида аст ва чун ибодат аз мардум Эзиди таъоло бар

---

* Тарҷумаи калимаи «мустамеъ»-ро, ки шунаванда аст, оварда нашудааст.

бунёди шаҳодат хост ва он чаҳор сухан ва ҳафт фасл ва дувоздаҳ ҳарф аст. Лозим ояд, ки ибодати ақл мар Бори, субҳонаҳуро ҳам бад-ин шаҳодат аст. Ва тухми шаҳодат андар ҳувияти ақл собит аст ва ҳеч чиз нест ошкоро шуда андар олам, ки тухми он андар Ақл нест. Ва мо дӯст, дорем, ки моро ошкоро шавад бар парастиш кардани Ақл мар Бориро, субҳонаҳу.

Пас, гӯем, ки ҳукми ин сухан андар Ақл тасбеҳ аст, аъни «покиза кардан». Ва изофат аст, аъни «боз бастан». Ва ибтиҳол аст, аъни «гардан ниҳодан». Ва таъзим аст, аъни «бузург доштан» мар Мубдеъи ҳақро, субҳонаҳу. Аммо тасбеҳ аз он ба манзалати калимаи «ло» бошад аз шаҳодат ва ақл тасбеҳ кард Эзидро, аъни «пок кардан» мар Ӯро аз ҳар чи ёфт андар ҳувияти хеш ва нафӣ кард аз Ӯ ташбеҳи рӯйҳо. Ва аммо изофат аз он ба манзалати калимаи «Илоҳ» аст аз шаҳодат, аъни, ки Ақл пас аз он нафӣ кард аз Мубдеъи ҳақ ҳама ташбеҳотро. Муқаррар шуд, ки Ақл ва ҳама офаридаҳо боз бастаанд ба Мубдеъи ҳақ, ки ҳама мар Ӯроянд ибтиҳол, аъни «гардан ниҳодан» аз Ақл ба манзалати калимаи «илло» бошад аз шаҳодат, аъни, ки Ақл аз паси нафйи сифат ва иқрор ба изофат тазаррӯъ кунад ба Эзид, то бишиносад Мубдеъи ҳақро муҷаррад аз сифатҳои халқ.

Ва аммо таъзим, аъни, «бузург доштан» аз Ақл ба манзалати калимаи «Аллоҳ» бошад аз шаҳодат, аъни Ақл он гоҳ, ки тазаррӯъ карда ба Эзиди таъоло ва падид мар иқоби Ӯро тавонои надошт, ки бар он воқиф шуди, пас, бузургвор кард Мубдеъи ҳақро аз ҳама ҳасти ва нести. Аммо «тухми ҳафт фасли шаҳодат» андар ақл чунон аст, ки калимаи «ло» як фасл аст. Ва ақл тасбеҳ кард Мубдеъи ҳақро аз ҷиҳати калимаи ӯ ва он воҳиди маҳз аст. Ва калимаи «Илоҳ» ду фасл аст. Ҳамчунон ки изофат, ки монанди ӯст, ду гуна аст: изофати рӯҳониёт ва изофати ҷисмониёт аз ҷиҳати парастиш, аъни, ки ҷисмони ва рӯҳони ҳар ду офаридагони Худоянд.

Ва калимаи «илло» ду фасл аст. Ва гардан ниҳодан бар ду гуна бошад,ҳамчунин бузург доштан бар ду гуна аст: яке бузург доштан аз ҳасти ва дигар аз нести. Ва аммо «тухми дувоздаҳ ҳарфи шаҳодат» андар Ақл он аст, ки калимаи «ло» ду ҳарф аст, аъни, ки ғояти тасбеҳи Эзиди таъоло аз ду ваҷҳ аст - аз ҷиҳати Ақл ва аз ҷиҳати Нафс. Ва калимаи «Илоҳ» се ҳарф аст, аъни, ки гардан ниҳад ақл ба нафӣ ва гардан ниҳад ба исбот ва гардан ниҳад ба аҷз, ки он на нафӣ аст ва на исбот.

Ва калимаи «илло» се ҳарф аст, аъни, ки ақл изофат кунад мар рӯҳониро ва изофат кунад мар ҷисмониро ва изофат кунад мар иллати ҳар дуро ба Бори, субҳонаҳу. Ва калимаи «Аллоҳ» чаҳор ҳарф аст, ҳамчунон бузург доштан бар чаҳор мартабат аст, аъни, ки Ақл бузург дорад мар Эзидро, субҳонаҳу, аз «ҳиллият», аъни аз «ҳасти» ва аз «лиммият», аъни «чарои» ва аз «моҳият», аъни «чи чизи» ва аз «кайфият», аъни «чигунаги». Ин аст тухми шаҳодат андар ҷавҳари Ақл, ки бад-он ибодат кунад Мубдеъи ҳақро. Ва ҳамчунин қарори олам бар чаҳор уммаҳот аст, чун оташу ҳаво ва обу замин. Ва бар ҳафт ситораи раванда аст, чун Зуҳалу Муштари ва Мирриху Шамс ва Зӯҳраву Уторид ва Қамар. Ва бар дувоздаҳ бурҷ аст, чун Ҳамалу Савр ва Ҷавзою Саратон ва Асаду Сунбула ва Мизону Ақраб ва Қавсу Ҷадди ва Далву Ҳут.

Ва иқрори ҷисми мардум, ки ӯ росттар аз ҳама ҷисмҳост, бар чаҳор табъ аст, чун савдою балғам ва хуну сафро. Ва бар ҳафт андоми андаруни аст, чун мағзу дил ва шушу ҷигар ва супурзу заҳра ва гурда. Ва баробари дувоздаҳ бурҷ дувоздаҳ андом ошкор аст, чун сару рӯй ва гардану сина ва шикаму пушт ва ду дасту ду рон ва ду бозу. Ва сурат кардем бар дойра, ки ба ҳам оварад ин қисматҳо аз шаҳодату аз олам ва аз бадани мардум аз ибодати Ақл. Ва падид кардем ҳар қисмеро бо якдигар, ки дархӯр аст аз чаҳор ва ҳафт ва дувоздаҳ. Ва маркази ин ҳама Ақл аст.

Ин аст сурати парастиши Ақл мар Бориро, субҳонаҳу ва таъоло, баробар бо ҳарфҳою фаслҳо ва калиматҳои шаҳодат ва баробар бо офариниши мардум бишинос. Валлоҳу аълам ва аҳкам.

### Сафи панҷоҳу панҷум
### СУХАН АНДАР ОН КИ САВОБ ВА ИҚОБ ИЛМИ АСТ, НА ҲИССИ

Мақсуд аз лафзи «савоб» ёфтани хуши аст. Ва мақсуд аз лафзи «иқоб» ёфтани душворист ва и ҳиссиро буридан аст, чи аз бениёз шудани табоеъ, ки андар колбади мардум аст аз ҳоҷатманди, ки ӯро афтода бошад. Ва онро ҳаме «гурусна ва ташна» хонанд ва чи аз сутра шудани ҳавос аз шунидан мар маҳсусотро. Воҷиб омад, ки он лаззат, ки некбахтон ёбанд, ҳамешаги бошад ва мар онро буридан набошад. Ва нест лаззате, ки он доим бар ҳоли хеш аст, магар лаззати илм, ки чун чизеро маълум карди, ҳарчанд ӯро бештар ҷӯи ва наздиктар гардони, хуштар шавад. Пас, пайдо шуд, ки лаззати некбахтон бад-он олам лаззати илми аст, аз он аст, ки ҳамеша аст, чунон ки Эзиди таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

**مَثَلُ الْجَنَّةِ الَّتِي وُعِدَ الْمُتَّقُونَ تَجْرِي مِنْ تَحْتِهَا الأَنْهَارُ أُكُلُهَا دَائِمٌ وَظِلُّهَا تِلْكَ عُقْبَى الَّذِينَ اتَّقَوا وَعُقْبَى الْكَافِرِينَ النَّارُ**

*Ҳамегӯяд: «Масли он биҳишт, ки умед доранд парҳезгорон, бад-ӯ ҳамеравад, зери ӯ ҷӯйҳо ва бори дарахтони ӯ ҳамеша аст, он оқибати кори он касон аст, ки парҳезгори карданд ва оқибати кори кофирон оташ аст» (13-35).*

Ва дигар он аст, ки лаззатҳои ҳисси аз як роҳ натавон ёфтан, балки аз чанд ҷой тавон ёфтан ва чун ҷойгоҳи он лаззат табоҳ шавад, низ лаззат ёфтан набошад. Чунон ки, агар чашм набошад, низ он лаззатро, ки ба чашм тавон ёфтан, аз ҳеч ҳоссаи дигар натавон ёфтан. Ва ҳукм андар ҳар лаззате ҳамин аст. Ва сабили нафс андар боби ёфтан мар маълулотро як сабил аст ва нафс чун маълулро ба хештан кашад, аз ӯ лаззати бе малолат ёбад, аз баҳри он ки лаззат рӯҳонист. Ва ҳарчанд, ки лаззати рӯҳони бисёр гунаҳо аст, нафс мар он гунаҳоро ҳама аз як сабил пазирад ва он донистани нафс аст мар он илмҳоро. Ва он сабил ба бақоии нафс боқист ва табоҳ нашавад он сабил, то ба табоҳ шудани он табоҳ шудани лаззатҳо бошад, чунон ки андар лаззоти ҷисмони аст, ки ба табоҳ шудани ҳавос, табоҳ шудани лаззот аст. Пас, нафс, ки доност, боқист. Ва илм, ки зоти ӯст, ба бақоии нафс боқист. Ва маълумоти рӯҳони боқист. Ва чун маълум ва илм ва олим ҳар се боқи бошад, он лаззат, ки аз миёни се боқи падид ояд, бурида нашавад.

Пас, дуруст кардем, ки лаззоти нафсони, ки боқист, илми аст. Ва низ илм табоҳ нашавад. Ва чун ба ҳосил шуд, қавитару бештар шавад. Ва ҳис ба кор фармудан табоҳ шавад. Ва далел бар он ки лаззати илм боқист, он аст, ки чун андаке аз чизе бидони, аз ӯ низ орзу шавад ва ҳарчанд бештар дони, аз рӯи донистан бештар ояд. Ва лаззоти ҳисси ба хилофи ин аст, аз баҳри он ки чун миқдоре аз таом бихӯри, он қуввати лаззат, ки ҳамеёби, камтар шавад ва ҳарчанд бештар хӯри, лаззат камтар шавад, то бад-он ҷой расад, ки агар ситам куни, то он кас як луқма афзуни бихӯрад, бемор гардад ва ҳалок шавад он хӯранда. Ва низ лаззати илми, ки ғизои рӯҳ аст, ҳарчанд бештар мар онро кор банди, хуштар аз он ояд, ки аввали кор баста боши, аз баҳри он ки аввал нодониста бошад ва нек маълум нашавад ва чун аз паси он ки дониста боши, бигӯи, ё бинамои, ё аз ӯ барандеши, лаззати тамом аз ӯ он вақт ёби. Ва ин ба хилофи лаззати ҳисси аст, ки луқмаи бозпасин ба нохуши ва душвори хӯрда шавад ва луқмаи пешин ба орзу ва осони, то ба ҷое расад ба охир, ки хӯранда бӯи он таом натавонад бурдан.

Пас, дуруст шуд, ки савоб илмист, на ҳисси ва ин бурҳони зоҳир аст хирадмандро.

## Сафи панҷоҳу шашум
## АНДАР СИФАТИ БИҲИШТ ВА ДӮЗАХ

Маънии «биҳишт» ҷои аҳли савоб аст ва маънии «дӯзах» ҷои аҳли иқоб аст. Ва Худой таъоло мар биҳиштро ба този чанд ҷой ёд кард ба «ҷаннат». Ва дӯзахро «нор» хонд. Ва ҷаннат бӯстоне бошад ороста ба дарахтони борвар ва испарғамҳои хуш ва оби равон ва ҷойҳои бо роҳат ва покиза, чунон ки ҳисро андар он роҳат бошад.

Пас, гӯем, ки чун дуруст кардем аз ин пеш, ки савоб илми аст, на ҳисси, бибояд донистан, ки фоидаҳои ақли, ки он шинохти латоиф аст, ки ҷумлагии ороишу роҳат ва лаззат, ки андар ин олам ҳамеояд, аз он ҷо ҳамеояд, бӯстони нафси сухангӯй аст, ки мар онро ба гуфтор ва андеша натавон ёфтан ва он ороста аст пешравони динро, ки эшон дарахтони он бӯстонанд. Ва ба гаштан андар он бӯстон ва нигаристан ба чашми басират андар он мар нафси нотиқаро лаззат ба роҳату шодиву осони бошад. Валекин илми илоҳи андар ин олам ба лафзҳо ва масалҳо баста бошад ва ҷудо нашавад аз он то бад-он вақт, ки Эзиди таъоло мар онро тақдир кардааст. Ва чун вақти он фароз ояд, он ҳикматҳо аз миёни масалҳо ва рамзҳо берун ояд бар некӯтар ороише, ки чашм чунон надидааст ва на ҳеч гӯш сифати он шунудаст ва на бар дили ҳеч мардум он гузаштааст. Ва он вақт низ дил аз он сард нашавад ва ёбандаи он аз он малӯл нашавад ва аз нигоҳ доштани он пардохта нашавад. Ва пеш аз он ҳаме малӯл гашт, чун андар пӯст масалҳо ва рамзҳо бувад ва ҳаме нигоҳ боист доштан, мар онро набиштан ва дарс кардан бад-он сабаб, ки андар тирагии лафзҳо ва масалҳо бувад, ҳаме бад-он мисол, ки ғизоҳо, ки мар ҷисмро шояд ва қавоми зиндагии ҷисм бад-он аст, чун андар бӯстон бошад, ба оғоз пӯсту хошок ва хор бошад. Ва пеш аз вақти расидан пинҳон бошад андар миёни баргу шох ва киштҳои хеш. Чун вақти он бошад, ки ҷасад аз ӯ ҳаме зиндаги хоҳад пазируфтан, он касофатҳоро бияфканад ва талхию турширо ба ширинию хуши бадал кунад ва берун ояд бар некӯтар ороише ба дидор ва хуштар ваҷҳе аз маза ва бороҳаттар ҷоҳе аз бӯй ва аз миёни киштан ва баргу шох берун орандаш. Ва низ ҷасад аз чашидани ӯ ранҷа нашавад ва аз бӯи ӯ ба роҳат расад ва нигоҳбони ӯ аз нигоҳ доштани ӯ раста шавад. Ин масали биҳишт аст, ки мар ӯро Худой таъоло «бӯстон» хонд, ки фавоиди ӯ баробар карда шуд андар боби нафсони бо фавоиди бӯстон андар боби ҷисмони як-як.

Ва аммо, оташ, ки он ҷои гуноҳкорон аст, масали дӯзах бад-он аз баҳри он аст, ки оташ ба кор ояд андар салоҳи ҷасад аз баҳри пухтани чизҳои хом. Ва низ оташ табоҳ кунад мар суратҳои ҷасадонии табииро, чунон ки сурати он чиз нопайдо кунад ва маҷҳул гардонадаш. Ҳамчунин шариатҳои паёмбарон масал аст бар оташ, ки ошкоро шудани он бакор аст салоҳи зоҳири оламро ва қавоми хулқи ҷисмони бад-он бошад. Магар он бошад, ки машғул будан бад он табоҳ кунад суратҳои латифро андар шубҳат ва бимонад андар пӯшиши масалҳою рамзҳо. Ва сурати латиф чун андар зоҳири маҳз уфтад, хештанро андар ғояти бадбахти расонад. Ва ба ҷумлат-ул-амр оташи шариати мар суратҳои латифи нафсониро ҳамчунон зиён дорад, ки оташи табии мар суратҳои касифи ҷасадониро зиён дорад. Ва масали зоҳири шариат андар зиён ва суди ӯ бо сурати латиф, чунон аст, чун масали заҳри қотил, ки табоеъ мар ӯро берун додааст андар олам, аз баҳри салоҳ халқро ба вақте, ки бад-он ҳоҷатманд шаванд мар шикастани бемориҳои саъбро. Аммо агар касе, ки дуруст бошад, гар аз ӯ бихӯрад, дарвақт бимирад. Ҳамчунин касе, ки масалҳои шариатиро сурат бандад бе ҳақиқати таъвил зиндагонии ӯ табоҳ шавад ва боз монад аз лаззатҳои он олам, бар мисоли бозмондани он кас, ки заҳр бихӯрад аз зиндагони ва лаззатҳои ин олам. Ва низ оташи табии мавҷуд аст ба ҳар ҷой ва бӯстон на мавҷуд аст ба ҳар ҷой ва ҳар куҷо

бӯстон аст, бар ӯ муваккал аст, ки бе дастурии худовандаш андар натавон шудан. Ва маънии оташ он аст, ки шариатҳои бе таъвил, ки салоҳи халқ андар ин олам бад-он аст, чун оташ ба ҳар ҷой мавҷуд аст. Ва бӯстон, ки масали он ба илми таъвил аст ва бар ӯ муваккал аст, ба ҳар ҷой нест ва илми илоҳиро хизонадорону муваккилонанд, бе дастуре андар он натавон шуд. Ин аст сабаби монанда кардани ҷои некбахт ба бӯстон ва ҷои бадбахт ба оташ. Аммо аз рӯи ҳақиқат он роҳатро, ки андар биҳишт аст, андар олами ҷисмони монандае нест ва на мар он душвориро, ки андар дӯзах аст, монанда ҳаст аз душвории ҷасадони. Худой моро аз он дур кунад. Би манниҳи ва ҷудиҳи ва-с-салом.

**Сафи панҷоҳу ҳафтум**

## СУХАН АНДАР ОН КИ СУРАТИ ОЛАМ ПЕШ АЗ ОФАРИНИШ НАЗДИКИ БОРИ НАБУД

Гурӯҳе аз мардумон чунин гӯянд, ки Эзиди таъоло пеш аз он ки одамро биёфарид, чигунагии олам мар Ӯро маълум буд. Ва ҳуҷҷат оранд, бар он чи гӯянд: «Агар сурати олам маълуми Эзид, субҳонаҳу, набуди, пас, чунон бошад ин сухан, ки Эзиди таъоло биёфарид он чиз, ки надонист мар онро». Ва хато гуфт он кас, ки чунин гуфт, аз «баҳри он ки суратҳо, ки маълум аст, наздики пешаварон пеш аз он ки мар онро пайдо оранд, аз оҷизии эшон аст, ки натавонанд чизе ҷуз он, ки донанд ва омӯхтаанд, пайдо оранд, ҳамчунон ки натавонанд чизе кардан, ҷуз он чизе дигар. Ва он чи эшон омӯхта бошанд аз санъатҳо, он ҷуз андар нафсҳои эшон ҷои дигар мавҷуд бошад. Ва ҳаюлоҳо, ки эшон мар он суратҳои санъатиро бар он падидор оранд, низ мавҷуд бошад, то эшон мар он суратҳоро бар он ҳаюлоҳо падид оранд. Аммо Эзид, субҳонаҳу, ки чиз офарид на аз чизҳо, ҳоҷатманд набуд, бад-он чи офарид, ба чизе пеш аз офариниш, аз баҳри он ки чизе набуд мавҷуд, ки суратҳоро андар он бақо буди, магар илми Бори, субҳонаҳу. Бад-он гуфтем, ки Офаридгор оламро биёфарид ва пеш аз офаридани сурати олам, наздики Ӯ – Таъоло ҷаддаҳу маълум набуд. Ва агар сурати олам бо Бори, субҳонаҳу, буди пеш аз офаридан, чора набуди аз он ки он сурат ё чизе буди, ки аз ночиз буди. Агар ночиз буд, ночизро чи гуна сурат кард аз баҳри чизи дигарро, то пеш аз он чизе дигар набуд, ки он суратро баргирифти. Пас, агар чиз буд сурати олам, чора набуд, ё азали буд, ё Мубдеъи ҳақ, ё на азали буд. Агар азали буд, бо ӯ чаро нигоҳ дошт мар оламро, то вақти офаридани ӯ, ки олам аст. Ва агар азали набуд, он сурат бо Мубдеъи ҳақ ва биёфарид мар он суратро пеш аз он ки мар оламро офарид ва сурати оламро, пас, худ чаро нагӯем, ки Мубдеъи ҳақ мар оламро наёфарид бо сурати ӯ ба ҳам ҳамон замон, ки олам офарид. Ва савоб он аст, ки гӯем: «Сурати олам бо офаридани олам ба як ҷой буд», то замон гуфта набошад андар миёни сурати олам ва олам. Ва сурати олам маълум набошад бо Мубдеъи ҳақ, то ин сухан дуруст шавад, ки Мубдеъи ҳақ оламро на аз чиз офарид. Ин аст сухани ҳақи ошкоро андар ақл. Ва дигар касб кардан андар мабдаъот аз нотавонии сонеъон аст, ки натавонанд кардан пеш аз донистани он чиз. Аммо Мубдеъи ҳақ, ки амри Ӯ ибдоъ аст, ҳоҷатманд нест, бад-он чи сурати он чи офарид аз нахуст маълуми Ӯ бошад, то воҷиб кунад, ки ҳикмат ва қудрати Ӯ ба ғояти тамоми бошад ва масали ин ҳол чунон аст, ки яке бошад, ки ӯ шеър натавонад гуфтан. Агар хоҳад, ки касе аз ӯ шеъре бишунавад, нахуст бояд, ки шеъреро ҳифз кунад, он вақт бихонад ва ҷуз он ки ҳифз карда бошад, чизе натавонад гуфтан. Ва дигаре бошад, ки ӯ шеър гуфтан бар бадеҳа гӯяд, мар ӯро ҳоҷат набояд ба ҳифз кардани шеъри гуфта, балки бар бахти хеш бигӯяд, чунон ки

хоҳад, агар бештар хоҳад, бештар ва агар камтар хоҳад, камтар. Пас, он кас, ки шеър аз қуввати табъи хеш битавонад гуфтан, ёд нагирифта, қодиртар бошад бар он чи гӯяд аз он оҷиз, ки ӯ шеър рост карда, ёд гирифтаст ва ҷуз бад-он миқдор, ки донад ва наздики ӯ маълум шуда бошад, тавонои надорад. Ва он кас, ки ӯ гӯяд: «Сурати ин олам пеш аз офаридани ӯ наздики Бори, субҳонаҳу, буд», чунон ки даъво ҳамекунад, ки ҷуз бад-ин миқдор, ки олам аст, Бориро, субҳонаҳу, қудрат нест, аз баҳри он ки даъвои ӯ чунон аст, ки «ҷаро ин миқдор маълуми Ӯ, ҷаллата қудратиҳи, набуд, ки агар пеш аз ин пайдо оварди». Ва андар ин даъво, ки бикард, қудратро ба аҷз мансуб кард. Ва «ситоиши нодон накӯҳиш бошад». Ва бибояд нигаристан андар табиати кулли, ки ӯ фурӯди мубдаъот аст, ки чи гуна падид кунад чизҳои табииро бад-он қувват, ки Мубдеъи ҳақ мар ӯро додааст андар иллати ӯ, бе он ки аз нахуст мар онро сурат кунад, бал бад-он қуввати азим, ки дорад, ҳар чизеро андар суратҳо ба ҷойгоҳи хеш ҳамениҳад. Ҳамчунин гӯем, ки «Мубдеъи ҳақ, ки бо Ӯ чиз нест ва амри Ӯ ибдоъии маҳз аст, ҳама илму ҳикмат биёфарид мар оламро бо ҳама суратҳои ӯ, бе он ки чигунагии он маълум буд наздики Ӯ, субҳонаҳу, пеш аз офариниши он». Низ гӯем, ки агар сурати он мард мавҷуд набуди наздики Мубдеъи ҳақ ва номумкин буди офаридани чизе надонистан, агар надонанди, ки чи мегӯянд боз кардани аз он, ки баҳри он ки аз як рӯй ҳаме раво надоранд офаридани олам ба сурати нодониста. Ва аз дигар рӯй ҳама раво доранд офаридани олам на аз чизе ва мар ибдоъи Эзидро ба офаридани чиз на аз чиз муқир(р) омадастанд, ки ин азимтар аз ҳама тавоноиҳост ва мункир шудастанд он чизеро, ки фурӯд аз он аст. Ва он сурат кардани олам аст, бе он ки сурат наздики Ӯ маълум буд. Ва ҳар он чи ҳамегӯянд: «Сурати олам пеш аз ибдоъи олам наздики Мубдеъи ҳақ мавҷуд буд, мар сурати ҳар ду оламро», фазл ҳамениҳанд бар ҳар ду олам, аз баҳри он ки раво ҳамедоранд, ки Худой таъоло ҳар ду оламро биёфарид на аз чизе ва раво намедоранд, ки сурати олам наздики Ӯ набуд пеш аз офариниш. Ва чун чунин ҳамегӯянд сурати оламро, бар олам фазл мениҳанд ва фоида андар ду олам аст на андар суратҳои он. Ва Худой таъоло бартар аст, аз он ки наздики Ӯ фозилтар он чиз бошад, ки дар ӯ фоида набувад.

**Сафи панҷоҳу ҳаштум**

**СУХАН АНДАР ЧИЗИ ТАБИИ ВА СИНОЪИ**

Табии – мар кирдори Нафси куллро гӯянд ва синоъи – мар кирдори нафси ҷузъиро гӯянд. Ва Нафси кулл моя аст мар табиатро ва биҷунбонад мар падидовардаҳои хешро. Ва аз кирдорҳои хеш баъзеро нумув дод, аъни афзудан, чун рустаниҳо ва баъзеро ҳис дод, аъни шинохтан, чун ҷонварон. Ва мар феъли ӯро бад-ин, ки кард, «табъ» хонданд ва он чи нафси ҷузъи кард, мар онро «сунъ» хонданд. Ва табъ оҷиз нест аз падид овардани чизҳои азим ба иллати бузурги, чун ҷонварони азим аз пил ва мор ва моҳи ва аз падид овардани ин қуббаи фалак, ки овардааст ва аз ҳайкалҳои бузург, чун кӯҳҳо. Ва низ оҷиз нест аз падид овардани чизҳои сахт хурд ва ҷонварон, чун пашша ва мӯр ва ҷуз он, ки андар хурдии хеш бо суратҳои тамоманд ва аз рӯёнидани чизи хурд, чун кунҷид ва арзан ва тухми кӯкнор ва сипандон ва ҷуз он, ки андар он тасарруф кунад ба ғояти латофат. Ва мар санъатро тасарруф андар миёни чизҳои азим ва миёни чизҳои азиму хурд ва бикунад нафси ҷузъии чизҳое, ки монанд бошад мар табииро, ҷуз, ки миёни табии ва синоъи фарӣ он аст, ки синоъи сурати табии бинигорад, валекин он маъни, ки андар табии бошад, андар синоъи набошад. Чунон ки мардум натавонад, ки аз ҷӯб донаи хурмо тарошад, чунон ки ҳам бад-он сурат бошад, ки донаи хурмост ва

ҳам бад-он ранг ва ҳам бад-он вазн бошад, то бад-он ҷой, ки гар хирадмандеро бинамои, ба дидор нашиносад мар он табииро аз он синоъи. Валекин чун андар замин бинишони, мар он синоъи бинарӯяд чунон ки табии рӯяд. Ва низ агар донаи ӯ аз якдигар ҷудо шавад, яъне ки шикаста шавад донаи хурмо, андар ӯ бод роҳ ёбад, нарӯяд. Ва мардумро андар санъати хеш ин тавонои нест, ки мар он донаи бишикастаро ҳамчунон андом диҳад, ки табиат андом дода буд, то он дона аз паси он шикастаги бирӯяд.

## Муораза

Агар пурсад касе, ки «чаро агар мардум, ки худованди ҳар се нафси номия ва ҳиссия ва нотиқа аст, беҳтар аз ҳама ҷонварон аст ва аз маодину набот чизҳое ҳамесозад, ки овозҳои алвон орад, чунон ки ӯ хоҳад, чун ӯ аз буқу ной ва аз олоти рудҳо, чун барбату танбӯр ва ҷуз он ва он олот, ки созад ҳам, бар он гуна, ки хирад бигӯяд, овоз берун орад ва тавонад намуд ӯ ҳиссро андар санъате, ки бикунад овардан, чунон ки агар чизе мурғе кунад, он мурғ биҷунбад ва напарад. Ва агар донае тарошад, чунон ки гуфтем, он дона нарӯяд?»

## Ҷавоб

Ӯро гӯем, аз баҳри он чунин аст, ки растани ва ҷонвар андар будиши зоиши олам пеш аз зоиши мардум будаст. Чунон ки шарҳ андар китоби «Мифтоҳ» гуфтаем. Пас, мардум бар он чи ӯ бар будиши мардум пеши дорад, тавонои наёбад. Аммо сухан гуфтан, ки мардум бад-он махсус аст ва пеш аз ӯ он мар ҳеч чизро нест, лоҷарам, мардум бар он қодир аст, ки чизҳо, ки худ созад, овозҳоро ба ҳуруф шумурда, рост карда берун орад, чунон ки аз рудҳо ҳаме берун орад, ки сохта аст. Ва бад-ин рӯй ҳаме пайдо шавад, ки Нафси куллии ӯ бар овозҳо подшоҳ аст ва бар намуд ва ҳис қудрат надорад. Ва ин бурҳони равшан аст.

## Сафи панҷоҳу нуҳум
## АНДАР ОН КИ НАФСИ ТАЪЙИДИ ТАВОНАД, КИ ШАРАФИ ХЕШ БИНАМОЯД МАР ОН НАФСРО, КИ ФУРӮДИ ӮСТ БА ҶУДИ ВАЛИИ ХУДОЙ ТАЪОЛО

Гӯем, ки нафси таъйиди оҷиз нест аз намудани шарафи хеш бад-он ки фурӯд аз ӯст. Валекин он ки фурӯд аз ӯст аз дидани мар шарафи ӯро, магар он гоҳ, ки хештанро ба ғизои илм парвариш кунад аз маъдани илм, то зи пас аз он парвариш битавонад аз он шараф пазируфтан ва он пазируфтан дидори ӯ бошад мар шарафи нафси таъйидиро. Ҳамчунон ки Офтоб, ки сурати чизҳои ҷисмони бинамояд ба худовандони чашмҳои дуруст, тақсир намекунад ба намудани суратҳо мар он касонро, ки чашмҳои эшон заиф аст, валекин он чашмҳо тоқат намедоранд ба нигаристан сӯи рӯшноии ӯ. Пас, эшон чашмҳои хешро муолиҷат кунанд, то дуруст шавад ва тавонои ёбанд бар нигаристан андар нури Офтоб. Он вақт бидонад, ки айби он нодидан мар чашми ӯро буд, на Офтобро.

Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки касе, ки ӯ саноате донад, битавонад омӯхтан мар он касро, ки дастафзори он саноат дорад, валекин чун касе дастафзор надорад, саноат натавонад омӯхтан. Ва айби он наомӯхтан аз ӯ бошад аз бедастафзори, на аз устоди саноат. Ва гар касе гӯяд, ки «устоди он саноат мар он якеро, ки дастафзор дошт, биёмӯхт ва мар онро, ки дастафзор надошт, натавонист омӯхтан», муҳол гуфта бошад. Ва оҷизии он шогирд ба устод ҳаволат карда

бошад. Ин масал бад-он задем, ки илмҳои фурӯдин бар мисоли дастафзор аст мар илмҳои бариинро.

Ва гар илмҳои фурӯдин набошад, он илмҳои барин ба даст наёяд. Ва бад-он набояд нигаристан, ки илми фурӯдин ҳақир аст, чи он хатирро бад-он ҳақир шояд ёфтан. Чунон ки марде нависанда ба як тораи килк, ки аз вай қаламе тарошад, чизе нависад, ки ба ҳазор дирам бихаранд.

Ва гар он килкпора ноёфта шавад, он фоида мар ӯро ба даст наёяд. Ҳамчунин сутур бечора аст, аз баррасидани шарафи мардум бад-он чи даст надорад аз сухан гуфтан ва хирад ва тамйиз. Мардум бечора нест, ки мар сутурро биёмӯзад, он чи ҳама мардуми дигарро омӯзад. Валекин бечора сутур аст, ки ҳама натавонад мар он шарафро, ки андар мардум аст, пазируфтан.

### Сафи шастум

## СУХАН АНДАР ҲАСТҲО, КИ БО АҚЛ ПАДИД ОМАД

Ҳастҳо ҳама ба як дафъа бо Ақл падид омадааст ва аз ӯ ҷудо таваҳҳум натавон кард мар онро. Ва он ҳама ҳастҳо бар ҳафт бахшиш аст, бар мисоли айни ҷисме, ки мар ӯро шаш ҷиҳат гирд гирифтааст. Яке аз ӯ зеҳн ва дигар ҳақ ва се дигар хуррами ва чаҳорум бурҳон ва панҷум зиндагони ва шашум камол ва ҳафтум бениёзи. Ва акнун далели он ки ин ҳафт қисмати ҳасти бо Ақли кулл ба ҳам падид омадаст, бинамоем. Гӯем, далел бар он ки зеҳн бо Ақли кулл кашанда аст ва аз ақл ҷудо нашавад ва зеҳн ҳамеша ба гувост, он аст, ки ақлҳои ҷузъи, ки алфағда аст, чун андар расанд ба маъқулот, ҳамеша гардад. Он донистани ӯ мар он маъқулро аз он вақт, ки он чиз дониста шавад мар он ақли ҷузъиро ва низ ҷудо нашавад. Пас, бад-ин далел донистем, ки зеҳн мутлақ кашанда аст бо Ақли кулли андар оғози офариниш то абад-ул-обидин. Ва далел бар он ки ҳақ кашанда аст бо Ақли кулли ва аз ӯ ҷудо нашавад, он аст, ки чун ақли афлағдаи ҷузъи мар ҳақро ба ҳақиқат бишиносад, ботили он аз ӯ дур шавад, ки хилофи ҳақ аст ва он ҳақ бо ӯ бимонад, ки аз ӯ ҷудо нашавад. Пас, аз ин ҷиҳат дониста шуд, ки ҳақи мутлақ офарида шуд бо Ақли кулли ва кашида шуд бо ҷавҳари ӯ. Ва далел бар он ки шоди кашида шудаст бо Ақли кулли ва аз ӯ ҷудо нашавад, он аст, ки шоди ба ақли алфағдаи ҷузъи пайваста шавад, он ки муҳит шавад бар ҳақиқати чизе ва донистани Ақлро шубҳат андар наёбад ва ғам андар шубҳат ва шоди андар ҳақиқат аст. Пас, шоди аз Ақли кулли ҷудо нашавад. Ва бад-ин далел дониста шуд, ки хуррамии мутлақ кашида шудаст бо Ақли кулли андар ҳоли падид омадани ӯ. Ва далел бар он ки бурҳон кашида шудаст бо Ақли кулли ва аз ӯ ҷудо нашавад, он аст, ки чун ақли алфағдаи ҷузъи мар маъқулро биёбад, ба бурҳон ёбад ва чун бурҳон ёфт, бо ӯ ба ёр омад. Пас, бад-ин рӯй дуруст шуд, ки бурҳони мутлақ кашида шудаст андар офариниш бо Ақли кулли. Ва далел бар он ки зиндагони бо Ақли кулли мавҷуд шудаст ва аз ӯ ҷудо нашавад, он аст, ки ақли алфағдаи ҷузъи, то нодон бувад андар расидан ба чизе бар мисоли мурдае бошад, аз он нодонисти ва чун мар ӯро донист, мар он чизро, ки шинохт ба манзалати зинда гашт. Пас, аз ин ҷиҳат дониста шуд, ки зиндагонии мутлақ кашида шудаст бо Ақли кулли ба оғози офариниш. Ва далел бар он ки камол андар падид овардани Ақли кулли бо он кашида шудаст ва аз ӯ ҷудо нашавад, он аст, ки камол

ба ҷавҳари ақли алфағдаи ҷузъи пайваста шавад, чун муҳит шавад бар маълулот ва таваҳҳум накунад, ки комил бо ноқис баробар аст, балки донад, ки тамом бартар ва беҳтар аст. Пас, аз ин ҷиҳат маълум шуд, ки камоли мутлақ кашанда аст бо ҷавҳари Ақли кулли ба офаридани ӯ. Ва далел бар он ки бениёзи кашида шудаст бо офариниши Ақли кулли ва аз ӯ ҷудо нашавад, он аст, ки аз бениёзи бартар ва шарифтар ҳеч чиз нест. Ва чун Ақли кулли аз бениёзии хеш мар нафсро баҳра кунад, он кас ба ғояти шараф расад андар халқ. Ва ақли алфағдаи ҷузъи, ки қувват гирад, ба донистани маъқулот бениёзи пазирад. Пас, аз ин рӯй далел шуд, ки бениёзии мутлақ кашида шудаст бо Ақли кулли андар офариниш ва мар ақлро азимтар қуввати бениёзист ва камтар қуввати зеҳн аст мар ӯро, ҳарчанд ки зеҳн наздики табиат андар ғояти шараф аст аз баҳри доимиро ва аз баҳри он ки Эзиди таъоло мар зеҳнро хизонаи ҳаракоти замони кардааст.

Ва зери ин қувватҳо, ки ёд карда шуд, сирҳои бисёр аст ва қувватҳои ақл беш аз он аст, ки мардум ба гуфтор андар он тавонад расидан, аз баҳри он ки чизҳое аст, ки Ақл бад-он яктост ва бидонед, ки яке фурӯ резад мар онро камтар лаҳзате бар маълули хеш, то маълули ӯ тавоноии иборат кардани он ёбад. Ва акнун он ҳама қувватҳо гирд кардааст андар нуқтаи Ақл, ки он маркази ҳар ду ҷаҳон аст:Пок аст он Худой, ки пайдо овард ҷавҳари шариф ва комилу бениёз, чун Ақл. Ва Эзид бартар аст аз сифоти офаридагон ва дур аст аз гуфтори ситамгарон. Поко, бузургворо, Худоё, илмҳои Ту андар хазоини Туст, бад-он расад, ки Ту мар ӯро ба арзони дори! Бузургвори ва азамату кибриёи ва ҷалолату ваҳдонияти Туст, бинигоштам ин қувватҳо, ки Ақл бад-он якто аст.

### Сафи шасту якум
## СУХАН АНДАР ШАШ ҶИҲАТИ ОЛАМ

Эзиди таъоло мар олами мураккабро ба шаш ҷиҳати ӯ тамом кард. Чун зеру забар ва чапу рост ва пасу пеш ва ҳафтуми он худи олам бувад, то нишоне бошад мар бинандагонро ба чашми басират, ки дини Худой ҳам ба шаш ҷиҳати ӯ тамом шавад, ки ҳафтум бар андозаи он шаш бошад. Ва аз баҳри он дини Худой монандаи олам боист, ки ҳосил аз олам бувад, ки бозпасин зоиши олам бувад ва ба шинохти Офаридгори олам ҷуз мардум чизе нарасид. Ва диндор мардум бувад. Ва мардум аз баҳри дин боист, ҳамчунон ки олам аз баҳри мардум боист. Пас, дуруст шуд, ки олам аз баҳри дин боист ва мардум аз баҳри сабаби дин ба монанди олам омад, ки дин иллате бувад аз иллатҳои олам. Ва олам маълули дин бувад ва иллат ба маълул монанда бошад ба рӯе аз рӯйҳо. Ва олам ба шаш ҷиҳат аз баҳри он махсус гашт, ки адад худ нӯҳ омад аз ниҳоди Эзиди ва даҳ ба яки бозгашт ба ақд, ҳамчунон ки бист ба ду бозгашт ва сиюми ба се бозгашт. Ва нӯҳ араз аст, ки як ҷавҳар барорандаи он аст, чунон аст, ки шарҳи он андар китоби «Мифтоҳ» гуфтаем.

Пас, як ҷавҳар ҷисме бардоранда аст мар шаш ҷонибро ва як ҷавҳар низ бардоранда аст мар нӯҳ аразро. Ва миёни яки, ки иллати шумор аст ва миёни нӯҳ, ки тамоми асли шумор аст аз оҳоди шаш адади тамом аст, аз баҳри он ки ҷузъҳои ӯ бар ӯ зиёдат нагирад ва кам аз ӯ наёяд, чунон ки нимаи шаш се аст ва сеяки ӯ ду аст ва шашяки ӯ яке аст. Ва чун мар ин ҷузъҳоро ҷумла куни, шаш ояд, на каму на беш ва ӯ роҳнамоест бар шаш соҳиби шариат аз Одам то Муҳаммади Мустафо, алайҳимуссалом, ки эшон ҳар яке андар замонаи хеш аз баҳри рост кардани суратҳои рӯҳони омаданд андар халқи он замона. Ва тамоми даъвати эшон ва ростии мақсуди эшон ба ҳафтуми эшон бошад, ки худованди қиёмат аст, саломуллоҳу ало зикриҳи, ки бардорандаи ҳама қувватҳои паёмбарон ӯст. Ва маънии он ки ҷузъҳои шаш зиёдат накард бар шаш, он аст, ки адади имомони ҳар

давре, ки эшон ҷузъҳои соҳиби шариатонанд, зиёдат нагирад бар адади соҳиби шариатон ва кам аз эшон набошад, балки андар ҳар давре, ки шаш имом бигзарад, ҳафтумро манзалате бошад, ки он шаш гузаштаро он набошад ва ҳамчунин бошад, то давраҳои шариати он ба сар ояд. Ва Эзиди таъоло мар ин шашро, алайҳимуссалом, ёд кард бар сабили рамз ва масал бар шаш рӯз. Ва гуфт: «Оламро андар шаш рӯз офаридем», қавлуҳу:

اللَّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ

*Гуфт, ки: «Худой он аст, ки биёфарид осмонҳо ва заминро ва он чи андар ин ду миён аст андар шаш рӯз, пас, рост шуд бар Арш» (32-4).*

Ва таъвили ин шаш рӯз соҳиби шариатонанд, ки эшон ҳар яке рӯзе буданд мар халқро, то халқ бад-эшон бидиданд ба чашми дил мар олами рӯҳониро, ҳамчунон ки бубинанд ба чашми сар ба рӯшноии рӯз мар олами ҷисмониро. Ва ба осмонҳо мар манзилҳои паёмбаронро хост ва ба замин мартабат ва сойитро хост. Ва бад-он чи мар осмонҳоро бисёр ёд кард, он хост, ки зоҳирҳои шариат бисёр буд ва мухолиф буд ва бар он чи мар заминро яки ёд кард, он хост, ки таъвили ҳама шариатҳо яки бувад. Ва бад-он чи гуфт - пас, рост биистод бар арш, он хост, ки дин ба охират рост биистад бар Қоим, ки ӯ арши Худой аст, бад-он чи арш қароргоҳ бошад ва қарор ба амри Бори андар офариниши олам ба Қоим бошад. Ва ин оят далел кунад, ки ин ҳама хилофҳо ба падид омадани Қоим рост шавад. Ва ба дигар рӯй ҳар худованд замонаи арш аст, бад-он чи ҳар ки ба илми ӯ бирасад, қарор ёбад ва дини ӯ рост шавад ва ихтилофу шубҳат аз он кас бархезад. Ва далели дигар бар тамомии чизҳо ба шаш ҳол, он аст, ки холи наёби аз шаш чиз, чун ҳаюлову сурат ва ҳаракату сукун ва замону макон. Ва ба дигар рӯй таъвили ин шаш чиз, ки ёд карда шуд, он шаш рӯз аст, ки олам андар ӯ офарида шудааст, аз баҳри он ки рӯз мар он миқдорро гӯянд, ки Меҳр аз уфуқи Машриқ бигузарад то ба уфуқи Мағриб. Ва ин миқдор аз олам бад-ин гаштании Офтоб равшан шавад ва оламро миқдори ӯ он аст, ки табиат андар он асар кунад аз қувватҳои хеш. Ва табиатро шаш қувват аст, чун ҳаракату сукун ва ҳаюлою сурат ва замону макон. Ва ҳар чи андар ин шаш қувват аст, ӯ зери табиат аст. Пас, гӯем, ки зоҳири маънии рӯз равшан кардани Офтоб аст мар оламро аз Машриқ то ба Мағриб. Ва ботини рӯз он аст, ки табиат мар оламро равшан кард ба ҳаракат. Ва ин нахустин рӯз аст аз он шаш рӯз, ки Худой таъоло оламро андар ӯ офарид. Ва боз табиат мар оламро равшан кард ба сукун ва он рӯзи дувум аст. Ва боз табиат мар оламро равшан кард ба ҳаюло ва он рӯзи сеюм аст. Ва боз табиат равшан кард мар оламро ба сурат ва он рӯзи чаҳорум аст. Ва боз табиат равшан кард мар оламро ба замон ва он рӯзи панҷум аст. Ва боз табиат равшан кард мар оламро ба макон ва он рӯзи шашум аст. Ва бимонад осори ин қувватҳои табиат андар олам. Ва ҳар чизе, ки ҳаст андар олами ҷисмони, аз ин шаш қувват андар ӯ асар аст. Ҳамчунин ба гирди ҳар ҷисмони шаш ҷиҳатро гаштан аст, чун зеру забар ва пасу пеш ва чапу рост, ки ҳар шаш бозбастааст ба як шахс, ки бардорандаи он шаш ҷиҳат аст ба ҳикмати азим аз Сонеъи ҳаким. Пас, ҳамчунин ин шаш соҳиби шариат доиёни худованди қиёмат буданд. Ва ин шаш тан, ки халқро бад-он ҳафтуми хеш хонданд, монанд буданд мар шаш ҷиҳатро, ки ҳар яке далел ҳамекунанд бар ҳафтум, ки он ҷисм аст.

Ва олам, ки мар ӯро шаш ҷиҳат бувад, сабаб бувад мар берун овардани сурати ҷисмии мардумро ва Қоими қиёмат, саломуллоҳ ало зикриҳи, ки мар ӯро ин шаш ҷиҳат бузургвор бувад, ки ҳар яке халқи оламро бад-ӯ даъват карданд, сабаб бувад мар берун овардани сурати латиф аз мардум. Ва ҷузъҳои шашро чун ҷумла куни, бисту як ояд, чун яку ду ва сею чаҳор ва панҷу шаш. Далел аст ин ҷузъҳо бар он ки ҳар соҳиби шариатеро, ки доъи бувад мар халқро, чун аслҳои рӯҳони васие бувад ва ҳафт имом ва дувоздаҳ ҳуҷҷат ва ин низ бисту як бошад. Ва адади шаш

ба се қисмат шавад, чун нима ва сеяк ва шашяк, далел аст бар он ки ҳар соҳиби шариатеро се манзалат аст: яке манзалати рисолат ва дигар васоят ва се дигар имомат. Нима далел аст бар ҳадди соҳиби шариат, ки ӯ нимаи ҷисмони аз рӯҳони биёвард ба илм. Ва се як далел аст бар васи, ки ӯ сеюм аст мар манзалати илмро, ки аз рӯҳони ба дувум манзалат бар расул расид ва ба сеюм манзалат бад-ӯ расид, ки васи аст. Ва шашяк далел аст бар имом, ки ӯ яке бошад аз шаш, ҳама гӯяндагони хеш андар ҳар давре аз даврҳо. Ва ин сурати дойра бад-ин сират аст, ки намудаем:

**Сафи шасту дувум**

## СУХАН АНДАР ОН КИ БАДИРО ДАР ОФАРИНИШ МОЯ НЕСТ

Хештанбинону бузургиҷӯён аз омӯхтан нанг доштанд ва аз паси худовандони дин нарафтанд, то андар хилофи зоҳирҳои ҳалоккунанда ҳалок шуданд ва бадиро бо неки андар офариниш исбот карданд. Ва баҳре аз эшон ба нуру зулмат гуфтанд ва эшон санавиёнанд. Ва баҳре ба Яздону Аҳриман гӯянд ва эшон муғонанд[xxix] аз мутобеон Беҳофарид ва андар ақл зишт аст мар бадиро ба хирадманди боз бастан. Пас, чи гуна раво бошад, мар бадиро ба Мубдеъи ҳақ боз бастан?! Ва он гурӯҳ, ки бадиро и азали диданд, гуфтанд, ки худованди неки ба охир ҳалок кунад мар худованди бадиро ба вақти тамом шудани хеш. Ва бад-ин қавл ботил ҳамекунанд мазҳаби хешро, аз баҳри он ки агар худованде азали аст, раво набошад, ки чизи азали ҳалок шавад. Ва мо андар ин боб сухан гӯем ба ҳуҷҷати ақл ва падид кунем, ки бадиро андар ибдоъ Мубдеъи ҳақ асл нест, балки ба ибдоъ, ки амри Худой аст, ҳама неки аст. Нахуст гӯем ки далел бар он ки бадиро асл нест, он аст, ки бадиро он гоҳ ном баранд, ки боз хонандаш ба чизе аз ӯ беҳтар. Пас, нахуст он чиз бояд, ки бад-ӯ боз хонанд. Пас, дуруст шуд, ки ибтидо неки аст. Ва бадию бад аз баҳри он аст, ки боз мондааст аз расидан ба мартабати неки.

*Муораза*

Агар касе гӯяд, ки ин далеле нест бар исботи неки ва нафйи бади, аз баҳри он ки ҳамчунон ки бадиро ба неки боз набанданд ва гӯянд, ин бад камтар аз он нек аст ва гӯянд, ки ин нек беҳтар аз он бад аст. Ва ҳама чизҳои музофро қиёс ҳамин аст, чунон ки чизи хурд кеҳтар аз чизи бузург бошад ва чизи бузург меҳтар аз чизи хурд бошад.

*Ҷавоб*

Ӯро гӯем, ки ҳақиқат аз чизҳо ба гувоҳии ақл пайдо ояд ва андар ақл ёфта, он аст, ки ҳама бояд, ки бадиҳо нек шавад ва намебояд, ки ҳо бад шавад. Ва маълум аст, ки бозгашти ҳар чизе бад-он бошад, ки аз ӯ пайдо шавад, пас, пайдо шуд, ки ниҳояти бадиҳо нек аст ва аз нек мар ӯро гузар нест. Ва ниҳояти некҳо бад нест, чи нек худ ниҳоят аст ва ниҳоятро ниҳоят нест. Ва чун маълум шуд, ки ниҳояти бадҳо нек аст, маълум шуд, ки оғози будиши ҳама будҳо нек аст, то ниҳояти ҳама будҳо ба неки бошад, аз баҳри он ки бозгашти ҳар чизе бад-он бошад, ки оғозаш аз ӯ будааст. Ва тавҳиди маҳз он аст, ки гӯем, Мубдеъи ҳақ пок аст аз ю бади ва биёфарид мар ақлро ва ҳама ро андар зоти ӯ ҳосил кард ба амри Хеш бе восита. Ва чун амр яки бувад, лозим ояд, ки он чи аз ӯ бувад, яки бувад. Ва он яки маҳз бувад бе ҳеч бади ва назари Ақл, ки падид омад ба фармони Мубдеъи ҳақ, Нафс бувад, ки бипазируфт фоидаҳои ақлиро бемакон ва безамон ва бе ҳангоме. Ва аз

Нафси кулли ҳама неки аст ба зоти хеш ва ӯро ду илм аст: яке тамом ва дигаре нотамом. Он ки тамом аст, аз ҷиҳати зот нафс аст, ки ӯ тамом аст андар боби пазируфтани фоидаҳои ақли. Ва он чи на тамом аст аз ҷиҳати маълул, ӯ аст ва он ҳаюло аст, ки оҷиз аст аз пазируфтани қуввати Нафси кулли ба тамоми. Ва далел бар дурустии ин даъво ин аст, ки ҳар сонеъеро аз мардум ҳамчунин ду илм аст: яке тамом ва яке нотамом. Он чи тамом аст, мақсуди сонеъ аст, чун курси, ки ӯ мақсуди дурудгар аст. Ва тамом аст. Ва он чи нотамом аст, аз оҷизии дастафзор аст.

Ва он тарошҳо ва сарборҳои ҷавобҳо аст. Ва амали нафс он ки тамом аст, оғози ҳаракати ваҳми аст, то ҳаюло, ки аз ӯ падид омад. Ва оҷизии ҳаюло он аст, ки ӯ мар зоти хешро падид натавонад овардан, магар ба ёрии сурат, ки он аз табиат аст. Ва чун аз падид овардани зоти хеш бе ёрии чизи дигар оҷиз бошад, на чун чизе бошад, ки ӯ бениёз бошад аз ёри кардани чизи дигаре мар падид овардани зоти хешро. Ва он Нафс аст, ки бениёз гашт аз чизи дигар ба назари Ақл, ки бад-ӯ расидааст. Пас, андар ибдоъи Мубдеъи ҳақ чизе нест аз бади. Ва низ андар нафӣ кардани бади аз ҷавҳари Ақл исботи зоти Ақл аст. Ва андар исбот кардани бади андар ҷавҳари Ақл нафӣ кардани зоти Ақл аст. Ва нест андар ҷавҳари Ақл он ки нафӣ кунад мар зоти ӯро.

Пас, андар ҷавҳари Ақл чизе нест аз бади, ки исбот шавад, балки аз ҷиҳати нафӣ тавон гуфтан андар Ақл мар бадиро, чунон ки гӯи, бади андар Ақл нест. Ва агар андар ҷавҳари Ақл чизе аз бади собит буди ва ҷавҳари ӯ асли ҳама ҳо аст, ихтилоф андар ҷавҳари ӯ мавҷуд буди ва чизе, ки андар ҷавҳари ӯ ихтилоф бошад, мар ӯро табоҳ шудан лозим ояд. Ва чизе, ки ӯ табоҳшаванда бошад, бар ӯ эмини набошад ва бад-ӯ майл накунад хиради ҷузъи ва нафсҳои хирадёфта, майл кунад ба фоида гирифтан аз Ақл ва тавофуқ будан бар исботи ҷавҳари Ақл ва дур кардан мар ӯро аз табоҳ шудан.

Пас, дуруст шуд ба гувоҳии ақли ҷузъи, ки ҷавҳари Ақли кулли аз истиҳолат дур аст. Ва ҳо андар ӯ мавҷуд аст ва ҳар чи ҳо андар ҷавҳари ӯ мавҷуд бошад, бадиҳо аз ҷавҳари ӯ дур бошад. Ва низ ҷои бозгаштани нафсҳо он ки пайғамбарон, алайҳимуссалом, халқро бад-он умед доданд, биҳишт аст ва бадиро аз он ҷой нафӣ карданд. Ва гуфтанд, ки андар ӯ марг набошад, чунон ки Худой таъоло гуфт, қавлуҳу таъоло:

لا يَذُوقُونَ فِيهَا الْمَوْتَ إِلاَّ الْمَوْتَةَ الأُولَى وَوَقَاهُمْ عَذَابَ الْجَحِيمِ*

*Гуфт: «Начашад андар биҳишт марг, магар он марги нахустин ва нигоҳ дошт эшонро Худой аз азоби дӯзах» (44-56).*

Ва гуфтанд, ки: *«Аз шароби биҳишт дарди сар набошад ва на сипари шавад» (56-19),* чунон ки гуфт:

لا يُصَدَّعُونَ عَنْهَا وَلا يُنْزِفُونَ

Пас, чун ҷои савоб бад-ин манзалат аст аз бехилофи ва он аз изофати ақли аст мар Нафси куллиро, ки биҳишти ӯ аст бад-ин ҷавҳари Ақл, ки ба ваҳдати Бори таъоло ва тақаддус офаридааст, дур аст аз ҳама бадиҳо.

## Сафи шасту сеюм
## СУХАН АНДАР ФАЗЛИ АҲЛИ САВОБ БАР ЯКДИГАР

* Ҷаҳим дар китоб бо ҳарфи «ҳо»-и ҳавваз омадааст, ки дар асл «ҳо»-и ҷимӣ аст.

Тафовут миёни аҳли савоб андар олами улви на бар ин гуна аст, ки андар ин олам аст, аз баҳри он ки неъмати ҷисмони ошкор аст ва ҳасад ояд худовандони неъмати андакро аз худовандони неъмати бисёр. Азеро ки ҳақир намояд эшонро неъмати андак ва аламу ранҷ пазиранд аз бисёрии неъмати каси дигар. Ва савоби он ҷаҳон илми аст ва пинҳон аст ва ҳасад наёяд худовандони савоби андакро худовандони савоби бисёр. Ва чунон пиндоранд, ки савоби эшон худ ба ғоят аст ва аз он афзунтар, ки эшонрост, касеро савоб нест ва худовандони савоби андак андар лаззат бошанд. Ва худовандони савоби бисёр ҳамчунон андар лаззат бошанд ҳамеша. Ва мисоли он андар ин олам ёфтааст, миёни аҳли илм тафовути бисёр аст ва гурӯҳе аз эшон ба андаки илм расидаанд ва гурӯҳе бисёр илм ёфтаанд. Ва худовандони илми андак мӯъҷаб бошанд ба илми хеш ва пиндоранд ба илм ва ҳикмати эшон касе нест, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

كُلُّ حِزْبٍ بِمَا لَدَيْهِمْ فَرِحُونَ

*«Ҳар гурӯҳе бад-он чи наздики эшон аст, шодмонаанд» (23-53).*

Ва андакилмон огоҳ набошанд аз он чи доноёни бузург донанд ва чун огоҳ набошанд, ҳасад наёядашон, ранҷа нашаванд. Ва агар ҳасад ғизои бузург набуди, Худой таъоло мар Расул, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳиро нафармуди аз ӯ парҳезидан сӯи Парвардигори хеш, чунон ки гуфт, қавлуҳу:

وَمِنْ شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ

*Гуфт: «Бигӯй, ки ман ба Худой парҳезам аз шарри ҳосиде, ки ҳасад кунад» (113-5).*

Ва аз шарри ҳосидон васии Муҳаммад бувад, ки чандон ҳазор халқ дар оташ мешаванд. Ва худованди илми бисёр ва савоби бешумор муҳит бошад мар ӯро, ки илму савоб андаке бошад ва фазли илми хеш ҳамебинад бар илми он ки фурӯд аз ӯ бошад ва миннату раҳмати Худойро шиносад. Ва низ тафовути аҳли савоб бар дигар рӯй он аст, ки расидани савоб ба ҳар нафсе бар андозаи орзуи ӯ бошад ба илм ва нафси орзу ба илм ба миқдори латофат ва покизагии гавҳари ӯ бошад, ҳар ки нафси ӯ латифтар ва софитар бошад, орзуи ӯ ба баррасидан бар чизҳо бештар бошад ва ба тамомии хеш оҳанге бештар кунад. Ва савоби ӯ азимтар бошад. Ва ҳар ки гавҳари нафси ӯ торик ва касиф бошад, орзуи ӯ ба баррасидан бар чизҳо камтар бошад ва тамомии хешро камтар ҷӯяд ва савоби ӯ камтар бошад. Ин аст тафовути миёни аҳли савоб.

## Сафи шасту чаҳорум
## СУХАН АНДАР ОН КИ НАФС БА МАРТАБАТИ АҚЛ НАРАСАД

Бибояд донистан, ки шарафу баҳо ва тамомию бениёзи мар Ақли куллро бад-он аст, ки ӯ мубдеъ аст ва ҳеч чиз бар ӯ пеши надорад андар ёфтани ҳасти, миёни ӯ ва миёни ибдоъ ҳеч миёнҷи нест. Ва чун ҳол чунин аст, раво нест, ки ҳеч чиз, ки аз ӯ фуруд аст, бад-ин мартабат расад. Ва ҳама чизҳо фуруд аз ӯст аз Нафс ва ҷуз Нафс. Ва агар Нафс ба мартабати Ақл расад, он гоҳ лозим ояд, ки мубдеъи ҷавҳари дигар бошад, на ин бошад, ки Нафс ҳамчун ӯ шуд. Ва низ моддати нафс аз ибдои маҳз бояд бе миёнҷии Ақл бояд, ки Нафс ҳамон фазилат наёбад, ки Ақл ёфтааст. Баррасидани Нафс ба мартабати Ақл муҳол аст.

Ва низ Ақл андар офариниш баробари завот аст ва Нафс баробари ҳимматҳо аст ва ҳимматҳоро расидан нест андар манзалати завот, аз баҳри он ки зот андар се сол замони собит бошад: Андар замони гузашта ва замони вақт ва замони оянда. Ва ҳиммат ҷуз андар замони вақт набошад, пас, нафс, ки монандаи ҳиммат аст, нарасад ба мартабати Ақл, ки монанди зот аст. Ва чун Нафс, ки ӯ ҷуфти Ақл

аст, ба мартабати Ақл нарасад, он чи фурӯд аз Нафс аст, камтар расад ба мартабати Ақл. Ва низ Ақл баробари ҳиллият аст, яъне ҳасти ва нафс баробари моҳият аст, яъне чи чизе ва чи чизе гирифтор аст, ба банди ҷинсҳо ва навъҳо ва табиат бар моҳият муҳит аст. Ва ҳиллият берун аст аз табиат ва он чи беруни табиат бошад, шарифтар аз он бошад, ки он чи аз андаруни табиат бошад.

Пас, Нафс нарасад ба мартабати Ақл, ки Нафс ба манзалати моҳият аст ва Ақл ба манзалати ҳиллият ва ҳар куҷо моҳият бошад, он ҷо ҳиллият бошад ва ҳар куҷо ҳиллият бошад, он ҷо моҳият набошад. Ва низ он аст, ки Нафс мар Ақлро аст ва Ақл мар Нафсро нест. Ва чизе, ки аз ҷиҳати зоти хеш ба чизи дигар бозбаста бошад, ба манзалати он чиз, ки бад-ӯ бозбаста бошад, натавонад расидан.

Пас, Нафс ба манзалати Ақл нарасад, ки Ақл муттаҳид аст ба калимати Мубдеъи ҳақ ва Мубдиъи ҳақ, калимати хешро дур кардааст аз карона шудан чунон ки гуфт, қавлуҳу:

قُلْ لَوْ كَانَ الْبَحْرُ مِدَاداً لِكَلِمَاتِ رَبِّي لَنَفِدَ الْبَحْرُ قَبْلَ أَنْ تَنفَدَ كَلِمَاتُ رَبِّي وَلَوْ جِئْنَا بِمِثْلِهِ مَدَداً

*Гуфт: «Бигӯ, ки агар дарё мидод бошад, мар суханҳои Парвардигори маро испари шавад дарё пеш аз он ки испари шавад, суханҳои Парвардигори ман ва агар дарёфтани монандаи он мадад фиристодеме мар ӯро» (18-109).*

Ва чизе, ки ӯро канора набошад, расидан бад-ӯ номумкин бошад, аз баҳри он ки расидан бад-ӯ канора шудани ӯ бувад ва Эзиди таъоло нафӣ кард канора шудани ӯ. Пас, ҳеч чиз ба мартабати Ақл нарасад.

**Сафи шасту панҷум**

## СУХАН АНДАР ЧИГУНАГИИ БИСЁРИИ ОЛАМ АЗ ЯК АМР

Эзиди таъоло мар олами ҷисмониро бар шумор офарид ва якиро иллати шумор падид овард, то аз ӯ бисёри падид омад ва мар якиро чун андар яки зани, ҷуз яки набояд, пас, ин ҳамон яки бошад, ӯ вуҷуди иллати хеш бошад.

Ва аз ин қавл пайдо шавад, ки мар якиро иллат нест ва чун ӯро иллат нест, пас, ӯ худ низ маълул набошад. Ва чун яки ба ҳасти ҳаст ва ҳамаи ҳастҳо ё иллат аст, ё маълул. Ва чун дуруст, ки мар якиро иллат нест, дуруст шуда бошад, ки яки маълул нест. Чун маълул нест, ночор Ақл аст. Пас, яки иллат аст, мар бисёриро.

Ва низ гӯем, ки агар яки иллати бисёри нест, пас бисёри худ иллати бисёри аст. Ва чун бисёриро иллати бисёри гӯи, чунон гуфта шавад, ки бисёриро худ бисёри пайдо оварад. Ва мо ҳол ба хилофи ин ҳамебинем, аз баҳри он ки ҳар бисёри андар баста шудааст ба ададе, ки он адад ба яки, ки иллати он адад аст, наздиктар аз ӯ аст. Пас, пайдо шуд, ки бисёри яки падид оварад. Ва дигар, ки миёни бисёриҳо анбозе аст, аз ҷиҳати монандагии эшон ба якдигар.

Чунон ки ба масал нӯҳ бисёр аст ва понздаҳ низ бисёрии дигар ва ҳар яке аз ин ду адад ба се қисмат шавад. Пас, миёни эшон ба се анбоз аст. Ва аз дигар рӯй, мар ҳазорро ҳазори дигар монанда аст, ки ҷуз ба бурҳони қави ва нигоҳ доштани тамом, мар эшонро аз якдигар натавон шинохт. Ва мар ҳеч ададро бо яки анбозе ва монандагие нест, аз он чи яки ҳеч қисмат напазирад ва ҳеч ададро яки наздиктар аз ду нест. Ва мушкил нашавад касеро, ки гӯяд: «Яки ҳамчанди ду аст, ё ду ҳамчанди яки аст». Ва бар ин далелҳои бисёр аст, ки бисёри аз ваҳдат падид омадан аст. Чунон ки гӯем осмонҳову ситорагон бозбастаанд ба ҷунбиши Нафси кулл ва ҳамаро бад-ин рӯй як табиат аст, ки ҷунбандаанд. Ва аз ҷиҳати ҳаракоти кавокиб ҳамезояд зоишҳои олам аз маъодину набот ва ҳайвон, ки мухталифанд

андар табоеъи хеш. Ва ҳамчунин тухми дарахт як чиз аст ба дидори бинанда ва сурати дарахт аз ӯ ҳамезояд, ки ӯро шохҳою баргҳо ва меваҳои бисёр аст. Ва ҳамчунин нутфаи ҳайвон як чиз аст, ки аз шахс падид ояд ба андомҳои мухолиф ва табоъеи мутазод.

Пас, дуруст шуд, ки ҳар бисёри, ки ҳаст, боз шудани ӯ ба ваҳдат аст. Аз ин рӯй гуфтем, ки ҳамаи буданиҳои оламро иллат амри Бори таъоло аст, ки Яке аст ва Бузургвор аст ва Мубдеъи ҳақ падидорандаи Ӯ аст, дур аст аз ҳамаи бозбастҳои ҷисмони ва рӯҳони.

**Сафи шасту шашум**

## СУХАН АНДАР МАЪНИИ НОМИ КАЛИМАИ «МУБДЕЪИ ҲАҚ» СУБҲОНАҲУ

Сухан гӯем андар номи амри Бори, субҳонаҳу, ки калима чаро аст, то мӯъмини роҳҷӯйро бедори афзояд. Гӯем, ки ин «калима» чаҳор ҳарф аст ва маънияш он аст, ки бардорандагони ваҳдати Эзид чаҳоранд: ду рӯҳони ва ду ҷисмони. Аз ӯ «коф» далел аст бар таъйиди Ақл, аз баҳри он ки асли ҳама ҳастиҳо ӯ аст ва маъдани ҳамаи гавҳарҳои улвию суфли аст ва андар Ақл аст тухми суратҳои рӯҳони ва ҷисмони. Чунон ки иттифоқ аст миёни доноён, ки ҳама буданиҳо аз «кун» пайдо шуд, пеш аз он ки «коф» ба «нун» расид. Ва Ақл расид ва Ақл кофи аст мар ҳар чиро зери ӯ аст ва забар сӯи Ақл ҳеч чиз нест. Ва Ақл комил аст, яъне тамом аст, ки андар ӯ нуқсон нест. Ва Ақли кулл мубдеъ аст, ки бад-ӯ бинамуда шавад бар халқ насиби эшон аз ваҳдат бар миқдори мартабати эшон. Ва Ақли кулл каломи Худой аст ба ҳақиқат. Ва он ки гуфтанд, ки «мар он каломи Эзид аст», он аст, маънияш он буд, ки асос пайваста аст ба Ақл. Ва «лом» монанда шуд ба Нафси кулл, аз баҳри он ки ба Нафс лозим омад «лиммият», ки он асли хитобҳо аст. Ва ба нафси «ломеъ» бошад, аъни бидарафшид нури Ақл андар олами ҷисмони аз шахсҳои ҷузъи ва ӯро лозим омад «лавм», аъни маломат, агар мухолиф шавад мар Ақлро, чунон ки Эзиди таъоло гуфт, қавлуҳу:

وَلا أُقْسِمُ بِالنَّفْسِ اللَّوَّامَةِ

*Гуфт: «Савганд нахӯрам ба нафси маломаткунанда» (75-2).*

Ва «нафси лавҳ» Эзид аст, ки биёбанд андар нафсҳо бар миқдори дараҷоти эшон. Ва «мим» аз ҳарфи «калима» «монанда» шуд ба нотиқ аз баҳри он ки нотиқ малики олами ҷисмони аст, ҳамедорад онро, чунон ки хоҳад. Ва тадбир ҳамекунад андар кори бандагони Эзид ба ваҳй, чунон ки бинад. Чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

فقد آتَيْنَا آلَ إِبْرَاهِيمَ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ وَآتَيْنَاهُمْ مُلْكاً عَظِيماً

*Ҳамегӯяд: «Бидодем фарзандони Иброҳимро китобу ҳикмат ва бидодемашон подшоҳии бузург» (4-54).*

Ва маърифати Эзид ба нотиқ бошад мар халқро ва Маҳди бошад нотиқ. Ва «масҷиди Ақсо» бошад, нотиқ андар ӯ парастанд мар Худойро. Ва «ҳо» аз калима монанди асос аст, аз баҳри он ки ӯ «ҳоди» аст халқро ва ҳадяи нотиқ аст ба уммат. Ва «мим» ва «ҳо» андар баста шуд ба «коф» ва «лом» кушодагонанд, далеланд бар он ки аслайни рӯҳонианд ва асосайни ҷисмонианд.

Ва «лом» ва «ҳо» аз калима мувофиқанд «лом»-и пасинро ва «ҳо»- ро аз «Аллоҳ» ва «ҳо»-ю «коф» мухталифанд, «алиф» ва «лом»-ро аз «Аллоҳ», далел аст бар он ки миёни таркиб ва таълиф ихтилоф нест ва таъйид бо таълиф мухталифанд аз ҷиҳати нотиқон, азеро ки ҳар нотиқе, ки ояд, бар миқдори сафои хеш бардорад. Ва шариат бар миқдори замони хеш ниҳад ва таркиб андар ҳар замоне таркиб аст, ҳамчунин таълифи шароеъ мухталиф аст, на таъвил бар ҳоли хеш аст ва андар ӯ ихтилоф нест. Ва ҷумла ҳисоби ҳуруфи «калимат» наваду панҷ

аст. Далел аст бар он ки он чи зоҳир шуд аз калимаи «Эзид» панҷ рӯҳони аст, чун «аслайн» ва «ҷид» ва «фатҳ» ва «хаёл». Ва нӯҳ суфли аст, чун асосайн ва ҳафт имом. Ва ҳамчунин ёфтани ҳама чизҳо андар чаҳор маънии ӯ афтод баробари чаҳор ҳуруфи калима, чун «зот» ва «ҳиммат» ва «қавл» ва «китоб». Ва монанди ин чаҳор «таркиб» ва «таъйид» ва «таълиф» ва «таъвил». Ва «таъйид» баробари «зот» аст, аз баҳри он ки ақлро намояд ба таъйид ва далел кунад бар ҳар чизе, ки ӯро зот аст. Ва таъйид аз маъдани ақли аст, ҳамчунин чизҳое, ки онро маъни аст, ҳама он аст, ки ақл берун дод. Аммо «ҳиммат» баробари «таркиб» аст, аз баҳри он ки мураккаби саноъи ҷуз ба ҳиммати нафс мураккаб нашавад. Ва «ҳиммату фикрат» аз маъдани нафс аст, ҳамчунин ҳимматҳоро нафс берун дод, то сурат баст. Ва «қавл» баробари «таълиф» аст, аз баҳри он ки таълиф сурати сухан бошад ва таълиф боз нотиқ аст. Ва «китоб» баробари «таъвил» аст ва баробари «наботу таъвил» нафси суратҳои ақл аст андар дилҳои ҷӯяндагон. Ва андар олам ҳеч чиз нест, ки китоб напазирад, чун гилу набот ва маодин. Гӯем, ки чун хирадманд бинигарад андар бақои навъи мардум бар ҳоли хеш ва аҷроми улвиро бар ҳоли хеш бояд, ки шахсиятҳои мухталифро ҳаме берун орад ба адади рост, андар сурати ӯ бидонад, ки мар ин шахсҳоро ҳосиле нест, ҷуз ин ҳаме бубинад. Ва ҳосили чиз ба бақо андар аст. Пас, пайдо шавадаш, ки бозгашти мардум ба бақо аст. Ва агар чунин набуди андар падид овардани шахсҳо аз паси якдигар, чи фоида буди. Ва хирадманд, ки ин коркард бад-ин доими ҳамебинад, донад, ки он коркунро, ки ин кор ҳамекунад, андар ин кор ғаразе сахт бузург аст ва низ донад, ки ғарази ӯ ба ҳосил ҳамеояд, то ин кор бад-ин пайвастаги мекунад. Аммо кор ҷуз аз кашидани манфиат аз баҳри боздоштани мазаррат лозим наёяд. Ва агар ин ду маъни баргирифта шавад, кор бози бошад ва андар санъат бар ҳикмати олам пайдо аст, ки бози аз Офаридгор дур аст. Валекин чунон набояд донистан, ки Эзиди беҳамторо, ки бартар аз сифот аст ва сифотпазир ва аз сифотнопазир кашидани манфиат аст, ёдовар кардани мазаррат. Ва низ бибояд донистан, ки он кор, ки манфиат ба хештан кашад ва мазаррат аз хештан дур кунад, он офарида бошад, на офаридгори маҳз. Ва ин суханро Эзиди таоло бар сабили рамз андар Қуръон ёд кардааст ва андар Инҷил низ ёд кардаст. Аммо он чи дар Қуръон аст, қавлуҳу таоло:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِنْ تَنصُرُوا اللَّهَ يَنصُرْكُمْ وَيُثَبِّتْ أَقْدَامَكُمْ

*Ҳамегӯяд: «Эй гаравандагон, агар шумо Худойро ёри диҳед, Худой шуморо ёри диҳад ва пойҳои шумо бар ҷой бидорад» (47-7).*

Ва таъвили ин оят он аст, ки агар Нафси куллиро ба пазируфтани илми тавҳид фармон баред, Ӯ мар шуморо ба таъйид ёри диҳад ва боқи шавед. Ва дигар ҷой ҳамегӯяд, қавлуҳу таоло:

وَأَقْرِضُوا اللَّهَ قَرْضاً حَسَناً

*Ҳамегӯяд: «Ва мар Худойро вом диҳед, воми некӯ» (57-18).*

Таъвилаш он аст, ки ба тоат мар фиристодагони Ӯро пеш оед, то Ӯ ғарази хеш ба ҳосил кунад андар падид овардани худованди қиёмат. Ва шуморо ба сарои ҷовиди ин вом боз диҳад, чи вом он бошад, ки чизе биситонад касе, ки дар он вақт набошадаш, валекин сипас он хоҳадаш бувад он чиз. Пас, ҳамчунин аст ҳоли Нафси кулл андар расидан ба мартабате, ки ҳамеҷӯяд, ки имрӯз он нест Ӯро. Ва чун худованди қиёмат биёбад, вай бад-ӯ бад-он мартабат расад. Ва имрӯз коркарди некон вом аст бар Худой. Худой мӯъминонро тафвиқ диҳад ба вом додан мар Худойро. Ва ҳам ин суханро дар Инҷил ёд кардаст ва гуфтааст, ки «Эзид мар халқро ба қиёмат гирд кунад, некон ва бадонро ба як ҷой». Ва мар неконро гӯяд, ки «нек карданд ба ҷои Ман, гурусна будам, Маро сер кардед, бараҳна будам, Маро пӯшида кардед, боздошта будам, Маро раҳо кардед». Ҷавоб диҳанд некон мар Ӯро, гӯянд: «Раббано, Ту кай гурусна буди, то мо Туро сер

кардем, ё ташна буди, Туро сероб кардем, ё бараҳна буди, то Туро бипӯшидем, ё боздошта буди, ки мо Туро раҳо кардем?» Эзиди таъоло гӯяд эшонро, ки «рост ҳамегӯед. Валекин ҳар чи ба нафсҳои хеш кардед, ба ҷои Ман кардед».

Пас, бигӯяд мар бадкирдоронро, ки: «Бад кардед ба ҷои Ман, гурусна будам, Маро сер накардед, ташна будам, Маро об надодед, бараҳна будам, Маро напӯшидед, боздошта будам, Маро раҳо накардед!» Ҷавоб диҳанд бадкирдорон ва гӯянд: «Раббано, Ту кай гурусна буди, ки мо Туро сер накардем ва кай ташна буди, ки Туро об надодем, кай бараҳна буди, ки Туро напӯшидем ва кай боздошта буди, ки Туро раҳо накардем?» Эзиди таъоло мар эшонро гӯяд: «Рост ҳамегӯед, валекин ҳар чи ба ҷои нафси хеш кардед, ба ҷои Ман кардед».

Таъвили ин мухотаба ва суханҳою ҷавобҳо он аст, ки ин мухотаба аз Нафси кулли бошад бо нафсҳои ҷузъи, аз баҳри он ки Нафси кулли ба мартабати хеш нарасад, магар аз роҳи касб кардани нафсҳои ҷузъи андар олами табии ва пазируфтани фоидаҳои ақли ба миёнҷии маҳсусот. Эзиди таъоло огоҳ кард моро аз чигунагии барангехтани нафсҳо андар он олами латиф, қавлуҳу таъоло:

وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَكُمْ مِنْ تُرَابٍ ثُمَّ إِذَا أَنْتُمْ بَشَرٌ تَنْتَشِرُونَ

*Гуфт: «Ва аз нишонҳои Худой он аст, ки биёфарид шуморо аз хок, пас, шумо мардуме гаштед, ки аз шумо нутфа пароканда шавад» (30-20).*

Ва таъвили ин оят, ки мустаҷиб бар мисоли хок аст, ки ба борон зинда шавад, ҳамчунон мустаҷиб ба илми доъи аз нодони доно шавад. Ва боз ба сухани хеш дигареро зинда кунад, ҳамчунон ки мардум бихӯрад наботро ва нутфа падид орад, ки аз ӯ зиндаи дигар ояд. Ва миёни наботу миёни ҳаёти ҳисси анбозе нест андар зоҳир, то он замон, ки пайдо шавад сурати ҳассос аз хок ба миёнҷии набот ва андар хок на зиндаги аст ва на равшани, албатта. Ва чун аз хоки сиёҳи мурда сурати ҳассоси зинда ҳаме барангехта шавад, мумкин бошад, барангехтани суратҳои рӯҳони, ки пӯшидааст, андар Нафси нотиқа. Ва ин сурати рӯҳони сазовортар аст ба барангехта шудан бад-он нисбат, ки миёни илм ва миёни Нафси нотиқа ҳаст, аз баҳри он ки ҳеч касро аз аҳли илми ҳақиқат шак(к) нест андар он, ки илм зиндагони аст ва зиндае, ки илм аз ӯ ҷудо шавад, мурда гардад. Ва ҳарчанд, ки илм савоб аст мар нафсро, он савоб мар ӯро на андар олами фони аст, аз баҳри он ки олам на маъдани нафс аст, чи ӯ на аз гавҳари ин олам аст. Ва чун мардумро савоб воҷиб аст ва савоб андар ин олам нест, чора нест мар ӯро аз боз шудан ба олами бақою сафо. Ва далоили ақли бар исботи савоб он аст, ки ҳеч чиз нест андар ин олам, ки маҷмӯътар аст салоҳи он аз исботи савоб ва маод. Ва агар касе маъодро ботил кунад, аз ӯ муфсидтар касе набошад. Ва агар ҳамаи халқ савобу маъод ботил бинанд, ҳама мар якдигарро ҳалок кунанд. Ва мумкин набошад, ки чизе, ки ӯро исбот набошад, салоҳаш бад-ин бузурги бошад, ки салоҳи савобу маъод аст ва халқ чунин бар ҳастии ӯ яксухан шаванд. Агар касе гӯяд, ки «чист аз салоҳ, андар исботи маъод?», ӯро гӯем, ки «андар исботи маъод оромии аҳли олам аст ва боз шудани эшон аз якдигар аз ҷиҳати раҳбат ва тарс. Ва агар мардумро тарс набошад, зоиши халқ бархезад бад-он чи мар якдигарро ҳалок кунанд ва эмини намонад халқро аз якдигар ва ба нишоти ҷуфт гирифтан напардозанд».

**Муораза**

Агар касе гӯяд, ки тарсонидани паёмбарон, алайҳимуссалом, мар халқро ба маъод сиёсате бувад, то бар якдигар ситам накунанд ва фасод андар олам роҳ наёбад, валекин чизе набувад аз он чи гуфтанд, ҷуз ин ном.

**Ҷавоб**

Ҷавоб мар ӯро гӯем, ки залифан бар ду гуна аст: яке ҷисмони аст ва дигар рӯҳони. Ва залифани ҷисмони аз подшоҳон бошад ва бар ҳиссҳо бошад ва залифани рӯҳони аз паёмбарон бошад. Ва мумкин нест, ки залифани ҷисмони собит шавад, ҷуз бад-он ки зоҳир шавад мар ҷисмро аз захм ва боздоштан ва куштан ва нафси ҳисси аз ин залифан тарсад.

Пас, агар паёмбарон залифан карданд, мар Нафси нотиқаро карданд ва нафси нотиқа нодонтар набувад аз нафси ҳисси ва лозим омад, ки залифани эшон ботин бувад. Ва шинохтани он аз роҳи таъвил бувад. Ва таъвил нест, магар бозбурдани чизҳо ба аввали он. Пас, ҳақиқати он залифани рӯҳони ба оқибат лозим ояд, на бад-ин олами ҷисмони. Ва агар нафсҳои нотиқа мар ҳақиқати ин залифанро андар ҷавҳар наёфти, ҳама халқ бар пазируфтани он ҷумла шуданди, чунин ки шудаанд. Ва қавлро наёбанд, магар андар қоил, аъни сухани мардум маълум набошад, магар аз раҳмати Ӯ.

Ва андар сухан ҳам рост бошад ва ҳам дурӯғ. Ва ин ҳол далеле аст бар он ки андар ҳадди паёмбари ду мартабат бошад: як мартабати имон ва дигар мартабати нифоқ.

Пас, рост ва дурӯғ монандаанд бо имон ва нифоқ. Ва бар ин чаҳор чиз халқ ба чаҳор ном номзад шуданд. Ва ин чаҳор ном, ки паёмбарон мар халқро бад-он номҳо ном ниҳоданд, малоика аст ва шайтон ва ҷинну инс. Ва аммо малоика далел аст бар он касҳо, ки таъйид аз ақл бад-эшон пайвастааст. Ва аммо ҷин далел аст бар фавоид ва қувватҳои нафсони, ки пайвастааст аз Нафси кулли пӯшида ба гурӯҳе аз халқ, ки ҳақи эшонанд. Ва аммо шайтон далел аст бар он кас, ки қарор гирифт бар зоҳир бе баён ва бе ҳақиқат ва бероҳ шуд ва гардан кашид аз ҳудуди Худой. Ва аммо инс далел аст бар аҳли ҳақ, ки у**нс** гирифтанд, аъни, ки шодмона шуданд ба таъвил ва бирастанд аз шаккҳо ва шубҳатҳо ва таъвил ҳисори ҷонҳои эшон аст аз ҳалок. Ва аз далоили ақли бар исботи маъод он аст, ки паёмбарон, алайҳимуссалом, халқро ба маъод тарсониданд аз баҳри салоҳи олам ва салоҳи халқ, то олам ва халқ бар ҷой бимонад. Ва бад-ин сиёсат оламу халқ табоҳ нашавад. Пас, ин худ далели бузург аст бар исботи маъод бар он ки ин сухан аз Офаридгори олам ва худованди халқ гуфтанд эшон, алайҳимуссалом, аз баҳри он ки Офаридгори олам беҳтар донад, ки салоҳи олами Ӯ андар чист. Ва чун салоҳи олам аз гуфтори эшон ба ҳосил омад, донистем, ки он сухани Офаридгор буд, ки гуфтанд, дуруст гашт, ки рост гуфтанд. Ва чун рост гуфтанд, эшон, алайҳимуссалом, собит шуд, маъод собит шуд. Ва ин бурҳонест мар нафси хирадмандро равшантар аз Офтоб.

**Сафи шасту ҳафтум**

## СУХАН АНДАР ИСБОТИ СЕ ФАРЪИ РӮҲОНИ: ҶИДДУ ФАТҲ ВА ХАЁЛ

Рӯҳониро ба далоили олами ҷисмони тавон шинохтан ба далели кардани ҳудуди Худой таъоло. Пас, гӯем ба фармони Худованди ҳақ, алайҳимуссалом, мар ҷӯяндагони илми ҳақиқатро, ки мо олами ҷисмониро ду асл ҳамеёбем: яке аз ӯ фоидадиҳанда, чун олами ҷирмони, ки афлок ва анҷум аст. Ва дигар аз ӯ фоидапазир, чун табоеъи чаҳоргона, ки зери афлок аст. Ва зоиш аз миёни ин нару мода се гуна ҳамеёбем аз маодину набот ва ҳайвон. Ва ба ҷумлаги олами ҷисмони бад-ин қисмат, ки гуфтем, ба панҷ баҳра шуд: ду аз ӯ ба манзалати падару модар ва се аз эшон ба манзалати фарзандон. Пас, ин ҳол ҳаме далел кунад, ки олами улви ҳамчунин ба панҷ баҳр аст: ду аз ӯ ба манзалати осмону замин ва се аз ӯ ба манзалати ҳосиломадагон аз миёни эшон. Ва гувоҳи диҳад бар дурустии ин қавл гуфтори Расул, алайҳиссалом:

بينی و بين ربی خمس وسائط: جبريل و ميکال و اسرافيل و اللوح و القلم

*Гуфт: «Миёни ману Парвардигори ман панҷ миёнҷи аст: Ҷабраил ва Микоил ва Исрофил ва Лавҳу Қалам».*

Таъвили ин хабар он аст, ки Парвардигор мар амри Бориро хост, ки тамомии падид омадани амр аз роҳи Қоим аст, алайҳи афзалуссалом, ва пайғомбарон, алайҳимуссалом, бад-он насиб, ки аз амри Бори ёфтанд халқро ба омадани Қоим хабар доданд ва тарсониданд. Ва эшонро «анбиё» бад-ин сабаб хонданд, ки халқро аз омадани Қоим хабар доданд. Ва порсии «анбиё» «хабардиҳандагон» бошад. Ва Худой таъоло мар паёмбаронро «хабардиҳандагон» хонд, бад-он чи эшон хабари Қоим ба халқ расониданд ва халқро бад-ӯ даъват карданд. Ва мар Қоимро ба зоти ӯ хабар хонд, аз баҳри он ки ӯ хабар аст аз амри Бори, субҳонаҳу, чунон ки гуфт, қавлуҳу:

عَمَّ يَتَسَاءَلُونَ عَنْ النَّبَإِ الْعَظِيمِ الَّذِي هُمْ فِيهِ مُخْتَلِفُونَ

*Гуфт: «Аз чи пурсанд аз хабари бузург, ки эшон андар ӯ мухталифанд» (78-1, 2, 3).*

Ва бад-ин хабар Қоимро, алайҳи афзалуссалом, ҳамехоҳад, ки мардумон андар ӯ мухталифанд. Ва бештар аз мардумон ҳамегӯянд, ки «рӯзе аст замоне, ки муддати ӯ панҷоҳ ҳазор сол аст, он рӯзе аст, ки Худой таъоло андар ӯ бо халқ шумор кунад». Ва гурӯҳе ҳамегӯянд, ки «он хабар Маҳди аст, ки биёяд ва дини Худой ошкоро кунад ва кофирон ҳама мусулмон кунад». Ва гурӯҳе ҳамегӯянд, ки «он хабари худи васии Расул, алайҳиссалом, аст». Ва аҳли ҳақиқат ҳамегӯянд, ки он хабари он кас аст, ки ба сабаби хабар додан аз ӯ мар паёмбаронро, алайҳимуссалом, номи хабардиҳандагон лозим омад.

Пас, чун Расули мустафо, алайҳиссалом, бад-ин хабар, ки ёд кардем, моро бигуфт, ки «миёни ману Он Худой панҷ миёнҷи аст». Ва нахуст Ҷабраилро ёд кард, ки ӯ фариштаи муқарраб аст ва сафир аст миёни Худой ва паёмбарони Вай. Ва дигар Микоилро гуфт, ки ҷалолу азамати ӯ афзун аст аз ҷалолу азамати Ҷабраил. Ва боз Исрофилро ёд кард, ки фармонҳои Худой таъоло аз «лавҳ» ӯ пазирад ва аз он пас «лавҳ»-ро гуфт ва боз «қалам»-ро гуфт бад-ин тартиб, ки ёд кардем, ки аз ин панҷ миёнҷи азимтару шарифтар он аст, ки мар ӯро боз пастар ёд кард. Ва аз он бозпастарин ба Худой таъоло наздиктар аст - наздикии илм, на наздикии масофат. Ва раво бошад, ки Ҷабраил, ки панҷум ҳад аст аз Худой таъоло, фаришта бошад. Ва «қалам», ки нахустин ҳад аст, «қаламе» бошад бе ҷону бе илм. Ва «лавҳ» тахтае бошад бе ҷон аз он ки чизе бар ӯ нависанд. Пас, гӯем, ки «қалам» аз олами рӯҳони ба манзалати осмони аст аз олами ҷисмони ва он Ақли кулл аст, ки ӯ муҳит аст ба ҳар ду олам. Ҳамчунон ки осмон муҳит аст бар олами ҷисмони. Ва «лавҳ» аз олами рӯҳони ба манзалати замин аст аз олами ҷисмони ва он Нафси кулл аст, ки ӯ пазирандаи қувватҳои Ақли кулл аст ва падидорандаи фоидаҳои ӯ аст мар умри ҷовидиро. Ҳамчунон ки замин пазирандаи фоидаҳои осмон аст ва пазирандаи қувватҳои ӯ аст мар умри фониро. Ва Ақлро бар «қалам» бад-он масал заданд, ки хати нависанда то аз «қалам» падид наёяд, дониста нашавад. Ва хат андар «қалам» аз нафси мардум ояд, ки мар нафси мардумро ба қалам ҳеч монандаги ва пайвастаги нест. Ҳамчунон ки амри Бори, субҳонаҳу, ба Ақл пайваста шуд, бе он ки Ақлро ба ҳувияти Бори, субҳонаҳу, ҳеч монандаги, ё пайвастаги бувад, ҷуз он ки падид омадани мукавванот аз Ақл ёфта ҳамешавад, чунон ки набишта аз қалам ёфта ҳамешавад. Ва ҳамчунон ки хирадмандон ҳар чи ки набишта аз қалам ҳаме падид ояд, донистаанд, ки мар қаламро андар он чи ҳаменависад, ҷуз фармонбардори чизе нест. Ва он навишта мояи нафси дабир аст, низ донистаанд, ки мавҷудот, ки аз Ақл ҳаме будиш пазирад, мар Ақлро андар он ҷуз фармонбардори чизе нест. Ва фармони Бори, субҳонаҳу, аст, ки дур аст аз сифоти ақл ва он чи фуруд аз ӯ аст. Ва мар нафсро ба «лавҳ» аз он масал заданд,

ки «хат» аз «қалам» бар «лавҳ» падид ояд. Ва то «лавҳ» набошад, қуввате, ки аз нафси нависанда ба қалам расад, ба сурат пайдо нашавад. Ҳамчунин фоидаҳои Ақл ҷуз ба пазируфтани Нафс мар онро андар ду олам пайдо нашуд. Ва нафсҳои ҷузъи аз мардум бар дурустии ин ҳол гувоҳи ҳамедиҳад, аз баҳри он ки ақл андар олам ёфта нашавад, магар ба нафси мардуме, ки онро пазируфта бошад ва суханҳои ақл аз нафси сухангӯй ёфта шавад. Ва санъатҳо, ки асари ақл андар он пайдо бошад, мардум тавонад кардан, ки ӯ нафси ҷузъи аст.

Пас, дуруст шуд, ки «лавҳ» Нафси кулли аст ва пайдо шуд, ки осмони олами улви Ақл аст ва замини олами улви Нафс аст. Пас, аз он «панҷ ҳад», ки Расул, алайҳиссалом, гуфт «эшон миёни ману миёни Худой миёнҷиянд», ду «ҳад»-ро « сифат» гуфта омад баробари ду рукн аз олами ҷисмони. Ва се ҳа(д)д аз он бимонад баробари се зоиш, ки аз олам ба ҳосил омадааст. Ва он Исрофил аст ва Микоил ва Ҷабраил баробари се зоиши олами ҷисмони, ки он маодин аст ва набот ва ҳайвон. Пас, гӯем, ки ҳамчунон ки аз зоиши олами ҷисмони нахуст маодин ба ҳосил омад ва пас аз ӯ набот ва паси ӯ ҳайвон, лозим ояд, ки аз он ду асли азим нахустин «ҷид» будааст ва паси ӯ «фатҳ» ва паси ӯ «хаёл». Пас, «ҷид» андар олами рӯҳони баробар аст бо маодин андар олами ҷисмони. Ва «фатҳ» андар олами рӯҳони баробар аст бо набот андар олами ҷисмони. Ва «хаёл» андар олами рӯҳони баробар аст бо ҳайвон андар олами ҷисмони. Ва ҳар яке аз ин се зоиши олами ҷисмони ба ду қисмат шавад, чунон ки маодин ба ду қисмат аст: ё гавҳарҳои гудохтани аст, ё ногудохтани. Ва набот низ ба ду қисмат аст: ё борвар аст, ё бебар аст. Ва ҳайвон низ ба ду қисмат аст: ё нотиқ аст, ё ғайринотиқ. Ин ҳол далел аст, ки ҳар яке аз ин се ҳадди рӯҳониро монанда аст ба гавҳари ногудохтани, ки ҳамеша бар ҳоли хеш аст. Ва олами ҷисмони монанда аст ба гавҳари гудохтани, ки ҳоли ӯ гарданда аст ва бар як ҳол нест. Ва олами рӯҳони монанда аст ба наботи борвар аз он чи фоидаҳое боқи андар ӯ ҳосил ҳамеояд. Ва олами ҷисмони монанда аст ба наботи бебар, ки аз ӯ ҳеч фоида ба ҳосил наёяд. Ва олами рӯҳони монанда аст ба ҷонвари сухангӯй, аз он чи мояи ӯ амри Худой аст бад-он чи иборат кунанд аз ӯ ба «калима» ва ба «кун». Олами ҷисмони монанда аст ба ҳайвони суханногӯй, бад-он чи рағбати сутурон ва касоне, ки ба сутурон монанд андар ӯ аст.

Ва асари ҳар ҳадде аз ин се ҳадди рӯҳони андар олами улви он аст, ки фоида бипазиранд аз он ҳад, ки бартар аз ӯ аст. Ва асари ӯ андар олами ҷисмони он аст, ки он фоидаро бирасонад бад-он ҳад, ки фурӯд аз ӯ аст. Чунон ки гӯем, «ҷидди қуввват» амрро бипазирад аз нафс ва мар онро ба фурӯд аз хештан бирасонад ба «фатҳ». Ва «фатҳ» мар онро аз «ҷид)» бипазирад ва ба фурӯд аз хештан бирасонад ба «хаёл». Ва «хаёл» мар онро аз «фатҳ» бипазирад ва ба фурӯд аз хештан бирасонад ба «нотиқ». Ва «нотиқ» андар олами ҷисмони ҳамон манзалат дорад, ки Ақл андар олами рӯҳони дорад.

Пас, «нотиқ» мар он фоидаро, ки аз «хаёл» бипазирад, ки бартар аз ӯ аст, ба васи расонад, ки фурӯд аз ӯ аст. Бар мисоли пазируфтани Ақл аз амр ва расонидан ба Нафси кулли ва мар «васи»-ро андар олами улви мартабаи нафс аст.

Пас, «васи» он фоидаро, ки аз «нотиқ» бипазирад, ки бартар аз ӯ аст, ба «имом» расонад, ки фурӯтар аз ӯ аст. Бар мисоли пазируфтани нафс аз ақл ва расонидан ба «ҷид» ва мар имомро андар олами ҷисмони ҳамон манзалат аст, ки «ҷид»-ро андар олами рӯҳони аст.

Пас, «имом» он фоидаро, ки аз «васи» пазируфтааст, ки бартар аз ӯ аст, ба «боби» хеш расонад, ки фурӯтар аз ӯ аст. Бар мисоли пазируфтани «ҷид» аз Нафси кулли ва расонидан ба «фатҳ». Ва мар боби имомро андар олами ҷисмони ҳамон манзалат аст, ки мар фатҳро андар олами улви аст.

Пас, «боб» мар он фоидаро, ки аз «имом» бипазирад, ки бартар аз ӯ аст, ба «ҳуҷҷат» расонад, ки фурӯтар аз ӯ аст бар мисоли пазируфтани фатҳ аз ҷид ва расонидан ба хаёл.

Пас, ҳуҷҷатро андар олами ҷисмони ҳамон манзалат аст, ки мар хаёлро андар олами рӯҳони аст. Ва мар таъйидро аз «ҳуҷҷат» гузар нест ва фурӯд аз ӯ пазирандагон мар фармонро ба шарҳ тавонанд пазируфтан, на ба рамз. Ва Расули мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, мар ин ҳудуди ҷисмониро ба ёри кард баробари ҳудуди рӯҳони, то хирадмандон ба далолати ҳудуди ҷисмони мар ҳудуди рӯҳониро бишиносанд ва ҳар касе бар ҳадди хеш биистад. Ва гувоҳи диҳад бар дурустии ин даъво гуфтори Расули мустафо, ки гуфт:

أخذت من الخمس و أعطيت إلى الخمس

*Гуфт: «Биситадам аз панҷ ва бидодам ба панҷ».*

Ва олами ҷисмони як чашм задан холи нест ва набудаст аз як тан, ки таъйид аз олами улви бад-ӯ пайваста бошад, то халқ ва олам бад-он таъйид поянлаги ёбанд. Ва он кас ё паёмбар бошад андар замони хеш, ё васии ӯ бошад андар асри хеш, ё имом бошад аз фарзандони ӯ андар рӯзгори хеш ва расонандаи таъйид аз амри Бори, субҳонаҳу, ба пайғомбари «ҷид» аст. Ва расонандаи таъйид ба васии расул андар асри ӯ «фатҳ» аст ва расонандаи таъйид ба имоми замона андар рӯзгори ӯ «хаёл» аст. Ва ҷуз ин се тан андар олами ҷисмони касе аз олами улви таъйид напазирад. Ва гувоҳ бар дурустии ин даъво аз олам он аст, ки рӯшнои андар олам аз се асл аст: яке аз Офтоб, ки ӯ ҳам гарм аст ва ҳам равшан ва ҳам боқи ва ӯ бар мисоли «ҷид» аст, ки фоида аз Нафси кулли пазирад, ки «асл» аст, на «фаръ» ва чун бигузорад, мар онро ба «фатҳ» гузорад, ки «фаръ» аст, на «асл». Ва дигар рӯшнои андар олам аз Моҳ ва ситорагон аст, ки эшонро рӯшнои ҳаст ва баҳо ҳаст ва гарми нест. Ва он бар мисоли «фатҳ» аст, ки фоида аз «ҷид» пазирад ва чун бигузорад, ба фаръ гузорад, ки «хаёл» аст. Се дигар рӯшнои андар олам аз оташ аст, ки ӯро равшани ва гарми ҳаст ва баҳо нест. Ва ӯ бар мисоли «хаёл» аст, ки фоида аз фаръи рӯҳони пазирад ва чун бигузорад, ба асли ҷисмони гузорад, ки «нотиқ» аст.

Пас, ҳамчунон ки равшани андар олами ҷисмони аз ин се худованди нур аст - яке Меҳр ва дигар Моҳ ва ситорагон ва се дигар оташ ва мар ҳар якро ҳоли дигар аст, - рӯшнои андар олами дин аз ин се худованди нури рӯҳони аст: яке «ҷид» ва дигар «фатҳ» ва се дигар «хаёл» ва ҳар якеро ҳоли дигар аст андар пазируфтани амр ва гузоридани он, чунон ки шарҳи он гуфтем. Ва гувоҳ аз нафси мардум, ки ӯ тамомтари зоиши олами ҷисмони аст, он аст бар исботи ин се фаръи рӯҳони, ки нафси мардум бо ақл ҷуфт аст. Ва феълҳои эшон аз ин ҷасад пайдо ҳамеояд, се қувват дорад, ки ҳар яке аз он истодаанд ба тамом шудани ду сурати мардум: яке сурати ҷисмони ва дигар сурати рӯҳони. Ва он се қувват, ки мар нафси мардумро аст, яке аз «қуввати таъйид» аст, ки баробари «ҷид» аст ва дигар аз ӯ «қуввати шаҳвони» аст, ки баробари «фатҳ» аст ва се дигар «қуввати нотиқа» аст, ки баробари «хаёл» аст. Муқобила кардем мар олами кеҳинро, ки мардум аст бо олами рӯҳони. Ва чун мар олами динро бо нафсҳо баробар кунем, гӯем, ки нотиқ баробар аст бо «нафси номия» аз мардум ва асоси ӯ баробар аст бо «нафси шаҳвони» аз мардум. Ва имом баробар аст бо «нафси нотиқа» аз мардум, аз баҳри он ки «нафси номия» оғоз аст аз будиши ҷасади мардум, ки аз ҳад ба тифли ҳамеболад, бар мисоли набот, ҳамчунон ки ба нотиқ оғози олами дин аст ва аз ӯ падид ояд болиши дин ва «нафси шаҳвони» миёна аст мар будиши мардумро, ки таом ва шаробро ҷустан гирад ва беҳтар аз он гузидан гирад. Ҳамчунон ки асоси таъвили ҳақ мар нафси хирадмандонро ҳарис гардонад бар ҷустани ғизои нафсони ва мардумон бад-ӯ ҳарис шаванд бар ҷудо кардани ҳақ аз ботил.

Ва «нафси нотиқа» охир аст аз мардум, ки чун ӯ падид омад, мардум тамом шуд андар будиш ва иборат бад-ин нафс чизеро, ки худ донад. Ҳамчунон ки имом охири муайидон аст ва ӯ аст, ки мардум аз ӯ аз фано ба бақо расад ва мар масалҳо ва рамзҳои нотиқро ба ҳақ иборат тавонад кардан ба шинохти имом. Ва ҳамчунон ки «нафси нотиқа» аз ҳама нафсҳо шарифтар аст, имомро манзалат аз ҳама манзалатҳо бартар аст. Ва гувоҳ бар дурустии ин қавл он аст, ки манзалати имом манзалати худованди қиёмат аст, алайҳимуссалом. Ҳамаи нотиқон халқро даъват сӯи ӯ карданд ва аз шараф ва манзалати имомат буд, ки Худой таъоло гуфт: «Рӯзи қиёмат ҳар гурӯҳеро ба имоми эшон хонем», қавлуҳу таъоло:

يَوْمَ نَدْعُو كُلَّ أُنَاسٍ بِإِمَامِهِمْ

*Гуфт: «Он рӯз ки бихонем ҳар гурӯҳеро ба имоми эшон» (17-71).*

Ва нагуфт, ки «бихонем ба расули эшон». Шарҳ, кардем суханро андар исботи се фаръи рӯҳони, ки бақои олами ҷисмони ва имörати олами дин ба миёнҷии эшон аст бад-он андоза, ки мустаҷиби роҳдонро бад-он бедори афзояд.

## Сафи шасту ҳаштум
## СУХАН АНДАР ОН ЧИ АЗ Ӯ ТАВАҲҲУМ НАТАВОН КАРД

Амри Бори, субҳонаҳу, андар таваҳҳум наёяд ва андеша андар ӯ нарасад ба ҳеч рӯй аз рӯйҳо ва мар амрро, «ваҳдат» гуфтанд ва ваҳдат, яке бошад, воҳид аз ваҳдат воҳид шавад. Чунон ки гӯем, яки бибояд, то яке аз ӯ яки бошад, ҳамедонем, ки аз яке падид омад ва яки ҳаст, валекин мар ӯро ҷуз андар яки исбот нест. Ҳамчунон ки ҳамедонем, ки чашмаи Меҳри ҷаҳонтоб аз нури ӯ ҷаҳон равшан шудааст ва нур андар ӯ қарор дорад, валекин нурро надонем, ки он ҳол ки дорад, аз чи дорад? Ва агар гӯем, ки нур чун аз чашмаи Меҳр ҷудо шавад, чи гуна бошад, ваҳм онро битавонад пазируфтан, аз баҳри он ки агар андеша кунад, ки нур чун аз Меҳр ҷудо шавад, чизе бошад камтар аз чашмаи Меҳр, ё бузургтар аз ӯ ва он худ ҳам чашмаи Меҳр бошад ва на муҷарради нур бошад ва нури муҷаррадро ваҳм напазирад. Ва низ чашмаи Меҳрро бе нур ваҳм напазирад. Ва агар касе гӯяд, ки чашмаи Меҳр чун нур аз ӯ ҷудо шавад, сиёҳ бошад, ин на раво бошад, аз баҳри он ки раво набошад, ки нур имрӯз андар торики қарор гирифта бошад. Ва агар чашмаи Офтоб торик буди бе нур, пас, нур андар торики қарор гирифта буди. Ва ин муҳол буди.

Пас, дуруст шуд, ки мар нурро бе чашмаи Меҳр исбот нест ва ҳамчунон мар чашмаи Меҳрро бе нур исбот нест. Ва ҳамчунин гӯем, ки амри Бориро, субҳонаҳу, ки ба Ақл муттаҳид шудааст, чун муттаҳид шудани нур ба Офтоби чашма ба муҷарради ваҳм андар наёяд.

**Муораза**

Агар касе гӯяд, ки чашмаи Офтоб бе нур чунон бошад, ки мо ҳамебинем, Шамс ба вақти кусуф, яъне ба вақти гирифтани Офтоб ҳамебинемаш, чун нур аз ӯ ҷудо шавад, ҷирми ӯ сиёҳ намояд.

**Ҷавоб**

Ӯро гӯем, он ки ту ҳамебини ба вақти Офтоб гирифтан он қурси сиёҳ, он на ҷирми Офтоб аст бе нур, балки он ҷирми Моҳ аст, ки баробар шудааст бо қурси Меҳр ва боз доштааст мар рӯшнони Офтоброро аз Замин. Ва Меҳри чашма аз ӯ дур аст, ки ӯ ба осмони чаҳорум аст. Ва қурси Моҳ ба осмони нахустин аст. Ва Офтоб бад-он вақт, ки мо мар ӯро гирифта бинем, ба ҳоли хеш равшани аст бар фалаки хеш. Ва он тира, ки ҳамебинем, ҷирми Моҳ аст ва ҷирми Моҳ шаффоф нест, аъни ки равшани аз ӯ берун нагузарад, балки чун оинае аст, ки аз оҳан бошад, ки чун Офтоб ба рӯи оина андартобад, акс аз ӯ равшан бозҷаҳад ва чун бар пушти оина

тобад, равшании Офтоб сӯи рӯи оина берун натобад. Ва агар ҷирми Моҳ шаффоф буди, чунон ки нур аз ӯ бигузашти, Моҳ ҳаргиз нуқсон напазируфти. Ва агар ҷирми Моҳ ба нур зиёдат ва нуқсон напазируфти, ҳоли олам гарданда набуди ва ҳеч чизи хом аз меваҳо пухта нашуди ва ҳеч норасида нарасиди. Ва Меҳрро кусуф шуди ва бисёр ҳикмат, ки андар зиёдат ва нуқсони нури Моҳ бастааст, ботил шуди. Валекин, чун ҷирми Моҳ чунон нест, ки нур аз ӯ бигузарад, чун Меҳр аз ӯ бар гӯшае битобад, он гӯша аз ӯ нур пазирад ва мо ба замин мар он гӯшаро бубинем бар мисоли порае аз доира. Ва ҳарчанд Офтоб рӯ бо рӯйтар шавад, равшании ӯ мо бештар бинем, то ба муқобала бирасад, ки ҳама қурси Моҳ ба равшании офтоб аз ҷониби замин ба нур ороста шавад. Аммо бибояд донистан, ки ҳамеша як рӯи Моҳ аз Офтоб тамом равшан аст, валекин тобиши он равшани ба ҳама вақт сӯи Замин нест. Ва касоне, ки дар ин олам даст доранд, бидонанд ҳақиқати он чи мо донистем, гуфтем дар ин маъни ва андар ин шарҳ, ки бикардем, ҷавоби Булҳайсами Гургони* гуфта шуд, ки ӯ андар «Қасидаи суолот»-и хеш ин суол бикунад.

Ва акнун ба шарҳи сухани хеш боз шавем, гӯем, ки мар амри Бори, субҳонаҳу, ба ҳақиқати Ақли кулли шиносад, ки бад-ӯ пайвастааст, пайвастани нур ба Офтоб ва ваҳмҳоро сӯи амр, **ки ӯ чизе нест, роҳе нест**. Ва Ақл, ки нахуст чиз аст, мояи ваҳмҳо аст ва аз ӯ ба нафсҳои ҷузъи асар пайвастааст. Ва мо низ ҳувияти ақлро бад-он таъсир донем, ки аз ӯ ба мо пайвастааст ба раҳнамои ноибони ӯ - паёмбарон, алайҳимуссалом. Ва нашояд, ки гӯем «мо ақлро андарёфтаем», ки агар чунин гӯем, гуфта бошем, ки «мо бар ақл муҳитем», балки гӯем - «ақл андар монандаи мо аст зоти хеш». Ва дигар чизҳоро, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

لا تُدْرِكُهُ الأَبْصَارُ وَهُوَ يُدْرِكُ الأَبْصَارَ وَهُوَ اللَّطِيفُ الْخَبِيرُ

*Фармуд, ки: «Андарнаёбад мар Ӯро дидорҳо ва Ӯ андарёбад мар дидорҳоро ва Ӯ ҷузъҳо надорад ва хабар ёфтааст» (6-103).*

Пас, гӯем, ки Ақл андар мо асар кард, то бад-он асар, ки аз ӯ ёфтем, мар ӯро бишинохтем. Ва шинохтани мо мар ӯро далел аст бар асар кардани ӯ дар мо аз баҳри он ки чун мо мар ӯро бидонистем, ҳоли мо дигар шуд, аз он чи буд. Азеро ки нодон, ки доно шавад, чунон бошад, ки мурда зинда шавад ва бузургҳолгаштае бошад, мурда зинда шудан. Ва Ақли кулли ба дарёфтани мо мар ӯро дигар ҳоле напазируфт, балки ӯ бар ҳоли хеш буд. Ва далели ин андар «Маҳсусот» мавҷуд аст. Чун мо андар чизе дидани бинигарем, сурати он чиз андар чашми мо асар кунад, то нафси мо мар онро аз паси он пардаи нек андар бубинад. Пас, он чизи дидани бар ҳоли хеш бошад ва асари ӯ андар чашми мо афтад, то ҳоли чашми мо дигар шавад, бад-он чи андар ӯ сурате пайдо ояд, ки пеш аз он сурат андар ӯ набуд.

Пас, дуруст шуд, ки маҳсус ҳаме андар ҳис асар кунад, на ҳис андар маҳсус, чи маҳсус бар ҳоли хеш аст ва ҳосро ҳаме ҳол бигардад ба дидани чизе, ки надидааст. Пас, гӯем, ки ақли ҷузъи андар мо асар аст аз Ақли кулли ва нутқ, аъни сухан гуфтан андар мо асар аст аз Нафси кулли. Ва мо ба асари Нафс, ки ба мо расид, мар ӯро бишинохтем ва андар натавонистемаш ёфтан, чунон ки ӯ аст. Ва далел бар он ки «тамйизи мо асар аст аз Ақл ва нутқи мо асар аст аз Нафс», он аст, ки нахуст мо мар чизеро ба ақл биёбем, он вақт мар ӯро ба нутқ берун тавонем додан. Пас, гӯем, ки ваҳми мо колбуд аст мар илми илоҳиро ва илм рӯҳи он колбуд аст. Ва хаёл бастани мо мар маъниро аз маъниҳои колбуд аст мар ваҳми моро. Ва боз андешаи мо колбуд аст мар он хаёлро ва боз ҳифзи мо, аъни ёд гирифтани колбад аст мар андешаро ва боз тамйиз, аъни ҷудо кардани бад аз нек колбуд аст мар ҳифзро ва боз нутқ, аъни гуфтор колбуд аст мар тамйизро ва боз

---

* Ҷавоби 91-уми суоли мундариҷ дар «Қасида»-и Абулҳайсам дар поёни «Девон»-и Носири Хусрав чоп шудааст.

ҳис колбуд аст мар нутқро ва боз табъ колбуд аст мар ҳисро. Ва ҷумлаги ин ҳама колбудҳо равшан шудааст андар ин ҳайкали офаринанда, ки ҷасад аст. Ва ҳамчунин Ақли кулли колбуд аст мар амри Бориро ва амри Бори рӯҳи Ақл аст ва дигар ҳудуди улви ва суфли ҳар яке колбуд аст мар он ҳаддро, ки аз ӯ бартар аст. Ва ҳама ҷумла нур ёфтаанд ба калимаи «Бори, субҳонаҳу» ва ҳол андар таркиби олам ҳамин аст, аз он чи ҳаво гирд гирифтааст мар заминро ва обро. Ва оташ гирд гирифтааст мар ҳаворо ва фалаки нахустин гирд гирифтааст мар оташро ва дигар фалакҳо мар якдигарро ҷисмҳо гаштанд. Ва Нафси кулли гирд гирифтааст мар оламро бо он чи андар ӯ аст ба гирд гирифтани қудрат, на ҷисми ва берун аз ин ҷисми кулли чиз нест.

**Сафи шасту нуҳум**

## СУХАН АНДАР ШАРҲИ «КУН», КИ АМРИ ХУДОЙ АСТ

Маънии он ки Худой таъоло амри Хешро ба ду ҳарф боз баст ва мар онро «кун» хонд, ба ду қисмат шавад: яке аз ӯ он аст, ки мумкин нест падид омадани чизе аз мавҷудоти рӯҳони ва ҷисмони, магар аз миёни ҷуфте ё латиф, ё касиф. Ва будиши ҳама ҷуфтро иллат амри Бори аст, субҳонаҳу. Пас, иборат карданд амри Бориро ба ду ҳарф, то бидонанд, ки аз он иллат падид омад ҷуфтҳо ҳама ва мар он иллатро нашояд иборат кардан, магар аз ҷиҳати ин ду ҳарф, ки ҷуфти андар ин ду ҳарф пайдо аст ва ҳеч чиз нест аз мавҷудот, ки на ҷуфтие андар ӯ пайдо аст, аз баҳри он ки амр иллати ҳама чизҳо аст. Ва чун ҳол чунин бувад, ин ду ҳарф, ки аз амр ба ду иборат карданд, гувоҳи дод ба ҷуфтии хеш, ки ҳама офаридагон ҷуфтанд. Ҳамчунон ки «коф» бо «нун» ҷамъ аст ва пойдори ҳама ҷуфтҳо ба амри Худой аст. Ва дигар маъни он аст андар «кун», ки «коф» ба ҳисоби ҷумал бист бувад ва «нун» панҷоҳ бошад. Ва ҷумлаи ҳар ду ҳафтод бошад ва ҳафтод ҳафт бор даҳ бошад. Ва маънияш он аст, ки амри Мубдеъи ҳақ, ки онро «иродат» хонанд, аъни хости Худой он бувад, ки пайдо шавад ҳафт ҳарфи улви, ки бад-он падид омад суратҳои рӯҳони. Ва хост, ки пайдо шавад ҳафт ситораи ҷирмони, ки бад-эшон падид ояд суратҳои ҷисмони ва хост, ки пайдо шавад андар олами қавоим пайғомбарони ҳафтгона аз баҳри сиёсати номуси мар ҳар ду сурати ҷисмони ва рӯҳониро андар бадани мардум. Ва миёни «коф» ва «нун» аз ҳуруфи мӯъҷам ду ҳарф аст: ва он «лом» асту «мим». Ва чун мар ин ду ҳарфро ба ҳам ори «лам» бошад ва он «чаро» бошад ва «чаро» бозҷустан бошад, яъне ки он чи аз ӯ боз тавон ҷустан миёни «коф» ва «нун» аст, ки ӯ амри Эзид аст. Ва низ раво бувад, ки гӯем: «коф» ва «нун», ки аввал падид ояд, масал аст бар ду асли латиф. Ва «лом» ва «мим», ки аз миёни эшон падид ояд, масал аст бар ду асли касиф. Ва низ пеш аз «коф» аз ҳуруфи мӯъҷам «ё» бувад ва аз паси «нун» «син» бувад ва ин ду низ ҳафтод бошад. Далел аст бар ҳафт имом, ки сиёсат ва қаввоми даъвати ҳақ бад-эшон аст. Ва ба чаҳор асл, ки ёд кардем ва ишорати қавли Эзид бад-эшон аст, ки ҳамегӯяд, қавлуҳу:

يس وَالْقُرْآنِ الْحَكِيمِ

*«Савганд аст аз Худой таъоло бад-ин ду ҳарф, ки далел аст бар ҳафт имом ва ба Қуръони пурҳикмат, ки далел аст бар худовандони таъвили Қуръон» (36-1,2).*

Ва аз ҷиҳати ниҳоди ҳуруфи «алиф, бо, то, со» (а, б, т, с,) пеш аз «коф» «қоф» аст ва пас аз «нун» «вов» аст. Ва «қоф» сад бошад ва «вов» шаш ва ин ҳар ду бар як ақд бошад. Ва ин ҳол далел аст, бар он ки аз паси имомони ҳафтгона халифатони қоим, ки нафхи сувари рӯҳони бад-эшон бошад, низ ҳафт бошад. Пас аз ин ду ҳарфи «кун» «коф» мутаҳаррик аст ва «нун» сокин далел аст бар он ки ниҳояти ибдоъи Мубдеъи ҳақ аз ҷиҳати ду асли рӯҳони ба ҳаюло ва сурат расад,

ки яке аз ӯ мутаҳаррик аст ва дигар сокин. Ва аз ҷиҳати шахсҳои табии андар олами ҷисмони ба «асосайн» расад, ки яке худованди таълиф, чун мутаҳаррик, ки гуфтори ӯ гуногун аст ва он нотиқ аст ва дигар худованди таъвил аст, чун сокин, ки маънии ӯ яки аст ва он асос аст.

Ва ҳуруфи «коф» се аст: «коф ва алиф ва фо». Ва ҳуруфи «нун» се аст: «нун ва вов ва нун», ҷумла шаш бошад, яъне, ки корҳои рӯҳониён ва ҷисмониён бар шаш ҳад раванда аст, чун ду асли рӯҳони ва ду асли ҷисмони ва ду фаръи эшон имом ва ҳуҷҷат.

## Сафи ҳафтодум
## СУХАН АНДАР ИЛЛАТИ БАҚОИИ ОЛАМ

Агар касе пурсад, ки пойдории олам ба чи аст, ҷавоби ӯ он аст, ки гӯи: «Пойдории чизҳо ба иллат бошад ва иллати чиз он бошад, ки чун ӯро баргири, маълули ӯ бархезад, чунон ки Офтоб иллати рӯз аст, агар Офтобро баргири, рӯз бархезад. Пас, гӯем, ки пойдории олам ба ҳаракат ва сукун аст, аъни ки ҷунбишу ором, аз баҳри он ки аз олам осмонҳо ҷунбон аст ва замин оромида* аст ва зоиши олам ҳама аз ин ду чиз падид омадааст, ки сифати яке мутаҳаррик аст ва сифати дигар сокин. Ва агар ҳаракату сукунро ба ваҳм баргири, олам ба бар хостани эшон бархезад, аз баҳри он ки мутаҳаррику сокин пазиро бошанд мар ҳаракат ва сукунро. Ва пазироии ин ду сифат осмон аст ва замин ва он чи андар ин ду миён аст. Ва чун сифат набошад, ки он ҳаракат ва сукун аст, сифатпазир набошад, ки он мутаҳаррик ва сокин аст. Ва чун ба бархостани ҳаракату сукун ҳама олам бархезад, дуруст шуд, ки пойдории олам ба ҳаракату сукун аст. Ва низ мардумро «олами сағир» хонанд, яъне «ҷаҳони кеҳин» ва мардум ба андомҳои хеш ҳаме андар ин ду ҳол баста шудааст, чунон ки аз андомҳои мардум баҳре ҷунбон аст, чун дастҳо ва пойҳо ва чашмҳо ва рагҳо ва баҳре орамида аст, чун миёнаи сару гӯш ва бини ва ҷуз он. Ва пояндагии мардум аз роҳи табиат андар ин олам бад-ин андомҳо аст, ки бар ҳаракату сукун аст. Ва чун пойдории мардум, ки «олами сағир» аст, ба ҳаракату сукун аст, пойдории «олами кабир» ҳам бад-ин бошад. Ва ҳол андар дигар зоишҳои олам, чун наботу ҳайвон ва ҷуз он ҳамин аст, ки ёд карда шуд.

## Сафи ҳафтоду якум
## СУХАН АНДАР ОН КИ АҚЛРО ҶУНБИШ НЕСТ

Ҳар ҷунбандаеро ҷунбиш аст ва андар оғози ақлҳо собит аст, ки ҷунбиш пеш аз ҷунбанда бошад. Ва агар ақл мутаҳаррик буди, ҳаракат пеш аз ӯ буди ва агар пеш аз ақл чизе буди, варо номи собиқе воҷиб наёмади. Пас, дуруст шуд, ки ақл мутаҳаррик нест, балки сокин аст ва низ ҳар мутаҳаррикеро ҳаракат аз баҳри чизи дигар бошад, ки он чиз сокин бошад ва бар он мутаҳаррик пеши дорад, ё он мутаҳаррик ба афзуни расидан ба ороми он сокин биҷунбад. Ва бар ақл чизе пеши надорад, на ваҳме ва на ҳиссе, ки андар ҷавҳари ақл ҳаракат омади ба орзуи сукуни он чиз, ки пеш аз ӯ буд. Пас, дуруст шуд, ки ақл мутаҳаррик нест ва сокин аст. Ва ба сукун ақл андар таъйиди ҳар мутаҳаррики табии ва рӯҳони. Ва дигар ҳаракат мар чизҳоро ба ду сабаб бошад: ё аз баҳри ҷустани чизеро бошад, ки он мар ӯро нест, ё аз баҳри ҷустани ҷойгоҳи хеш бошад, ки ӯ аз он ҷойгоҳ бияфтода бошад. Ва ақл ҳоҷатманд нест, ки ҳаракат кунад аз баҳри чизе аз чизҳо, ки ӯро нест, ки ҳама чизе худи ӯ аст ва он аст, ки Худой таъоло мегӯяд, қавлуҳу:

وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

* Тибқи ҳайати Батлимус заминро сокин медонистааст.

*Ҳамегӯяд, ки: «Ӯ бар ҳама чизе подшоҳ аст» (67-1).*

Ва низ мар ақлро завол нест аз манзалати хеш, то аз баҳри бозёфтани хеш биҷунбад, аз баҳри он ки ҳама маконҳо ва манзалатҳо мар ақлро аст. Ва масали ӯ ба ҳама ҷойҳо рост бошад. Таваҳҳум кардан, ки ӯ маконеро ҳаме талаб кунад, муҳол аст.

Ва низ ҳаракат мутаҳаррик ба ду сабаб бошад: ё талаби тамомиро бошад, ки ӯро набошад, ё аз баҳри нигоҳ доштани тамомии хешро бошад, ки тарсад, ки аз ӯ бишавад ва ин ҳар ду ҳол аз ақл дур аст, азеро ки ақл ба ғояти тамом аст ва афзунии ӯ аз тамомии ӯ тамоми нест. Ва Эзиди таъоло ӯро эмин кардааст, аз он ки шараф аз ӯ бисинонад. Пас, ақл мутаҳаррик нест ва сокин аст.

### *Муораза*

Агар касе гӯяд, ки ақлро ҳаракат аз баҳри он аст, то Мубдеъи хешро, субҳонаҳу, андарёбад ва ҳоҷатманд аст сӯи андар расидани Мубдеъи ҳақ ва муҳит шудан бар ҷалоли Ӯ. Ва чун пайдо шуд, ки ӯ ҳоҷатманд аст, пайдо шуд, ки ӯ мутаҳаррик аст.

### *Ҷавоб*

Ӯро гӯем, ки агар Ақли кулли таваҳҳум карди ба андарёфтан мар Мубдеъи ҳақро ва он то мумкин аст, худ на Ақл буди аз баҳри он ки Ақл воҷиб гардонд бар оқил кӯтоҳ кардани тамаъ аз расидан андар Мубдеъи ҳақ, аз баҳри он ки амри Бори, субҳонаҳу, асар аст аз Бори, субҳонаҳу, ва асарро андар расидан нест ба муассири хеш. Ва ин қазият андар Ақл собит аст. Ва Ақл мухолиф нашавад мар чизеро, ки андар ҷавҳари ӯ собит аст. Пас, таваҳҳум накунад муҳит шудан бар он ки Ақлро ба асари хеш офаридааст.

## Сафи ҳафтоду дувум

## СУХАН АНДАР ИСБОТИ ҶОНИ НАФСИ НОТИҚА

Зиндагонии нафси нотиқа андар шинохти тавҳид аст бе ташбеҳу таътил ва сурати ӯ бар гунаи сурати олами улви аст. Ва нафси нотиқа чун ба сурат ҳамчун олами улви шавад ва ҳам гавҳари он олам гардад ва он шинохтани ҳуруфи улви ва ҳудуди ҷисмони бошад ва мутобеъ шудан мар эшонро ва вилоят доштан мар ҳар якеро бар андозаи ҳуқуқмандии ӯ на бештар ва на камтар. Ва далел бар дурустии ин даъво аз иёри олам он аст, ки афлок гардон аст бар нутфаҳои халқ, ки ҳар яке аз он мардуме аст андар ҳадди қувват, то бад-он гаштан қувватҳои хешро бад-он нутфаҳо расонанд. Ва сурат аз ӯ падид орад ва ҷунбонадаш, то берун орадаш бар сурати хеш. Ҳамчунин «таъйид» аз ҳудуди улви ва «таълим» аз ҳудуди суфли бигузарад бар нафсҳои нотиқа, ки он фариштагонанд андар ҳадди қувват, то бад-он «таъйид» ва «таълим» мар он нафсҳоро биҷунбонанд, ҷунбондании илми, то берун оранд ҳисс бар сурати хеш ва чун нафси нотиқа ба сурати рӯҳониён гашт, ба наъими охирати расид, ҳамчунон ки нутфа ба сурати ин олам гашт, ба наими дунёи расид. Ва оддати афлок андар нутфаҳои ҷисмони он аст, ки ӯро ба сурати хеш берун орад ва ҷунбанда гардонад ва боз чандон ба гирди ӯ бигардад, то пас аз он ҷунбиш ба марге биёромад. Пас, ҳамчунин аст одати ҳудуди Худой андар

нафсҳои нотиқа, ки он нутфаҳои рӯҳони аст, ки ба гирди ӯ бигардад, то зинда кунадаш ба маърифати тавҳид ва мурда гардонадаш аз шаҳавот.

### Сафи ҳафтоду сеюм
## СУХАН АНДАР ИСБОТИ АҚЛИ МУҶАРРАД

Бибояд шинохтан, ки ҳар чизе, ки ӯ ба зоти хеш тамом бошад, шарифтар аз он чиз бошад, ки истодани ӯ ба чизи дигар бошад. Пас, агар касе гумон барад, ки исботи ақл бад-ин шахсҳо аст, аъни колбудҳои мардум, ки феъли ақл аз ӯ ҳаме пайдо шавад, пас, он кас гумон бурда бошад, ки шахси мардум фозилтар аз ақл бе ҷасад истодааст ба зоти хеш. Ва агар на чунин буди ва ақл бо ҷасад анбоз буди андар муҳит шудан бар чизҳо, боисти ки ҷасад бар зоти хеш муҳит шуди, чунон ки ақл бар ӯ муҳит шудаст. Ва агар ақлро омезиш буди бо ҷасад, боисти, ки ҷасадро бо ақл ҳамҷинси буди. Ва чун ҷасад фосид аст ва ақл боқи аст ва ҷасад муҳот аст ва ақл муҳит аст, раво набошад, ки бо ин мухолифат, ки миёни эшон аст, бо якдигар биёмезанд. Ва чун пайдо шуд, ки ақлро бо ҷасад омезиш воҷиб нест, пайдо шуд, ки ақли муҷаррад собит аст ва чи гуна омезад ақл бо ҷасад ва андар ҳар ҷузъе аз ҷузъҳои ҷасад ақлро подшоҳи аст, ки мар ӯро сурат кунад ва шакли ӯро аз бари хеш дорад ва андар ӯ мисол ва ишорат таваҳҳум кунад ва мар шахсро ақл аз он ҳол, ки бошад, ба ҳоли дигар тасвир натавонад кардан. Ва низ он чиз, ки бо чизи дигар биёмезад, миёни қуввату феъл бошад. Ва феъли ӯ бар он гуна бошад, ки тавонад, ки дигар бор биёмезад ва аз ақл чизҳо ба феъл бошад на ба қувват, чи ӯ гавҳари нахуст аст, ки аз ӯ падид омад авоили ақли. Ва агар дар ақл қуввате буди ҷуз аз феъл, ба феъл боз наёфтанди он чизҳоро, ки андар қувват аст ва ботил шуди бурҳонҳо ва қиёсҳо, аз баҳри он ки он чи андар ҳадди қувват бошад, гарданда бошад аз ҳол ба ҳол. Ва он чи аз ҳол ба ҳол гарданда бошад, мар ӯро ба чизе ёбанд, ки аз ҳол ба ҳол нагардад. Ва он чи гардандаро бад-ӯ ёбанд, ақл аст, ки ӯ аз ҳол ба ҳол гарданда нест ва чизе, ки аз ҳол ба ҳол нагардад, ӯ ба феъл бошад, на ба қувват.

Пас, дуруст шуд, ки ақл бо ҷасад омезиш надорад, аз баҳри он ки ӯ ба феъл аст, на ба қувват. Ва чи гуна омезиш кунад ақл ба ҷасади мураккаб аз чаҳор табъ? Ва агар ақл ба ҷасад биёмехти, мумкин буди, ки бо яке аз ин табоеъ низ биёмехти ва воҷиб омади, ки асари ақл андар табоеъ пайдо шуди. Ва, албатта, асари ақл андар табоеъ пайдо ва ёфта нест.

Пас, донистем, ки ақлро омезиш нест бо чизе, ки он мураккаб аст ва ҷасад аз мураккабот аст. Пас, ақлро омезиш нест бо ҷасад ва дур аст аз омехтан бо мураккабот ва муҷаррад аст ба зоти хеш.

### Сафи ҳафтоду чаҳорум
## СУХАН АНДАР ОН КИ ОЛАМРО ДОНИШ НЕСТ

Гурӯҳе аз табоиён чунон гуфтанд, ки «ситорагону афлок доноён ва гӯяндагонанд» ва ҳуҷҷат оварданд бар он он чи гуфтанд, ки ҷонварону сухангӯёнро олам ҳаме берун орад. Ва раво набошад, ки беруновардаи оламро фазилате бошад, ки мар оламро, ки беруновардаи ӯ аст, он набошад. Ва мо пайдо кунем, мар хирадмандонро, ки оламро ва он чи андар ӯ аст, аз ситорагону афлок

ва табоеъ ҳаёт нест ва на дониш. Ва гӯем, ки доноён мардумро олами кеҳин гуфтанд ва мардум ранҷу роҳатро шиносанда аст аз зери пои хеш, то ба тораки сар. Ва чун олам мардуми меҳин аст, аз ин қиёс осмон сари олам бошад ва замин пои ӯ. Ва агар дасти мардум аз осмон дур аст, пояш ба замин наздик аст. Ва бар замин қарор дорад мар ӯро ҳамегардонад, чунон ки хоҳад аз ҳоле ба ҳоле. Ва ҳамебинад, ки мар заминро, ки ӯ анбози осмон аст, андар берун овардани зоишҳои ҳиссу зиндаги нест, мар заминро, чунон ки ҳисс нест, нутқ нест ва надонад, ки бад-ӯ чи ҳамекунанд ва на аз гардонидану шикастан дарде ва осони ҳамеёбад ва чун заминро, ки мо бад-ӯ пайваста будем, бехабар ёфтем, аз он чи ҳамекунанд ва аз он чи бад-ӯ ҳамекунанд, ҳукм кардем бар об, ки анбози ӯ аст ва бар ҳаво, ки анбози об аст ва бар оташ, ки анбози бод аст ба нодони. Ва ҳар чаҳорро нодон ёфтем ва ин «чаҳоргона» корпазирон буданд ва анбозон буданд бо фалаку ситорагон андар падид овардани наботу ҳайвон. Ва чун ин анбозон беҷону нодон буданд, донистем, ки осмону ситорагон, ки дасти мо бад-эшон намерасад, ҳамчунин беҷону нодон, ки ин дигарон анбозони эшонанд.

## Сафи ҳафтоду панҷум
## СУХАН АНДАР ХИТОБИ НАФС БО АҚЛ

Ҳукаморо андар ин маъни сухан аст бад-он чи бозҷустанд, то бидонанд, ки нахуст Ақл фоидаҳои хеш фурӯ рехт бар Нафс, ё нахуст Нафс талаб кард фоидаро аз Ақл. Ва гуфтанд: «Агар гӯем, ки нахустАқл фоидаи хеш фурӯ рехт бар Нафс, талаб кардани Нафс мар онро мар Ақлро «мусриф» хонда бошем». Ва Худой таъоло ҳамегӯяд, ки мусрифонро дӯст надорам, бад-ин оят:

وَلا تُسْرِفُوا إِنَّهُ لا يُحِبُّ الْمُسْرِفِينَ

*Гуфт: «Мадиҳед ҷуз ба ҳад, ки Худой дӯст надорад мар диҳандагони бе ҳадро» (7-31).*

Ва агар гӯем: «Нахуст Нафс талаб кард аз Ақл мар фоидаи хешро ва то нахост, аз Ақл чизе наёфт», мар Ақлро ба бахили мансуб карда бошем. Ва Худой таъоло ҳамегӯяд:

وَمَنْ يَبْخَلْ فَإِنَّمَا يَبْخَلُ عَنْ نَفْسِهِ

*«Ҳар ки бахили кунад, бо хештан кунад» (47-38).*

Яъне, ки чун кор накунад, музд наёбад. Ва чун чизе надиҳад, чиз надиҳандаш. Ва мо гӯем, ки он хитоб, ки Ақлро бо Нафс аст, замон лозим наояд, аз баҳри он ки иллати замон ҳаракат аст, аз феъли Нафс падид омадааст ва Нафсу Ақл бартар аз замонанд. Ва чун собит шуд, ки ин ду асли азим аз замон бартаранд, пешию паси аз миёни эшон бархост. Ва чун ин қоида шуд, гӯем, ки Ақлро бо Нафс ду хитоб аст: яке аз ӯ улви ва дигар суфли. Ва хитоби улви ва суфли аз Ақл мар Нафсро таъйиди ӯ аст, аз баҳри падид овардани суратҳои табии ба ҳикмат ва он хитоб падид ояд дар олами ҷисмони бар суратҳои табии. Ва бидонад хирадманд, ки агар на таъсири Ақл буди андар Нафс, ҳеч сурат ба рости таркиб напазируфти. Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки ҳар нафсе ба кор кардани ҷокӯл аст, валекин аз кор донистан оҷиз аст. Ва Нафсро кор кардан ғаризи аст ва маънии ғаризи он бошад, ки онро набояд касб кардан, балки он худ андар офариниш бошад, чунин ки ҳаракату нерӯйро набояд ҳаме касб кардан ҳеч касро, ки он худ ҳосил аст андар ҳар нафсе. Ва чун осори ҳикмат андар сурати наботу ҳайвон бидидем, бидонистем, ки он ҳикмат аз хитоби Ақл аст бо Нафс. Ва нахуст аз хитоби Ақл, ки бо Нафс кард, ҳаюло ва сурат мавҷуд шуд. Ва он хитоб мар табиатро, ки он феъли нафс аст, ин ки андар олами хеш ҳар чизеро ба сазои ӯ сурату қувват ҳамедиҳад, насиб омад, то бад-он насиби табиат аз олами хеш андаровехт. Ҳамчунон ки Нафс аз Ақл андаровехтааст ва агар Ақл ӯро бо Нафси кулли хитоби ҷисмони набуди,

мумкин набуди, ки нафсҳои ҷузъи андар ин олам аз ақли ақлони насиб гирифти ва роҳ ёфти сӯи фоидаҳои ақлони. Чун андар олам фоидаи нафси ҷузъи аз оқилону ҳакимон бидидем, донистем, ки ин тартиб андар олами Нафси кулли ниҳод аз он хитоб, ки Ақли кулли бо ӯ кард андар маънии олами ҷисмони. Ва мар Ақлро бо Нафс хитоби дигар аст ҳам ҷисмони ва бад-он хитоб Ақл мар Нафсро огоҳ кунад аз ҳақирии чизҳои табии ва боз намоядаш аз ҳақирии ӯ бад-он чи андар ӯ аст аз ихтилофу зидди, то бидонад, ки он фоидаҳо, ки ӯ ҳамеёбад аз ҷиҳати олами рӯҳони шарифтар аст, аз он чи вай андар он овехтааст аз чизҳои ҷисмонии табии мухталиф, то бад-он огоҳ кардан аз Ақл мар Нафсро насибе аз Нафс андар ин олам ояд ва рағбат кунад нафсҳои ҷузъи андар олами улви ва хору ҳақиртар шавад ба чашми эшон ин олам ва он чи андар ӯ аст. Ва Нафси кулли ва ҷузъиёти ӯ бад-ин хитоб аз банди табиат раста шаванд ва роҳату неъмати ҷовиди ёбанд. Аммо он хитоб, ки Ақл бо Нафс кард аз ҷиҳати рӯҳони, оғози он шавӣи доим аст, ки Ақл бар Нафс ифозат кард, аъни бар ӯ рехт, то ҳамеша орзуманд бошад ба иллати хеш ва оҳанг ҳамекунад ҳамеша сӯи Ақл бад-он шавӣ ва мар хештанро шодмона бинад ва фаромӯш кунад андар овехтан хешро ба табиат. Ё пиндорад, ки ӯ тиҳи шуд аз пӯшиши табиат ва ҳаме алфанҷад бад-он шавӣ, мар ифозатҳои ақлиро бар андозаи муҳит шудани хеш. Ва чун он ифозатҳо бипазирад ва ба олами табии нигарад асари он пазируфтан андар нафсҳои ҷузъи кор кунад, то бад-он орзуманд шаванд нафсҳои некону мутобеони имомон сӯи олами улви. Ва даст боз доранд андар овехтан бад-ин олам ва мар Ақлро бо Нафс хитоби дигар ҳаст ҳам рӯҳони ва он фурӯ рехтани Ақл аст, мар аҷзро бар Нафс то бад-ин ҳар ду фоида мар Нафсро миёни шавӣ ва аҷз андар овардааст, то ҳаме алфанҷада фоидаҳо аз Ақл бад-он ифозати шавӣи, ки Ақл бар ӯ кардааст ва бозистод аз касб аз ҷиҳати он ифозати аҷз, аз баҳри он ки фузун аз он натавонад пазируфтан, ки миқдори ӯ аст.

Ва агар ифозат аз Ақл бар Нафс шавӣ буди, бе ифозати аҷзи зоти Нафс ботил шуди, андар талаб кардани он чи ӯро тоқат набуд. Пас, чун Нафс муҳит шавад, ба ҳар чи хоҳад, бидонад, ки он иллати ӯ бар вай аҷз боридааст ва хурсанд шавад ва биёсояд аз талаб ва бад-он оҷизии ӯ андар олами ҷисмони пайдо ояд, кам шудани доноён ва рағбат нокардани нафсҳои ҷузъи андар илм. Ва ҳамчунин агар ифозат аз Ақл бар Нафс аз аҷз буди, бе ифозати шавӣи Нафс ноқис бимонди ва фоида нагирифти, чун надонисти, ки шавӣ аз иллати ӯ бар ӯ боридааст.

Пас, гӯем, ки Ақл бар Нафс шавӣу аҷзро фурӯ рехт, аз баҳри он ки бар зоти хеш андар тавҳид нафӣ ва исботро лозим карда буд. Ва нафӣ чун аҷз аст ва исбот чун шавӣ, аз баҳри он ки Ақл чун хост, ки исбот кунад, Мубдеъи ҳақро боздошт, мар ӯро нафӣ аз сурат кардан, мар Мубдеиъи ҳақро ба чигунаги ва ишорат кардан бад-ӯ. Ва чун хост, ки нафӣ кунад, мар Мубдеъи ҳақро ба таътил боздошт, мар ӯро исбот аз таътилу инкор. Ва ҳамчунин бар Нафс ҳаракату сукун падид омад: ҳаракат чун шавӣ ва сукун чун аҷз ва падид омад аз ҳаракату сукун ҳаюло ва сурат, ҳаюло чун шавӣ ва сурат чун аҷз, аз баҳри он ки ҳаюло ҳамеша орзуманд аст ба пазируфтани фоидаи Нафс аз роҳи сурат паси якдигар. Ва сурат оҷиз аст аз пазируфтани сурати дигар бо хештан, чунон ки ҳаюло бо сурати ҷисмии сурати дигар ҳаме натавонад пазируфтан. Ин аст хитоби Ақл бо Нафс.

**Сафи ҳафтоду шашум**

## СУХАН АНДАР ЧИГУНАГИИ ПАЙВАСТАНИ ФОИДАИ АҚЛ БА НАФС

Гӯем, ҳамчунон ки сурат бар ду навъ аст: яке ҷисмонии касиф ва яке рӯҳонии латиф. Фоидаҳои табии аз афлоку кавокиб ба зоишҳои олам пайвастааст, ки қароргоҳи он маркази Замин аст. Ва фоидаҳо ба ҳаракати доим пайвастааст, то суратҳои табиии шахси бад-он падид омадааст. Ва фоидаҳои Ақл ба Нафс ба сукуни доимият, ки Нафс аз Ақл ҳамепазирад, то падид ояд, бад-он суратҳои рӯҳонии доим. Ва он фоида, ки аз Ақл ба сукун доим пазируфт, бештар аз он фоидаҳо бувад, ки мар онро омехта пазируфт ба чизҳои табии, ки онро завол ва парокандан аст. Ва он фоидаҳо, ки омехта бувад ба чизҳои табии Нафсро бар бақои он, эмини набувад, аз баҳри он ки мар онро ҳаракат бувад ва чизи мутаҳаррик пойдор набошад. Ва аз ин сабаб афтод ихтилофи бисёр андар роҳҳои хирадмандон, ки уламо берун оварданд ба Нафсе, ки он ба табиат пайваста буд ва бо ӯ омехта. Ва мар нафсро қувват андар берун овардани илм бар миқдори сукуни ӯ бошад бо ақл ва бар миқдори шудани ӯ аз чизҳои табии. Ва ҳар нафсе, ки дониш покизатар пазирад ва аз олоиши табиат, мар ақли ӯро субот беш бошад ва завол камтар пазирад. Ва ҳар, нафсе, ки сукун аз ақл камтар пазирад ва ба чизҳои табиии мутаҳаррик пайваста бошад, фоидаи ӯ ба исбот камтар бошад ва завол зудтар пазирад. Ва ҳар нафсе, ки ба сукуни ақли тамом пазирад фоидаҳои ақлиро бипазирад, пазируфтани бе завол. Ва эшон муайидон бошанд аз бандагони Эзид, субҳонаҳу. Ва ҳукамо гуфтаанд, ки майл кардан ба чизҳои табии, дур шудан аст мар ӯро аз фоидаҳои ақли ва майл кардани нафс ба табиат сабаби бадбахти аст мар ӯро ва боз овардани уқубати ҷовиди. Ва майл кардани Нафс ба Ақл дур шудан аст мар ӯро аз нуқсони табиат ва наздик будан ба иллати хеш, ки он олами ибдоъ аст. Ва майл кардани Нафс ба Ақл сабаби тамомии нафс бошад ва ҳосил шудани роҳати абади ва сурури ақли ва савоби илоҳи мар ӯро. Эзиди таъоло моро рағбат диҳод андар талаб кардан мар олами ақлиро ва парҳез диҳод моро аз табиати ҳалоккунанда ва олоишҳои палиди ӯ.

**Сафи ҳафтоду ҳафтум**

## СУХАН АНДАР РОҲАТУ РАНҶИ НАФСИ МУҶАРРАД

Ранҷу роҳати нафсро имрӯз, ки ба табиат пайваста аст, ба сабаби мувофиқати ӯ расад, ки биафтад мар ӯро бо чизе, ё ба сабаби мухолифате, ки мар ӯро бошад бо чизе. Чунон ки нафсро бо ақл мувофиқат аст ва бо ҷаҳл мухолифат дорад. Лоҷарам, аз донистан шодмона шавад ва ба роҳат бирасад ва аз нодонистан ғамгин шавад ва ранҷа гардад. Ва ба ҷумлаги роҳатҳо мар нафси мардумро андар ин олам аз дониш аст ва ҳама ранҷҳо мар ӯро аз нодони аст, аз баҳри он ки чун бемор шавад, ранҷа шавад, агар бидонад, ки раҳоиши ӯ аз он бемори андар чист ва он чиз чи гуна ба даст ояд, ҳамон соат ба роҳат расад ва он ранҷаш ба роҳат бадал шавад. Ва агар надонад, ки чи бояд кардан, андар он ранҷ бимонад ва ҳар ҳоле, ки он на бар рости бошад нафс андар ин олам, аз он ранҷа шавад, чун аз сармое, ки аз ҳад берун бошад ва чун аз гармои сахт ва чун аз овозҳои бе низом, ки аз ҳадди эътидол берун бошад, чун овози раъд ва ҷуз он ва чун дидани суратҳои зишт, ки мар нафсро он нописанд аст андар ҳоли зоҳир, аз баҳри он ки ӯро аз баҳри некӯтар сурате офаридаанд ва он сурат ба олами рӯҳони аст.

Ва роҳатҳои нафс андар ин олам аз дидани суратҳои некӯ аст ва аз шунудани овозҳои рост ва баназм ва хӯрдани чизҳои мӯътадил ва будан андар ҳавоҳое, ки на сард асту на гарм.

Пас, мар нафсро хуши андар олами рӯҳони бад-он баҳра бошад, ки андар ин олам бад-ӯ расида бошад аз калимаи Бори, субҳонаҳу, то чун бад-он вақт, ки аз

табиат ҷудо шавад ва бад-он асли хеш боз расад, мувофиқ бошад мар он аслро ва ба роҳат расад ба сабаби мувофиқати хеш, бо он чи бад-ӯ бозгардад ва агар андар ин олам ба илму амал мар ҷои хешро иморат накарда бошад андар он чизҳо, ки ӯро фармуда бошанд андар ин олам. Ва он фармонро хор дошта бошад, асли ӯ мар ӯро мухолиф бошад, бад-он чи асли ӯ, ки Нафси кулл аст, мутеъ аст мар Мубдеъи ҳақро ва чун ин нафси ҷузъи аз мутеъи кулли ранҷа шавад ба ҳукми мухолифат, ки ӯ дорад ранҷа шудани, ки ҳеч гӯянда сифати он ранҷ натавонад гуфтан. Ва аз он андар азоби ҷовиди расад. Ва агар бо асли хеш мувофиқ бошад, ба тоати Мубдеъи ҳақ андар савоби абади расад, вассалом.

## Сафи ҳафтоду ҳаштум
## СУХАН АНДАР ФАРӢ МИЁНИ МАЪРИФАТ ВА ИЛМ

Маърифат шинохт бошад ва илм дониш бошад. Ва маърифат андар мардуму ҳайвон сиришта бошад ва касб кардани нест ва илм сириштани нест, балки касб кардани аст. Кеши мардум, ки латиф аст, шинохтани аст, на донистани, аз баҳри он ки андар ҳар нафсе сиришта аст донистан, ки андар ин колбуд чизе аст, ки ӯро «ҷон» хонанд ва колбуд бад-он чиз зинда аст, валекин чигунаги ва чи чизи, куҷои ва чароии ӯро надонад. Пас, ӯро «маърифат» хонанд. Ва тан донистани аст ва бибояд омӯхтан донистани ӯро, то бидони, ки иллати тан ғизо асту касиф аст, аъни аз ҷузъҳои бисёр таркиб ёфтааст ва андар чаҳор табъ аст: яке сафро, ки гарму хушк аст баробари оташ аз олам ва дигар хун, ки гарму тар аст баробари ҳаво аз олам ва се дигар балғам аст, ки сарду тар аст баробари об аз олам ва чаҳорум савдо аст, ки сарду хушк аст баробари хок аз олам. Ва бад-он ки колбуди мардум фарзанди ин олам аст, ки андар ӯ чаҳор табъ аст, чунон ки андар ин олам чаҳор уммаҳот аст. Ва ҳикоят кунанд аз Арастотолиси[xxx] ҳаким, ки шогирде аз ӯ пурсид аз фарӣи миёни маърифату илм. Вай посух дод, ки «ба фалон шаҳр буди?» Гуфт: «Будам». Гуфт: «Чи диди андар ин роҳ?» Гуфт: «Деҳаҳо дидам ва обҳои равону пораи биёбон ва рӯде буд ба роҳ то бад-он шаҳр расидам. Ва он шаҳрро ободон дидам. Сифати чунину чунин». Ҳаким мар ӯро гуфт: «Ин ҳама, ки гуфти, илм аст ва аз дониста гуфти». Он вақт пурсид: «Аз он шаҳр ва он сӯ низ замину шаҳрҳо ҳаст?» Шогирд гуфт: «Ҳаст». Гуфт: «Чи гуна аст сифати он, бигӯй». Шогирд гуфт: «Надонам, ки чи гуна аст, валекин донам, ки ҳаст». Ҳаким гуфт: «Ин, ки гуфти, аз маърифат гуфти ва инро маърифат гӯянд, ки ҳасташ бидони ва чигунагиаш надони». Пас гӯем, ки олами улвии рӯҳони шинохтани аст ва донистани нест ва олами ҷисмони донистани аст. Ва Офаридгори олам аз ҳисори шинохтану донистан берун аст. Таъолаллоҳу аммо золика улувван кабиран.

## Сафи ҳафтоду нуҳум
## СУХАН АНДАР ОН КИ «ҲАСТ» «НЕСТ» ШАВАД

Бибояд шинохтан, ки ҳастҳо на аз ҳаст ба ҷуди Бори, субҳонаҳу, бувад ва он ҷуди тамом бувад, ки Офаридгор бад-он роде кард бар ҳастҳо, то ҳар чизе насиби хеш аз офариниш биёфт, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд аз ҷавоби Мӯсо, алайҳиссалом, ки мар Фиръавнро, лаънаҳуллоҳ, дод, қавлуҳу таъоло:

قَالَ رَبُّنَا الَّذِي أَعْطَى كُلَّ شَيْءٍ خَلْقَهُ ثُمَّ هَدَى

*Гуфт: «Эй Фиръавн, Худои мо он аст, ки мар ҳар чизеро офариниш Ӯ бидод, пас, роҳи рост бинамуд» (20-50).*

Ва чун қоида дониста боши, бидони, ки аз нест шудани ҳастҳо бухли Бори, субҳонаҳу, зоҳир шавад. Ҳамчунон ки ба ҷуди Ӯ, таъоло ҷаддуҳ, ҳаст шудани ҳастҳо бувад аз нест. Ва нуқсон андар ҷуди Мубдеъи ҳақ раво нест ва хирадманд донад, ки чун ба ҳаст шудан нест Бори, субҳонаҳу, «номи **роди**» лозим омад. Ва ин сифати сутуда бувад ба нест шудани ҳастҳо, мар Ӯро, субҳонаҳу, «номи бахили» лозим ояд, ки он сифати накӯҳида аст. Ва Худойро таъоло номҳои некӯ асту номҳои зишт нест, чунон ки гуфт, қавлуҳу таъоло:

قُلْ ادْعُوا اللَّهَ أَوْ ادْعُوا الرَّحْمَنَ أَيّاً مَا تَدْعُوا فَلَهُ الأَسْمَاءُ الْحُسْنَى

*Гуфт: «Бигӯ, эй Муҳаммад, ки бихонед Аллоҳро, ё бихонед Раҳмонро, ҳар кадом хонед, мар Ӯро аст номҳои некӯ» (17-100).*

Пас, ин оят ҳаме далел кунад, ки Худойро номи зишт нест ва бухл аз номҳои зишт аст ва аз нест кардани ҳаст номи зишт ба ҳосил ояд.

Пас, дуруст шуд, ки нест шудани ҳаст раво нест, чунон ки ҳаст шудани ҳаст раво аст. Ва агар мо гӯем, ки «ҳастҳо нест шавад ва нест худ иллати пайдо шудани ҳастҳо бувад», пас, гуфта бошем «иллат шавад мар пайдо шудани нестро» он вақт чунон бошад, ки гӯем: «Маълул иллат бошад мар пайдо шудани иллати хешро». Ва ин на мумкин аст, балки нораво аст. Пас, ҳаст нест нашавад, чунон ки нест ҳаст шуд. Ва низ андар ҳаст шудани ҳастҳо аз нест пайдо шудани Ақлу Нафс аст ва вуҷуди табоеъ ва матбуъот аст. Ва зоиши олам аз маодину набот ва ҳайвону мардум ва савобу иқоб ва биҳишту дӯзах ва шиносандагони тавҳиди Мубдеъи ҳақ, ки бузургтар аз ҳама фазилатҳо ва анвои ҳикмат ва аҷоиби тадбирро, ки андар он аст ки ниҳоят нест ва андар нест шудани ҳастҳо ботил шудани Нафсу Ақл ва ноёфта шудани табоеъ ва матбуот ва зоиши он ва нестии шиносандагони тавҳид ва савобу иқоб. Ва Эзиди таъоло дур аст аз ботил кардани ҳикматҳои хеш ва раво набошад аз ҷуду ҷалоли Ӯ.

Пас, ҳаст нест нашавад, чунон ки нест ҳаст шуд. Ва низ мар нестро карона нест ва бе ниҳоят аст, он чи пеш аз ҳаст шудани ҳастҳо буд. Ва чун гӯем: «Ҳастҳо нест шавад ва мар ҳастҳоро ниҳоят аст, аз баҳри он ки як канорае ҳаст аз он ҷой аст, ки аз нести ба ҳаст омада аст. Ва дигар канорааш ин бошад, ки аз ҳасти ба нести шавад», пас, аз ин қиёс гуфта бошем, ки «чизҳоро ниҳоят иллат шавад мар пайдо шудани чизи бе ниҳоятро ва бекарона, аъни ки мутаноҳи иллат бошад чизи номутаноҳиро ва номутаноҳи иллат аст мар мутаноҳиро». Пас, ин муҳол бошад. Ва дуруст шуд, ки раво набошад нест шудани ҳастҳо ва ин бурҳоне равшан аст мар хирадмандро. Валлоҳу аълам ва аҳкам.

## Сафи ҳаштодум
## СУХАН АНДАР ОН КИ ЧАРО ҲАМА НАФСҲОИ ҲАЙВОН АНДАР НЕЪМАТИ ОЛАМИ УЛВИ РАҒБАТ НАКУНАНД ВА БАД-ОН НАРАСАНД?

Нафсҳои ҷузъи андар ин олам орзуманданд бад-он неъматҳо, ки ороста шудааст эшонро андар он олам. Ва орзу кардани нафси мардум мар он неъматҳоро бад-он аст, ки ин нафсҳои мардуми наздик шудааст ба Нафси кулли, ки неъматҳои охирати ҳама аз ӯ аст ва мар нафси ҷузъиро дараҷоте намондааст, ки онро биҷӯяд, то аз роҳи он дараҷот бад-он неъмат расад. Чунон ки мар наботро мондааст дараҷати ҳисси ва мар сутурро мондааст дараҷати сухан гуфтан. Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки кӯдаки хурд, чун ҳис биёбад, ҳарис шавад

бар кашидани ғизо ба хештан. Ва ҳар чи биёбад, ба даҳан андар ниҳад, аз баҳри он ки аз роҳи ҳис мар ӯро бо ғизо наздики афтодааст ва андар миёни ҳис, ки ҳайвон аст ва набот, ки ғизо аст, дараҷате намонда, ки кӯдакро андар он ҳоҷат аст, то аз роҳи он дараҷат ҳисро ба хештан кашад. Ҳамчунин чун миёни нафси ҷузъии мардум ва миёни Нафси кулли, ки худованди неъматҳои боқи аст, дараҷате намондааст, магар дараҷоти омӯхтану тоат доштан, ҷуз нафси мардум орзуманд нест бад-он неъмат. Ва дигар ҳайвону наботро ҳаме дараҷот бибояд гузаштан, то бад-ин дараҷат расанд. Ва чун наботу ҳайвон аз наими он ҷаҳон дур аст, наими ин ҷаҳониро Эзиди таъоло андар табоеъ ба ҳадди қувват ниҳода аст, то ба рӯзгор ба феъл ҳамеояд ва ба ҳар навъе аз ҳайвон аз он чи эшонро шоиста аст, ҳамерасад, то ба вақти расидани қувватҳои олами суфли, ҳама ба ҷумлаги аз роҳи нафси мардум ба олами улви ва ёфтани эшон мар он неъматҳоро, ки он ҷост. Золика тақдиру -л-азизи -л-ҳаким.

### Сафи ҳаштоду якум
## СУХАН АНДАР ЧИГУНАГИИ РАФТАНИ АСАРИ НАФСИ КУЛЛИ АНДАР ПАЗИРАНДАГОН

Аз ӯ бар ду гуна аст: яке аз ӯ ом(м) аст ва дигар хос(с). Он чи ом(м) аст, аз ӯ он аст, ки густурда аст ва аз ӯ борида бар ҷумлагии олам бар чизҳое, ки андар ӯ аст аз «нафси номия» ва «ҳиссия» ва «нотиқа» ва бӯйҳою рангҳо андар шукуфаҳо ва мазаҳо додан андар меваҳо ва ҷуз он. Ва ин ҳама як қувват аст, ки аз Нафси кулли ва аз олами ҷисмони бар ӯ боранда аст ҳамвор. Валекин ба сабаби тафовути суратҳою қувватҳо, чизҳо ба бартарию фурӯтари, ки натавонистанд мар он асарро бар як ҳол фаро пазируфтан, он чи аз Нафси кулли бар ӯ борид, мутафовит наёмад. Ва чун ҳар чизе аз он қувват бар андозаи латофат ва шаклу сурат ва ҷойгоҳу рӯзгори хеш насиби пазируфт, ҳар яке номи дигар ёфт, чун сухан ва ҳис ва рустан ва рангҳо ва бӯйҳо ва мазаҳо. Ва аммо он қувват, ки аз Нафси кулли пазируфтани он хос(с) аст, он аст, ки пайваста шуд ба касоне, ки оҳанг карданд бад-он. Ва мар онро баҳрае ба ихтиёри хеш талаб карданд ва бипазируфтанд ва он паёмбарон, алайҳимуссалом, буданд. Ва гурӯҳеро он қуввати хос(с) аз Нафси кулли андарёфт ба фазлу миннати ӯ бар эшон баргардонид аз дараҷоти эшон, аз дараҷоти аҳли олам. Ва он паёмбарон буданд, алайҳимуссалом.

### Сафи ҳаштоду дувум
## СУХАН АНДАР ОН КИ БАРРАСИДАН АЗ ЧАРОИИ ОЛАМ МУҲОЛ АСТ

Бозҷустани аз чизи нахустин ба ҳасти бошад. Ва пас аз он аз «моддат» гӯянд ва он чи чизи бошад. Ва пас аз он баррасидан аз чигунаги бошад. Ва чун боз дуруст омад, он вақт ҷустан аз «чарои» бошад, ки онро «лиммият» гӯянд. Ва чун чигунаги дуруст нашуда бошад, аз чароии ӯ баррасидан муҳол бошад. Ва мисоли ин чунон аст, ки касе воқиф шуда бошад ва аз чигунагии будиши набот аз табоеъ ба ёрии ҷунбишҳои афлоку кавокиб, он вақт раво бошад, ки чароии кавни набот биҷӯяд. Ва иттифоқ аст миёни ҳукамо, ки ҳеч кас воқиф нашуд бар чигунагии будиши олам аз Офаридгор ва гуфтанд, ки падид омадан аз Офаридгор ба амр буд. Ва натавонистанд чигунагии падид омадани оламро аз амр ба ҳеч рӯй донистан ва бар ин қавл биистоданд ба зарурат.

Пас, чун ройҳои ҳакимон муттафиқ шуд бар он ки андар расидан ба чигунагии будиши олам муҳол аст, талаб кардани чароии кавни олам муҳолтар аст, аз

ҷиҳати пӯшида будани чигунагии он. Ва агар касе гӯяд: «Чаро олам нашояд донистан», чигунагии он, чунон гуфта бошад, ки «ман надонам, ки Қуръон чи гуна аст, валекин донам, ки аз баҳри чист». Ва ин муҳол сухане аст. Ва масали ин ҳол чун нардбонест ба чаҳор поя, ки нахуст поя аз «ҳалият» аст, аъни «ҳасти». Ва дигар поя аз ӯ «моият» аст, яъне «чи чизи». Ва се дигар поя аз ӯ «кайфият» аст, аъни «чигунаги». Ва чаҳорум поя аз ӯ «лиммият» аст, аъни «чарои». Ва чун мардум тахте хоҳад кардан, аз пояи нахустин боядаш гирифтан ва аз ҳастии чиз «ҳаллият» биҷӯй ва аз чи чизи «моияти» он ҷӯй ва аз чигунаги кайфияти он ҷӯй ва аз чарои лимияти он ҷӯй. Ва сурати ин нардбони ҳикмат бикардам, то мустаришудро бад-он ҳидоят афзояд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **ҳалл<br>ият** | **мо<br>ият** | **кайф<br>ият** | **лим<br>мият** |

Пас, агар касе гӯяд, ки «ман аз Худойи олам баррасам, бе он ки чигунагии ӯ баррасида бошам ва дониста», чунон гуфта бошад, ки «ман ба чаҳорум пояи нардбон баршавам, бе он ки аз сеюм пояи нардбон бигузарам». Ва ин ҷустани, ноёфтани бошад. Ва низ он қуввати воҷӯянда, ки барангезад мардумро, то баррасад ва чароии офариниши олам аз ин олам падид омадааст ва чизе, ки аз чизе падид ояд, ҷузъе бошад аз ӯ ва чи гуна тавон воқиф шудан бар чароии чизе ба баҳре аз он чиз. Ва чунон боисти, ки ин қувватро ҷӯянда берун аз олам буди, то бад-ӯ бар олам воқиф шоиста шудан, ки ҷузъ берун нашавад аз кулли хеш. Ва чун нафс ҷӯяндаи ҷузъи олам аст, бад-он чи аз ӯ падид омадааст, муҳол аст аз ӯ, ки бозҷӯяд аз чароии олам.

Ин қавли ҳукамо аст ва раисони доноёни пешин аст. Ва ҳукамои диёнат гуфтанд, ки «чароии чизҳо бибояд шинохтан, чи аз дин ва чи аз дунё, ки тамомии мардум андар ин аст». Ва чун андар офариниш осори ҳикмат ҳамебинем, донем, ки офариниши олам ҳақ аст аз Офаридгор ва ҳақи вай ҳақиқат аст. Чунон ки Расули мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, фармуд:

**لكل حق حقيقة**

*Гуфт: «Ҳар ҳақеро ҳақиқате аст».*

Ва ҳақ чун Офтоб аст ва ҳақиқат чун рӯшнои аст. Ва ҳақ чун чашм аст ва ҳақиқат чун бинои. Ва ҳақу ҳақиқат чунон аст, ки басар ва басират. Ва Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу таъоло:

**وَمَا خَلَقْنَا السَّمَوَاتِ وَالأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا لاعِبِينَ مَا خَلَقْنَاهُمَا إِلاَّ بِالْحَقِّ وَلَكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لا يَعْلَمُونَ**

*Гуфт: «Наёфаридем осмонҳою заминро ва он чи андар ин ду миён аст ба бози. Ва наёфаридемашон магар ба ҳақ, валекин бештар аз эшон надонанд» (44-38, 39).*

Ҳаме далел кунад, ки он касон, ки бидонанд, ки осмону заминро Эзиди таъоло аз баҳри чи офарид, он расул бошад. Ва он кас, ки ба ҷойи ӯ истода бошад, андар ҳар замоне як тан аз олам.

Пас, дуруст шуд, ки донистани чароии олам воҷиб аст ва мумкин аст аз рӯи дин ва қавли Худой таъоло ва хабари Расули мустафо, алайҳиссалом. Ва аз он рӯй, ки сухани мантиқиён аст, дуруст кардем, ки баррасидан аз чароии олам муҳол аст, то роҳҷӯйро андар олами дин майдон фарох бошад. Валлоҳу аълам ва аҳкам.

## Сафи ҳаштоду сеюм

## СУХАН АНДАР ОН КИ СУРАТИ ОЛАМ ПЕШ АЗ ПАДИД ОМАДАН АНДАР НАФСИ КУЛЛИ БУД

Он касон, ки гуфтанд: «Сурати олам пеш аз он ки ошкоро шуд, наздики Мубдеъ буд», эшон холиқ аз махлуқ нашинохтанд. Ва мубдеъро аз мабдаъ бознадонистанд. Ва мо гӯем: «Ба ҷуди худованди замона, ки ин суратҳо, ки табиат бар ин ҷасадҳо падид омадааст, ҳама андар «лавҳи маҳфуз», ки ин Нафси кулл аст, нақш аст. Ва ҳеч чиз андар олам сурате напазируфтааст аз ҷузъиёту куллиёт, ки асли он андар нафс мавҷуду маълум набудааст.

Ва далел бар дурустии ин даъво он аст, ки мардум саноате тавонад кардан, ки донад ва чизе, ки надонистааст, натавон кардан. Ва сурате, ки надидааст, ҳикояти он натавонад кардан. Ва ҳар санъате, ки сонеъе аз нафсҳои ҷузъи бикунад, аз нахуст мар он санъатро бар ҷои хеш нақш карда бошад, пеш аз он ки берун орадаш бар ҳаюло. Пас, чун андар ҷузъиёт чунин ёфтем, ки мар санъатро нафси нотиқ нахуст андар зоти хеш кунад ба муъовинати устоде, ки он устод аз каси дигар ёри бихоҳад, донистем, ки ин санъати кулли, ки олам аст, аз нахуст Нафси кулли, ки нуфуси мардум ҷузъиёти ӯянд, ба муъовинати Ақли кулли, ки ӯ аз ёрии касе безор аст, андар зоти хеш нақш кард, он вақт мар он нақшро бар ҳаюлои нахустин берун овард. Чунин ки имрӯз ошкор аст ва бад-ин санъат, ки мо ёд кардем, Нафси кулл аст, ки ӯ бандаи хозеъ аст Худойро таъоло. Ва Эзид, субҳонаҳу, аз монанд будан ба офаридагони латифу касифи хеш дур аст.

## Сафи ҳаштоду чаҳорум
## СУХАН АНДАР ПОДШОҲИИ ҚУВВАТИ РӮҲОНИ БАР ҚУВВАТИ ТАБИИ

Марди ҳушёр чун андар қуввати рӯҳонии хеш нигарад, ки онро «тамйиз» хонанд ва он ёбад мар ӯро муҳит шуда бар ҳама қувватҳои табии. Ва биниҳад ҳар якеро аз он қувватҳо ба ҷойгоҳи хеш ва қуввати тамйиз фарӣ кунад миёни чизҳо ба ҳақиқат ва ҳукм кунад бар табиатҳо, аз баҳри он ки қувватҳои табии андар чигунагиҳо тавонанд расидан. Чунон ки чашмро қуввати табиат аст, андар рангу шакл ва ҷунбишу ором расад. Андар он чи аз ин қувват бинанда аст ва ин ҳама чигунаги аст. Ва ҳамчунин мар гӯшро қуввати табиат аст, ки андар чигунагии шуниданиҳо расад. Ва қуввати чашандаги, ки ӯро «зоиқа» хонанд, андар расад ба чигунагии мазаҳо аз ширину талх ва турш ва ҷуз он. Ва қуввати тамйиз андар чароии чизҳо расад, ки мардум ба қуввати мумайиза донад, ки шакар чаро ширин аст ва ҳанзал чаро талх аст. Ва донистани чарои бартар аст аз донистани чигунаги, чунон ки пеш аз ин шарҳи он гуфтем андар китоб. Пас, он қуввати ӯ бар чароии чизҳо подшоҳ бошад.

Пас, дуруст шуд, ки ин қуввати рӯҳони подшоҳ аст бар қуввати табии. Ва низ қуввати рӯҳонии тамйизи подшоҳ аст бар қуввати табии, ба андеша бадал кунад мар он чизҳоро, ки аз ин қувватҳои табиат аст. Чунон ки гармро сард андешад ва сардро гарм ва хушкро тар андешад ва тарро хушк ва сапедро сиёҳ ва ширинро талх. Ва ин ҳама мухолифонро бо андеша, ки мар ӯро андар он подшоҳи аст, бадал кунад ва қуввати табии мар чизеро аз он чи бошад, бадал натавонад кардан, магар ҳамчунон тавонадаш ёфтан, ки ҳаст. Агар сард аст, сард ёбадаш ва агар хушк аст, хушк ёбадаш. Ва чун рангҳою бӯйҳо ва мазаҳо ва ҷуз он андар қувватҳои табиат аст ва қуввати мумайиза бар табиат подшоҳ аст, хор ояд наздики ӯ ин қувватҳо ва бадал тавонадаш кардан сӯи зоти хеш ба фикрат. Ва агар қуввати мумайиза бар қувватҳои табии подшоҳ набуди, оҷиз буди аз андеша

кардан бар мухолифати қувватҳои табии. Пас, дуруст шуд, ки қуввати рӯҳони подшоҳ аст бар қувватҳои табии.

### *Муораза*

Агар касе гӯяд, ки «қуввати мумайиза натавонад, ки мар талхро ширин донад ва туршро шӯр, ё зиштро некӯ бинад».

### *Ҷавоб*

Ӯро гӯем: «Қуввати мумайиза чизеро бар мухолифати ӯ чунон бадал кунад ба ҳақиқат, ки ангури нопухтаро чунон бад-он туршиву сахтиву сабзи ҳамеёбад ва ҳаме бадал кунад ӯро, ки ин ангур ширин, сиёҳ, нарму хушк аст». Ба ҳукми он чи чунон хоҳад будан ба амри сиркаи туршравандаро гӯяд: «Ин чизи ширин будааст». Андар хӯшае овехта аз дарахте, ки аз ин сифатҳо имрӯз чунинанд ва ҳеч чиз наёбад ё мар сурати кӯдаки хурдро, ки тамйиз кунад, гӯяд: «Ин сурати хуб хоҳад шудан». Ва қуввати табии андар он кӯдак аст, сурати зишт ҳамеёбад ва низ қуввати тамйиз, ки рӯҳони аст, хидмати хеш фармояд мар қувватҳои табииро, мар ҳар якеро бар миқдори ӯ. Чунон ки мар чашмро дидан фармояд ва мар гӯшро шунидан фармояд ва мар биниро бӯидан фармояд ва комро чашидан ва дастро бисудан. Ва ин ҳар панҷ қувват бар мисоли бандагон фармонбардоронанд, ҳар чи ёбанд аз чизҳо ҳар яке ба рости пеши қуввати мумайиза барад ва арза кунад ва қуввати мумайиза, чунон ки хоҳад, мар он суханро иборат кунад. Агар хоҳад, мар талхро ширин гӯяд ва сапедро сиёҳ кунад ва дигар чизҳоро, ки ин қувватҳо сӯи ӯ бурда бошанд, чунон ки муроди ӯ бошад, бигӯяд. Ва қувватҳои табии хидмат натавонад фармудан мар қуввати рӯҳониро.

Пас, агар қуввати табииро наздики қуввати рӯҳони хатаре буди, ҳамчунон эшон мар ӯро хидмати хеш фармуданди. Ва чун ин хидматфармой мар қуввати рӯҳониро ёфтем ва хидматгор мар қуввати табииро ёфтем, донистем, ки мар қуввати рӯҳониро подшоҳи аст бар қуввати табии вассалом.

## Сафи ҳаштоду панҷум
## СУХАН АНДАР ОН КИ ҲЕЧ ОФАРИДА БА ОФАРИНАНДА НАМОНАД

Агар ҳеч чиз аз офарида ба Офаринанда монасти, воҷиб омади, ки он чиз на аз чизе тавонисти кардан, чунон ки Эзиди таъоло. Ва чизе, ки мар ӯро ба чизе дигар монанда набошад, фурӯ монад аз кардани феъле монанди феъли он чиз, ки аз ӯ бартар аст, эй монанд бад-ӯ. Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки нафси сутурро монанди нест ба нафси мардум, аз он чи нафси мардум сухангӯй аст ва нафси сутур сухангӯй нест. Лоҷарам мард саноатҳо кунад гуногун, ки сутур аз он фурӯ мондааст. Ва ҳеч рӯй аз рӯйҳое натавонад ҳамекард санъати гаштан ва на бар он муҳит шудан, бад-он сабаб, ки нафси мардумро ба нафси сутур монанда нест. Пас, агар ҳеч офарида ба Офаридгори ҳақ монанда буди, натавонисти на аз чизе чизе кардан ва падид овардан. Ва чун ҳеч чиз намеёбем аз латифу касиф, ки ӯ на аз чизе чизе тавонист падид овардан ва низ ҳеч кас воқиф натавонист шудан бар чигунагии падид овардани чизе на аз чиз, донистем, ки ҳеч чиз аз латифу касиф монанда нест ба Мубдеъи ҳақ бо ҳеч рӯй аз рӯйҳо, таъолаллоҳ ал-Малику-л-ҳақ-ул-мубин.

### Сафи ҳаштоду шашум

## СУХАН АНДАР ТАЪЙИД ПАЙВАСТАН БА МУАЙИДОН

Таъйид ба нафси мардум пайваста нашавад, магар ба амалу илм. Ва ҳар гоҳ, ки мардум амали шариат накунад ва илм роҳ аз роҳи амал андар напазирад, бозмонад аз пазируфтани таъйид ва аз расидан ба дараҷаи муайидон. Мардум ба амал берун ояд аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл, бар мисоли берун омадани чизҳои табии аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл ба ду чиз, ки он ҳар ду монандаанд ба амалу илм. Чунон ки себе, ки бар дарахти хеш аз ҳадди қувват ба феъл берун хоҳад омадан, моддат боядаш пазируфтан аз табоеъ аз роҳи дарахти хеш. Ва ҳар рӯз ба пазируфтани он моддат шакли ӯ ва ранги ӯ ҳамегардад ва он пазируфтани моддат мар ӯро аз табоеъ ба миёнҷии дарахт монанда аст ба амале, ки мардум кунад аз шариат ба миёнҷии худовандони шариат. Ва чун он себ аз амал ҳамепазирад ва аз он бознаистад, чун амал ба охир расид, мар он себро бӯи хуш ва ранги некӯ ва мазаи ширин ёбад, ки он бӯю рангу маза мар ӯро монанда аст ба илме, ки мардум онро биёбад ба миёнҷии он амал, ки кунад.

Пас, он себ бад-ин ду ҳол, ки яке монандаи амал аст ва дигар монандаи илм аст, аз ҳадди қувват ба ҳадди феъл расад, агар андар миёна, ки он себ аз табоеъ моддат ҳамепазирад, ки он мар ӯро амал аст аз пазируфтани моддат ба сабабе аз асбоб бозмонда табоҳ шавад ва аз дарахти хеш биюфтад ва ба рангу бӯю маза нарасад, ки он мар ӯро ба манзалати илм аст.

Пас, ҳамчунин касе, ки ӯ аз амали шариат боз истад, ба илми он нарасад, аз таъйид дур монад. Ва далеле гӯем дигар бар ҳоли пайвастани таъйидро ба муайидон ва гӯем, ки рӯшаноии чашм накунад, ҷуз андар чашми дуруст, ки он аз айбу дарду бемори пок бошад, ҳамчунин таъйид, ки ӯ монанди рӯшаноии чашм аст, на пайванд. Ва ҷуз ба касе, ки амали ӯ ва илм покиза бошад ва нафси ӯ шуста бошад ба оби амалу илм аз олоишҳои табии. Ва ин баёне шофи аст мар хирадмандонро, вассалом.

### Сафи ҳаштоду ҳафтум

## СУХАН АНДАР ОН КИ ШАҲОДАТИ «ЛО ИЛОҲА ИЛЛАЛЛОҲ» КАЛИДИ БИҲИШТ АСТ*

Огоҳ бошед, эй бародарон, ки Эзиди таъоло мар ҳама офаридагонро ба «калима»-и Хеш офарид. Ва калимати Мубдеъи ҳақ аз ёфтан пинҳон аст ва андар сифате аз сифатҳо набояд, аз баҳри он ки вай офариниши маҳз аст. Ва он чиз кардани чиз бошад, на аз чиз. Ва ин фазилат андар чизе аз чизҳо наёбанд, то мар халқро калимоти Мубдеъи ҳақ ҳосил шуди, ки он биҳишт аст ба ҳақиқат ва чаҳор ҳарфи калимати шаҳодат ба ҷумлаги калиди биҳишт аст. Ва он далел аст бар чаҳор асли рӯҳони ва ҷисмони, ки пойдории ду олам - улви ва суфли бад-эшон аст.

Пас, гӯем, ки нахуст ақл калид аст мар ҳама ҳастҳои рӯҳони ва ҷисмониро, аз баҳри он ки ақл бо калимаи мубдеъ як чиз аст ва ҳама ҳастҳоро ҳасти аз калимаи Мубдеъи ҳақ аст.

Ва Нафси кулл калид аст мар ҳама чизҳои таркибиро ба миқдори баҳри хеш аз калимат, аз баҳри он ки чизҳоро, ки мар ӯро назму таълиф аст, зери ваҳм нашояд овардан, магар ба сурат кардан мар онро андар нафси латиф. Пас, пайдо омад, ки нахуст чизҳои таркиби ва таълифи андар Нафси кулли будааст пеш аз падид

---

* Носири Хусрав дар «Ваҷҳи дин» аз калимаи ихлос баҳс кардааст, ба гуфтори ёздаҳуми он китоб муроҷиа кунед.

омадан ва Нафси кулли бикушояд мар ҳама чизҳои таркибиро, то падид омад ба кушоиши ӯ. Пас, ӯ калиди мураккабот аст.

Ва сухан, ки пайғамбарон, алайҳимуссалом, бар он подшоҳ буданд, калиди ҳамаи сиёсатҳо аст. Набини ки мардум, ки сухан гуфтани ом(м) мар ӯро бувад, посбону солори ҳама ҷонварон гашт ва пайғомбарон, алайҳимуссалом, ки сухан гуфтани хос(с), ки он каломи илоҳи бувад, мар эшонро бувад, эшон посбону солори халқ гаштанд. Пас, дуруст шуд, ки сухан калиди сиёсатҳо аст ва сухани паёмбарон калид аст мар ҳамаи алфози мантиқиро, ки бад-он иборат карданд фазилатҳои ақлони ва нафсониро ва бад-он хабар доданд аз сурати ҳар ду олам ва аз буданиҳои фалаки. Ва ба нотиқ кушода шуд дари нигоҳдошти халқ аз роҳи шариат, ки ба қуввати калимаи мубдеъ мар онро биниҳод.

Ва васи калид бувад мар ҳама маъниҳои пӯшидаро, ки бад-ӯ кушода ва ороста шуда буд аз илми латиф андар масалҳои касиф ва таркиби нафс ба ақл аз роҳи таъвили асос падид омад. Пас, асос калид бувад мар ҳақиқатҳои таркиби нафсро ва таълифи нотиқро, аз баҳри он ки ҳосили он таркиби Нафси кулли мар ҷисми мардумро тамом шудани нафси сухангӯй бувад ва тамомии нафси сухангӯй андар таъвил бувад ва худованди таъвил «асос» бувад. Ва ҳосили он таъвили нотиқ мар шариат ва китобро маъниҳои он бувад, то ба нафсҳои ҷузъи расад ва он маъниҳо аз роҳи таъвили «асос» ҳамерасад ба нафсҳои ҷузъи. Пас, дуруст шуд, ки «асос» калид бувад мар ҳақиқати таркиби ва таълифиро.

Ва гӯем, ки «ло» аз шаҳодат чун дандонаи калиди биҳишт аст ва дандонаи фикру тамйиз аст. Ва фикр андеша бошад ва тамйиз ҷудо кардани чиз бошад аз чиз. Ва «ло» ду ҳарф аст: Нимаи ҳарфи «Аллоҳ», ки он дандонаи Ақл аст мар калиди биҳиштро, аз баҳри он ки «Аллоҳ» чаҳор ҳарф аст. Ва «ло» калимаи нафӣ аст ва «Аллоҳ» калимаи исбот аст, далел аст мар нафси мумайизаро ва ба ду ним кард мар он оламро, ки аз Ақл ба нотиқ пайваста шуд ва ҷудо кард мар нимаи зоҳирро аз нимаи ботин ва танзилро аз таъвил ҷудо кард. Ва қуввати муфаккира ҳоҷатманд шуд ба нафӣ кардани ташбеҳ аз тавҳиди нотиқу Ақл, ба ду ним накард мар онро, ки Мубдеъи ҳақ андар ӯ биниҳод, балки мар онро ба ғояти тамоми берун дод ба чаҳор ҳарфи «Аллоҳ». Ва чаҳор тамомии шумор аст аз баҳри он ки шумор аз чаҳор мартабат нагузарад чун «оҳоду ашарот ва маойину улуф». Ва Ақл исбот кард Сонеъи ҳақро, чун муқир(р) шуд ба мубдеъе, ӯро аст, ки калимаи «Аллоҳ» аз исбот аст ва «илоҳ» дандонаи нутқ аст, аз баҳри он ки нотиқ андар олам хилофи ақл аст, бад-он чи гуфтори нотиқ ба зоҳир мувофиқи ақл нест. Ва калимаи «илоҳ» ба як ҳарф аз калимаи «Аллоҳ» камтар аст. Ва он «лом» аст. Ва маънияш он аст, ки нутқ наёфт мар он тамомиро, ки Ақл ёфт. Ва нутқи худованд се мартабат аст, чун «рисолату васоят ва имомат» ва «илло» дандонаи Нафс аст ва калимаи истисно аст, аъни дутои кардани сухан. Ва далел аст бар он ки Нафс собиқ аст, аъни пешдаст аст андар боби пайдо кардани ҳастҳои ҷисмонию рӯҳони. Ва ин чаҳор калима роҳнамоянд бар чаҳор асл, ки чун мар онро ба ҳам фароз ори, ҳама дарҳои калимаи Эзид кушода шавад. Ва низ калид мар дари бастаро ба зоти хеш накушояд, магар ба кушояндаи фаҳм, ки ҳеч кас ҷокӯл натавонад шудан ба мартабати чаҳор асл, ки эшон калиду калимати Мубдеъи ҳаққанд, магар ба миёнҷии ҳадди чун имом, ё ҳуҷҷат, ё доъи ва бар калид дандонае набошад, ки бад-ӯ дар кушода шавад, то ҳама дандонҳо ба ҳам набошад. Ҳамчунин агар далел мункир шавад ба як мартабат аз ин чаҳор мартабат, чун аслайну асосайн мумкин набошад, ки ҷӯяндаро чизе кушода шавад аз кори дин. Ва ҳарчанд ҷаҳд кунад ба кушодани дар, ҷуз ранҷ мар ӯро чизе ба ҳосил наёяд, ҳамчунон ки чун аз калид дандонае кам бошад, ҷаҳди кушоянда суд надорад. Ва агар бе дандона бисёр биҷунбонад бинои калиди он аз ҷой бибарад ва муроди ӯ барнаояд. Пас, аз ин

маъни гуфтанд, ки «Ло илоҳа иллаллоҳ» калиди биҳишт аст. Ва ин баёни шофи ва бурҳони равшан аст мар мӯъмини мухлисро, вассалом.

## Сафи ҳаштоду ҳаштум
## СУХАН АНДАР ПОДОШИ Ю БАДИ

Гӯем, ба раҳмати худованди ҳақ, ки Ӯ бар мо фурӯ боридааст, ки подош муайян аст мар ҷазои коре, ки касе бикунад, агар нек нек ва агар бад бад. Ва чун имрӯз андар ин олам подоши он чи мардум бикунад аз неку бад ҳаме бад-ӯ бирасад, далел ҳамебошад бар он ки мар ваъдаро ҳамемонад расидани подош баҳри касе, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу таъоло:

قُلْ لَكُمْ مِيعَادُ يَوْمٍ لا تَسْتَأْخِرُونَ عَنْهُ سَاعَةً وَلا تَسْتَقْدِمُونَ

*Ҳамегӯяд: «Мар шуморо ваъда аст ба рӯзе, ки шуморо аз он зи пастар натавонед шудан ва на пештар» (34-30).*

Ва чун ин ҳол бидонистем, ки подоши неку бад мар ваъдаи Худойро мондааст, гӯем, ки боз мондани кори кардани аз вақте ба вақти дигар ҷуз ба иллате набошад. Ва иллати бозмондани кори кардани ҷуз нуқсон лозим наояд аз баҳри он ки бозмондан ва нуқсон ҳар ду шакли якдигаранд. Ва раво набошад, ки иллати бозпас мондани кори кардани тамоми бошад, ки он мутаноқиз бошад. Ва чун ҳол маълум гашт, бидонистем, ки ин подош аз Худой нахоҳад будан мар халқро, ки андар ӯ нуқсон раво бошад. Ва он подош на аз ақл бошад, ки ӯро ғояти камол бошад. Ва чун подош ҷуз мар нафси мардумро набувад, донистем, ки он ҷуз аз Нафси кулли нест, ки ҳаме подош хоҳад додан. Ва чун мар нафси мардумро аз оғози пайдо шудан андар ин олам ноқис ёфтем ва ӯ осори Нафси кулли бувад, донистем, ки ин нуқсон андар асли мардум будааст, ки он Нафси кулли аст то андар осори ӯ, ки нуфуси ҷузъи аст, чунин нуқсон раванда гашт. Ва чун нуқсон андар Нафси кулли аз ин рӯй зоҳир гашт, гувоҳ омад аз ин ҳол бар он қавл, ки гуфтем, андар ин фасл, ки бозмондан кори карданиро иллати нуқсони бошад.

Пас, он нуқсон андар Нафси кулли аст, ки подош аз ӯ ба халқ ба вақти тамом шудани он нуқсон расад. Ва тамомии ӯ андар ба ҳосил шудани худованди қиёмат аст, алайҳи афзал-ут-таҳийяти ва-с-салом. Ва чун иллати таъхири подош бозгуфтем ва худованди подошро донистем, гӯем, ки подош мар некӯкоронро бар се гуна бошад, бар андозаи кори ӯ бошад росторост, на каму на беш, чунон ки Худой мегӯяд, қавлуҳу таъоло:

هَلْ جَزَاءُ الإِحْسَانِ إِلاَّ الإِحْسَانُ

*Ҳамегӯяд бар сабили суол, ки «мукофоти некӯи нест ҷуз некӯи» (55-60*) ва намегӯяд, ки зиёдати диҳам бар некӯи. Ва ин аз Худой таъоло адл аст ва ё беш аз он бошад, ки некӯкор сазоворони он бошад, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

مَنْ جَاءَ بِالْحَسَنَةِ فَلَهُ عَشْرُ أَمْثَالِهَا

*Ҳамегӯяд: «Ҳар ки биёрад некӯ, яки мар ӯро аст даҳчандон» (6-160).* Ва дигар ҷой гуфт, қавлуҳу:

وَلَنَجْزِيَنَّهُمْ أَجْرَهُمْ بِأَحْسَنِ مَا كَانُوا يَعْمَلُونَ

*Ҳамегӯяд: «Мо ҷазо диҳем музди некӯкори, ки эшон карда бошанд» (16-97).*

Ва ҷазо додани корҳо бар ҳукми некӯкори, ки мукофоти росторост аст, балки он фазл аз Худой таъоло бошад. Ва се дигар подош он бошад, ки он на бар қиёс некӯи бошад, ки ҳаме чунон мар ӯро бидиҳанд ё аз он бештар, балки мар он мукофотро бар он кирдор қиёсе бошад, чунон ки Худой таъоло мегӯяд, қавлуҳу:

فَأُوْلَئِكَ يَدْخُلُونَ الْجَنَّةَ يُرْزَقُونَ فِيهَا بِغَيْرِ حِسَابٍ

*Ҳамегӯяд: «Он гурӯҳро ба биҳишт андар оранд ва рӯзи диҳандашон андар ӯ бешумор» (40-40).*

Ва ин аз Худой таъоло бар халқ миннат бошад ва мар бадкирдоронро ҳам бад-ин мартабаҳо подош ваъда кард, гурӯҳеро ба бади ваъда кард, росторост, чунонки гуфт, қавлуҳу таъоло:

وَجَزَاءُ سَيِّئَةٍ سَيِّئَةٌ مِثْلُهَا

*Гуфт: «Мукофоти бади бади аст» (42-40),* ҳамчунон мар гурӯҳеро гуфт, қавлуҳу таъоло:

فَلَنُذِيقَنَّ الَّذِينَ كَفَرُوا عَذَاباً شَدِيداً وَلَنَجْزِيَنَّهُمْ أَسْوَأَ الَّذِي كَانُوا يَعْمَلُونَ

*Гуфт: «Бичашонем кофиронро азоби сахт ва ҷазо диҳемашон, он чи ки эшон карда бошанд» (41-27).* Ва гурӯҳеро гуфт, қавлуҳу:

أُولَئِكَ الَّذِينَ لَعَنَهُمُ اللَّهُ وَمَنْ يَلْعَنْ اللَّهُ فَلَنْ تَجِدَ لَهُ نَصِيراً

*Гуфт: «Он гурӯҳ онанд, ки Худой мар эшонро лаънат карда ва ҳар ки Худой мар ӯро лаънат кунад, ту мар ӯро ёригаре наёби» (4-52).*

Ва далел бар ин маротиб миёни олиму мутааллим битавони ёфт, ки мутааллим аз олим чизе бипурсад, олим мар ӯро ҷавоб диҳад ва ин ҷазои росторост аст ва чун бар ҷавоби ин суол чизи дигар бигӯяд, ки ӯро бад-он раҳнамун бошад бар чизи дигар ва он аз олим фазл бошад бар мутааллим, ки ӯро тоқат ба расидани он набошад, он миннат бошад аз олим бар мутааллим, чунон ки Худой таъоло гуфт андар қиссаи Сулаймон, алайҳиссалом, ки ӯ имоми замона буд, мар ӯро гуфт, қавлуҳу:

هَذَا عَطَاؤُنَا فَامْنُنْ أَوْ أَمْسِكْ بِغَيْرِ حِسَابٍ

*Гуфт: «Ин атои Мо аст» (38-39).* Ва бад-он мар таъйидро хост, ки ба имом пайваста бошад.

Пас, гуфт: «Миннат неҳ, агар боздори бишумори ва он ки ӯ подшоҳ шавад бар миннат ниҳодан ва он гирифтани илми имом бошад, аз баҳри он ки ин ду канора аст, мар илмро як канорааш он аст, ки нопурсида бигӯяд ва нохоста бидиҳад ва дигар канорааш он аст, ки агар бипурсад, бигӯяд ва агар бихоҳад, бидиҳад. Ва боздорад аз он кас, ки сазовори он набошад ва миёнаи ин ду тараф он аст, ки чун пурсанд, бигӯяд ва ин маротиб ҷуз мар имоми ҳақро набошад. Ва пайвастани таъйиди паёмбарон, алайҳимуссалом, аз Худой таъоло миннат аст, аз баҳри он ки ҳеч касро тоқати талаб кардани паёмбари набошад, чи он маротибро ба ҷаҳд натавон ёфтан. Ва он миннати Худой бошад, чунон ки Эзиди таъоло ҳаме ҳикоят кунад аз гурӯҳе аз паёмбарон, ки дар бани Исроил буданд, қавлуҳу:

قَالَتْ لَهُمْ رُسُلُهُمْ إِنْ نَحْنُ إِلاَّ بَشَرٌ مِثْلُكُمْ وَلَكِنَّ اللَّهَ يَمُنُّ عَلَى مَنْ يَشَاءُ مِنْ عِبَادِهِ

*Гуфт: «Мар Бани Исроилро паёмбарони эшон гуфтанд, мо ҳастем магар марде ҳамчун шумо, валекин Худой миннат ниҳод бар ҳар ки хоҳад аз бандагони Хеш» (14-11).*

Ин аст мартабаҳои подош, ки ёд карда омад некро нек ва бадро бад. Эзиди таъоло моро неки диҳод, то сазовори мукофоти неки шавем.

## Сафи ҳаштоду нӯҳум
## СУХАН АНДАР ФАРҚИ МИЁНИ «АЗАЛ» ВА «АЗАЛИЯТ» ВА «АЗАЛИ»

Бибояд донистан, ки «азали» мар чизеро гӯянд, ки ӯро оғоз набошад ва «абади» мар чизеро гӯянд, ки ӯро анҷом набошад. Ва чун гӯи «азал» ва «азалият» ва «азали», мисоли он наздик гардонидан аст. Ва ҳамчунон гӯи, ки «оташу оташи ва оташин». Оташ он аст, ки ӯ аз олам канораи забарин гирифтааст ва сифати ӯ гарму хушк аст аз табоеъ. Ва оташи он аст, ки оташ бад-он маъни аз дигар чизҳо ҷудо аст, бар он рӯй, ки он маъни ҷуз оташро нест ва мар онро аз оташ ҷудо ёбанд ва он маъниро «фазл» хонанд андар ҳудуди мантиқ. Ва он бар мисоли «ваҳдат» аст, ки он ҷуз воҳидро нест, мар ӯро аз воҳид ҷудо наёбанд, воҳид ба ваҳдат аз

оташу оташин ҷудо аст. Ва оташин чизеро гӯянд, ки ӯро аз оташ карда бошанд ва он сурате бошад аз оташи маҳз карда, чунон ки сурате кунанд аз чӯб ва мар ӯро «чӯбин» гӯянд. Акнун чун мисол намудем аз маҳсусот андар маънии азалу азалият ва азали, гӯем, ки «азал» ибдоъ аст маҳз, ки аз Мубдеъи ҳақ падид омад ба ҳеч иллате ва мар ӯро оғоз набуд, аз баҳри он ки оғози чиз иллати ӯ бошад. Ва чун ибдоъ иллати ҳамаи иллатҳо бувад, худи ӯ оғоз бувад, мар оғозро оғоз лозим наёяд ва мар ӯро «амр» хонанд ва «калимат» хонанд. Ва ин ном мар ӯро лозим омад аз баҳри беоғози ӯ. Азалият мар он баҳраро бояд донистан, ки Ақли аввал аз калимати Бори бувад, он баҳр баҳри бузург аст ва ҳувияти Ақл бад-он баҳра ишорат пазируфт ва аз он чи фурӯд аз ӯ падид омад, аз баҳр ҷудо шуд. Пас, он баҳраи азалият аст, аммо азали худи Ақл аст, ки азал бе миёнҷи бад-ӯ пайвастааст. Ва ҳеч чизи дигарро ин хоссаги набувад ва нахоҳад будан ба амри Бори, ки мар Ақлро аст.

### Сафи навадум
## СУХАН АНДАР ИСБОТИ ҚИЁМАТ

Хирадманд, ки андар тадбири табиат бингаради, бинади берун овардани ашхосро, ки эшон на ҷузъанд аз олам, чун маодину набот ва ҳайвон аз уммаҳот аз пайвастани нафс ба уммаҳот бидонад, ки он чи аз ин зоишҳо ҳаме падид ояд, на ба қуввати олам аст ва аз зоти ӯ аст, аз баҳри он ки наёбад андар уммаҳот, ки эшон аслҳои оламанд, чун оташу боду обу хок, он чизҳо, ки андар зоишҳо ёбад, ки эшон шоххҳои оламанд чун гӯшту устухону рагу пай ва ҷуз он.

Пас, бидонад, ки ин чизҳо ба ёрии чизи дигар ба ҳосил ояд андар ин зоишҳо, ки он андар аслҳо набувад ва маълуми ӯ шуд, ки Нафси кулли қодиртар аз ҳаюло ва сурат аст ва аз берун овардани табиат, ки он иллати гармию хушки ва сардию тари аст, аз баҳри он ки мар табоеи чаҳоргонаро андар ҳаюло ва сурат ёбад ниҳода ва ҳама ҷумла як ҷисм гашта. Пас, ҳаюло ва сурат ба фароз овардани ин табиат андар хештан сазовортар аз он нест, ки гӯяд, табоеи чаҳоргона мар ҳаюло ва сурат фароз овард ва ба хештан кашид. Ва чун ин шаш чиз яке сазовортар аз дигаре нест, ба ҷумла кардани ин панҷ чиз ночора қоҳире бояд, ки эшон ҳама фароз оварда ва макҳури ӯ бошанд. Ва он фарозоваранда ва қоҳир Нафси кулл аст, ки Эзиди таъоло ин қудрат бад-ӯ бахшидааст. Ва ин ҳуҷҷате аст аз ҳуҷҷатҳои Эзиди таъоло, ки лозим ояд бар хирадмандон аз иқрор додан ба ягонагии Эзиди беҳамто, аз баҳри он ки чун аз асли нашуд, ба фаръи падид омад ва дар фаръ чизе ёбанд, ки андар асли ӯ мар онро наёбанд. Бидонанд, ки он чизро андар он фаръ он кас падид оварда буд.

Пас, гӯем, ки тамомии ошкоро шудани калимати Бори, субҳонаҳу, ба худованди қиёмат бояд. Ва ҳар чизеро пеш аз ҳаст шудан ва ёфтани ҳаст ба рӯе аз рӯйҳо, валекин мар Ақли аввалро пеш аз ибдоъ, ки ӯ нести аст, ёфтан нест. Ва ҳамчунин бад-ин манзалат пайдо шавад манзалати паёмбарон, алайҳимуссалом, ва шарафи эшон, аз баҳри он ки эшон ба ҳасти оварданд мар суханони гардандаи шоистаро, ки он ба миёни сухангӯён шинохта буд, бикарданд ва сухани мардумон аз он ҳикматҳо холи буд.

Пас, эшон, алайҳимуссалом, фароз оварданд мар он суханонро ба тафвиқи Нафси кулли ва илҳоми нафс мар эшонро, то муҳит шуд он суханон, ки эшон алайҳимуссалом, таълиф карданд бар ҳамаи суханони дигар, ки аз Нафси кулли андар он суханон асар набуд. Ҳамчунон муҳит шудани, ки мардум муҳит шавад бар олам ба ёрии Нафси кулли, ки мар оламро аз нафси он ёри набуд. Ва паёмбарон, алайҳимуссалом, бад-он суханон аз ду олам - олами рӯҳони ва олами ҷисмони ҳикоят карданд ва ҳар ду олам бар дурустии он гувоҳи дод ва падид

оварданд ваҳшатҳо ва ҳаддҳо мар халқро андар ҳукмҳо, ки пеш аз он андар миёни халқ он набуд.

Пас, гӯем, ки чун аз паёмбарон, алайҳимуссалом, хабарҳо пайдо омад аз адлу рости ва ҳукмҳои дунёи ва аз чизҳои олами улви, ки он пеш аз паёмбарон, алайҳимуссалом, андар миёни халқ мавҷуд набуд, донистем, ки он чизҳо мар паёмбаронро, алайҳимуссалом, офаринандаи халқ омӯхт, чунон ки Худой таъоло гуфт, қавлуҳу:

**وَعَلَّمَكَ مَا لَمْ تَكُنْ تَعْلَمُ وَكَانَ فَضْلُ اللَّهِ عَلَيْكَ عَظِيماً**

Гуфт*: «Биёмӯхт туро, он чи надонисти ва фазли Худой бар ту бузург буд» (4-113).*

Пас, чун дуруст шуд, ки он чи андар миёни халқ набуд, аз паёмбарон, алайҳимуссалом, ки эшон ҳам мардумон буданд, ба ёрии Офаридгори халқ падид омад, дуруст шуд ҳастии қиёмат, он ки паёмбарон, алайҳимуссалом, халқро даъват бад-ӯ карданд ва он он рӯзи бузург аст, ки андар ӯ барангехта шавад нафсҳои латиф ва суратҳои ботин ошкоро шавад ба ошкоро шудани худованди қиёмат ало зикриҳи-с-салом, аз баҳри он ки паёмбарон, ки пеш аз худованди қиёмат биёмаданд, шариатҳо ниҳоданд ва падид оварданд чизе, ки бад-он барангехта шуд нафсҳои ҷузъи аз мураккаби нодони. Ва пеш аз эшон набуд мар нафсҳоро он ангезиш, чун кор ба ғоят расид бад-он савоби бузург, ки Худой таъоло ваъда карда буд ва суратҳои латиф тавоно шаванд бар пазируфтани фоидаҳои ақли бе таколиф, валекин имрӯз мардум ғофил аст аз он чи мар ӯро андар пеш аст аз бузургии он рӯз ва баландии дараҷати он ҳад, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу таъоло:

**وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلاَّ كَافَّةً لِلنَّاسِ بَشِيراً وَنَذِيراً وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لا يَعْلَمُونَ**

*Ҳамегӯяд: «Ва нафиристодам туро, эй Муҳаммад, ҷуз ҳама мардумонро муждадиҳанда ва бимкунанда, валекин бештари мардумон надонанд» (34-28).*

Ва агар бинигарад мардум андар ҳолҳо, ки бар ӯ рафта шуд аз аввали будиши ӯ то ба охир, ба яқин шавад, ки ӯ ҳаме барангехта хоҳад шудан, чунон ки ӯ аз он хабар надорад имрӯз, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу таъоло:

**وَنُنْشِئَكُمْ فِي مَا لا تَعْلَمُونَ وَلَقَدْ عَلِمْتُمْ النَّشْأَةَ الأُولَى فَلَوْلا تَذَكَّرُونَ**

*Ҳамегӯяд: «Шуморо биёфаридем андар он чи шумо надонед ва донистед офариниши нахустинро, чаро ёд накунед» (56-61, 62).*

Яъне ки шуморо чунон аз ҳоле ба ҳоле бурданд, ки хабар надоштед ва мардум аз оғози падид омадан то ба охири кори хеш ҳамегардад аз ҳоле ба ҳоли шарифтар, то ба ғояти хеш расад, аз баҳри он ки мардум аз аввали будиши хеш нутфа буд андар пушти падари хеш ва қуввати номия, яъне зиёдатшаванда бипазируфт аз бари он ҳол. Валекин он қувват мавҳум буд, мар каси дигарро, ки ҳамедонист, ки аз нутфа чи ҳамехоҳад шудан андар ҳоли дигар, ки андар он раҳами модар афтад, аз он ҳол ки ҳаст. Ва чун андар раҳами модар зиёдат пазируфт ва андомҳояш рост шуд, мар пазируфтани зиндагонии табииро, то бад-он шоиста шавад, мар пазируфтани ҳисро, бе он ки андар шиками модар аз ҳис хабар буд, ё мумкин буд, мар ӯро воҷиб шудан бар чигунагии пайвастани ҳис бад-ӯ. Ва ҳарчанд ки ӯро аз ҳис хабар набувад, пазируфтани ҳис ва расидани қуввати ҳисси мавҳум бувад наздики он кас, ки муҳит бувад бар ҳоли ӯ андар ҳоли дигар ва вақти дигар. Ва чун аз шиками модар берун омад ва ба шиками ин фалак расид, ҳис бад-ӯ пайваст, ҳамчунон ки он доно таваҳҳум карда буд. Ва он кӯдак кор баст мар ҳавосси хешро андар ёфтани чизҳои маҳсус ва гуфтани мар он ёфтаҳоро ба забон бо он касе, ки андаррасида буд ҳавосси ӯ бад-он аз диданиҳо ва шунуданиҳо ва бӯиданиҳо ва чашиданиҳо ва бисуданиҳо. Ва бад-ин чизҳо, ки андарёфт, ёри ёфт андар ёфтан ва воқиф шудан бар чизҳои ҳақиқи ва ба ваҳм аз ин олами табии ба олами улви расид. Пас, чун аз ин олам нафси ӯ бад-он олами рӯҳони расид,

пайваста шуд подшоҳии доим ва савоби илоҳии абади ва тавоно гардад бар пазируфтани фоидаҳои он олам. Ва ғизо пазирад аз наъими абади ва роҳати ҷовидони, ҷуз ки дидани ӯ ба ҳақиқат мар олами рӯҳониро имрӯз, ки нафси ӯ ба ҷасад пайвастааст на мумкин аст, валекин қабули ӯ мар он фоидаҳоро ва дидани ӯ мар он олами рӯҳониро ба вақти ҷудо шудани рӯҳи ӯ аз ҷасади ӯ мавҳум аст. Ва гумон бурдааст наздики он ки бар ӯ муҳит аст, муҳит будани он хирадманд бар он кӯдаки хурд ва донистани ӯ, ки чун кӯдак аз шикам берун ояд, ҳис пазирад, бе он ки кӯдакро аз он хабар бувад. Чун он ҳол ҳамчунон омад, ки он хирадманд андешида буд ва он кӯдак биёфт, донистем, ки он ҳол ҳамчунон хоҳад будан, ки худовандони шариат гуфтанд. Ва нафси мардум мар олами рӯҳониро пас аз ҷудо шудани ӯ аз ҷасад бихоҳад дидан ногоҳ ва нафси мардум аз ҳоли зиндагонии табии ба зиндагонии абади расад бе ҳеч замон. Бар мисоли касе, ки аз хоб ба бедори расад бе ҳеч диранги. Ва фарӣи азим аст миёни хоб ва бедори, чунон ки фарӣи азим аст миёни зиндагонии табии ва миёни зиндагонии рӯҳони. Ва агар тақсир карда бошад андар корҳои онҷаҳони, хештанро пушаймони ёбад, чунон ки Худой таъоло гуфт, қавлуҳу таъоло:

وَأَسَرُّوا النَّدَامَةَ لَمَّا رَأَوُا الْعَذَابَ وَجَعَلْنَا الأَغْلالَ فِي أَعْنَاقِ الَّذِينَ كَفَرُوا هَلْ يُجْزَوْنَ إِلاَّ مَا كَانُوا يَعْمَلُونَ

Гуфт*: «Ва пинҳон доранд мар пушаймониро, чун диданд мар азобро ва кардем ғулҳо андар гардани он касон, ки кофир шуданд ва ҷазо наёбанд, ҷуз бад-он, ки карда бошанд» (34-33).*

Ва далел бар он ки мардум аз ин олами табии бад-он олами нафсони шавад, он аст, ки мардумро бини, ки чизе надонад, пас, мар ӯро аз ҷиҳати таълим донистани он чизи нодониста кушода шавад, то пиндори, ки аз ҳоле ба ҳоли дигар шуд.

Пас, ба чи шараф бошад он вақт, ки таъйид аз худованди қиёмат бад-ӯ пайваста шавад, он ки ҳама паёмбарон, алайҳимуссалом, халқро даъват бад-ӯ карданд, халқро он рӯз ба ду гурӯҳ бини: гурӯҳе он бошад, ки бад-ӯ бигаравиданд ва ӯро ҳақ донистанд ва ба ошкоро шудан умедвор буданд ва эшон он рӯз «калимат» бипазиранд ба миёнҷии ӯ, алайҳи афзал-ус-салом ва акмал-ут-таҳият. Ва андар наъими ҷовидон мухаллад гарданд. Ва гурӯҳе он бошанд, ки он рӯз андар шак(к) буданд ва ғофил буданд аз фармони Худой. Эшон бад-он нур сӯхта шаванд ва андар уқубати ҷовидон монанд, чунон ки Худой таъоло гуфт, қавлуҳу:

وُجُوهٌ يَوْمَئِذٍ نَاضِرَةٌ إِلَى رَبِّهَا نَاظِرَةٌ وَوُجُوهٌ يَوْمَئِذٍ بَاسِرَةٌ تَظُنُّ أَنْ يُفْعَلَ بِهَا فَاقِرَةٌ

*«Рӯйҳое он рӯз тоза бошад ва сӯи Парвардигори хеш нигаранда бошад ва рӯйҳое он рӯз туруш гашта бошад, то гумон бари, пушташон ҳамебишканад» (75 - 22, 23, 24, 25).*

Эзид моро аз он гурӯҳ кунад, ки огоҳи доранд ошкоро шудани худованди қиёмат, алайҳи афзал-ус-салом ва-т-таҳия ва аз он гурӯҳи макунад, ки ғофил бошем, аз он чи бар мо воҷиб аст бар ҳадди хеш. Омин, ё Рабб-ул-оламин.

## Сафи наваду якум
## СУХАН АНДАР ПАЙВАСТАНИ ТАЪЙИД БА МУАЙИД

Гӯем, ки пайвастани таъйид ба муайид аз олами улви шарифтар аст аз пайвастани қувватҳои ситорагони осмон ба зоишҳои табии. Валекин наздик гардонидани ваҳмро ин ду ҳол як ба дигар наздиканд. Ва мардум ҳамеёбад мар қувватҳоро андар зоишҳои олам, ки аз афлоку анҷум бад-эшон пайваста аст. Ва ҳамедонад мардум, ки мар наботро ва ҳайвонро ва бештар мардумро аз чигунагии пайвастани он қувватҳо хабар нест. Ва ҳамеёбад ҳар шахсе аз зоишҳо аз осори қувватҳо ва ҳаракатҳои кавокиб ба қадри он асар, ки андар ӯ аст аз латофат ва

касофат, то ҳар яке аз он падидор кунад аз сурати хеш, он чи андар ӯ мавҷуд аст аз қувватҳо ва хосиятҳои табиӣ.

Пас, ҳамчунин таъйид андарёфт аз олами рӯҳони мар гавҳарҳои рӯҳониро, ки пайваста шуд ба шахсҳои мардум, ҳамчунон ки наёфтем чизе аз зоишҳои олами суфли, ки ӯро қуввате буд, ки бад-он қувват мар ин оламро хидмат тавонист фармудан. Ва манфиатҳо, ки Сонеъ андар ӯ тақдир кардааст, мар онро тавонист овардан ҷуз ин шахси мардум, ки ӯ мар табоеъро ҳар яке ҷудо-ҷудо кор баст, чун оташро дар пухтани чизҳои хом ва шинохтани рангҳо ва гудохтани гавҳарҳо ва ҷуз он. Ва чун мар бодро кор баст, ки бар обҳои азим бигузашт ва киштиҳои гаронро андар дарё бад-ӯ ронд ва бар ӯ осиёҳо сохт ва ҷуз он. Ва чун мар хокро, ки аз ӯ чандин биноҳои аҷиб сохт ва гавҳарҳои пурфоида аз ӯ берун оварданд, ҳама манофеъ ва аҷоиби олам ба ошкоро шудани мардум ошкоро шуд. Ҳамчунин наёфтем аз ҳеч шахсе аз шахсҳои мардум касе, ки ӯро мумкин буд хидмат фармудан ва кор бастан мар олами рӯҳониро ва берун овардани манфиатҳоро, ки Сонеъ андар ӯ тақдир кардааст. Магар паёмбаронро, алайҳимуссалом, ки эшон ба сухани мантиқи, ки биёварданд, ҳар чизеро аз ин олам ба ҷойгоҳи хеш биниҳоданд ва падид оварданд сиёсатҳои аҷиб ва ҳикматҳое, ки андар он аст. Камоли олами рӯҳони ва пайдо кардани он манфиатҳо аз эшон, алайҳимуссалом, буду бас. Ва оғози пайвастани таъйид ба муайидон забон бошад, ки ӯ тавоно бошад бар берун овардани чизҳои пӯшида на аз роҳи ҳавос, чунон ки ба ҳис далел кунад бар чизҳои пӯшида, балки муайид ба таъйид он гаҳ расад, ки нафси ӯ маҳсусотро фаромӯш кунад ва аз ҳис ҷудо монад ба вақти берун овардани он чи бад-ӯ пайваста шавад аз олами улви. Ва рағбат кунад андар маъқулот, он маъқулот, ки он андаровехта набошад ба чизҳои ҳаюлони, чунон ки маъруф аст миёни уламои дини, ки чун Расули мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, бар ӯ ваҳй омади, гунаи рӯи ӯ бигашти ва ба ҳоле шуди миёни хуфтагию бедори ва арақ аз андомҳои ӯ бикушоди ва ба ҳеч чиз нанигаристи, то боз ба ҳуш омади. Он вақт он чи ба ваҳй бад-ӯ расида буди, ба забон иборат карди.

Пас, он аз ӯ, алайҳиссалом, далел бувад, бад-он чи гуфт аз маҳсусот бар маъқулот далел гирифт. Ва фарқ миёни доноёни муайид ва донои номуайид он аст, ки донои номуайид андар мондааст ба нигоҳ доштани илмҳо ва ҳикматҳои хеш ба далел гирифтан аз маҳсусот. Донои муайидро он ҳоҷат нест андар зоти хеш берун овардани ҳикматҳои маъқул, бар он чи аз бартар аз он далел гирад, то аз маҳсус бар маъқул ёри хоҳад, валекин бошад, ки андар нафси муайид чизи рӯҳони падид ояд, аз баҳри баён кардани ҳикмате, ё монанд кардани чизеро, ки аз муайид чора наёбад аз иборати он ба чизе маҳсус, ки агар он иборат на аз тариқи маҳсусот кунад, мардумони замона надонанд ва сурат бандад андар нафсҳои эшон он чи мар он муайидро сурат бастааст, магар он вақт, ки мар онро монанда кунад ба маҳсуси. Ва то эшон он чизро ба хилофи он набинанд, муайид мар эшонро хабар диҳад, аёни хеш ниҳонанд ва хабари ӯ бипазиранд. Ва агар пайвастани таъйид ба муайид аз ҷиҳати ҳавос буди, хабарҳои эшонро фазилат набуди, ки бар аёни халқ гузашти.

Пас, пайвастани таъйид ба муайидон аз ҷиҳати ҳавос аст ва он мантиқи маҳз аст, ки паёмбарон, алайҳимуссалом, бад-он маққур карданд халқро ва мардумон бад-он мантиқи маҳзро аз эшон, алайҳимуссалом, натавонистанд пазируфтан, магар ба сухани таълифи, ки эшон мар онро ба ҳуруф бигузоранд ва низ пайвастани таъйид ба муайид нигоҳ кардани эшон бошад андар шахсҳои олам аз наботу ҳайвон. Ва мардум, ки аз он нигоҳ кардани муайид бикушояд аз илми ғайб чизҳое, ки офариниши он чиз аз баҳри он илм будааст, ки ӯ номвар ва ҷокӯл шавад бад-он нигаристан аз сирҳои бисёр. Ва низ бошад, ки муайид сухане бишнавад аз касе, ки он кас худ маънии он надонад ва муайидро бикушояд аз он

сухан чизе аҷиб ва аз он дар ӯ кушода шавад асле, ки воҷиб шавад бар халқ кор бастани он андар даврони муайид. Ва аз ин гуна бошад шинохтани чигунагии пайвастани таъйид ба муайид андар олам.

### Сафи наваду дувум

## СУХАН АНДАР ФАРӢ МИЁНИ ҚУРЪОН ВА МИЁНИ ХАБАРИ РАСУЛ

Аз ҷӯяндагони илми ҳақиқат гурӯҳе, ки фарӣ натавонанд кардан миёни сухани Худой ва сухани Расул, алайҳиссалом, гӯянд: «Ҳам оёти Қуръон ва ҳам ахбор аз ёрони Расул, алайҳиссалом, ба мо расид ва мо ҳар ду суханро ҳаме бузург бояд доштан ва фармонбардори бояд кардан».

Пас, чи иллат буд, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, як суханро эдун гуфт, ки «ин Худой ҳамегӯяд» ва як суханро гуфт, ки «ин ман ҳамегӯям». Ва мо хонем, ки фарӣ миёни сухани Худой, ки Қуръон аст ва миёни хабари Расул бознамоем** ва пайдо кунем, ки ҳол чунон буд, ки Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, гуфт. Ва гуфтори ӯ рост буд ба баракати худованди ҳақ ва дастурии ӯ. Гӯем, ки чун салоҳи олам андар он сухан ёфтем, ки Расули мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, бигзорад ва моро гуфт, ки «ин гуфтори Худой аст», моро дуруст шуд, ки ӯ, алайҳиссалом, рост гуфт, аз баҳри он ки агар он сухани Офаридгори олам набуди, кори олам бад-он рост нашуди. Ва ба сухани ҳеч халқ аҳволи олам низом нагирад, магар ба сухани худованди халқ. Ва чун аз ин рӯй маълум шуд, ки Қуръон сухани Худой аст, гӯем, ки «фарӣ миёни Қуръон ва миёни хабари Расул он аст, ки гуфтори Худойро, ки офариниши олам ва офариниши мардум аст», чунон ки Худой таъоло гӯяд: қавлуҳу:

**سَنُرِيهِمْ آيَاتِنَا فِي الآفَاقِ وَفِي أَنْفُسِهِمْ حَتَّى يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ الْحَقُّ**

*Ҳамегӯяд: «Саранҷом бинамоемашон нишонҳои мо андар корҳои олам ва андар нафсҳои эшон, то пайдо шавад мар эшонро, ки он ҳақ аст» (41-53).*

Ва мар хабари Расулро, алайҳиссалом, гувоҳ ояти Қуръон аст, чунон ки Расули мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, фармуд:

**سيكذب على ما كذب على الانبياء من قبلى فما جاءكم منى ما يخالف كتاب الله لم اقدر، و كيف أخالف كتاب الله و به اهتديت**

*Гуфт: «Саранҷом бар ман дурӯғ гӯянд, ҳамчунон ки дурӯғ гуфтанд бар паёмбарон, ки пеш аз ман буданд, пас он чи биёяд ба шумо аз хабари ман, ки мар Китоби Худойро мухолиф бошад он, на ман гуфтаам ва чи гуна мухолиф шавам мар қавли Худойро».*

Офариниши олам ва таркиби ҷасади мардум чунон гувоҳи медиҳад, ки Худой таъоло гӯяд, қавлуҳу:

**وَالسَّمَاءَ بَنَيْنَاهَا بِأَيْيدٍ وَإِنَّا لَمُوسِعُونَ وَالأَرْضَ فَرَشْنَاهَا فَنِعْمَ الْمَاهِدُونَ وَمِنْ كُلِّ شَيْءٍ خَلَقْنَا زَوْجَيْنِ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ**

*Ҳамегӯяд: «Мо осмонро бар овардем ба нерӯҳо ва Мо тавоноем ва заминро бигустурдем ва Мо некҷосозандагонем ва аз ҳар чизе Мо биёфаридем ду ҷуфт, магар эшон ёд кунанд» (51-47, 48, 49).*

Ва андар ҳадди таъвили осмон нотиқро мехоҳад, ки ӯ бартар аз ҳама халқ аст ба мартабат, чунон ки осмон бартар аз ҳама ҷисмҳо аст. Ва бад-он чи ҳамегӯяд: «Бино кардемаш ба нерӯҳо», бад-он нерӯҳо Ақл ва Нафсро хоҳад ва ҳудуди рӯҳониро, ки паёмбари ба қуввати эшон расад ба мардум ва бад-он чи гуфт - «мо тавонгарем», ишорат ба Ақлу Нафс кард, ки таъйиду таркиб аз эшон аст. Ва ин

---

** Ба сафҳаи 217 «Зоду-л-мусофир» чопи Берлин мурочиа кунед.

ҳар ду мояи подшоҳи аст, бад-он чи гуфт, ки «заминро бигустаронидем», бад-он мар асосро хост, ки ӯ мар фоидаҳои ақлиро, ки аз роҳи нотиқ бар олами ҷисмони борад, ба манзалати замин аст, мар фоидаҳои осмонро, ки бар табоеъ борад. Ва бад-он чи гуфт - «мо некҷосозандагонем», он хост, ки ҳамчунон ки замин қароргоҳ аст мар ҷисмҳоро, асос қароргоҳ аст мар нафсҳоро.

Пас, сахт бузург неъмате бувад ба пой кардани асос, ки бад-ӯ нафсҳо аз шубҳат масалу рамз раста шуданд ва қарор ёфтанд аз афтодан гаҳе бад-ин масал ва гаҳе бар он рамз андар зоҳири шариат, ки мар якдигарро мухолиф аст. Пас, гуфт: «Аз ҳар чизе ду ҷуфт офаридам», яъне ки паёмбари аз он чизҳо аст, ки ӯ бо васоят ҷуфт аст, магар эшон ёд кунанд ва бидонанд, ки чун ҳама чизҳо ҷуфт аст, паямбари низ ҷуфт аст ва танзил бо таъвил ҷуфт, бар зоҳир бе маъни наистанд. Пас, мар ин қавлро офариниши олам гувоҳи медиҳад, ки осмон баргирифтааст ба баландтар маконе ва фоидаҳои ӯ аз мардум дур аст ва мумкин нест расидани дасти мардум бад-ӯ. Ва ҳамчунон ки манзалати Расул баланд аст ва касеро расидан бад-он чи ӯ гӯяд ба масалу рамз тавонад ёфтан мар онро. Ва замин зери осмон қарор гирифтааст ва ҳамепазирад мар қувватҳои осмонро ва мар он қувватҳоро ба сурат ҳаме берун орад аз гуна-гуна аъзоҳо, то халқ бад-он ба ҷисм фоида гиранд, ҳамчунон ки асосе мар он масалҳоро, ки Расул гузорад, пазируфтааст. Ва маъниҳои он чи имрӯз овардааст, то нафсҳои халқ бад-он ғизо ёбанд ва ҳар ки бар зоҳири маҳз биистад, ҳамчунон аст, ки хок бихӯрад ба умеди он ки бад-он зиндагони ёбад ҳамчунон аз зоҳир зиндагонии абади ҳосил наёяд ва аз офариниш мар инро гувоҳ аст, ки Ақл масал аст бар Осмон ва Нафс масал аст бар Замин. Ва касеро ба андарёфтани нафс дастраси нест, магар ба миёнҷии Замин, ки ӯ ҷисм аст ва ба миёнҷии ҷисм аз нафс чандин фоидаи аҷиб падид ҳамеояд аз саноатҳои гуногун ва пазируфтани фоидаҳои ақли, ки бад-он нафс умри ҷовиди ёбад. Ва нек ҷойгоҳе сохтааст Сонеъи ҳаким мар нафсро ин ҷисм ҷуфт гардонидааст эшонро бо якдигар. Ва қавли Расул, ки мар ӯро ин оят гувоҳи диҳанд, он аст, ки вай, алайҳиссалом, гуфт мар амиралмӯъминин Алиро, алайҳиссалом:

أنا و أنت، يا على، ابوا هذه الامة لعن الله من عق والديه

*Гуфт: «Ману ту, ё Али, падару модари ин умматем. Дур кунад Худой онро, ки биёзорад падару модари хешро».*

Ва ин ҳамон сухан аст, ки Худой гуфт: «Осмонро бино кардем ба нерӯҳо ва заминро бигустардем», аз баҳри он ки мар падарро аз фарзанд маҳал осмон бошад ва модарро маҳал Замин бошад, азеро ки аз падар андар фарзанд, ҷуз он, ки обе набувад, ки ба ибтидо мар он об ба раҳами модар ояд. Чунон ки осмон ҷуз он нест, ки об фурӯ фиристад ва модар фарзанди он обро нигаҳ дорад ва тааҳҳуд кунад ва сурат пайдо ояд ва мар ӯро ба сурати рост зинда берун орад, ҷумла шуда. Ҳамчунон ки Замин мар он қувватро, ки андар он аст, нигаҳ дорад ва аз хештан мар ӯро мадад кунад ва сурате гардонадаш бо рангу бӯй ва маза ва шакл ва ҷумла шуда берун орадаш. Ҳамчунин андар Замин мӯъмин аз нотиқ ҷуз он нест, ки мар ӯро ба «калимаи шаҳодат» хонд ва мар онро ба гардани ӯ андар кард ва гуфт - «растагории ту андар ин аст» ва мар ӯро ба васии худ супурд, масали супурдани падар мар он обро ба модар, то васи маънии он ба мӯъмин расонад. Агар аз ӯ тоат ёбад берун орадаш аз ҳадди деви ба ҳадди фариштаги ва ба зиндагии ҷовиди расонадаш ва аз ҳалок эмин кунадаш. Ҳамчунон ки модар он оби нутфаро ба нигоҳдошти хеш аз табоҳ шудан нигоҳ дошт ва ба зиндагони ва ба ҳис расонидаш.

Пас, нотиқ мар нафси мӯъминро ба манзалати Осмон аст мар наботро ва ба манзалати падар аст мар фарзандро. Ва «асос» мар нафси мӯъминро ба манзалати Замин аст мар наботро ва ба манзалати модар аст мар фарзандро.

Пас, мар ин хабарро ёд кардем аз оёт, ки пеш аз ин андар ин сифат мар онро тафсир ва таъвил гуфтем, гувоҳ аст ва мар он оятро офариниши олам ва таркиби

ҷасади мардум аст гувоҳ. Ва низ гӯем, ки нафси қудси чун ба касе пайваста шавад, он кас паёмбар гардад. Ва нафси қудси мар паёмбарро ҳам бад-он манзалат аст, ки нафси нотиқ мар мардумро аст. Набини, ки худованди нафси қудси мар худованди нафси нотиқаро мусаххари хеш кунад. Ҳамчунон ки худовандони нафси ҳиссиро, ки ҷонваронанд, мусаххар кардаанд, чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд:

**وَرَفَعْنَا بَعْضَهُمْ فَوْقَ بَعْضٍ دَرَجَاتٍ لِيَتَّخِذَ بَعْضُهُمْ بَعْضاً سُخْرِيّاً**

*Гуфт: «Баргирифтем гурӯҳеро аз бари гурӯҳе, то мар гурӯҳеро мусаххар кард» (43-32).*

Пас, гӯем, ки ғояти нафси нотиқа он аст, ки то сухане бигӯяд маънидор ба лафзи муҳаззиби бе ҳашв ё мусаҷҷаъ, чун хутбаҳои араб, ё муқаффою мавзун, чунон ки шеър аст, ки ба тарозуи ақл санҷидааст ва ҳар байтеро ба охири ӯ сухане, монанди он ки ба охири он дигар байт овардааст ва ҳар якеро маънии дигар аст. Ва дигар худовандони нафси нотиқа аз гуфтани ҳамчунон оҷизанд ва мар он касро ҳама мусаххари ӯ ҳамчунон муқаффою мавзун нест, балки вақте сухани хешро ба ғоят расонад ва ба ниҳояти он қувват аст, ки чизе бигӯяд ва бад-он вақт, ки он хоҳад гуфтан, нахоҳад, ки сухани касе бишунавад, ки хотири ӯ аз он фурӯ монад. Пас, бад-он шараф, ки сухани манзумро аст бар сухани мансур, худовандони сухани манзум ҳаме ҷудои ҷӯяд аз гӯяндагони сухани мансур ва ё фурӯд аз хештан андар як замон қарор наёбад. Ва он кас ҳама сухани хеш шеъри маънидор натавонад гуфтан, аз баҳри он ки шеър мар нафси нотиқаро ба манзалати бор аст мар дарахти мевадорро ва ҳар чи аз дарахт мева берун ояд, ҳама меваи ширину хушбӯю некранг набошад, бал бар дарахт мар яке борро сад барг бошад, ки шакл монанди бор дорад, валекин ба мазаву бӯй чун бор набошад.

Пас, гӯем, ки чун нафси қудси ба бандае аз бандагони Худой пайваста шавад, он банда бад-он нафс мар сухани рӯҳониёнро битавонад пазируфтан бе овоз ва бе ҳуруфу калимот. Ва бад-он вақт, ки сухани рӯҳониён бад-ӯ хоҳад пайвастан, вай аз ҳама маҳсусот бурида шавад ва ҳавосси ӯ аз кор бимонад. Сабаби мухолифат, ки маъқулро бо маҳсус ҳаст, то бад-он нафси шариф мар он ишорати рӯҳониро биёбад, он вақт он ишоратро аз баҳри оҷизи халқ аз пазируфтани он ба ҳуруфи овоз мураккаб кунад ва бар маҳсусот масал гардонад ва ба халқ бирасонад. Ва ҳама сухани он муайяд ба нафси қудси пайвандад ва аз он рӯй набошад, аз баҳри он ки ҳар чизеро ғояте ҳаст ва он ғояту ниҳояти нафси қудси аст, ки каломи рӯҳониёнро биёбад. Ва ҳеч чиз андар олами ҷисмони, ки ӯ гарданда аст, ҳамеша ниҳояти хеш натавонад будан.

Пас, сухани Худой таъоло аз нафси паямбар, алайҳиссалом, ба манзалати шеър аст аз нафси нотиқа ба масал ва хабар аз нафси нотиқа, алайҳиссалом, ба манзаллати дигар суханҳо аст аз нафси нотиқа ба масал. Ва сухани Худой таъоло аз нафси Расул, алайҳиссалом, ба манзалати бор аст аз дарахти борвар, ки барг ба шакли мева бошад, валекин ба бӯй ва мазаи ӯ набошад ва ҳамчунин хабари Расул ва он бамаъни бошад, ки сухани Худой аст ва агар нафсҳои халқ бар нигоҳдошти хабари он рағбат накунад, ки бар нигоҳдошти сухани Худой. Аз нафси қудси ба манзалати сухани маънидор аст гузорида ба ҳуруфу калимот аз нафси нотиқа. Ва хабари Расул аз нафси қудси ба манзалати овози мардум аст аз нафси нотиқа. Ва андар сухан овоз аст, валекин андар овоз сухан нест. Пас, гӯем, ки худовандони таъйид, чун «асосу имом» ва «бобу ҳуҷҷат» мар сухани Худойро ба ҳақ баргирифтанд ва ба шинохт андар он фармонҳо бирафтанд бар ҳақиқат, на бар зоҳири алфоз ҳам бар он мисол, ки худовандони нафси нотиқа мар суханро чун бишунаванд ва бар андозаи он маъни баргиранд, ки андар он сухан бошад ва аз паси муроди гӯянда раванд ва нигаранд, ки он гӯянда мар он суханро ба овози нарм гуфт ё ба овози баланд, аз баҳри он ки шунавандагон худовандони нафси нотиқа буданд ва он худовандони нафси ҳисси аз ҷонварон, ки мар эшонро овози

вай нутқ аст мар забони мардум. Ва огаҳи надод ба маънии он чи мардум гӯяд, нарасид, чунон ки агар касе бонге бар сутуре занад ба сухане, ки «чунин кун ё макун», он сутур аз он овоз битарсад ва мутаҳайир шавад ва бозистад аз он чи андар он бошад аз ҳаракоти хеш. Ва ҳамчунин гар касе оҳуеро овоз диҳад, ки «биё ё бирав», оҳу мар он гуфторро ба овоз баргирад на ба нутқ, аз баҳри он ки оҳу худованди нутқ нест. Пас, ин истодан аз он сухани мантиқии маҳз, ки Расул, алайҳиссалом, мар онро ба овозу нутқ бигузорид, бад-он манзалат баргирифтанд, ки эшон худ андар он буданд аз сухан гуфтани ҷисмониён бар ҷисмҳо, валекин тарсанда шуданд аз овози нотиқи даври хеш, бе он ки ба маънии он суханон, ки ӯ гуфт, пурсиданд бар мисоли тарсидани сутур ва ваҳш[24] аз овози мардум. Ва боз истодани мардуми нодон аз он чи нотиқи давр мар эшонро аз он боздошт на бад-он сабаб, ки бидонистаанд, ки чунон бибояд кардан ба ҳақиқат, балки бад-он сабаб аст, ки нафси нотиқи даврро бар нафси уммати он фазилат аст, ки нафси мардумро бар нафси сутур аст. Ва ҳамчунон чун сутуре таоме аз он мардум бихӯрад, агар мардум бонг барзанад, сутур аз он таом дур шавад бад-он зиёдати қуввват, ки мар нафси нотиқаро бар нафси ҳисси аст, на бад-он, ки сутур бидонад, ки ӯ он овоз аз баҳри он зад, ки он мар ӯро набояд хӯрдан, чи он хӯриши мардум аст ва мар нафси нотиқаро қувват аст. Пас, ҳам бар ин мисол нуфуси нодон бозистоданд аз он чи мар эшонро аз он боздоштанд. Ва зоҳиран амру наҳйи Худой бар мисоли овоз аст аз сухан ва ботини амру наҳйи Худой бар мисоли маъни аст аз сухан.

Пас, мардум ба ҳақиқат он аст, ки фармони Худойро ба басират пазирад ва пасрави ҳар овозе набошад ва бинигарад қавли Худойро, ки бад-ин маъни ҳамегӯяд, қавлуҳу:

أُوْلَٰئِكَ كَالأَنْعَامِ بَلْ هُمْ أَضَلُّ

*Ҳамегӯяд: «Эшон чун сутуронанд, балки роҳгумкардатаранд» (7-179).*

Ин аст фарӣ миёни оят ва хабар ба наздик гардонидани илм ба ваҳми мустаҷиб.

## Сафи наваду сеюм
## СУХАН АНДАР ОН КИ ЧИЗҲО БАД-ОН ДОНИСТА ШАВАД

Гӯем ба ҷуди худованди ҳақ, ки олами ҷисмони донистани аст ва олами рӯҳони шинохтани. Ва мар олами ҷисмониро шаш ҷониби ӯ гирд гирифтааст, то ӯ, ки ҳафтум аст, ба гувоҳии он шаш ҷониб донистани шудааст, чун зеру забар ва росту чап ва пасу пеш. Ҳамчунин гӯем, ки мар ҳар донистаниро аз маъқулот, ки онро ба ҳис натавон ёфтан, ба шаш чиз битавон шинохтан, то он чизи маъқул, ки ин ҳафтуми он шаш аст ба гувоҳии он шаш чиз дониста шавад, пас аз он ки шинохта бувад. Ва аз он шаш чиз яке «хабар» аст ва дигар «мисол» аст ва он «монанда» аст ва се дигар «халқ» аст ва он «номонанда» бошад ва чаҳорум «тартиб» аст ва он «сипаси якдигар кардан» бошад ва панҷум «фазл» аст ва он «ҷудо кардан» бошад ва шашум «бурҳон» аст ва он «ҳуҷҷат» бошад ва ҳафтум «тамом» аст ва он «воқиф будани донанда» аст бар донистани. Ва мисоли ин чунон бошад, ки гӯянда гӯяд: «Офаридгори ин чиз бошад аз ӯ, ки пешдаст шавад бе ҳақиқате», он вақт мисол бинамояд дургаре, ки дар ҳамекунад ва гӯянд: «Ин оламро бинигар, ки Офаридгор мар ӯро аз ҳол ба ҳол ҳамегардонад». Ҳамчунон ки ин дургар мар ин дарро кӯтоҳтар ва дарозтар ва гаронтар мекунад, он вақт хулф орад, гӯяд: «На чунон сабук аст, ки ӯро андар ин дар, ки кард, ҳеч санъате нест», то гӯяд, олам на чунин сабуке аст, ки асари сонеъ, балки чун дуруст бар осори сонеъ он вақт

---

[24] Дар китоб ваҳш омадааст, ба назар вуҳуш дуруст бошад.

тартиб дорад, гӯяд, чунон ки ин олам санъат аз сонеъ ҳамепазирад ва ба фармони ӯ кор ҳамекунад,. Бар мисоли пазируфтани дар осори санъат аз дургар, мардумро, ки маснуъ аст, фармонбардор бояд бувад ва аз сонеъи хеш илм бибояд пазируфтан, бар мисоли пазируфтани дари дургареро аз дургар. Ва моро кор бояд кардан ба илм, чунон ки Офаридагори мо кор кард ба дониш, то андар ҳадди бузурги монанд шавем мар Сонеъи хешро, он вақт фазл орад. Ва он ҷудо кардани хабари мумкин бошад аз хабари номумкин, пас, гӯяд, ки ин хабар, ки ман гуфтам, мумкин аст ва онро шояд бувад, гӯянд ва нашояд бувад, номумкин бошад. Ва гӯянд, олам ба зоти хеш ба шаклҳои мухолиф аст аз афлок, чун гунбадҳо ва аз кавокиб, чун кӯйҳо ва аз оби раванда ва аз хоки истода ва аз боди паранда ва ҷуз он.

Пас, агар мар ин оламро Офаридгор набуди, ки ин хилофҳо ба хости ӯ буда шудааст, мумкин набуди, ки чандин хилоф андар олам буда шуди аз зоти як чиз, ки олам аст ва аз кӯҳ бе санъат симпорае берун ояд бе шакл, валекин мумкин набошад, ки ангуштарии карда берун ояд ба шаклу сураташ, ин фазл бошад, аз баҳри он ки мумкин аст, ки мар оламро Офаридгор аст ва мумкин нест, ки нест. Он вақт бурҳон гӯяд ва он ҳуҷҷат бошад, ки гӯяд: «Ҳоли мардум аз аввали будиш, то ба охири будиш ҳеч бар муроди ӯ набошад», аз баҳри он ки аз шиками модар берун овард ба вақте бехости ӯ бад-он далел, ки чун берун овардандаш бихурӯшид ва он хурӯш аз кӯдак нишони нокомии ӯ буд ба омадан андар ин олам. Ва чун бузург шуд, хост, ки ҳамчунон ҷавон бимонад, натавонист ҳамчунон мондан ва чун пир гашт, хоҳад, ки дар ин олам бимонад ва натавонад мондан. Ва чун омадану рафтани мардум ба муроди ӯ набувад, ночора ба муроди Офаридгори ӯ бувад, аз баҳри он ки чора нест, ки ӯ ё худ Офаридгори хеш аст ва ё дигаре Офаридгори ӯ аст.

Пас, ин бурҳон бошад бар ҳақиқат кардани хабар, ки аввал гуфт: «Офаридгор он вақт мар донандаро бад-ин шаш чиз, ки шарҳи он гуфта шуд, Офаридгор дониста шавад ва он ҳафтуми ин шаш аст ва онро тамом гӯянд». Алҳамду лиллоҳи Рабби-л-оламин.

**Сафи наваду чаҳорум**

## СУХАН АНДАР ФАРӢ МИЁНИ МӮЪҶИЗИ ПАЁМБАРОН ВА МИЁНИ СЕҲР

Гӯем, ки фарӣ миёни мӯъҷизи паёмбарон ва миёни сеҳри соҳир беш аз он аст, ки тафовут миёни ёқути сурх аз миёни сафол, ҳарчанд пайдо кардан сӯи нодон ҳар ду коре аст, ки дигар мардумон аз он оҷиз оянд. Аммо маънии мӯъҷиз рафтани қуввати Офаридгор аст аз роҳи паёмбар андар чизҳои табиӣ, ки чун қуввати илоҳи бар нафси паёмбар гузарад ва бар ӯ бар чизҳои табиӣ айши кунад бар муроди паёмбарон, он вақт андар он чизи табиӣ асар кунад. Чунон ки маъруф аст, ки Расули мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, мар дарахти хурморо сӯи хеш хонд, он дарахт ҳамчунон андар замин бирафт то пеши ӯ, алайҳиссалом, ва боз ба фармони ӯ бозгашт аз пеши ӯ. Ва хирадмандро аз ин шигифте набояд доштан, аз баҳри он ки то ҷумла қуввати офариниш андар як ҷисм ҷамъ нашавад, он кас паямбар нашавад. Ва мисоли ин ҳол андар матбуот пайдо аст, чунон ки агар сад сол Меҳр бар чӯбе ҳаметобад, он чӯб сӯхта нашавад ба қуввати Офтоб. Валекин чун Офтоб андар булӯр гузарад, то аз обинаи жуфрӯй бозафтад, дар вақти он чӯб, ки баробари он бошад, оташ гирад ва чун дар аҷсоми муаллаф чизе ёфтем, ки фурӯғи Меҳр ба миёнҷии ӯ чунин феъл, ки ҳаргиз аз зоти ӯ бе он миёнҷи он феъл наёмада буд, падид овард, ки раво бошад, ки Офаридгори олам андар олам ба миёнҷии он нафси шариф, ки ӯро мар салоҳи ин санъати азими хеш падид оварда буд, чизе кард, ки бе он миёнҷи накарда буд. Ҳамчунин низ андар тилисмот

ёфтааст мисоли ин мардум, ки ба миёнҷии сурате, ки бикунад бар мисоли газандае, ё хазандае аз пашша ва мӯр ва каждум ва ҷуз он ба вақте маълум ҳаме зарару ранҷи он газанда аз аҳли он замин боз тавонад доштан, ки он кас бе он миёнҷи ҳаргиз ранҷи он ҷонвар аз нафси хеш боз натавонад доштан. Бад-он чи Эзид, субҳонаҳу, мар Расулро, алайҳиссалом, падид овард, то ба миёнҷии ӯ Сонеъ андар олам халқи олам падид овард аз Ӯ, ҷаллат қудратуҳ, раҳмати азим буд бар халқ. Ва нагӯем, ки қудрати Сонеъи ҳаким оҷиз бувад аз нигоҳдошти халқ аз фасод, валекин гӯем, ки чун салоҳ андар халқ бар Расули хеш падид овард, донем, ки ҳикмат андар ин бувад. Пас, чи шигифт бояд донистан агар ба миёнҷии нафси шариф паямбари Офаридгори олам аз баҳри салоҳи халқ чизе падид овард, ки пеш аз он бе миёнҷии ӯ он чиз падид наёварда буд.

Ва аммо фарқ миёни мӯъҷиз ва сеҳри соҳир он аст, ки он чи паёмбар кунад, ҳеч кас он натавонад кардан, аз баҳри он ки андар ҳеч нафсе он хосият нест аз Рӯҳ-ул-қудус, ки андар нафси паёмбар бошад ва ҳеч кас ба ҷаҳду омӯхтан мар он мӯъҷизро натавонад пазируфтан. Ва на пайғомбар мӯъҷизи мар касеро тавонад омӯхтан бар мисоли санъате, ки мардум кунад андар оҳангари ва дургари ва ҷуз он, ки мумкин нест, ки ҳеч ҷонвар, ки андар ӯ нафси нотиқа нест, он санъат аз мардум биёмӯзад, ё мардум битавонад, ки мар хирсро ё бӯзинаро дургари биёмӯзад ба сабаби дур мондани хирс аз нафси нотиқа. Пас, ҳамчунин ҳар касе, ки андар ӯ Рӯҳ-ул-қудус баҳра набошад, мӯъҷиз аз пайғомбар натавонад омӯхтан, ҳамчунон ки Офтоб андар санг тобад, аз акси санг оташ падид натавонад овардан. Ва сеҳри соҳир он аст, ки чун он сеҳр каси дигар бидонад кардан ва касе, ки ранҷ барад андар соҳири, аз ӯ натавонад омӯхтан ва соҳир битавонад, ки он сабукдасти ва сохтани хосияти чизҳо мар каси дигарро биёмӯзад, аз баҳри он ки миёни нафси соҳир ва миёни нафсҳои дигар муҷонасат аст ва андар сеҳри соҳир чизе нест дигар, ки андар мардумони дигар нест. Ва низ, ки соҳир он соҳири биёмӯхта аст аз дигаре ва ҳар чизе, ки мардуме он биёмӯзад, ночора мардуме аз ӯ битавонад омӯхтан. Ва паёмбари, ки мардуме натавон гирифтан, касе аз паёмбар паёмбари натавонад омӯхтан, ки он Эзиди аст ва низ мӯъҷизи паёмбарон бар ҳар чи ӯ хоҳад, раванда бошад аз баҳри он ки қуввати Офаридгори ҳама чизҳо аз ӯ ҳаме ба акс бозояд. Пас, ҳар чи хоҳад, битавонад кардан андар ҳар чи хоҳад. Ва феъли мушаъбиз ҷуз андар чизҳое, ки табъи он сохта бошад, наравад, бар ихтиёр каси дигар мушаъбизи натавонад кардан, балки чизҳое кунад, ки онро сохтааст ва бар он густох гашта.

Пас, феъли мушаъбиз маҳдуд ва мутаноҳи аст ва мӯъҷизи пайғомбарон номаҳдуду номутаноҳи аст ва фарқи азим андар ин ду миён, вассалом.

### Сафи наваду панҷум

## СУХАН АНДАР ГУЗИДАНИ ХУДОЙ БАНДАЕРО БА ПАЁМБАРИ

Хизонаҳои шарафу ҳикмат, ки аз калимаи Бори, субҳонаҳу, бар Ақли аввал кушода шудааст, беандоза аст, валекин он чи Ақли аввал аз он шараф, ки ёфт бар Нафси кулли биборад, бениҳоят нест, балки Ақл бар Нафс ифозати кард аз ҷуди Бори бад-он қадар, ки Нафс бад-он тавоно гашт ва рост ниҳодани олами табиӣ, то бад-он берун овард мар ин шахсҳои кӯнда ва табоҳшавандаро. Ва боздошт аз нафс мар он ҳикматро, ки бад-он пайваста шавад олами табиӣ ба олами рӯҳони ва он «он»-и ҳикмат аст, ки мар онро нафси худованди қиёмат, алайҳи афзал-ус-салом, бирезад, чунон ки Худой таъоло мегӯяд, қавлуҳу:

وَإِنْ مِنْ شَيْءٍ إِلاَّ عِنْدَنَا خَزَائِنُهُ وَمَا نُنَزِّلُهُ إِلاَّ بِقَدَرٍ مَعْلُومٍ

*Ҳамегӯяд: «Нест ҳеч чиз, ҷуз он ки наздики мо аст хазинаҳои он ва фурӯ нафиристемаш, магар ба андозаи диниста» (15-21).*

Ва фурӯ фиристодан масал аст бар фоида додани ҳадде бартар ҳадди фурӯтарро. Яъне, ки он чи наздики Ақл аст, бе канора аст ва он чи ӯ ба Нафс додааст, ба андоза аст.

Ва Нафси кулли орзуманд аст, бад-он чи аз ӯ боздоштааст аз насиби ҳикмату шараф ва бад-он андар ҳар ду олам бақо ёфтааст. Ва нафс мар он шарафро, ки Ақли аввал бад-ӯ пайвастааст ва бар ӯ тобанда аст ва бар маълули хеш, ки он табиат аст, то аз табиат, ки он феъли кулл аст, он шараф андар нафсҳои ҷузъии мардум асар ҳамекунад бар андозаи равшани ва тирагии нафсҳо. Ва ҳар нафсе, ки он равшантар аст ва мизоҷи табоеъ андар ҷасади ӯ ба рости наздиктар аст, аз он шарафу ҳикмат насиб бештар ёбад. Ва ҳар нафсе, ки он равшантар аст ва мизоҷи табоеъ андар ҷасади ӯ ба рости наздиктар аст, аз он шарафу ҳикмат насиб бештар ёбад. Ва ҳар нафсе, ки он тиратар аст ва мизоҷи табоеъ андар ҷасади ӯ норосту мухолиф аст, аз он шараф бозмонад ва чун нафсе қарор гирад андар ҷасади рост-мизоҷи дур аз тираги ва ихтилофи табиат пазиро шавад мар осори Нафси куллиро, ки бар табиат бар ӯ боридааст пазируфтани асли ҷавҳари. Ва ӯ расул аз Нафси кулли шавад аз миёни дигар нафсҳо сӯи он нафсҳо, ки аз пазируфтани он осор бозпас монданд ва рисолат номи он пазируфтан аст, ки нафси паёмбар пазируфт аз осори Нафси кулли. Ва расул гашт аз пазируфтан сӯи дигар мардумон ба ду сабаб: яке аз он аст, ки он касҳо, ки аз пазируфтани осори Нафси кулли бозмонд, ба сабаби тирагии нафсҳои эшон ҳам аз ҷинси ӯ расуланд ва ҳамбозе аст миёни расул ва миёни эшон бад-ин сурати мардуми ва ҷудои аст миёнашон ба сабаби пазируфтани осору ҷудои, ки миёни тавонгар ва дарвеш аст, ки дарвеш анбоз аст бо фавоиди Нафси кулли. Ва мисоли тавонгар андар ҳосили тавонгари бо тавонгар бад-он рӯй, ки тавонгарии тавонгар ба дарвешии дарвеш ҳаме падид ояд. Ва қиматкарди ҳам дарвешу ҳам тавонгар ҳаме падид оранд шарафи тавонгарии эшон ҳар ду аз тавонгарии анбоз бошад ва хости тавонгар аз дарвеш бад-он чи тавонгарро чизе аст, ки дарвешро он нест.

Пас, расул ба ҳикмату шараф, ки аз Нафси кулли пазируфтааст, тавонгар аст ва халқ бад-он ҳикмату шараф дарвешонанд, чунон ки Худой таъоло мегӯяд, қавлуҳу таъоло:

يَا أَيُّهَا النَّاسُ أَنْتُمُ الْفُقَرَاءُ إِلَى اللَّهِ وَاللَّهُ هُوَ الْغَنِيُّ الْحَمِيدُ

*Ҳамегӯяд: «Эй, мардумон, шумо дарвешонед сӯи Худой ва Худой Тавонгару Сутуда аст» (35-15).*

Пас, воҷиб гашт бар расул аз он тавонгари, ки ёфт ҳақи ҳамбозону ҳамшикорони хеш берун кардан. Ва Худой таъоло биситуд мар он гурӯҳро, ки эшон андар моли хеш насиб кардaнд хоҳандагонро ва бозмондагонро. Чунон ки гуфт, қавлуҳу:

وَالَّذِينَ فِي أَمْوَالِهِمْ حَقٌّ مَعْلُومٌ لِلسَّائِلِ وَالْمَحْرُومِ

*Ҳамегӯяд: «Ҳамоно ки дар амволи эшон ҳиссае аст маълум барои суолкунанда ва маҳрум»*[25]*(70 -24, 25).*

Ва бад-ин касон мар паёмбаронро хост андар замони хеш ва асосонро хост андар асри хеш ва имомонро хост андар замони ӯ, ки ин илми хеш мар он касонро, ки аз он шарафу фазл, ки зиндагии абади ва неъмати ҳамеша андар ӯ аст, боз монданд, насиб карданд.

Ва дигар сабаби паёмбару паёмбарон он бувад, ки он нафсҳо, ки аз пазируфтани фавоиди Нафси кулли ба нафси хеш бозмонданд, бе миёнҷи оҷиз набуданд аз пазируфтани он фавоид ба вақти шунудан аз расул. Пас, бад-ин сабаб ӯ расул гашт аз Нафси кулли ба амри Бори, то бишнавонад мар халқро он чи

[25] Дар матни китоби на ал-Қавим ва на ал-Хашшоб тарҷумаи оят наомадааст.

эшонро ба дил тоқати пазируфтани он набувад, то адли Худой таъоло ба халқ бирасид. Ва он қувват, ки халқро аст андар шунудан, зоеъ нашавад ва чун Сонеъи Ҳаким донист, ки эшон тоқат надоштанд, ки мар он ифозати рӯҳониро ба дилҳои хеш пазируфтанди, бар эшон хашм гирифт ба боздоштани пайғоми ҷасадони аз эшон, ки он таклиф буд ва гуфт:

لا يُكَلِّفُ اللّهُ نَفْساً إِلاَّ مَا آتَاهَا

*Гуфт: «Нафармояд Худой нафсеро, магар он чи ӯро тоқати он додааст» (65-7).*

Ва низ гӯем, ки Худой таъоло бигузид аз миёни бандагони хеш расулеро ва мар ӯро ба сӯи дигарон фиристод ба пайғом, аз баҳри он ки аз нахуст мар ақли азизеро бад-эшон фиристода буд, ки бад-он ақл пайғоми ҷисмони битавонистанд пазируфтан. Ва низ аз баҳри он буд фиристодани расул ба халқ, ки он чизе, ки андар гумони мардумон ояд, сӯи баъзе аз мардумон дуруст нашавад, магар он гаҳ, ки он гумонеро маҳсус бубинанд ва биёбанд. Ва чун андар давре расуле биёяд ва мардумонро битарсонад ба чизе, ки андар гумонҳои эшон оянда бошад, он тарсонидан гумони эшон ба яқин шавад. Ва мисоли ин чунон бошад, ки андар гумонҳои мо собит аст, ки чун оташ ба ҳезум фаро дори, ҳезумро бисӯзад. Ва агар касе биёяд ва моро гӯяд: «Дидем, ки оташ ба ҳезум дарафтод ва насӯхт ҳезумро», мар гумонро бад-он гуфтор устувори афзояд.

Ва далел бар воҷиб гаштани фиристодани расул аз Худой ба халқи ин олами табиӣ собит кунем. Ва гӯем, ки пайдо шудани зоишҳои олам аз маодину наботу ҳайвон аз ҷиҳати ҳаракатҳои кавокиб ва афлок аст ба будиш, ҳар навъе аз анвои зоишҳо сабаби он аст, ҳар будиш он навъро, ки ба фазл пеши ӯ аст, то бирасад зоиши олам ба мардум, ки будиши ӯ аз баҳри хеш аст, на аз баҳри чизи дигар. Чунон ки гӯем, ки будиши набот ба сабаби будиши сутур бувад, ки агар набот набуди, сутур набуди. Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки агар набот аз сутур бозгири, сутур бимирад ва будиши сутур сабаби будиши дадгони гӯштхор бувад, чи агар сутури гиёҳхор набуди, дади гӯштхор набуди. Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки агар гӯштхорро аз гиёҳхор боздори, бимирад ва будиши ҷонвар сабаб бувад мар будиши мардумро ва агар ҷонвар набуди, мардум набуди. Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки агар ҷонвар аз олам баргири, мардум баргирифта шавад ва мардум сабаб набувад мар будани чизи дигарро, балки будиши мардум худ аз баҳри зоти мардум бувад ва мардум аз ҳама чизҳо, ки будиши эшон пеш аз ӯ бувад, шарифтар бувад. Пас, мар ӯро нигоҳдошт воҷиб омад ба як тан ҳам аз мардум. Пас, шарафи он нигаҳбони мардум бартар омад аз шарафи ҳамаи мардум. Ва низ мардумро ду ҳаракат аст: яке ҳаракати ақл аст, ки бад-он мар зоти хешро нигоҳ дорад аз офатҳо ва тадбири ҷисму рӯҳи хеш бад-он ҳаракат кунад. Ва дигар ҳаракат он аст, ки андар афъол мар онро кор бандад бар неку бад. Ва он ҳаракат, ки мардумро ақли аст, мар онро гоҳ-гоҳ кор бандад. Ва ҳамеша аз мардум ҳаракати ақли наояд, магар ба вақти кашидани манфиате, ё ба дафъ кардани мазаррате. Ва ин ҳаракатҳои фурӯмоя аз хӯрдану рафтан ва гуфтани суханҳои нобакор ва ҷуз он ҳар вақте бошад. Ва ҳамеша пас аз ин ҳукм ҳаме воҷиб ояд, ки ҳаракоти ситорагону афлок ва он чи аз баҳри падид овардани ин шахсҳои тираи фурӯмоя бошад, ҳамеша мавҷуд бошад. Ва он ҳаракат, ки аз баҳри падид омадани шахс бошад, ки андар ӯ нигоҳдошти дигар шахсҳо бошад, ки гоҳ-гоҳ бошад ва чун ҳаракоти ситорагону афлок ва он ҳаракат, ки бад-ӯ сиёсати халқ ва салоҳи олам ба ҳосил ояд, муттафиқ шаванд, шахси муътадил падид ояд, ки он шахс ҳам ҳаракати будиш пазирад ва ҳам ҳаракати сиёсати халқ. Ва ӯ расул шавад сӯи дигар мардумон, ки шахсҳои эшон ҷуз ҳаракати будиш напазируфтаанд. Ин аст сабаби гузидани Сонеъ мар як мардумро ба рисолат сӯи дигар мардумон.

Ва низ гӯем, ки мо фурӯмондаем аз андарёфтани чизе, ки аз офариниши мо ғарази Офаридгори мо он аст. Пас, воҷиб ояд бар Сонеъи Ҳаким фиристодани

касе аз мо ба сӯи мо фурӯмондагон, то огоҳи диҳад аз он чи ризоии ӯ аз мо дар он аст ва он чи пайдо аст, чун Офтоб фоидаҳои шариъе андар халқ аз покиза доштан мар нафси хешро аз феъли сутурон ва аз тоат доштан мар Офаридгори хешро ба намоз ва аз мувосот кардан бо дарвешон ба закот ва ҷуз он.

Ва агар Сонеъи Ҳаким моро ба муроди мо даст боз дошти, ҳар касе роҳи дигар гирифти ва ҳамеша ҳар касе андар гумон афтоди аз тариқати хеш, ки магар ҳақ ҷуз он аст, ки ӯ дорад.

Ва чун расули Худой биёяд андар давре ва халқро аз сӯи ҳақ хонад ва халқ зери як фармон ҷумла шаванд ва шакк аз миёни халқ бархезад ва салоҳу ором миёни халқ пайдо ояд, бад-ин сабаб буд, ки Эзиди таъоло як танро аз халқ ба пайғомбари ихтиёр кард.

Пас, гӯем, ки ростию равшани ва покизаги андар шахси расули Худой ба ниҳояту ғоят бошад ва андар шахсҳои ростгӯй дорандагон мар ӯро ва пазирандагон мар фармони Худойро бар забони ӯ ба миқдор бошад ва ба масали шахси расул камоли ростиҳову салоҳ ва зӯҳду порсои бошад. Ва ҳама шахсҳои мӯъминон аз халқ ҷузъ бошанд мар он куллро. Ва далел бар ростии офариниши расул ва покизагиву порсои ва шарафу салоҳи нафси ӯ аст, ки доно ва нодон бар сухан ва фармон орамидаанд. Ва нишони рости ва салоҳ он аст, ки мардум бигӯяд ва бад-ӯ фароз ояд.

Пас, омадани нафсҳои халқ бар сухани паёмбар гувоҳи ҳамедиҳад бар эътидоли ӯ ва бар салоҳи нафси ӯ, алайҳиссалом, ва нест ҳеч кас андар олам ва набудааст касе, ки халқ бар сухани он кас қарор гирифтааст, чунин ки бар сухани пайғомбарон қарор гирифтаанд. Ва бибояд донистан хирадмандонро, ки қарори халқ бар сухани паямбарон, алайҳиссалом, бад-он афтод, ки иллати будиши олам амри Худой буд, ки мар онро «калима» гуфтанд. Ва «калима» сухане бошад ва чун иллати олам аз Бори, субҳонаҳу, сухан бувад олам андар он чи бизод, бар мардум қарор гирифт, ки зиндае аст сухангӯй ва ғояту ниҳояти олам ӯ бувад. Ва ғояту ниҳояти кор маълули он бошад, ки ба иллати хеш монанда шавад ба рӯе аз рӯйҳо ва чун олам ба зоти хеш чун иллати хеш натавонист шудан ба сухан гуфтан, зоишҳо падид овард, паси якдигаранд, то бирасонанд мар зоиши хеш ба мардуми сухангӯй, монанди ақл, ки «калима» бад-ӯ пайваста бувад.

Пас, ҳар ки аз мардум бад-он аввал падид омада, пайваст шавад, ки калимаи Бори бо ӯ аст, расул бошад гузида аз Сонеъи Ҳаким, то битарсонад мардумро бад-он чи Рӯҳ-ул-амин андар дили ӯ афканда бошад ба забони қавми хеш. Ва бимонад он сухан ба миёни мардумон рӯзгори дароз. Ва он сухан сабаб бошад мар ростии корҳои эшонро ва салоҳи эшонро ҳамчунон ки он сухани нахустин аз Бори, субҳонаҳу, сабаб бувад мар рост шудани ин оламро. Ва агар гузидан аз халқ ба расуле, магар якеро аз эшон сӯи халқ нест, балки сӯи Худой аст, чунон ки ҳамегӯяд, қавлуҳу:

وَرَبُّكَ يَخْلُقُ مَا يَشَاءُ وَيَخْتَارُ مَا كَانَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ سُبْحَانَ اللَّهِ وَتَعَالَى عَمَّا يُشْرِكُونَ

*Гуфт: «Ва Парвардигори ту биёфаринад он чи хоҳад ва бигузинад, яъне аз бандагон мар рисолат ва васоят ва имоматро» (28-68).*

Ва нест гузидан мар эшонро, яъне ки эшон воқиф нестанд бар рӯҳониён ва пайвастани эшон ба халқ. Пок аст Худой ва баланд аст, аз он ки бигузинад мар онро, ки эшон мар Ӯро анбоз гиранд андар имомат. Эзиди таъоло моро дур дород аз пас рафтану анбоз гирифтан бо касе, ки Худой таъоло ӯро бигзидааст.

## Сафи наваду шашум
## СУХАН АНДАР ОН КИ ЧАРО ДУ РАСУЛ АНДАР ЯК ЗАМОН РАВО НАБУВАД

Касе, ки гӯяд - «чаро андар олам ду расул набувад?», - чунон бошад, ки гӯяд - «чаро дар осмон ду Офтоб чашма набувад?» Ва агар он кас андеша кунад, бидонад, ки агар ин як Офтоб гарданда нести миёни ду қутби ҷануби ва шимоли, як ҷой аз замин ҳама бисӯхти аз гармо ва дигар ҷо аз сармо ҳама санг гашти. Ва чун як Меҳр аст ва ҳамегардад аз шимол ба ҷануб ва аз ҷануб ба шимол, ҷое аз замин ба вақте набот ҳаме берун орад ва ҷое ҳамеосояд мар берун овардани наботро ба вақти дигар. Ва андар ин ҳикмати азим аст.

Пас, агар гӯем: «Ду паямбар ё ду имом буди, ҳар ду мувофиқ буданди андар даъвату шариат, ё мухолиф буданди, эшонро бо якдигар ҷанг афтоди ва ночора яке аз эшон мубтил буди. Ва чун дуруст шуд, ки яке аз эшон мубтил буди, дуруст шуд, ки паёмбар аз эшон худ яке беш набуди, ҳамчунин, ки имрӯз аст. Пас, агар мувофиқи якдигар буданди андар даъват бе ҳеч хилоф, пас худ ҳамчунин буди, ки имрӯз аст, ки ҳама мусалмонон мар кофаронро ба Муҳаммади мустафо, алайҳиссалом, мехонанд бе ҳеч хилоф ва касе ба паёмбари ҳеч даъво намекунад, чун бо ӯ мувофиқанд». Ва ин баёне сахт равшан аст ва низ аз тариқи офариниш гӯем, ки қувватҳои ҳама ситорагон ва ҳаракатҳои эшон аз ҳаракатҳое, ки аз нигоҳдошти олам ҳосил шавад, ҷумла бояд шудан, то як тан аз ҳаракоту қувватҳо бад-он ҷой расад, ки халқро сиёсат тавонад кардан ва агар он қувватҳо аз касе ба ҳосил нашавад, ки халқро сиёсат кунад, ба ду қисмат шавад ва нигоҳбон андар ҳар ду нотамом. Ҳамчунон ки ҳамедонем, ки қувватҳои ҳама табоеъ ва афлоку анҷум ҷумла шудаст, то асари зоишҳои олам омадааст. Ва гар ҷуз ин, ки падид омадаст, олам хоҳад, ки чизе падид орад, он вақт, ки аз ин қувватҳо ҷудо кунад, аз ин зоишҳо нуқсон шавад ва он зоиш, ки нав падид ояд, тамом наёяд. Пас, яке тамом ба ҳикмат наздиктар аз он бошад, ки ду бошад ҳар ду ноқис. Пас, гӯем, ки падид овардани як шариати тамом ҳикмати азим бувад аз Сонеъи Ҳаким, то ҳамаи халқ рӯй бад-он оварданд, бар мисоли ҳама андоми мардум, ки солории якдил ҳаме тамом нигоҳ дошта бошад. Ва агар андар ин мардум ду дил буди, ҳар ду ноқис буди, бад-он далел, ки ин қувват, ки бад-ин дил пайвастааст, ба ду дил пайвасти. Ва чунин, ки яки тамом аст, ба ду қисмат шуди, ночора ҳар ду ноқис буди ва ба ноқис будани дил шикаст андар ҷасад роҳ ёфти, аз баҳри ин буд, ки Худой таъоло гуфт, қавлуҳу:

مَا جَعَلَ اللَّهُ لِرَجُلٍ مِنْ قَلْبَيْنِ فِي جَوْفِهِ

*Гуфт: «Худой накард мардеро ду дил аз андаруни ӯ» (33-4).*

Ҳамчунин раво набошад, ки андар замона ду соҳиби шариат бошад, ё андар як замона ду имом бошад, ки шариат бад-он муҳмалу бохалал бувад. Ҳамчунин ки имрӯз чандин ихтилофи ҳалоккунанда андар дин афтодааст, ба сабаби рафтани мардумон аз паси имомони ноҳақ ба ҳавои хеш.

## Сафи наваду ҳафтум
## СУХАН АНДАР ОН КИ ЧУН НАФС АЗ ҶАСАД ҶУДО ШАВАД, ТАВОНО ШАВАД

Гӯем, ба тавфиқи Худой таъоло, ки нафс андар мардум ба се мартабат аст: номияю ҳиссия ва нотиқа. Ҳамчунон ки зоиши олам ба се мартабат аст: маодину набот ва ҳайвон. Ва нафси номия оҷиз аст андар тухм аз растан ва аз кор бастани қувват. Ва нафс оҷизии оҷиз нест аз кор бастани қуввати хеш ба ёфтан мар маҳсусотро. Ва чун қуввати нафси инсони андар нутфа бошад, бар мисоли тухме бошад, ки андар ӯ дарахте бошад бо ҳама олатҳои дарахт ва оҷиз бошад аз пазируфтани зиёдат. Ва чун андар раҳими мода уфтад, тавонои ёбад ва қуввати кор бастани хеш ба пазируфтани зиёдат бар мисоли тухм, ки андар хок уфтад ва обу ҳаво ва оташ мар ӯро ёри диҳанд. Ва андар он ҳол, ки андар раҳими мода бошад, он нутфа

мар ӯро андар ҳоли хеш ихтиёр набошад, балки маҷбур бошад, бар мисоли тухм, ки андар хоку об ва ҳавову оташ биёбад, натавонад, ки нарӯяд. Пас, нутфа, ки андар пушти мард буд, феъле набуд ӯро, на ба ҷабру на ба ихтиёр. Ва чун андар раҳим уфтод, коркун гашт ба ҷабр, ки аз он натавонист бозистод ва то бад-он вақт, ки ҳис бад-ӯ напайваст бо шинохтани баду нек ва донистани дӯст аз душман ӯ маҷбур буд. Ва чун ҳис биёфт, мухтор гашт андар феълҳои хеш ва хост бигуфт ва хост хомӯш буд, хост бирафту хост бинишаст. Ва аз дараҷаи ҷабр ба дараҷаи ихтиёр афтод. Ва худованди илми ҳақиқат мар мухторро нотамому заиф шинохтанд. Ва худ ҳамчунин аст, аз баҳри он ки мухтор он бошад, ки хоҳад бикунад коре ва хоҳад накунад. Ва хостани ӯ мар чизеро ва аз нохостани ӯ ҳамон чизро аз заифию оҷизи ва нотамомии ӯ бошад, чи агар тамом буди, чизе карди, ки ӯро аз он боз набоисти гаштан.

Пас, гӯем, ки мардум андар ҷабр ёфтани ҳиссу нутқ мухтор аст. Ва мухтор шарифтар аз маҷбур аст, валекин тавоно нест, ки агар тавоно буди, мухтор набуди, балки аз ихтиёр бениёз буди. Ва чун мардум, ки аз дараҷаи нафси номия ба дараҷаи ҳисси омад аз ҷабр ба ихтиёр расид, лозим ояд аз ҳукми қиёс, ки чун аз дараҷаи ҳис ба дараҷаи ақл расад, қодири мутлақ гардад. Ва ин он вақт бошад, ки андар кор бастани нафси нотиқа ва парвариши ӯ бар ҳақ ва кор бастани амал ва шинохтани илм тақсире наюфтад, то аз дараҷаи ихтиёр ба дараҷаи қудрат расад. Ва ин бурҳони равшан аст ва роҳе сутуда, ки намуда шуд хирадмандро.

## Сафи наваду ҳаштум
## СУХАН АНДАР ОН КИ АЗ ПАСИ ТАВБА ГУНОҲ НАМОНАД

Гӯем, ки мар бадиро андар офариниш асл нест, чунон ки пеш аз ин андар китоб далоили он намудем. Ва ро асл аст, чунон ки рӯшноиро, ки ӯ монанди хайр аст, чашмаи Меҳр асл аст, ки нур аз ӯ бар олам фурӯ боридааст ва торикиро, ки ӯ монанди шар(р) аст, чашмае пайдо нест, ки торики аз ӯ ҳаме андар чизе асар кунад.

### *Муораза*

Агар касе гӯяд, ки замин чашмаи торик аст, бад-он чи торики аз сояи ӯ мавҷуд аст ва он шаб аст, ки кулли зулмат дар ӯст.

### *Ҷавоб*

Мар ӯро гӯем, ки Заминро торики на зоти аст, чунон ки мар чашмаи Меҳрро рӯшнои зоти аст. Ва агар мар Заминро торики сифати зоти буди, торики аз ӯ андар аҷроми осмон асар карди. Ҳамчунон ки нури аҷром, ки он мар аҷромро сифати зоти аст, ҳаме андар замин асар кунад ба равшан кардан мар ӯро, валекин торик аст, то расидани нури Меҳр бар ҷумлагии шахси Замин ба як дафъа ҳамвор. Ва чун маълум кардем, ки мар бадиро асл нест андар офариниш, гӯем, ки мар нафси бадиро ю хайр асле аст, бар мисоли андомҳо мар ҷисмро. Ва бади ва шар(р) мар ӯро бар мисоли решу ҷароҳат аст ва обила ва агар мар ҷисмро ва андомҳоро аз офариниш аслу моддат аст ва решу ҷароҳатро асл нест, ки боқи шавад, балки иллат аст, ки дору мар ӯро барад. Ва тавба ба рости мар гуноҳро монанди марҳами нарм аст мар ҷароҳатро. Ва ҳамчунон ки чун марҳам ба ҷароҳат барниҳи, қуввати кавокиб мар он ҷароҳатро ба миёнҷии он марҳам моддат фиристад ва решро ба миёнҷии дору бисӯзад андар ин олам, то ҷисм аз он покиза

шавад, ҳамчунон тавбаи насӯҳ[26] бар нафси гунаҳкор марҳам гардад ва нури калима андар он олам мар гуноҳи ӯро ба миёнҷии тавба бисӯзад ва нафсро покиза кунад. Чунон ки Худой таъоло мегӯяд, қавлуҳу:

وَيَمْحُ اللَّهُ الْبَاطِلَ وَيُحِقُّ الْحَقَّ بِكَلِمَاتِهِ إِنَّهُ عَلِيمٌ بِذَاتِ الصُّدُورِ

*Ҳамегӯяд: «Худой пок кунад мар ботилро ва исбот кунад ҳақро ба суханони Хеш ки, Ӯ Доно аст, бад-он чи дар дилҳо аст» (42-24).*

Ва неки бар мисоли андом аст андар ҷасад, ки ба парвариш қувват гираду манофеъ ба мардум пайваста шавад. Падид омадани бади аз нафс ба сабаби бозмондани ӯ аст аз неки, бар мисоли торики бар Замин, ки норасидани нигариши Меҳр аст бад-он ҷойгоҳ. Ва чун нур бар он ҷойгоҳ афтад, аз торики ҳеч асар намонад ва кас надонад, ки куҷо рафт. Ҳамчунин андар нутфаи мардум, ки ба раҳим афтад, мар андомҳои андарунию беруниро асл аст, валекин мар ҷароҳат ва гар ва дунбалро андар нутфа асл нест. Аммо агар хӯрданию пӯшидани, ки бақои ҷисм бад-он аст, намувофиқ ёбад, бад-он сабаб решҳову иллатҳо падид ояд бар ҷисми мардум, валекин андоми дигар нарӯяд ва он иллати бе асл ба дору бишавад. Ва чунон шавад, он иллат, ки худ набувад, ҳамчунин ба тавбаи нафс аз гуноҳ пок шавад, чунон ки баробар шавад бо бегуноҳ. Чунон ки Расули мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, фармуд:

التائب من الذنب كمن لا ذنب له

*Гуфт: «Бозгарданда аз гуноҳ чун он кас аст, ки ӯро ҳеч гуноҳ нест».*

### Сафи наваду нӯҳум
### СУХАН АНДАР БАРГИРИФТАНИ ШАРИАТ БА ЗАМОНИ ХУДОВАНДИ ҚИЁМАТ

Сухан андар парвариши нафс ва муолиҷат мар ӯро баробар бояд, бо парвариши ҷасад ва муъолиҷат мар ӯро аз баҳри он ки ҷасад колбуд аст мар нафсро. Ва колбуд монанда бошад мар ҷасадро, ки андар ӯ бошад. Пас, гӯем, ки чун ҷасади мардум аз рости бишавад ва табоеъ андар ӯ майл кунад аз эътидол, дурусти ва қувват аз ӯ бишавад, то бар табиби ҳаким воҷиб шавад боздоштан мар беморро аз он чи мар ӯро орзу шавад ва таклиф кардан мар ӯро аз хӯрдани доруҳои талху нохуш он чи ӯ мар ӯро нахоҳад, то бад-ин ду ба тан дурусти боз расонад. Ва пас фармони он табиб ва боздоштани ӯ мар он беморро аз он чи ӯ хоҳад, бар мисоли ғӯле бошад бар дасти ӯ ва қайде бошад бар пойи ӯ андар вақти бемори. Ва чун дуруст гашт ва ба ҳоли хеш бозомад, табиб он ғӯлу банд аз ӯ баргирад. Ва дасти ӯ бад-он чи мар ӯро орзу шавад аз таому шароб, кушода кунад ва хӯрдани доруҳои нохуш мар ӯро афв кунад. Пас, ҳамчунин аст ҳоли нафсҳо, ки бад-ин ҷасадҳо пайвастаанд, ки чун андар замоне мар олами хешро нафсҳо фаромӯш кунанд, бар олами табиат ошиқ шаванд ва бад-ӯ майл кунанд, парастиш аз эшон мар Мубдеъи ҳақро фурӯ монад ва мар ӯро ба офаридагон баробар кунанд андар сифот, чунон ки имрӯз ҳамекунанд. Бештар аз ин уммат, ки Худовандро таъоло сифати махлуқот ҳамедиҳанд ва ҳамепиндоранд, ки эшон муваҳҳидонанд аз ошиқе, ки бар ин олам шудаанд. Ва мардум чун чизеро дӯст дорад, он чиз ба чашм сахт некӯ намояд. Пас, сифат кардани уммати нодон мар Эзидро таъоло ба сифати халқ аз қодиру олиму ҳақ ва ҷуз он гувоҳи ҳамедиҳад бар фитна шудани эшон бар ин олам, ки ин ҳама сифати зоишҳои ӯ аст, то воҷиб шуд бар фиристодани табиб сӯи нафсҳои халқ аз паёмбарони ҳақ, алайҳимус-салом, то боздоранд мар эшонро аз баъзе аз чизҳое, ки онро ҷӯяндаанд. Ва мубоҳ гаштани эшонро аз тоати он чи мар онро душвор доранд ва андар ҳар замоне расуле мар эшонро риёзат ҳамекунад, то нафсҳоро бад-он риёзат пок шудан

[26] Тавбаи насӯҳ – тавбаи содиқона ва ростин.

бошад аз бемории нодони. Ва майли ӯ сӯи олами табии ва чун замоне, ки андар ӯ офоти ташбеҳу таътил бар нуфус уфтодааст, бигзарад ва нафсҳо ба тавҳиду тақдиси Эзиди таъоло расад, ин бандҳову ғӯлҳо аз дев баргирад ва аз эшон ибодат ба андешаи поку хотири равшан писанда кунанд ва аз ҷасад бар он андеша ишорату мисол бихоҳанд. Чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд андар фазли Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, ки ин ғӯлҳо аз халқ баргирад ва мар он шариатҳои гузаштаро ҳаме «ағлолу иср» хонад:

وَيَضَعُ عَنْهُمْ إِصْرَهُمْ وَالأَغْلالَ الَّتِي كَانَتْ عَلَيْهِمْ

*Гуфт: «Расул, алайҳиссалом, фурӯ ниҳад ғӯлҳо, ки бар эшон бувад» (7-157).*

Ва он фурӯ гирифтани банду ғӯл аз уммати ӯ, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, пайдо омад бар он чи тавҳид андар тариқи ҳақ ба ғоят расад андар бурҷи шаҳодат, ки андар ӯ маҷмӯъи нафӣ ва исбот аст ва он ташбеҳу таътил бошад. Ва чун тавҳид аз ин ду олоиш пок бувад, шаҳодат ба ихлоси он аст ва ҳар ки ҳақро аз хонадони нубувват напазируфт, бад-ин ду дарё ғарӣ шуданд. Ва ҳар ки андар киштии Нӯҳи даври хеш омад аз ин ҳар ду ғарӣа шудан раста гашт. Ва чун кор ба замони худованди қиёмат, ало зикриҳи-с-салом, расад ва ташбеҳу таътил, ки ба сабаби сухан андар шаҳодат омадааст, бархезад. Ва чун кор бар андеша афтад, боқии бандҳову ғӯлҳо аз уммат баргирад ва халқро нигаҳ дорад ба сиёсати раббони ва қуввати нафси қудси. Ва чун мар шариатро ба ду ҳол ёфтем аз муҳкаму муташобеҳ. Ва муҳкам он бувад, ки оламро бе он салоҳ нест ва муташобеҳ он бувад, ки агар он набошад, раво бошад, ки зоҳири оламро фасоде наюфтад. Хостем, ки бад-ин ҷой миёни муҳкаму муташобеҳи шариат фарӣ кунем. Ва пайдо кунем, ки кадом баргирифта шавад аз халқ бад-он замон, ки нуфуси халқи олам мар илми тавҳидро ба ихлос пазиро шаванд. Ва бигӯем, ки он чи баргиранд аз шариат, чаро баргирад. Пас, гӯем, ки шариати баъзе ақли аст ва баъзе вазъи. Ақли чун ҳаром кардану куштани мардум бошад ва ситадани моли мардумон ба ноҳақ ва бастани никоҳ миёни мардону занон, ки бастҳо бад-он дуруст аст ва чун фурӯхтани чизҳо аз замин ва ҷома ва ҷуз он. Ва ин чизҳое аст, ки оламро бе ин низому рости нест. Ва агар он чизҳо баргирифта шавад, низому рости аз олам баргирифта шавад. Ва ин чизҳо андар зери амру наҳй аст, аъни «кун ва макун». Ва вазъи чун обдаст ва намозу закот ва ҳаҷ ва ҷуз аз он ки ин чизҳое аст ниҳода аз баҳри он чизҳо, ки пӯшидааст дар зери он. Ва ҳаҷҷи муслимин ба хонаи Худой ба Макка аст, ҳамчунон ки ҳаҷи ҷуҳудон ба Байтулмуқаддас[xxxi] аст. Ва ҳар яке аз ин ду хона он аст мар гурӯҳеро, ки мар он хонаро монанде нест. Ва ҳамчунин оташхонаҳо мар муғонро ҳаҷ аст. Ва сабаби ин хонаҳо, ки парастишгоҳи халқ гашт, он буд, ки паёмбарон донистанд, ки уммат пас аз эшон ба фиреби девон фирефта шаванд ва аз паси эшон раванд, то ҳар паямбаре мар хонаеро «Худо» ном кард. Ва халқро бифармуд, роҳе бад-он кардан, то бад-он эшонро далел бошад бар он ки имоми ҳақ яке аст ва нашояд ҳар касеро «имом» хондан, магар он як тан, ки расул баён кунад. Ҳамчунон ки рӯй андар парастиши Худой сӯи ҳар хона нашояд кардан, магар бад-он як хона, ки расул мар онро «хонаи Худой» хонд, то халқ бидонанд, ки имом аз хонадони расул бошад. Ва ӯ хонаи «илми Худой» бошад. Ва чун халқи олам чунон шаванд, ки подшоҳии девон аз эшон бархезад ва имоми замона ҳоҷатманд нашавад ба ниҳон будан аз душманон ва халқ мар ӯро гардан ниҳанд ва зери фармони ӯ оянд, он вақт воҷиб шавад хонаи ҷисми баргирифтан, ки он масал аст бар имом. Ва ҳамчунин рӯза бар мусулмонону ҷуҳудон ва тарсоёну оташпарастон ва зумраи муғон нишон аст бар пӯшида доштани ҳақ аз нодон ва хомӯши аз он илм, ки сӯи мардумон андар он замон мар онро равои нест, то мӯъминон бад-он сабаб бар дасти душманон ҳалок нашаванд. Худой таъоло ҳамегӯяд ба рамз андар ин маъни, қавлуҳу таъоло:

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ قُلْ لأَزْوَاجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَاءِ الْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِنْ جَلابِيبِهِنَّ ذَلِكَ أَدْنَى أَنْ يُعْرَفْنَ فَلا يُؤْذَيْنَ

*Гуфт: «Эй паямбар, бигӯй мар занони хешро, яъне мар нақибони динро андар вақти хеш ва духтаронатро, яъне лоҳиқони имомонро ва занони мӯъминонро, яъне мар доъиёнро, то чодарҳошон ба хештан наздик кунанд, яъне ки пӯшида бошанд аз душманон, ки он наздиктар аст, бад-он ки бишиносандашон, яъне то он зоҳириён надонанд. Пас, ранҷа надорандашон» (33-59).*

Ва чун мар ҳақро пайдо ояд, пайдо омадани худованди қиёмат ва мӯъминон битавонанд, ки ҳақро ошкоро кунанд ва аз душманон натарсанд, бад-ин сабаб бархостани ин мавзеъ бошад, ки ӯ масал аст, бар хомӯш будан. Ҳамчунон тан шустан аз ҷанобат фариза аст ва аз он вазъҳо аст ва масал аст бар дур доштан ва пок кардан мар хештанро ва вақти пардохтан аз он ки бигӯи аз илми ҳақиқат, ки бад-он зоиши нафсони ба ҳосил ояд аз даъво кардани он мартабат мар хештанро боз бастан мар онро бо имомони ҳақи ҳафтгона ба фурӯ рехтани об бар ҳафт андоми хеш, яъне ки илми ҳақиқат, ки оби пок аст, бар он масал аст, мар имомони ҳақро аст, то бар мисоли муддаиёни ҳақ набошад, ки уммат даъво карданд ва гумон бурданд, ки мар имоми ҳақро андар он насиб нест. Ва чун Қоими ҳақ ошкоро шавад ва вақт ояд, он давр бад-ӯ шикаста шавад, ҷуз ба фармони ӯ касе даъват накунад, раво бошад, ки ин нишоне, ки бар ӯ масал аст, бархезад. Ва аммо обдасту намоз ва закот ҳарчанд ки аз вазъиёт аст, монанда аст ба ақлиёт, аз баҳри он ки андар обдаст покизаги аст, мар тан аз палидиҳо ва андар ӯ покизаги ва порсои мар нафсро аст. Ва андар закот даст гирифтани дармондагон аст ва пайдо кардани саховат. Ва шояд бувад, ки ин вазъиёт баргирифта нашавад ва шояд бувад, ки баъзе аз ӯ баргирифта шавад. Аммо ҳеч касро тоқати баргирифтани ин ниҳодҳо нест ва набошад, магар худованди савобу иқобро. Ва ҳар ки пеш аз падид омадани ӯ, алайҳи афзал-ус-салом, андар ин чизҳо тақсир кунад, андар лаънату хашми ӯ гирифтор шавад. Агар касе пурсад, ки «ин баргирифторҳоро, Қоим, алайҳи афзал-ус-салом, ба як бор баргирад, ё ба авйот ягон-ягон мар онро аз уммат ҳамеафканад?». Ӯро гӯем, ки мар ин чизҳоро, Қоим, алайҳи афзал-ус-салом, ба нафси хеш аз халқ барнагирад, валекин уммат чун ҳангом биёбад ба афтодани он аз эшон шиносо шаванд, то ба вақти пайдо шудани ӯ, алайҳи афзал-ус-салом, он чи баргирифтани бошад, баргирифта шуда бошад. Ва чун ҳангоми падид омадани он шарифи шарифон бошад, бандҳои шариат кушода гардад ва халқ мӯҳмал шаванд ва хун рехтан миёни халқ фош гардад ва адлу раҳмат аз миёни халқ берун шавад ва шарру хиёнат ошкоро шавад. Ва доноёну мӯъминон бечораву дармонда шаванд. Ва нодонону мунофиқон бар эшон ғалаба гиранд. Ва доноён аз дониш ба ном писанда кунанд. Он вақт ҳақ бар асари он ҳол ошкоро шавад ва фармон андар олами яке шавад. Чунон ки Худой таъоло ҳамегӯяд, қавлуҳу:

يَوْمَ لا تَمْلِكُ نَفْسٌ لِنَفْسٍ شَيْئاً وَالأَمْرُ يَوْمَئِذٍ لِلَّهِ

*Ҳамегӯяд: «Рӯзе бошад, ки ҳеч нафсеро бар ҳеч нафсе подшоҳи набошад ва фармон он рӯз Худойро бошад» (82-19).*

Ва даъват ба ботини маҳз бошад ва ҳар касе, ки аз илми ҳақиқат хабар надорад, натавонад мар онро пазируфтан ва натавонад мар онро дафъ кардан ва ба ду ҷаҳон ба бало овехта шаванд ва фасод аз олам ба падид омадани ӯ, алайҳи афзал-ус-салом, аз олам бархезад, аз баҳри он ки Нафси кулли ба падид омадани ӯ ба Ақли кулли пайваста шавад. Ва имрӯз шариат ба ҷаҳл баргирифтаанд, фардо ба адлу ҳақ баргиранд. Ва худ чунин воҷиб ояд, аз баҳри он ки мардум миёнҷи аст миёни девию фариштаги. Ва имрӯз ҷаҳон девон доранд ва фардо фариштагонро бояд доштан.

## Сафи садум
## СУХАН АНДАР АҚЛИ КУЛЛ, КИ Ӯ МУБДЕЪ АСТ, НА МАБДАЪ

Мубдеъи ҳақ он аст, ки чизро на аз чиз ӯ падид оварад. Ва ҳама мубдаъот аз ин сунъ оҷиз омаданд ва бад-ин сабаб лозим омад донистан, ки Сонеъи олами ҷисмони на Мубдеъи ҳақ аст, балки рӯҳони аст, аз он ки мар рӯҳониро андар ҷисмони мутасарриф ёфтем ба бисёр рӯйҳо. Чунон ки ҳамебинем, ки рӯҳи мардум мар ҷисми ӯро кор ҳамефармояд ба гуна-гуна илмҳо. Ва чун рӯҳ аз ҷасад ҷудо шавад, ҷасад бекор монад. Ва чун мар ин оламро ҷисм ва нодону бекор ёфтем, донистем, ки корбанди ӯ рӯҳони аст, кулли азиму доно ва низ мубдеъ он бошад, ки ӯ чизе на аз чизе дигар бошад ва махлуқи чизе бошад аз чизе. Пас, Мубдеъи ҳақ он аст, ки ӯро аз ҷиҳати ӯйи ном нест ва аз ҷиҳати мо, ки падидоварандагонем, номи ӯ Мубдеъи ҳақ аст, аъни падидоварандаи чиз на аз чиз. Мубдеъ, ки ӯ Ақл аст, чизе падид оварда на аз чизе. Ва ӯ муҳит аст бар ҷумлаги, ҳар чи ӯро ҳасти аст ва махлуқи аввал Нафси кулл аст, ки ӯ нахустин чизе аст падидомада аз чизе, аъни, ки падид омадани ба миёнҷии Ақл аст аз амри Бори, субҳонаҳу.

### *Муораза*

Агар касе гӯяд: «Чун ҳамегӯи, ки Ақл он аст, ки муҳит аст ба ҳар чи ӯро ҳасти аст, пас, чи монад аз Худой, ки ту ба Ақл исбот накарди, пас, ба даъвии ту худи Ақл - Худой аст?».

### *Ҷавоб*

Мар ӯро гӯем, ки наздики хоссу омм маъруф аст, ки будиши оламро бо он чи андар ӯ аст, сабаб «кун» буд аз Бори таъоло ва чора нест мар ин ду ҳуруфро аз фарозорандае, ки Ӯ мар онро фароз биёварди, ин калимат аз ин ду ҳарф ҳосил нашуди. Ва чун ин калимат набуди, ҷаҳон набуди. Ва фарозорандаи ду чиз лозим ояд, ки ҷуз он ду чиз бошад ва пӯшидатару ноёфтатар аз эшон бошад. Ва чун «будиш» бад-ин ҳарф низом ёфт, фарозорандаи ин ду ҳарф бартар бошад аз бошонидан, аз баҳри он ки бошонандаи олам «кун» буд, аъни «бибош». Пас, нахуст бар мо воҷиб шуд донистани камтарин ду ҳарфро, ки он ду асл аст, мар ду ҷаҳон фарозоранда ҳаст ва ҷуз ин ду ҳарф ҳаст. Ва низ лозим ояд, ки фарозоранда ба ҳам дархӯри он чиз бошад, ки агар ӯро бо эшон дархӯре набуди, эшон ба миёнҷии ӯ фароз наёмаданди. Пас, дуруст шуд, ки фарозорандаи ин ду ҳарф ду асланд мар ду ҷаҳонро, Бори, субҳонаҳу, нест, чи Ӯ, ҷалла ҷалолуҳу, андархӯр будан ба офаридагони Хеш ва мар Ӯро ном нест ва сифат нест ва шумурда нест ва беному бесифат, ношумурда нест. Чи ин ҳама, ки ёд карда шуд, офаридагони Ӯянд. Пас, гӯем, ки ҳар ду чизе, ки фароҳам ояд, фароҳам омадани эшон сеюми эшон бошад, то он ду чиз бад-ӯ як чиз шаванду ном пазиранд ва сурат бар мисоли бархостани шаҳват аз нафси мардум, ки он фарозоранда аст мардро бо зан аз рӯи табиат ва никоҳро аз рӯи шариат. Ва он аст баҳонае аз баромадани фарзанд ба ҳақиқат ва мар фарзандро ба падару модар бозхонанд. Ва бад-он бархостани шаҳват боз нахонанд, аз баҳри он ки сабаби нахустин аст ва мар онро ёфтан нест кунад ба қуввати зеҳну покии ақл. Ва мо мар оташро гарму хушк ёбем ва гарми, ки андар оташ аст, бо тари ёр шавад, ҳаво гардад чунон ки чун бо хушки ёр шавад[27]. Ва хушки, ки андар оташ аст, агар бо сарди ёр шавад, хок шавад. Чунон ки агар бо гарми ёр шавад, оташ гардад. Ҳамчунин ҳоли дигари аркон ҳам бар ин

---
[27] Оташ гардад.

ҷумла аст. Ва чун ҳаме раво бошад гармиро, ки андар оташ аст бо хушки ёр аст, ё зидди тари, ки хушки аст, ёр шудан хушкиро кунад, ки андар оташ бо гарми ёр аст, ё зидди гарми, ки сарди аст, ёр шудан далел ҳамекунад, ки он иллат, ки миёни эшон мувофиқат ҳамеафканад, ҳаст. Ва мувофиқи эшон аст ба рӯе номаълум, аз баҳри он ки на сард аст он иллат ва на гарм, на тар асту на хушк, ки агар он иллат ба яке аз ин сифот буди, мар дигарироро мухолиф буди. Ва чун якеро мухолиф буди, натавонисти, миёни эшон мувофиқат афкандан, ки мухолифон буданд ва мар он иллатро, ки гуфтем, ном нест ва сифат нест. Валекин чун дидем фароз омадани он мухолифон ба як ҷой ва ҳар якеро аз эшон боз бо мухолифи ёри хеш фароз омадааст. Ва донистем, ки раво бошад бархостани мухолифат зоҳир аст ва миёни эшон ба мувофиқат ҳар яке аз эшон ба дигари дуруст шуд хирадро, ки ҳар дуиро аз он севуми ҳаст, ки ӯ нигаҳбони эшон аст андар он сурат, ки ҳар якеро ҳаст аз табоеъ. Ва чун ҳама чизро андар олам ҷуфт ёфтем ва мар ҳар ҷуфтеро аз миёнҷи чора нест, ки мар эшонро ба ҳам фароз орад, ҳамчунон ки он миёнҷи ҷамъ кардаст миёни гарму хушк, то сурати оташи эшон ба ҳосил омадааст. Ва дигар табоеъ ҳамчунон ва он миёнҷи воҷиб ояд, ки на гарм асту на сард аст, на тар асту на хушк аст. Лозим ояд, ки он чи миёни ҷавҳару араз ҷуфти додааст, на ҷавҳар аст ва на араз. Ва чун чизе берун нест, аз он ки ё ҷавҳар аст, ё араз, маълум кардем, ки он ҷуфткунандаи ҷавҳар бо араз на ҷавҳар асту на араз. Дуруст шуд, ки ӯ чизе нест ва чун он иллати ҷуфткунанда мар шайъро рад кард, нашояд, ки берун бошад аз «на чизе», ё «на» аз «на чизе». Пас, он ғоят, ки гуфтем, аз ду берун нест: ё «на» чиз аст, ё «на», «на чиз» аст. Пас, зоҳир кардем, хирадмандро, ки он «на» «на чиз» аст ва он ки «на» чиз аст, «на» Худой аст. Бартар аз он аст, ки мар Ӯро монанда бошад. Пас, он иллати ҷуфткунанда монанди Худой нест, ки «на» «на чиз» аст, пас, гӯем, он нест, ки исбот кардем, он аст, ки Худои таъоло иллати ду оламро, аз ӯ «ҳаст» кард, ки ӯ аз «нест» буд. Ӯ маълули нахустин аст, ки Ақл аст. Ва Эзиди таъоло бартар аст аз иллату маълул. Пас, гӯем, ки Ақли ӯ ба иллати хеш маълул аст ва ба рӯи маълули бо дигар офаридагон аз чизе дигар монанда аст, ва лекин бад-он чи иллати ӯ маълул нест, аз дигар маълулот ягона аст. Ва миёни ҳар маълуле ва миёни иллати ӯ ҷудо яки аст, бад-он чи иллати ӯ маълули иллати дигар аст. Ва низ ақл, ки доро ба иллат аст, ҳар мардеро аз ақл насиб аст ва бениёзанд бо ӯ ба донистан, ҳарчанд ки дониши ҷузъи ба дониши кулли нарасад, зеро ки ду тан бошанд, ки яке аз эшон ҳазор дирам дорад ва дигар як дирам дорад андар он рӯй, ки ҳар ду танро мулк аст, анбози он бошанд. Пас, офаридагон ба ақл монандаанд ва он чи мар ӯро монанда бошад, ӯ на Худой бошад, пас, Ақл на Худой аст. Ва ҳамчунин Ақл зинда аст, ки ҳаргиз намирад. Ва ҳама зиндагон ҳастанд ва фурӯд аз ӯ то мардуми падид, ки ба зиндагони бо ӯ анбозанд, ҳарчанд, ки зиндагонии ӯ ҷовиди аст. Ва дигар чизҳое зиндагони бад-ӯ ёфтаанд ва ҳукм андар зиндагии ҷовиди ва зиндагонии фони ҳамон аст, ки мисоли он андар анбозии миёни ду худованди мулк, ки ёд кардем. Пас, ҳамаи зиндагон монанди Ақланд ва он чи мар ӯро монанд бошад, на Худой бошад. Пас, Ақл на Худой аст.

### Муораза

Агар касе гӯяд, ки чун ҳамегӯй, ки «зиндаги аз Ақл аст». Пас, аз ин шарифтар мартабат чи гуна бошад? Ва сифати Худой ҳамин аст, ки халқро ҷон ӯ додааст?

### Ҷавоб

Мар ӯро гӯем, ин сифати Худой нест, бар ҳақиқат, ки ин сифати мутеътар бандае аст аз бандагони Худой ва он Ақл аст. Ва бибояд донистан, ки асари он

муассир андар чизе бар андозаи он мартабат бошад, ки андар он муассир мавҷуд бошад. Ва ҷуз аз он наёяд аз ҳар чизе, ки бошад андар ӯ. Чуноне ки андар миёни араб масал аст, ки гӯянд:

كل اناء يترشح بما فيه

*Гӯяд: «Аз ҳар оби ҷоме он полояд, ки андар ӯ аст».*

Ва чун мар ақлро зиндагии ҷовид сифати зоти буд, зиндагони аз ӯ бад-он пайдо омаданд. Ва гар зиндагон аз ӯ пайдо наомаданди, ӯ зиндаи ҷовид набуди. Пас, ин ҳол аз ӯ ҳаме далел кунад, ки ӯ маҷбур аст аз кирдори хеш ва ин хосият натавонад, ки аз ӯ зиндагонию тавонои ва дониш ва аз он чи фурӯд аз ӯ аст, фурӯборанда набошад. Ва ҳар чи ӯ маҷбур бошад, на қоҳире бошад ва он чи бартар аз ӯ қоҳире бошад, ӯ на Худой бошад. Низ Ақл он аст, ки ӯ мар зоти хешро бидонад ба зот ва ҷуз мар зоти хешро низ бидонад ва ӯ бад-ин сифат махсус аст. Ва ҳеч чизро ин сифат нест. Пас Ақл андар ҳисори ин сифат аст ва он чи ӯ андар ҳисори сифате бошад, чора нест мар ӯро аз ба ҳисор андаркунандае ва он чи мар ӯро дигаре ба ҳисор андар карда бошад, на Худой бошад. Пас. Ақл на Худой бошад. Таъолаллоҳ аммо яқул-з-золимуна улувван кабиран.

Сипос мар Худойро, ки моро аз беҳтарин офаридаи хеш андар офариниш баҳраманд кард бад-он чи Ақлро андар офариниши мо ниҳод. Ва бар забони шарифтаре сухангӯе бо мо мухотаба кард, Муҳаммади хотам-ун-набийин ва моро ба роҳнамоёни ҳақ бозбарад аз гурӯҳи шаётин.

Тамом кардем мар ин китобро ва оростем мар ин хони шарифро ба сад гуна таому шароби гуворандаи покиза. Ҳалол бод андар ин шабонагаҳи рӯзи одинаи ҳақиқат ва шаби шанбеи ҳақ, он чи аз ин хон бихӯранд, рӯза доранд ба басират. Ва дур бод дасти ҳаромхорон ва майгусорон ва бебокону нопокон аз ин сафҳои хӯришҳои ҷонафзой ба раҳмати Эзид, дод аз додфармои бахшояндаи меҳрубони некӯкор. Ва-с-салоту ало набийиҳи Муҳаммадин ва олиҳи-т-тайибина-т-тоҳирин.

## ТАВЗЕҲОТ

[i] Хоҷа Абунасри Кандариро султон Рукнуддини Абутолиб Туғралбег Муҳаммад баркашида вазорат дод, пас аз гузашта шудани Туғрал бародарзодааш Аздуддавла Абушуҷоъ Алп-Арсалон ба тоҷу тахт расид, ӯро дар соли 456 кушт. Кандар аз рустоҳои Нишопур аст.

[ii] Аз риёзиёт чун бароҳинашро возеҳ меёфт, лаззати хоссе мебурд.

[iii] Дар ашъораш аз Нобиға ва Ҳассон ва Ҷарир ва Буҳтури ном бурдааст – ва кона юъҷибуҳу Абунувос ли лутфи маъониҳи ва риққату табъиҳи ва тафалсуфиҳи аҳёнан ва қурбиҳи ило нафсиҳи.

[iv] Амир Давлатшоҳ ибни Алоуддавла Бахтишоҳ ал-Ғози.

[v] Шайх Абулҳасан Али ибни Ҷаъфари Хароқони пире бузургвор ва қутбе ҷаҳонмадор ва аҳли кашфу шуҳуд буд. Ташнагони зулоли файзро аз чашмаи кароматзои рӯҳи файёзи худ сероб мекард. Шайх дар санаи 348 зода ва ба соли 425 даргузашта, мазори касир-ул-анвораш дар Хароқон аз рустоҳои Бастом аст. Мадори тасаввуфи исломи бар инӣитоъ аз дунё ва узлат гузидан ва нишастан дар буқъаи зикру фикр ва муҳосибаи нафс аст.

[vi] Владимир Иванов мусташриқи руси муаллифи «Китоб-ул-муршид ило адаб-ил-исмоилия» менависад: «ал-Муайид фи-д-дин аз дуъоти бузурги исмоилия, ки марде бузургвор ва бо кароматти нафс буд, ба Қоҳира омад, дар ҳамон соле, ки Носири Хусрав ба Миср расид».

ал-Муайид фи-д-дин Хоҷа Ҳуббатуллоҳ ибни Мӯсо аш-Шерози дар илм ояте сутуда буда, таломизаи бисёр дошта, ки аз ӯ истимои ҳикмат ва касби дониш мекардаанд. Носир аз Хоҷа басе истифода карда ва дар чакомае гӯяд:

Ҷаҳонро дидаеву озмуде,
Шуниди гуфтаи тозиву деҳқон.
Ба илми ҳандаса сар бар кашиди,
Ба Синду Ҳинду атрофи Хуросон.
Кунун шоди, ки мони мардумонро,
Кунун бояд, ки фахр ори бар ақрон.
Ки кард аз хотири Хоҷа Муайид,
Дари ҳикмат гушода бар ту Яздон.
Касеро к-аш ба шогирди нашояд,
Ба шогирди нашоянд усутодон.
Ҳар он к-ӯро бубинад рӯзи маҷлис,
Бубинад ақлро сар дар гиребон.
Шаби ман рӯзи рахшон кард Хоҷа,
Ба бурҳонҳои чун хуршеди рахшон.
Сӯй ман хор шуд марги табии,
Аз он пас кам чашонид оби ҳайвон.
Зи гӯшай манзари ӯ бингаридам,
Ба зери хеш дидам чархи гардон.
Маро бинмуд ҳозир ҳар ду олам,
Ба як ҷо дар танам пайдову пинҳон.

[vii] Фотимиён ақтори исломиро ба чанд минтақаи даъват бахш карда ва ҳар як аз он манотиқро ҷазира мехонданд. Исмоилия ба ҳафт дараҷаи маротиб қоил будаанд, аз боло ба поин: нотиқ, имом, асос, ҳуҷҷат, доъи, маъзун ва мустаҷиб. –

Ҷазира маъхуз аз ҷузур ва ба маънои қисм аст. Носир аз маротиби мустаҷиб ва маъзун ва доъи болотар рафта ва ба мақоми ҳуҷҷати расида буд.

[viii] Кона ҷадалан қави-ул-ҳуҷҷат – баҳсу ҷидол аз далеловариҳои қави бархурдор буд

[ix] Исмоилия яке аз фирақи шиъаанд, чун Имом Содиқ, Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад нас (с) навишта карда буд ба имомати писараш Исмоил, ин фирӣа марги Исмоилро пеш аз падар бовар надошта, гуфтанд: «Кона золика ало ҷиҳат-ит-талбиси мин абиҳи  ан-ин-носи лианнаҳу хофа ва ғайябаҳа анҳум».

Доктор Ҳасан Иброҳими Ҳасан дар «Торих-ул-ислом-ис-сиёсӣ» менависад: «Ва қад бадаат фи Форисин ҳавла авосит-ил-қарн-ис-сонийи ли-л-ҳиҷрати ҳаракатун конат сабабан фи интишор-ил-исломи ҳунока бисуръатин мудҳишатин ва ҳия зуҳуру мазҳаб-ил-исмоилийина».

Наҳзати исмоилия аз садаи дувуми ҳиҷри рӯ ба такомул рафт ва дар садаи чаҳорум, панҷум ва шашум ба аъло дараҷаи вусъат ва интишори худ расид. Осори сиёси ва таърихии азиме аз он падид омад: хилофати Фотимиён ва ҳукумати Ҳасани Сабоҳ ва ҷонишинонаш.

Исмоилия оёт ва аҳодиси китоб, суннат ва аҳкоми шаръро таъвил мекунанд.

[x] Чи оммаи муслимин дар он рӯзгор ҳам монанди имрӯз назари хубе ба шиъа надоштанд, бар хилофи инсоф набиштаанд: «Ва-л-ҳаққу анн-ат-ташайюъа маъвоун ялҷаъу илайҳи куллу ман арода ҳадм-ал-ислом лиадоватин ав ҳақдин ва ман юриду идхола таъолими обоиҳи мин яҳудиятин ва зародуштиятин ва насрониятин».

[xi] Носир аз хурдсоли завӣи шеър дошта, соле чанд дар ҷавони ишқварзи, майгусори ва ҳазлгӯи карда, ба дарбори мулук ва маҷлиси умаро ва судур ба хидмат ва мадеҳахони мерафта ва аз эшон, ки колои фазлу адабро ба тавъу табъ харидор буданд, сила ва навохт меёфта, бархе аз қасоиди «Кисои»-ро ҷавоб мегуфта. Баъдаҳо, ки аз дарсу баҳс фароғате ҳосил карда, гавҳарҳои обдор, ки дар хазонаи хотир дошта, бар риштаи назм кашидааст.

Ҳаким Абулҳасан Маҷдуддини Кисоии Марвази аз шуарои рӯзгори Сомониён ва ҳукамои устони Хуросон аст, ки садри давлати Ғазнавиёнро низ идрок кардааст, ки тазкиранависон ӯро ба шеър ва ҳикмат ҳар ду сутудаанд.

Кисои ба соли 341 ҳиҷри (953 м.) дар Марви Шоҳҷаҳон зода, дар рӯзгори ҷавони аз Хуросон ба Туркистон шуд, солҳо дар Бухоро, ки пойтахти Сомониён буд, зист ва аз Хоҷа Абулҳасани Утби вазири Нӯҳ ибни Мансур, навозишҳо дид:

Ба вақти давлати Сомониёну Балъамиён,
Чунин набуд ҷаҳон, бо ниҳоду сомон буд.

Кисои ба дарбори Ғазнин ҳам рафта ва аз султон Яминуддавла Абулқосими Маҳмуд икром ва инъом ёфта, хитоб ба подшоҳи Ғазнави гуфтааст:

Гуфт гӯи, ки кони гавҳар асти,
К-аз ӯ доим куни гавҳарфишони.

Кисои умре дароз ёфта, дур нест, то рӯзгори ҷавони ва баланд гаштани овозаи Ҳаким Носири Хусрав зиста бошад. Тақиюддин Авҳадии Кошони мегӯяд: «Кисои ин чакомаро суруд ва ба Хуросон назди он ҳаким фиристод:

Ҷону хирад раванда бар ин чархи ахзаранд,
Ё ҳар дувон нуҳуфта дар ин гӯи ағбаранд.

Носири Хусрав ба ҳамон вазн ва рӯӣ ба пурсиши ӯ посух дод:

Болои ҳафт чархи мудаввар ду гавҳаранд,
К-аз нури ҳар ду Оламу Одам мунавваранд.

[xii] Али ибни Аҳмад писар ва ҷонишини Аҳмадалии Нуштекин, охар солор, ки ин вилоят ба расми ӯ буда ва султон Шаҳобуддавла Абусаъид Масъуди Ғазнавиро соли 432 ҳ.қ. (1040 м.) дар Бадахшон пазирои кардааст.

[xiii] Носир чандин китоб ва рисола дар ҳикмат нигошта, ки ҳама тақрибан шомили усули ақоиди ӯ ва матолиби муайяне аст, ки ба таъбироти мухталиф даровардааст.

[xiv] Фисоғурс номитарин ҳукамои бостонии Юнон аст. Миёни солҳои 580 ва 570 пеш аз мелод дар ҷазираи Самос зода, рӯзгори кӯдаки ва ҷавонии худро дар он ҷо гузаронида, сафаре ба Миср ва Эрон ва Ҳиндустон карда ва аз донишмандони Шарӣ истифода бурдааст. Дар поёнҳои садаи шашум ба Юнон бозгашта ва саранҷом ба шибҳи ҷазираи Италия муҳоҷират карда ва дар шаҳри Кротон, ки дар ҷануби Италия воқеъ аст, раҳли иқомат афканда ва дар он ҷо гузашта шудааст.

Гурӯҳе пайрави Фисоғурс шуданд ва анҷумани махфи ташкил доданд, ки ҳам дини ва ахлоқи ва ҳам сиёси буд. Пӯшидани либоси сапедро шиори худ иттихоз карда, ба тақашшуф ва хушунат (сахт ва озоранда) зиндагони мекарданд.

Дар фалсафаи Фисоғурс улуми риёзи аҳамияте ба сазо доштааст, ки вай ададро асли вуҷуд ва ҳамаи умурро натиҷаи таркиби аъдод ва нисбатҳои онҳо медонистааст.

[xv] Дар поёнҳои садаи панҷуми пеш аз мелоди Масеҳ гурӯҳе аз аҳли назар дар Юнон зуҳур карданд, ки ҷустуҷӯи кашфи ҳақиқатро зарур надониста, омӯзгории фунунро бар ӯҳда гирифта, аз шаҳре ба шаҳре мерафтанд, конфронсияҳо медоданд ва ҷавононро дар фанни ҷадалу мунозира моҳир месохтанд ва аз шогирдони худ тақозои уҷрати таълим мекарданд. Ин ҷамоатро ба василаи татаббӯъ ва табаҳҳур дар фунуни шато (гуногун), ки лозимаи омӯзгори аст, софист (донишвар) хонданд. Чун барои ғалаба бар хасм дар мубоҳиса ба ҳар василае муташаббис буданд, вожаи софист sophiste, ки тозиён суфистои гуфтаанд, алам (нишона) шуд барои касоне, ки ба ҷадал мепардозанд ва шеваи эшонро сафсата sophisme гуфтанд.

Суфистоиён монанди фисоғуриён мадрасаи фалсафи ва орои хоссае надоштанд.

[xvi] Ҳаюло, модда ва моҳияти ҳар чиз ва асли ҳар шайъ аст. Ва ҳукамо онро чунин таъриф кунанд, ки: ҷавҳаре аст, ки маҳал бошад сурати ҷисмеро ва ҷавҳари аввалро низ гӯянд. Ал-ҳаюло калиматун маъхузатун ани-л-Юнонияти ва маъноҳо моддату-ш-шайъи ва ҷавҳариҳи ва мо ташаккала биҳи ҳозиҳи-л-моддати юсаммо суратун.

[xvii] Носири Хусрав дар «Сафарнома»-аш ақидаи худро дар ин мабҳас баён кардааст. Ба Қоин марде дидам, ки ӯро Абумансур Муҳаммад ибни Дӯст мегуфтанд. Аз ҳар илме бохабар буд, аз тиббу нуҷум ва мантиқ чизе. Аз ман пурсид, ки «чи гӯи, беруни ин афлок ва анҷум чист?» Гуфтам: «Номи чиз бар он уфтад, ки дохили ин афлок аст ва бар дигар на». Гуфт: «Чи гӯи, берун аз ин гунбадҳо маъни ҳаст, ё на?» Гуфтам: «Чора нест, ки олам маҳдуд ҳаст ва ҳадди ӯ фалак-ул-афлок – ва ҳадд онро гӯянд, ки аз ҷузъ ӯ ҷудо бошад ва чун ин ҳол дониста шуд, воҷиб кунад, ки беруни афлок на чун андарун бошад». Гуфт: «Пас, он маъноро, ки ақл исбот мекунад, ниҳоят аст, аз он ҷониб ё на? Агар ниҳоят ҳаст, то куҷост? Ва агар ниҳояташ нест, номутаноҳи чи гуна фано пазирад?» Ва аз ин шева сухане чанд мерафт ва гуфт: «Бисёр таҳайюр дар ин хӯрдаам». Гуфтам: «Ки нахӯрдааст?».

Носир дар яке аз чакомаҳои зебои худ гуфтааст:

Чу на гунбад ҳамегӯи ба бурҳону қиёс охар,

Чи гӯи чист ин нӯҳ гунбади хазро?
Агар берун хало гӯи, хато бошад ки натвонад,
Бад-ӯ дар сурати ҷисме бад-ин сон гаштаанд раво.
Ва гар гӯи, мало бошад раво набвад, ки ҷисмеро,
Ниҳоят набваду ғоят ба сони ҷавҳари аъло.
Чи медорад, бад-ин гуна муаллақ гӯи хокиро,
Миёни оташу обу ҳавову тундару накбо?
Ва ин қасидаи ғарро дар сафҳаи 27-уми Девон чопи Теҳрон аст, бад-ин матлаъ:
Худованде, ки дар ваҳдат қадим аст, аз ҳама ашё,
На андар ваҳдаташ касрат, на муҳдасро аз ӯ анҳо.

[xviii] Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муслим ибни Қутайбаи Динавари ба соли 213 ҳиҷри дар шаҳри Куфа зода, дар Мадинат-ус-саломи Бағдод касби илму адаб карда ва дар санаи 276 дар Бағдод гузашта шудааст. Падари Ибни Қутайба марвази аст (Марви Шоҳҷаҳон), худаш чун соле чанд қозии Динавар буда, бад-он шаҳр мансуб шудааст. Динавар шаҳри ободе будааст, наздики Кирмоншоҳ. Ибни Қутайба аз аъломи уламо ва удабо ва ҳуффоз ва яке аз наводири рӯзгор аст. Тасонифи бисёр дорад: «Ғариб-ул-Қуръон», «Маони-ул-Қуръон», «Китоб-ул-қироот», «Мушкил-ул-ҳадис», «Таъвилу мухталиф-ил-ҳадис», «Ҷомеъ-ул-фиқҳ», «Далоил-ун-нубувват», «Адаб-ул-котиб», «Табақот-уш-шуаро», «Уйюн-ул-ахбор», «ал-Маориф».

[xix] Бинои илми табиии дар рӯзгори пешин бар ин буд, ки Замин дар миёни олам ҷой дорад ва марказаш маркази ҷаҳон аст ва олам ду қисмат аст: улви ва суфли. Олами улви аҷроми осмони аст, ки дар афлок қарор доранд. Олами суфли олами аносири чаҳоргона аст, яъне кураи хок, ки обу ҳаво ва оташ бар он иҳота кардаанд. Ва куллияи олам бар гирди маркази Замин мечархад ва аз ин ду ҷиҳот сурат мегирад. Фалак-ул-афлок ҷиҳати болоро месозад ва ҷиҳати мухолифи ӯ, ки ба ҷониби маркази Замин аст, зер мебошад. Ва аҷсоми унсури ҳар як макони табии доранд. Макони табиии хок дар марказ ва зери ҳама аст, пас аз он макони об аст, он гоҳ макони ҳаво ва рӯи он макони оташ аст. Ва ин аҷсоми унсури то дар макони табиии худ бошанд, сокинанд ва чун аз макони табии берун бошанд, барои расидан ба макони табиии худ ҳаракат мекунанд.

[xx] Барзах ҳоҷиз миёни ду чизро гӯянд. Ва-л-Барзаху фи қавлиҳи, алайҳиссалом: «Нахофу алайкум ҳавла-л-Барзах» ҳува мо байна-д-дунё ва-л-охирати, мин вақти-л-мавти ила-л-баъси.

[xxi] Яке аз дуъоти Фотимиёни Миср, ки ба соли 331 ҳиҷри ба фармони Нӯҳ ибни Наср подшоҳи сомони дар Бухоро ба ҷурми ташайюъ кушта шуд.

[xxii] Абуяъқуб: Исҳоқ ибни Аҳмади Сиҷистони, ки ба соли 331 дар Бухоро кушта шуд.

[xxiii] Санави: Фирқае аз фирақи дини, ки нур ва зулматро азали ва қадим медонанд. Дини Мони бар ду асл истиқрор дорад: рӯшанои ва торики, ё хуби ва бади ва ҳар ду азалианд.

[xiv] Афлотун (Platon) файласуфи номии Юнон шогирди Суқрот ва устоди Арасту, миёни солҳои 429 ва 427 пеш аз мелоди Масеҳ дар шаҳри Афина ё дар ҷазираи Эжин (Egine) зода, бузургзодаи олинасаб будааст.

Афлотун дар бистсолаги ба Суқрот пайваст. Даҳ сол дӯсти вафодор ва шогирди мухлиси ҳакими мушор илайҳ буд. Пас аз марги Суқрот (соли 399 пеш аз мелод) шогирдонашро пароканданд. Афлотун даҳ сол ҷаҳонгарди ва сайр дар офоқу анфус кард, аз бузургони ҳар фан улуми гуногунро фаро гирифт. Чун ба

Юнон бозгашт, мадрасаи худро дар бӯстоне, ки дар 1100 метрии шимолу ғарбии Афина дошт, таъсис кард ва 40 сол ба таълим гузаронид.

Афлотун ба соли 347 даргузашт ва колбудаш дар ҳамон бӯстон зери сояи шохаҳои дарахти зайтун ба хок супурда шуд. Ӯ 82 сол зиндагони кард, чун эъроз аз дунё ва эҳтироз аз олоишҳои онро бар ҳаким воҷиб медонист, дар тамоми умр ба содаги зист, зан нагирифт, дорои ахлоқи хуб ва некӯкор буд.

Афлотун гавҳари яктои ҳикмат, мутафаккире амиқ ва мутакаллими фасеҳу балиғ буд, аз осораш 30 рисола дар даст аст, ки нафистарин ёдгори ҳикмат ва балоғат ба шумор меравад.

xxv ал-Мустансир Биллоҳ Абутамим Маъд ибни Али аз хулафои фотими дар соли 427 ҳиҷрии қамари пас аз падараш дар Қоҳираи Миср ба хилофат нишаст ва ба соли 487 гузашта шуд. Дар рӯзгори ӯ ҳаводисе рӯй дод: Арсалони Боҳири муддати як сол дар Бағдод ба номи ал-Мустансир Биллоҳ хутба кард ва Али ибни Муҳаммади Сулайҳи дар билоди Яман. Ба соли 479 дар Ҳарамайни Шарифайн хутбаро аз номи вай гардониданд ба номи ал-Муқтади Биллоҳ, Абулқосим Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Аббоси.

xxvi Мазҳаби эътизол дар поёнҳои садаи нахусти ҳиҷри падид омад. Чун усули ин мазҳаб пайрави аз аҳкоми ақл ва мантиқ буд, пайравони бисёр пайдо кард. Мӯътазила қоил буданд ба адл ва тавҳид ва ғулув доштанд дар нафйи сифоти илоҳия. Мақолоташон дар тавҳид дар ғояти **сумув** ва рафъат буд, мекӯшиданд, ки ақоиди худро ба адиллаи ақлия собит кунанд. Ва мин мазоҳири тамҷидиҳим ли-л-ақли тафсируҳум ли-л-Қуръони би-л-маъқули аксара мин эътимодиҳим ала-л-манйули. Ва эҳтимом доштанд ба дифоъ аз ислом ва радди шубаҳоти мулҳидин.

Мадрасаи мӯътазила мунйасим мешавад ба ду шӯъба: шӯъбаи Бағдод ва шӯъбаи Басра ва ҳар шӯъба ранги хоссе дорад.

xxvii Дар ваҷҳи тасмияи собииён хилоф кардаанд. Уламои луғат гӯянд: «Сабаъа-р-раҷулу изо мола ва зоға». Вале зоҳир ин аст, ки соби аз «сабаъ» ё «сабоват», ки дар забони ибри ба маънои маҷд ё лашкари осмони аст, омада. Маркази умдаи собииён «Ҳаррон» шаҳри бостонии Ироқ ва қасабаи Диёри Музар аст. Собииён дар таърихи фалсафа аҳамияти ба сазо доранд.

Ин кеши куҳан, ки ҳануз ҳам дар порае аз билоди Ироқ ва марзҳои ҷанубии Эрон пайравоне дорад, таркибе аст аз дини калдонии бостон, ки фалсафаи афлотунии Навин низ дар он роҳ ёфтааст. Собииён аз ҷиҳате яктопарастанд ва мақолоташон дар тавҳид бисёр мутйан аст, аз ҷиҳати дигар мушриканд, чи фариштагону ситорагон ва уқулеро, ки пиндоштаанд, дар онҳо ҳулул мекунанд ва ба фармони Худои калон мудаббири ҷаҳонанд, мепарастанд.

Валийюддин Абузайд Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Халдун дар муқаддимаи нафиси таърихи худ менависад: «ас-Собиату ҳуму-л-қоилуна би-л-ҳаёкили ва-л-арбоб-ис-самовияти ва-л-асном-ил-арзияти ва инкор-ун-нубувот ва ҳум аснофун».

xxviii Номи аслиаш Malachus аст, ба соли 232 мелоди дар Batanea соҳили кишвари Сурия зода ва ба соли 304 дар шаҳри «Рим» даргузашта. Ӯ сирёнинажод ва аз фалосифаи мадрасаи Искандария буд. Таълифоте ба забони юнони дорад, аз ҷумла, «Исоғуҷи», ки муқаддимае аст, бар куллиёти хамси мантиқ.

xxix Муғ: (Magoush) тоифае аз порсиёнро гӯянд, ки пайрави Зартуштанд – муғон дар рӯзгори Ҳахоманишиён дар дастгоҳи давлати нуфузе надошта, фақат барои иҷрои одоби қурбони хонда мешуданд.

xxx Аристот Aristote (ки тозиён дар таъриб Арасту, Арастутолис, Арасттолис, Растолис гуфтаанд) файласуфи бузург ва хотими ҳукамои Юнони бостон аст.

Арасту ба соли 384 пеш аз мелоди Масеҳ дар Стагира Stagire аз билоди соҳилии кишвари Македония зод. Ин бандаргоҳ дар он рӯзгор мустаъмираи юнони буд. Падари Арасту Никомахус (Nicomachus) пизишки махсус ва дӯсти Аментас (Amyntas) подшоҳи Македония буд.

Арасту аз кӯдаки дар дарбор роҳ дошт. Бо Филипп писари он подшоҳ ҳамсолу ҳамдрас буд ва мояе аз илму адаб омӯхт.

Арасту пас аз гузашта шудани падараш ба таҳсили илми тиб кӯшид ва китобе дар ин фан ба номи «Сиҳҳат ва мараз» таълиф кард. Лекин чун ҳиммати худро баландтар аз он дид, ки табобатро пеша кунад, аз ҳабдаҳсолаги ба шаҳри Афина, ки дор-ул-ҳикмаи Юнон ва маркази ҳаёти ақлияи ҷаҳон буд, рафт ва муддати бист сол то поёни рӯзгори Афлотун дар Академия ӯ ба истифода гузаронид. Устод, ки осори наҷобату закоъ дар ҷабини Арасту медид, вайро ақли Академия мехонд.

Афлотун ба соли 347 даргузашт, Спесибус писари бародараш ба раёсати Академия мунтахаб гашт. Арасту, ки ба нубуғ ва шоистагии худ ақида дошт, озурда шуд ва аз Афина барои дидори Ҳермиёс амири Осертоус ба Осиёи Сағир рафт. Ҳермиёс, ки аз шогирдони Афлотун ва дӯстони Арасту буд, мақдамашро гироми дошт, духтари бародари худро ба ӯ ба зани дод.

Ҳермиёс ба дасти яке аз муздурони уммол (гумошта) ва марздорони Эрон кушта шуд, Арасту шаҳри Осертоусро тарк гуфта, ба ҷазираи Леспус рафт ва дар Матлин қасабаи он ҷазира раҳли иқомат афканд. Дар он ҷо номаи Филиппи дувум подшоҳи Македония ба ҳаким расид, ки вайро барои таълиму тарбияти писари сездаҳсолаи худ Искандар хонда буд. Арасту даъвати дӯсти тоҷдорашро пазируфта, ба шаҳри Пело дор-ул-мулки он кишвар рафт. Искандар панҷ сол бо рағбате тамом адабиёту риёзиёт ва ахлоқу сиёсат аз Арасту фаро гирифт.

Чун Филиппи дувум кушта шуд ва Искандар ба тоҷу тахт расид ва лашкар ба сӯи Осиё кашид, Арасту ба соли 335 ба Афина бозгашт ва мадрасаи худро дар гардишгоҳе беруни шаҳр наздики ҳайкали Апполони Лиқини гушуд ва бад-ин муносибат мадрасаи ӯро литсей (Lices) хонданд.

Арасту сездаҳ сол дар литсей ба ифоза ва таҳрири кутуб ва расоили худ гузаронид. Ва дар ин муддат бо Искандар равобити ҳасана дошт. Писари Филипп чунон мафтуни устоди худ буд, ки саргарми ба гушудани кишварҳои паҳновари Шарӣ ӯро аз табодули назароти илми бо Арасту боз намедошт, амволи бисёр ва намунаи ҳайвоноти нодири мамолики Осиёро барояш мефиристод.

Чун Искандар ба соли 323 дар Бобул даргузашт, ҳукумати билоди Юнон ба дасти душманони Македония афтод, Арасту натавонист дар Афина бимонад, ба шаҳри Каласис (Chalacis) дар ҷазираи Убий (Eubee) рафт ва пас аз чанд моҳ дар он ҷо гузашта шуд.

Арасту сайиду-л-муфаккирин ва ашҳари фалосифаи Юнон ва муҳаззиби (ба системаорандаи) улуми ақлия ва возеъи (поягузори) илми мантиқ ва муассиси мазҳаби фалсафаи машоийин аст. Гуфтаанд, Арасту 400 рисола дар мавзӯъоти мухталифа нигоштааст, се рубъи муаллифоташ аз миён рафта ва он чи дар даст аст, шомили шарҳи комиле аз оро ва ҳукм дар масоили мухталифаи фалсафа аст.

[xxxi] Номи шаҳре, ки Масҷиди Ақсо дар он аст, «Иерусалим» аст.

## ФЕҲРАСТИ БАЪЗЕ АЗ НОМҲО ВА ИСТИЛОҲОТ

А

Абдон – 152
Абу Али ибни Сино – 18
Абу Насри Фороби – 18
Аб-ул-Ҳасани Хараќони – 19, 294
Абулҳасани Омири – 151
Али – 14, 18, 20, 27, 264, 295, 297, 301
Аллоҳ – 7, 19, 38, 42, 43, 45, 53, 55, 56, 60, 63, 75, 77, 78, 97, 101, 103, 104, 105, 106, 108, 112, 114, 115, 127, 134, 135, 147, 167, 173, 175, 176, 177, 198, 203, 214, 235, 236, 240, 244, 246, 247, 248, 249, 259, 261, 262, 270, 283, 285, 293
Арасту 301, 302-305
Ардашер 16
Арманистон 21
Арш – 192
Асос – 43, 101, 108, 202-204, 215, 222, 247, 262, 264, 266, 295
Афлотун – 18, 28, 152-154, 301-304
Аҳмад – 27, 37, 297, 300
Аҳмади Солеҳ – 152
Аҳриман – 194

Б

Балх – 16, 18, 20-22
Боб – 180, 213, 214, 248, 266
Ботил 38, 52, 56, 67, 108, 125, 126, 139, 143, 152, 155, 168, 188, 195, 207, 216, 218, 226, 230, 236, 283
Ботин – 27, 35, 60, 79, 97, 103, 107, 155, 156, 158, 160, 193, 208, 248, 255, 267, 288
Булҳасани Гургони – 218
Бумуҳаммади Ќутайби 92, 299
Бурҳон 10, 30, 60, 65, 70, 82, 88, 89, 100, 106, 115, 118, 120, 123, 128, 139, 149, 150, 169, 179, 186, 188, 201, 209, 226, 236, 249, 268, 269, 281, 295, 299
Бӯстон 25, 27, 179-181, 301
Буяъќуби Сиҷзи (Сиҷистони) – 149, 150, 152, 154, 300

В

Васи 138, 147, 194, 213, 247, 264
Воҷиб – 9, 55, 62, 66, 74, 77, 81, 97, 106-115, 140-174, 177-283

Д

Давлатшоҳи Самарӣанди – 21
Деҳќон – 19, 149, 295
Дини ҳаќ – 112
Доъи – 43, 45, 193, 206, 248, 295

З

Зоҳид – 77

Зоҳир – 19, 35, 53, 54, 77-109, 147-161, 181-188, 204, 248, 285, 291

И
Иблис – 75 - 77
Иброҳим 108, 203, 296
Илоҳ – 175, 248, 249
Имом – 20, 32, 43, 46, 47, 76, 107, 108, 122, 138, 147, 166, 191, 193, 194, 204, 213, 214, 216, 221, 222, 248, 251, 266, 279, 280, 286, 295
Ироқ – 18, 152, 302
Исмоили – 21
Исмоилия – 20 – 24, 27, 294 - 296
Исроил – 76, 252
Исрофил – 210 - 212
Исо – 108
Исҳоқи Кинди – 18

К
Кавсар – 6, 33
Кирдигори олам – 87, 131
Китоб – 31,  82, 99, 107, 117, 148, 149, 153, 204
Китоби Худо – 51, 86, 88, 99, 111, 117, 161, 262
Қоҳира – 14, 20, 27, 294, 301
Қуръон – 7, 18, 27, 31, 53, 54, 59, 82, 117, 205, 221, 239, 261, 262, 300

М
Мағриб – 192, 193
Мазҳаб – 27, 38, 115, 150 – 155, 195, 296, 302, 304
Макка – 97, 286
Малак-ул-мавт – 165
Мансури кандари – 17
Марв – 156
Масҷиди Ақсо – 203, 305
Маҳди – 203, 210
Машриқ – 104, 192, 193
Маъзун – 43, 295
Микоил – 210, 212
Мисбоҳ – 53, 149, 153
Миср – 20, 294, 298, 300, 301
Мубдеъи ҳақ – 7, 9, 36, 70, 88, 89, 90, 92, 93, 97, 99, 100, 142, 169, 175, 176, 182, 183, 184, 195, 196, 200, 202, 221, 222, 224, 231, 233, 235, 236, 244, 246, 248, 252, 284, 288, 289
Мӯсо – 98, 108, 235, 294
Мустансир Биллоҳ (Абу Тамим Маъд Ибни Али) – 20, 301
Мустафо – 22, 29, 43, 45, 49, 54, 56, 60, 70, 75, 98, 108, 135, 191, 210, 214, 240, 259, 261, 262, 270, 279, 283, 285
Мустаҷиб – 43, 44, 45, 46, 82, 206, 216, 268, 295
Муҳаммад – 17, 18, 21, 23, 28, 29, 31, 37, 45, 50, 56, 58, 59, 92, 98, 108, 191, 198, 235, 255, 279, 293, 294, 295, 299, 301, 302
Муҳаммад Ибни Довуд – 21

Н

Нафси нотиқа – 85, 88, 103, 121, 122, 123, 130, 131, 132, 133, 180, 207, 208, 215, 216, 225, 264, 265, 266, 267, 271, 281
Нишопур – 21, 294
Нотиқ – 43, 44, 46, 57, 72, 101, 105, 108, 122, 203, 204, 212, 213, 215, 216, 222, 241, 247, 248, 262, 264, 295
Нӯҳ –

О
Одам – 108, 150, 182, 191, 297
Осиёи Сағир – 20, 304
Офаридгор – 9, 11, 29, 31, 32, 35, 51-57, 60, 63, 72, 73, 80, 86, 99, 100, 115, 124, 127, 130, 140, 141, 156, 173, 174, 182, 191, 205, 209, 235, 239, 240, 246, 255, 261, 268-272, 276, 277
Офтоб – 30, 45, 50, 64, 87, 91, 92, 97, 123, 129, 143, 163, 186, 187, 192, 193, 209, 214, 217, 218, 221, 222, 240, 270, 271, 276, 278

Р
Расул – 7, 22, 31, 42 - 49, 54 - 56, 59, 60, 63, 73, 74, 75, 77 - 80, 82, 87, 98, 99, 106, 111, 112, 115, 121, 123, 132, 134 - 138, 147, 148, 163, 173, 194, 198, 209, 210 - 216, 240, 259 - 267, 270, 271, 273 - 278, 283, 284 - 286
Расули Мустафо – 43, 45, 49, 54, 56, 60, 63, 75, 98, 135, 210, 214, 240, 259, 261, 262, 270, 283,
Раҳмати Худо – 32, 134, 199, 249
Рӯҳ-ул-қудус – 271

С
Салҷуқиён – 17, 18, 21
Самарйанд – 19
Судон – 20
Сулаймон – 251
Сурия – 20, 303

Т
Табаристон – 21
Таврот – 79
Тавҳид – 38, 72, 74, 85, 97 - 99, 115, 127, 129, 142, 146, 147, 169, 170, 198, 205, 225, 231, 236, 248, 284, 285, 302
Таҳлил – 14, 17, 58
Таълиф – 6, 51, 53, 101, 104, 107, 155, 156, 159, 203, 204, 222, 246, 247, 254, 260, 301
Таъоло – 9, 31- 35, 41, 42, 44-50, 53-55, 57-63, 67, 68, 73-88, 97-120, 127, 128, 132-135, 138-143, 146, 147, 154, 157, 161, 164-170, 174-184, 186, 189-193, 197, 198, 200-203, 205, 206, 209-211, 216, 219-224, 228, 232, 235, 236, 237, 240, 244, 246, 249, 250-252, 254, 255, 257, 261, 262, 265, 266, 272, 274-278, 280, 282, 284, 286, 288-291
Тароблус – 156
Тунис – 20
Туркистони ғарби – 18

Ф
Фалаки қамар – 101
Фаластин – 20

Фарфуриус (соҳиби «Исоғуҷи») - 153
Фиръавн – 152, 235
Фисоғурс – 38, 291, 298
Фотимиён – 20, 295, 296, 300

Х
Холиқ – 106, 241
Худо(й) – 8-10, 29-31, 35, 41-67, 73-88, 97-103, 108-120, 127-138, 140-142, 146, 147,152, 156-161, 165, 166, 169, 175, 179-186, 190-199, 202-214, 216, 219-221, 223, 225, 227, 228, 235, 239-241, 249-252, 254, 255, 257, 261-267, 272, 274- 284, 286, 288, 289, 291-293, 302
Худованд – 6, 29-36, 43, 46, 63, 85, 87, 91- 96, 103, 106- 109, 119-123, 127, 129, 135-137, 150-153, 160, 181, 185, 186, 191-198, 205, 209, 215, 216, 221, 222, 237,245-250, 254-258, 261, 264-268, 272, 281-285, 287, 292, 299
Худои таъоло – 41, 291
Хулон – 149
Хуросон – 16, 18, 19, 20, 21, 23, 27, 295, 296, 297

Ҳ
Ҳад – 211-213, 222, 255
Ҳадди феъл – 61, 62, 69, 72, 73, 102, 166, 170, 245
Ҳалаб – 156
Ҳиндустон – 18, 24, 298
Ҳуҷҷат – 10, 19, 20, 26, 27, 43, 54-56, 67, 71, 97, 135, 137, 153, 182, 193, 195, 214, 222, 227, 248, 254, 265, 268, 295
Ҳуҷҷати ҷазира – 20, 135

Ҷ
Ҷабраил – 210, 212
Ҷавҳар – 36, 125-127, 168, 191, 208, 291
Ҷаннат – 29, 179
Ҷид – 7, 212-215

Ш
Шариат – 7, 29, 33, 49, 52, 54, 97, 98, 99, 103, 107, 108, 132, 147, 148-153, 155-157, 161, 181, 191-194, 201, 245, 247, 255, 257, 263, 279, 280, 283, 285, 288, 290
Шаҳид – 148, 149, 152

**ВОЖАҲО**

А

Абб – падар

Абад-ул-обидин – ҷовидон, ҳамеша

Абҷад – тартиб ва таркиби қадимаи ҳуруфи алифбои араби

Авоил – ҷамъи аввал

Авқот – ҷамъи вақт

Авом – ҷамъи омма, бесавод, мардуми одди

Автод – ҷамъи ватад, меххо, сутунҳои замин

Адавот – афрозҳо, олатҳои кори

Адам – нести, нобуди

Азамат – бузурги, шаҳомат

Аздод – ҷамъи зид, муқобилҳо, мухолифҳо

Азерок – зеро ки

Аифат – ҷамъи афиф, покдоман, хоксор

Айн – чашм, чашма; мисл, монанд

Ақли кул – истилоҳи хосси таълимоти исмоилист, ки ҳамчун мавҷуди аввал аз фаязони Худо бо ибдоъ дар безамони пайдо шуда, мубдеъ маъни гирифтааст

Ақли ғаризи – ақли инсони аст дар оғози офариниш, яъне қувваи тафаккур, истифҳом ва ақл бошад мароҳили камолоти баъдии он аст ва онро дар муқобили ақли муктасаб хонанд.

Алайҳи – бар зидди ӯ

Алиф – ҳарфи аввали алифбои араби

Алқа – ҷамъи алақа, хуни баста марҳилаи дуюми нутфа, ки монанди хуни ғализа шудааст

Ало – дар забони араби онро ҳарф гӯянд, ҳангоми дар ҷумла истифода шудани исми баъди ӯ аломати касра қабул кунад; бар, барои, аз болои

Алфанҷидан - андӯхтан

Алфағдан – фаҳмидан, ҳосил кардан

Алфоз – ҷамъи лафз, калимаҳо, вожаҳо

Амри маъруф – водор кардани мардум ба корҳои хуб ва шариатист

Амир-ул-мӯъминин – подшоҳи мусалмонон; ишора ба Али аст

Анбиё – ҷамъи наби, паёмбарон

Анбоз – ҳамнишин, ҳамроз, назир, монанд

Анбаруд – бар вазн ва маънои амруд аст.

Андарз – панд, насиҳат, ҳикмат

Ангуштарин – хотам, чалла

Анҷум – ҷамъи наҷм, ситораҳо

Араз – аломати зоҳирии ашё, чун ранг, шакл

Арастутолис – Арасту, файласуфи бузурги Юнон

Арвоҳ – ҷамъи рӯҳ, ҷонҳо

Арш – тахт, қаср, қасри подшоҳи; арши Худо

Асос – мартабаи аввали даъвати исмоилия

Асҳоб – ҳамсӯҳбатон, наздикон

Асфол – ҷамъи салаф, гузаштагон

Ахлот – ҷамъи хилт, мизоҷҳои одами, сафро, хун, балғам
Аҳад – ягона, якто
Аҳком – ҷамъи ҳукм, дастурҳо, фармонҳо
Аҷз – нотавони, сусти, оҷизи, заифи
Аҷзо – ҷамъи ҷузъ, қисмҳо, таркибҳо
Аҷром – ҷамъи ҷирм
Афлок – ҷамъи фалак, осмонҳо
Афозил – ҷамъи фозил
Афроз – боло рафтан
Афъол – ҷамъи феъл, кирдорҳо, корҳо, амалҳо
Аъзо – ҷамъи узв, қисмҳо
Аълом – ҷамъи алам, исмҳои хос

Б
Базаҳ – гуноҳ, хато, зулму ситам
Барзах – олами барзахи, ки баъди марг то рӯзи растохезро дар бар гирад
Басират – бинои, равшандили, биниш
Басит – содда, ғайри мураккаб
Бахил – хасис, мумсик, сахт
Бениёз – доро, акси мӯҳтоҷ
Биҳишт – ҷои аҳли савоб дар охират
Бодафроҳ - мукофоти бади
Болидан - болидаги ва афзоиш
Бонг – овози баланд
Бори – яке аз номҳои Худои таъоло, холиқ офаридгор, офаранда
Ботил – нодуруст, ночиз, зоилшаванда
Ботин – ниҳон, пинҳон, акси зоҳир
Бурҳон – далел, ҳуҷҷат, истидлол

В
Ваҳдат – ягона шудан, яктои, ягонаги, танҳо
Вабо – бемории хурӯҷгиранда дар ҳар замон
Вадий - обе, ки пас аз бавл аз мард ояд
Ваҳдоният – ягона будан
Васотат – миёнарави
Васият – насиҳат, васоят
Ваҳй – паёме, ки аз Худованд ба пайғамбар тавассути Ҷабраил фиристода шудааст
Ваҳм – хаёл, дар гумони чизе тарсидан
Ваҳмат – тарс, даҳшат, дилтанги, андӯҳ
Ваъд – аҳд, паймон, навид, мужда
Ваъид – муждаи бад
Воқиф – огоҳ, хабардор
Воҷиб – бисёр лозим, зарури
Вуҳуш – ҷамъи ваҳш, ҳайвонот

Г

Газофа – беҳуда, сафсата
Гар – навъе аз бемории пӯст
Гармо – тафсон
Гиёҳ – растани
Гузидан – интихоб кардан
Гумошта – касеро ба коре мансуб (вазифадор) кардан
Гусаста – аз ҳам ҷудо шуда, бурида, кандашуда, кунанда
Густох – ҷасур, бепарво, беадаб

Ғ
Ғайринотиқ - безабон, ҳар касе (чизе), ки сухан нагӯяд
Ғоят – ниҳоят, охир, анҷом

Д
Дад (гон) –ҳайвоноти дарандаи ғайри нотиқ (асп, гов, хар), безабон ҳайвоне, ки сухан нагӯяд.
Дар садади – дар қасди, дар пайи
Дақоиқ – ҷамъи дақиқа
Даҳриён – пайравони равияи даҳрия
Даъват – ҷалб кардан ба коре
Даъво – талаб кардан
Дият – хунбаҳо, товони хун
Дин – қарз, ойин, мазҳаб
Доимият – бардавом
Доъи – мубаллиғ, расонандаи пайғом, даъваткунанда
Дургар - наҷҷор, дурудгар
Дӯлоб – чархи аз чоҳ об кашанда, киноя аз гардиши фалак

Ж
Жуф – тар, намнак
Жарф – амиқ, бепоён

З
Забарин – болои
Забарҷад – навъе аз сангҳои қимматбаҳо
Завол – нест шудан
Заиф – ноқис, нотавон
Закот – яке аз панҷ рукни ислом
Залиф, залифан - биму таҳдид, интиқом
Залолат – пасти, хори
Замони кулли – замони мутлақ
Занах – зери манаҳ
Занн – гумон
Захоир – ҷамъи захира, зару зевар, симу зар
Заъф – сусти, нотавони
Зикриҳи – ёдоварии ӯ
Зоеъ – нест, нобуди, талаф, хор шудан
Зоир – зиёраткунанда,
Зот – ҳақиқати чиз, ҷавҳар
Зоҳир – мухолифи ботин, ошкоро, равшан, намудор
Зулмат – торики

Зуафо – ҷамъи заъиф, нотавонҳо

И

Ибдоъ – падид овардан, эҷод кардан, сохтан

Ибодат – парастиш кардан

Изом – ҷамъи азм, устухонҳо

Иллат – сабаб

Ило – яке аз ҳуруфи пешоянди араби буда, исми баъди он омада аломати касро қабул мекунад; ба сӯи, барои.

Инбиъос – фиристодан

Инзиво – гӯшагири, худро дар канор гирифтан

Иноят – таваҷҷӯҳ кардан, бахшидан

Инс – инсон, одам

Интиҳо – охир, фарҷом, анҷом

Исён – шӯриш, балво

Иср – гарони, бори гарон

Истисно – вижа, махсус, хосса, истиҳолат, дигар шудан, тағйири ҳол кардан

Иттифоқ – ба ҳам омадан

Ифрот – аз ҳад зиёд муболиға (васф) кардан

Ихтилоф – муқобил, мухолифат

Ихтироъ – кашф кардан, сохтан

Иштибоҳ – ғалат, хато

Иҷмоъ – гирд омадан, яке аз аслҳои илми фиқҳ

Иҷобат – ҷавоб, қабул кардан

Иҷтимоъ – ҷамъ овардан, андӯхтан

К

Кавн – ҳасти, вуҷуд, олам

Кавсар – фаровон, бисёр, анбӯҳ; наҳр дар биҳишт

Каж – абрешим

Кайфият – чи гунаги

Калом – сухан, яке аз номҳои Қуръон,

Камар – миён

Касиф – ифлос, нопок, ғализ

Касофат – ифлоси, нопоки

Кафур – дарахти кофур, аз он равған шавад

Кеҳин – хурд, кӯчак

Кеҳтар – хурдтар, кӯчактар

Кибриё – азамат, бузургии Худо

Килк – чӯб ва най, ки аз он хома сохта мешавад

Кирдигор – Худованд, офаридгор

Коин – бунёдкунанда

Колбад – ҷисм, тан, бадан

Коста – нуқсон ёфта, мондашуда

Коф – ҳарфи 22 - юми алифбои араби

Куллиёт – ҷамъи куллия, умури кулли

Кусуф – гирифтани офтоб

Куфр – носипоси, бедини

Кӯкнор - ғилофи ғӯзаи хашхош

Кӯлидан - кандан, ковидан

Қ
Қавл – сухан, гап, гуфтор
Қадим – дерина, бостон, гузаштаи дур
Қазоё – ҷамъи қазия, фармон, ҳукм
Қазо – довари, ҳукм
Қасд – ҳадаф, мақсад, ният
Қиёс – ду чизро бо ҳам баркашидан
Қиёмат – бархостан, бапо истодан; даври охирини олами моддӣ
Қоим – рост, устувор, пойдор
Қоф – ҳарфи 23 - юми алифбои арабӣ
Қоҳир – қаҳркунанда, хашмгин
Қубба – баланди, гунбад, боргоҳ
Қудси – поки, покизаги

Л
Лавн – ранг
Лавҳ – саҳифае, ки дар он навишта ва расм кашида шавад.
Лаҳм –гӯшти беустухон
Ливотат – бачабозӣ, ҳамҷинсбозии мардон
Ло – яке аз адавоти нафӣкунандаи забони арабӣ ба маънои «не» ояд
Лоҳиқ – часпанда; яке аз мартабаҳои даъвати исмоилия
Лоҷарам – ногузир, ночор, бешубҳа, заруратан, яқинан

М
Мабдаъ – сарчашма, оғоз
Мавзӯъ – гузошташуда, ҷойдодашуда
Мавсул – расидашуда
Мавсуф – сифатшуда
Мавҳум – таҳти ваҳм қароргирифта; тарсангез
Мадлул – далолатшуда
Мазаррат –зарар
Мазий - обе, ки ба вақти мулоъиба ояд
Малак-ул-мавт – фариштаи аҷал; Азроил
Малоика – ҷамъи малак, фаришта
Малъун – шайтон, лаънатшуда
Мақсуд – қасдкарда, нияткарда
Мақҳур – мағлуб, шикастхӯрда
Манзалат – мақому мартаба
Мантиқиён – донандагони илми мантиқ
Маъод – бозгашт, руҷӯъ
Маротиб – ҷамъи мартаба; дараҷа, поя, рутба, пайдарпаи
Матбӯъ – писандида, мувофиқи табъ
Мафъул – кардашуда касе ё чизе
Маҳсусот – ҷамъи маҳсус, олами ашёи воқеъи
Маҳшар – ҳашр, бисёри, гурӯҳ; рӯзи ҳисобу китоб дар охират
Маҷҳул – номаълум, номуайян
Маълул – бемор, касал; натиҷаи иллат, сабаб
Маълум – муайян, ошкор
Маъқулот– ҷамъи маъқул, писандидаҳо; ҳар чизе, ки ба ақл дарк шавад, олами маънавиёт

Маъсият – гуноҳ, нофармои, ғубори пешони
Меҳтар – хуб, беҳтар
Мисбоҳ – чароғ
Мискин – фақир, камбизоат
Мифтоҳ – калид
Моддигарои – мансуб ба модда, материя; материализм, дунявиятгарои, даҳригарои
Моҳ – шакли нопурраи моҳтоб, қамар
Моҳият – асли ҷавҳар, ниҳод
Моя – асл ва асоси чизе
Муайид – тақвиятдиҳанда
Муассир – таъсиркунанда, дахлкунанда
Мубдаъ – офаридашуда
Мубдеъ – офаридгор, эҷодкунанда, ихтироъгар
Мубоҳ – раво, мумкин, ҷоиз
Мубтал – ботил, бекор кардашуда
Мубтил – ботилшуда
Муваккал – вакил, намоянда, вобаста
Мувосалан – ба ҳам пайвастан
Мувосот - ёри кардан ба мол ва ба тан ба касе
Муғ – тоифае аз порсоёни зардуштиро гӯянд
Муддаъи – даъвогар, эътирозкунанда, мунаққид
Музоф – иловашуда, изофашуда
Мукавванот – ҷаъми мукавван, таркибёфтаҳо
Мукаллаф – вазифадор, ӯҳдадор
Муқаддар – ба таври ҳатми муайян кардан; қадршуда, аз рӯи тақдир муайян гардида
Муқаддир – сарнавиштсоз, тақдиркунанда
Муқаддас – пок, поксиршит, покниҳод
Муқаддимот – оғозҳо, сарахборҳо
Муқирр – иқроршуда
Муқаринот – наздикшави, ҳамроҳ
Мумаййиза – имтиёзнок
Мумтанеъ – манъшуда
Муназзаҳ – пок, тоза, озода
Мунбаъис – дар таълимоти исмоилия фаязони дигари нури Худо аст, ки аз он тавассути Ақли кулл Нафси кулл вуҷуд мекунад
Мункар – инкоршаванда, бад, зишт; номи фаришта
Мунир – равшан
Мунофиқ – дурӯя, дубоз, аҳдшикан, риёкор
Мусаххар – тасхиршуда
Мусаҷҷаъ – ба саҷъ навишташуда
Муслеҳ – ислоҳкор, ободкунанда
Мустаҳиқ(қ) – сазовор, арзанда
Мустаҳил – қонуни пиндоштан, ба худ раво дидан, номумкин
Мустаҷиб – ҷавобдодашуда; яке аз мартабаҳои поёнии даъвати исмоилия аст
Мутамаккин – ҷойгиранда, барҷароршуда
Мутаммима – тамомшуда
Мутаноқиз – бо ҳам мухолиф, зидд
Мутаноҳи – ба ниҳоят расида, ниҳоятманд, тамомшуда
Мутасарриф – тасрафшаванда,

Мутафовит – фарӣкунанда, тафовутнок
Мутаҳайирин – ҳайроншудагон
Мутаҳаррин – порсоён, покдомонон
Муташаббеҳ – бо ҳам монанд
Мутаъаллим – таълимгиранда
Мутобеъ – пайрав, тобеъ
Муфаккир – фикркунанда, андешакунанда
Муфрад – танҳо, акси ҷамъ
Муфсид – вайронкор, фасодкунанда
Мухаллад – ҷовидон, абади
Мухтор – озод, ихтиёрдошта
Муҳаққиқ – таҳқиқкунанда
Муҳол – аз эътибор соқитшуда, номумкин
Муҷаррад – танҳо, безан
Муҷассам – чизи ба сурати ҷисм даромада
Муҷонисат – ҳамҷинс шудан
Мушаъбиз – бозие, ки ба сеҳр ва дурӯғ ба вуҷуд ояд
Мушор – ишорашуда
Муъолиҷа – табобат, муойина
Муъораза – истодагари, пойдори, эътироз

Н
Набави – мансуб ба наби (паёмбар)
Накир – номаълум, нопазир; номи фаришта
Накол – шиканҷа, уқубат, танбеҳ
Накӯҳида – мазамматшуда, сарзанишшуда
Нақиза – зиддият, мухолифат
Насб – таин кардан, ба коре гумоштан
Насӯҳ – тавбаи насӯҳ, тавбаи содиқона ва ростин
Нафӣ – инкор, рад
Нафси кулли – тибқи таълимоти исмоили фаязони дувуми нури Худо аст, ки дар ихтиёри он офариниши мавҷудоти боқи вогузошта шудааст
Наҳйи мункар – ҷилавгири кардани бадкориҳо
Наъим – неъмат, мол, дорои, шодмони
Нифоқ – дурӯяги, макр, дурӯғ
Нирон - ҷамъи нор; дӯзах
Носутуда – нописандида, номаъқул
Нотиқа – қуввати сухангӯи
Нубувват – паёмбари
Нун – ҳарфи 25 - уми алифбои забони араби
Нумув – сабзиш, афзоиш, тараққи
Нусратдиҳанда – ёрирасон, ёрманди
Нутфа – сперма
Нуфус – ҷамъи нафс, ҷонҳо, равонҳо

О
Ол – авлод, насл, аҳл, хонавода
Олами улви – олами малакути, осмони
Олот – асбоб, восита, василаҳо
Олиҳи – бар хонадони ӯ

Омурзидан – бахшидан, авф кардан (касеро)
Оси – гунаҳкор
Оҷил – таъҷили, фаври, зуди

П
Пасовидан – ламс кардан, даст мондан
Пероста – зиннат додан таввасути буридан (мӯй, шоху панҷаи дарахт)…
Пешоварон – соҳибҳунарон
Пурарз – бисёр аҷиб, аҷоиб, пуршигифт; арзишнок

Р
Рабб-ул – оламин – Худои оламиён
Раста – наҷот, халос
Растохез – рӯзи маҳшар, рӯзи ҳисобу китоб
Раҳбат – тарсу, бим, ҳарос
Реш – захм
Ровия - шутури обкаш ва зарфи об аз чарм
Рисолат – пайғомбари, вазифа
Руасо – ҷамъи раис, сарварҳо, роҳбарон
Руд – олати тараб аст, олати рӯҳнавоз,
Русул – ҷамъи расул, пайғамбарон
Рӯҳони – побанди дин, диндор, эътиқодманд ба вуҷуди рӯҳ
Руҳ-ул – амин – рӯҳи боэътимод
Рӯҳ-ул-қудус – рӯҳи муқаддас

С
Сайит – шӯҳрати накӯ
Салоҳ – неки, накӯкори; дурусти
Санави – дугонаги, дутоги, эътиқодманд ба азалияти худои хайр ва худои шар
Саноеъ – ҷамъи санъат
Сармад – абади, доими
Саъб – мушкил, душвор
Сиёнат – ҳифозат, пуштибони, нигоҳдори
Син – ҳарфи 12-уми алифбои забони араби
Сириштан – сарфа кардан
Ситудан – мадҳ кардан, ситоиш кардан
Сифли – (олами) поёнтар, пасттар, поёни
Собиқат – ошнои, шиносои
Соир – дигар, боқимондаи чизе
Солори – куҳансоли, пири
Сонеъи ҳаким – офарандаи донотарин
Соҳир – сеҳргар, ҷодукунанда
Сукут – фурӯ рафтан, сокит шудан
Суннат – анъана, расм, урфу одат, қоида, роҳу равиш
Сунноъ – ҷамъи сонеъ, ҳунарманд, пешвар, косиб
Суру – шоҳи ҳайвонот
Сутур – чорпои савори ва боркаш ҳамчун асп
Суфистои – суфисти, таълимоти гурӯҳе аз файласуфони Юнони қадим, суханбози, ҳиллаҳои лафзи
Суфли – поёни, пасти

Т

Тааммул – тафаккур, андеша

Таассуб – тундрави дар ақида, сатгири, зиёдарави, ифротгарои дар ақидаи хеш

Табаҳҳур – дар баҳри маърифат даромадан; маҳорат, устоди

Табоеъ – ҷаъми табиат

Табоҳ – хароб, вайрон, фосид

Таваҳҳум – ба ваҳм афтодан, тарс

Тавҳид – ягонаги, худоро ягона донистан

Тазаррӯъ – илтиҷо, илтимос

Такаббур – мағрури, худписанди

Такаллуф –саъй, кӯшиш, заҳмат

Такассур – афзун гаштан, фаровон

Таколиф – ҷамъи таклиф, пешниҳодҳо

Таксир – бисёр кардан, афзудан

Такдис – пок хондан, муқаддас

Тамайиз – фарӣ, имтиёз ва ҷудо намудани сара аз носара

Тамсил – мисол овардан, ташбеҳ кардан

Танзеҳ – пок, муназзаҳ

Танзил – фурӯ овардан, поён кардан

Таноқуз – мухолифат, ба ҳам зид будан

Таносухиён – пайравони ақидаи интиқол ёфтани нафс аз як ҷисм ба ҷисми нав

Тарсим – расм кашондан

Тасаллут – зердаст кардан

Тасарруф – ба зӯри молро аз худ намудан

Тасбеҳ – зикри Худо, ёдовари кардан

Тасниф – ба қисмҳо ҷудо кардан

Таъбир – равшан баён кардан, шарҳ додан

Таъвил – бозгашт ба маънои асли; шарҳ додан, маънидод кардан

Таъйид – ёрманди, мадад

Таъоло – олимартаба

Таътил – Инкори сифоти Худованд, мубарро (тоза) донистани Бории Таъоло аз ҳар сифат, муқобили ташбеҳ (дар илми калом)

Таяммунан – ба умеди неки, хайр ва табаррук

Тақаддум – пеш бурдан, пеши

Тақарруб – наздики, наздикшави

Тақриб – наздик кардан, восита

Турук – ҷамъи тариқ, роҳҳо

Тоҳир – поку покиза, порсо, покдоман

Тоҳирин – покизагон

Туллоб – ҷамъи толиб, толибилмон, муҳассилон

У

Уббод – ҷамъи ибод, худоҷӯи

Уқало – ҷамъи оқил, доноён

Улви – болои, бартари, баланди

Улувон – худошиносон, ҳақшиносон

Умқ – жарф, амиқ, чуқури

Уммат – мардум, ҷамъият, миллат

Уфуқ – карона, ҳарҷо аз канорҳои осмон

Ф
Фавӣ – боло
Фавоид – ҷамъи фоида, судҳо
Фалак-ул-аъло – фалаки (осмони) боло
Фано – нести, нест шудан
Фараҳ – хурсанди, шодмони
Фариза – фармудаҳои дини
Фароиз – ҷамъи фариза
Фасод – табоҳи, вайрони, бетартиби
Фасоҳат – хушзабони, балоғат, хушбаёни
Фаръ – шоха, он чи аз асл сарзада
Фатҳ – кушоиш, боз кардан, афсурдан
Фисурдан – ях бастан, хунук шудан
Фоил – анҷомдиҳандаи кор, соҳиби кору ҳаракат
Фони – нестшаванда, даргузаранда
Фоҳиша – сабукпо, танфурӯш, азлагӯ
Фузул – пургӯи, сафсатагӯи
Фурумояги – пастфитрати, разили
Фурӯъ – ҷамъи фаръ, шохаҳо

Х
Хайл – асп
Хазоин – ҷамъи хазина
Халоиқ – ҷамъи халқ, одамон, мардум
Хасту – муғтариб, ғариб, бегона
Хозеъ – фурӯтан, тобеъ, итоаткунанда
Хозин – нигоҳбон, хазинадор
Холиқ – офаридгор, халқкунанда
Хоя - тухми мурғ
Хулф – бевафои, паймоншинаки; зидд, муқобил
Хунбора – хумча, хумбарои хурд
Худованди ҳавзу шафоат – офаридгори бахшанда
Хусбидан – сарсабзи, хуррами, фаровони
Хусумат – кашмакаш, ҷанҷол, хархаша, душмани

Ҳ
Ҳаввос – ҷамъи узвҳои ҳискунанда
Ҳиссиёт – ҳисси панҷгона
Ҳай – зинда,он кас, ки дар ҳаёт аст
Ҳайкал – шакл
Ҳақоиқ– ҷамъи ҳақиқат, ростиҳо
Ҳамгӯша – ҳамнишин
Ҳаюло – моддаи нахустин
Ҳаюлони – аз моддаи аввали сохташуда
Ҳибр – сиёҳи, сиёҳии давот ва қалам
Ҳилият – ороиш, зебу зиннат
Ҳисор – иҳота кардан, муҳосира
Ҳос – ҳискунанда, дарккунанда

Ҳувият – ҳасти, вуҷуд, зот, моҳият, ҷавҳар, шахсият
Ҳукамо – ҷамъи ҳаким, файласуфон, табибон, олимон

Ҷ

Ҷаббор – соҳиби қудрат, тавоно, золим
Ҷалд – чусту чолок, бехабари,
Ҷалол – бузурги, азамат, шукӯҳ
Ҷасад – колбад, тан, ҷисм, бадан
Ҷаҳим – дӯзах
Ҷаҳл – қаҳр, камхиради, ғазаб
Ҷид – дар таълимоти исмоили яке аз фаръҳои рӯҳони
Ҷимоъ – алоқаи ҷинси
Ҷин – рӯҳи палид, дев, пари
Ҷинон – биҳишт, ҷаннат
Ҷокул – мутталеъ, огоҳ
Ҷолиб – ҷалбкунанда,
Ҷуд – саховат
Ҷурм – гуноҳ
Ҷуҳуд – яҳуд

Ш

Шайтон – иблис
Шайъ – чиз, ҷамъаш ашё
Шаноат – зишти, кори бад, палиди
Шаръи – дини, шариати
Шафоат – бахшоиш
Шаффод – возеҳ, кушод, равшан
Шаҳавот – ҷамъи шаҳват, бавуҷудоваранда, ба ҳаяҷоноваранда, шаҳватҳо, майлу хоҳишҳои ҳисси
Шаҳвони – мансуб ба шаҳват
Шуъбада - бозие, ки ба сеҳр ва фан кунанд

Э

Эдари - инҷойи
Эдун – ин ҷо
Эзид – Худо, Офаридгор
Эътидол – мӯътадил

Я

Яздон – Худо, Офаридгор
Яқин – донисташуда, возеҳ, рости, дақиқ
Ялла кардан – кушодан, раҳо кардан
Ямин – тарафи рост
Ясор – тарафи чап

